**ГУРЕЗ САФАР**

# ҲАМ АРШ,
# ҲАМ ФАРШ

Душанбе
«Адиб»
2015

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ББК 84 Тоҷик 7-4-5
С-35

Муҳаррирон *Зиё Абдулло*
*ва*
*Шаҳодат Амонзода*

С-35 **Гурез Сафар. Ҳам арш, ҳам фарш** *(шеърҳо ва ҳикояҳо)*. – Душанбе, «Адиб», 2015, 480 саҳ.

Хонандаи азиз! Агар дар оши сухан зира мехоҳеду зелол, инак, агар дар оши буридаи ашъор завқи мурчу қаламфур доред, дубора инак ва, агар дар чамани назм хироми кабку овози булбули калом диданиву шуниданиед, боз ҳам инак. Яке аз беҳтарин ҳаҷвнигорони имрӯзаи тоҷик, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода Гурез Сафар «Ҳам арш, ҳам фарш»-и худро бо ин нияти нек рӯи кафи Шумо гузоштааст.

ISBN 978-99947-2-466-6

© Нашриёти «Адиб», 2015

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ШИРИНИ НИГОҲ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МАН ВАТАНДОРАМ

Ман Ватандорам, Ватан дорам,
Минбари розу сухан дорам.
Бо забони хеш аз минбар
Гуфтугӯ дар анҷуман дорам.

Кишвари ман, мулки озодӣ,
Кишвари ман, мулки ободӣ.
Ончунон матбуу зебоӣ,
Кишвари боғу чаман дорам.

Бар ман аз дунё ту болоӣ,
Модари ҷониву яктоӣ.
Номи ту гар бар забон гирам,
Шаҳду шаккар дар даҳан дорам.

Ман Ватан дорам, тавонoям,
Аз тафохур сар ба болоям.
Баҳри ҳифзаш то нафас боқист,
Карда испар ҷону тан дорам.

Ман Ватандорам, Ватан дорам,
Пуштибоне таҳмтан дорам.
Нестам чун ту залилу хор,
Мурдаву гӯру кафан дорам.
Ман Ватандорам, Ватан дорам!

*сентябри 2009*

## НУРИ ВАҲДАТ

Хуррам баҳори мо,
Пурҷӯш кори мо,
Авҷу барори мо
　　Аз нури Ваҳдат аст!
　　Шамъи саодат аст!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гулҳои боғи мо,
Ҳар дам фароғи мо,
Равшан чароғи мо
        Аз нури Ваҳдат аст!
        Шамъи саодат аст!

Сулҳу сафои мо,
Созу навои мо,
Амну бақои мо
        Аз нури Ваҳдат аст!
        Шамъи саодат аст!

Бозӯи зӯри мо,
Бар чашм нури мо,
Кайфу ҳузури мо
        Аз нури Ваҳдат аст!
        Шамъи саодат аст!

Хушранг анҷуман,
Зебоии сухан,
Ободии Ватан
        Аз нури Ваҳдат аст!
        Шамъи саодат аст!

*майи 2010*

## НАВРӮЗИ РОҒУН

Наврӯзи гулгун омада,
Дар ҷилва акнун омада.

Зебониҳод аз кӯҳҳо
То дашту ҳомун омада.

Бар пешвозаш ҳар диле
Чун беди Маҷнун омада.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ганҷи дили ҷонбозҳо
Имрӯз берун омада.

Нуре ба дилҳо оварад,
Шодӣ чи мавзун омада.

Ҷоно, биё, шодӣ кунем,
Наврӯзи Роғун омада.

*с.2010*

## ТАБРИК ИСТИҚЛОЛИ ТУ

Эй Ватан, эй Тоҷикистони азиз,
Такягоҳу пуштибони тоҷикон.
Як нафас берун зи ту кай мекашем,
Моҳиему ин туӣ баҳри дамон.

Дар талошу гирудори зиндагӣ
Раҳкушову раҳнамои мо туӣ.
Дар фазоят боли парвозем мо,
Махзани сулҳу сафои мо туӣ.

Минбари озоду овозат баланд,
Рӯи дунё ин замон машҳур ту.
Нестӣ дигар зи по афтодае.
Давлати номовару макдур ту.

Ҳайкали Сомоният афрохт қад
Ҳамчу шоҳи кордону дилписанд.
Худшиносиро ба мо омӯзад ӯ,
Чун ватандори асилу арҷманд.

Чун ҷавони бистсола гомзан,
Меравӣ бо суръате бар пеш ту.
Дар даме бардоштӣ рӯи ҷаҳон
Обрӯву эътибори хеш ту.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Кохҳои нур барпо мекунӣ
То шавад пурнуртар роҳат ба даҳр.
Дар набарди зидди зулмат ҳар куҷо
Нур бошад то ки ҳамроҳат ба даҳр.

Сангтӯда-1 чу қомат рост кард,
Сангтӯда-2 пояш барпо шуда.
Роғун астӣ ин замон овозадор,
Номи он машҳур дар дунё шуда.

Тоҷикистон, мардуми боори ту
Роҳи дилҳоро ба ҳам наздик кард.
Роҳҳои чор сӯ бикшодаат
Ҷовидонӣ шӯҳрати тоҷик кард.

Аз шарафмандони мардони раҳат
«Нақби Истиқлол» мебошад гувоҳ.
Нақби «Шаҳристон»-у «Шар-шар» як тараф,
«Чормағзак» мекунад наздик роҳ.

Роҳҳову кӯпрукҳоят, яқин,
Ҳар яке бинандаро дил мебарад.
Ин замон бе мушкилоте чор сӯ
Бори моро то ба манзил мебарад.

Сохтмони мактаби ту авҷгир,
Бо талошу бо шукӯҳи дигаре.
Мактаби бисёр дар хизмат бувад –
Мактаби доноию одамгарӣ…

Тоҷикистон, ин ҳама рушду нумӯ
Аз Худо, аз бахту аз иқболи туст.
Меравӣ бо суръати нуре ба пеш,
Ин ҳама аз файзи Истиқлоли туст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

З-ин сабаб табрик Истиқлоли ту,
Чун шудастӣ бистсола ин замон.
Эй Ватан, эй Тоҷикистони азиз,
Сулҳу Ваҳдат дар ту бошад ҷовидон!

*сентябри 2011*

## СУЛҲИ ВАТАН

Дорам Ватане, ки чун гулу гулзор аст,
Бар дидаи ман азизу нотакрор аст.
Чун ӯ чамани хубу дилоро набувад,
Зебои ягонаву қадамбардор аст.

Баҳри Ватанам рӯзу шабон мекӯшам,
Ободгаре шавам, ба ҷон мекӯшам.
Сад ҷон ба яке ишораташ мебахшам,
Ҷонбахш чу ман дар Ватанам бисёр аст.

Озодаву осуда ба хоки Ватанам,
Аз ранҷ ки полуда ба хоки Ватанам.
Ҳар ғам, ки ба дил фитад, фано мегардад,
Зеро ки Ватан ба ҷони ман ғамхор аст.

То ҳаст зи ҷон рамақ, Ватан мегӯям,
Андар сари ҳар варақ Ватан мегӯям.
Шукронаи обу хоку нуру бодаш,
Шукрона, ки Сулҳ дар Ватан подор аст.

*сентябри 2009*

## РОҒУН

Роғун, ки шуо ба қалбҳо мефиканӣ,
Имрӯз ту мубтадои ҳар як суханӣ.
Созем ҳазор ҷон фидо бар ту, зи бас
Армони ҳазорсоларо мешиканӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нур бар дил фиканӣ,
Зеби ҳар як суханӣ.
Ҷон фидоят бикунем,
Баски армоншиканӣ.

Ҳар деҳа зи ту шавад чароғон, Роғун,
Ҳар хона зи ту шавад фурӯзон, Роғун.
Чун чархи замон зи қудратат чарх занад,
Ризқи ҳамагон шавад фаровон, Роғун.

Нури дарё, Роғун,
Сари боло, Роғун.
Мо туро месозем,
Ганҷи дунё, Роғун.

Донем туро бинои Ваҳдат, Роғун,
Ёбем зи ту ҳазор роҳат, Роғун.
Бо нури дилу дида туро месозем,
Чун пояи устувори миллат, Роғун.

Қасри Ваҳдат, Роғун,
Кони роҳат, Роғун.
Нури ҷон дар тани мо,
Фахри миллат, Роғун!

*январи 2010*

## ВАҲДАТ

*Барои Эмомалӣ Раҳмон*

Чист ваҳдат? Эътибори миллат аст,
Зӯри бозуи замон дар ваҳдат аст.

Ваҳдат аст – ин қудрати ҳар давлате,
Ваҳдат – ин сармояи ҳар давлат аст.

Ваҳдат ар бошад, ба хасмат ғолибӣ,
Дар ҳама майдон ба ваҳдат нусрат аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ваҳдати моро ба ҳам овардаӣ,
З-ин сабаб бар ҳафт пуштат раҳмат аст.

Ҷамъ кардӣ миллати саргаштаро,
Кай насиби ҳар касе ин санъат аст?!

Ҳифзи Ваҳдат шуд нишони нанги мо,
Мардро ин нанг тоҷи ҳиммат аст.

*соли 2007*

## БА РОҒУН

Нур ёбад аз ту дар ҳар сина ҷо,
Дардҳо ёбанд аз нурат шифо.
Аз шарофатҳои нури бегазанд
Зиндагӣ бар худ бигирад нав ҷило.

Нури ту олам мунаввар мекунад,
Тирагиҳоро мусаххар мекунад.
Эй ту Роғун, нурбахшои замон,
Олами моро зиёофар намо!

Боз бинмо уқдаҳои кори мо,
Дур бинмо заҳмату озори мо.
Қудратат бар қудрати одам бирез,
Чашми танги тангчашмонро кушо!

*феврали 2010*

* * *

Наврӯзу баҳори ман,
Сабзинанигори ман.
Бархезу биё, бе ту
Сард аст канори ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Боз о, ба барам биншин,
Нам аз нигаҳам барчин.
Аз лутфи ту мегардад
Дунёи дилам рангин.

То ишқи ту мепӯям,
Аз ишқи ту мегӯям.
Чун сабза ба роҳи ту
Аз ишқи ту мерӯям.

Бо нағмаи чангу соз
Оҳанги вафо бинвоз.
То пардаи ҷон созам
Дар пеши ту пойяндоз.

Наврӯзу баҳори ман,
Сабзинанигори ман.
Бархезу биё, бе ту
Сард аст канори ман.

*апрели 2010*

## ПАРЧАМИ МО

Парчами мо ифтихори мо бувад,
Қуввати рӯҳу мадори мо бувад.
Сурхии он сурхии рухсори мо,
Доимо, бигзор, сарболо бувад.

Ранги сабзаш ранги сабзи мулки мо,
Тори сар дорем онро доимо.
То дами охир нигаҳбонаш шавем,
Ҳифзи он ҳар дам шиори мо бувад.

Ранги испедаш раҳи испеди мо,
Рангбозияш бувад уммеди мо.
Ҷилвагар хоҳем бошад умрбод,
Ҷон супорем аз паяш, барҷо бувад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ДУШАНБЕ

Эй шаҳри дӯстдорам,
Эй шаъну ифтихорам.
Тоби ҷудоӣ аз ту
Як лаҳзае надорам.
Ҷову макон, Душанбе,
Моҳӣ амон, Душанбе.

Рӯидаем аз ту,
Сабзидаем аз ту.
Сад гуна меҳрубонӣ
Хуш дидаем аз ту.
Чун боғбон Душанбе,
Моҳӣ амон, Душанбе.

Шаҳре чу боғу бустон,
Эй рашки сад гулистон.
Васфи туро ба дафтар
Ҳаргиз наяст поён.
Сад достон, Душанбе,
Моҳӣ амон, Душанбе.

Гаштем рӯи дунё,
Дидем пасту боло.
Танҳо туӣ ба дида
Ҳамчун биҳишт зебо.
Зеби ҷаҳон, Душанбе,
Моҳӣ амон, Душанбе.

Эй пойтахти озод,
Эй шаҳри бахтобод.
Бо ҳусни бемисолат
Моҳӣ ҳамеша дар ёд.
Шаҳри ҷавон, Душанбе,
Моҳӣ амон, Душанбе.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Равшан бувад чароғат,
Дигар надида доғат.
Дар чор фасл монад
Сарсабз боғу роғат!
Моро чу ҷон, Душанбе,
Монӣ амон, Душанбе.

*соли 2013*

## БАҲОРИ НАВ

Эй баҳор, имсол ту бо ранги дигар омадӣ,
Тоҷи нусрат, тоҷи ору нанг бар сар омадӣ.

Аз ҷамолат нур мерезад ба ҳар кунҷи Ватан,
Нурполо ҳамчу шеду моҳу ахтар омадӣ.

Мақдаматро солҳо мо интизорӣ доштем,
Шерсурат менамоӣ, дертар гар омадӣ.

Ҳадяе овардаӣ имсол нури фазлу ақл,
Нур дар сар, нур дар дил, нур дар бар омадӣ.

Ин сафар бо лашкари зӯру талошу корҳо
Бар алайҳи нотавонбинон чу сафдар омадӣ.

Гум намегардад дигар номат зи ёди асрҳо,
Баски бо Роғуни худ болои дафтар омадӣ.

*соли 2010*

* * *

*Эҳдо ба Эмомалӣ Раҳмон*

Сарваре дорем, аз мо ҳар замон дил мебарад,
Чун сухансанҷу шакаргуфтор маҳфил мебарад.

Бо забони тоҷикии ноб мегӯяд сухан,
Бе ягон душворие ин бори мушкил мебарад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мешавад, ки ғарқ мегардем дар гирдоби ғам,
Дасти мо бигрифтаву моро ба соҳил мебарад.

Ормонҳо дар дили мо эй басо бинҳуфта буд,
Корвони ормони мо ба манзил мебарад.

Дидааш бар чор сӯи зиндагонӣ мерасад,
Бори сангине ба дӯш ин марди оқил мебарад.

Ҷони ӯву ҷони мардум як шудастӣ ин замон,
Роҳи мо бар ҷониби фардои комил мебарад.

## БА НОСИПОС

Ин олами зеборо,
Ин мулки дилороро,
Ин сулҳу мадороро,
Дирӯзи аламбору
Имрӯзи гувороро
Кӯрӣ, ки намебинӣ?!

Аз неъмати Истиқлол,
Аз давлати Истиқлол,
Ҳар дил ба наво ояд
Аз Ваҳдати Истиқлол.
Рақсидани дилҳоро
Кӯрӣ, ки намебинӣ?!

Ғамҳост пароканда,
Лабҳост пур аз ханда.
Гардид зи нав имрӯз
Наврӯзи Аҷам зинда.
Ин базму тамошоро
Кӯрӣ, ки намебинӣ?!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дунё ҳама дигар шуд,
Тоҷик музаффар шуд.
Лафзи хуши зебояш
Лафзи сари минбар шуд.
Дороии дороро
Кӯрӣ, ки намебинӣ?!

Дар кишвари озодем,
Дар кишвари ободем.
Озод сухан гӯем,
Озодаву дилшодем.
Шодии дили моро
Кӯрӣ, ки намебинӣ?!

Раҳҳои аҷаб зебо –
Пайвандгари дилҳо,
Пайваста чӣ соҳилҳо,
Пайваста чӣ манзилҳо.
Доноии доноро
Кӯрӣ, ки намебинӣ?!

Пурзӯр шуда тоҷик,
Машҳур шуда тоҷик.
Бо НОБ-и калону хурд
Пурнур шуда тоҷик.
Бозуи тавоноро
Кӯрӣ, ки намебинӣ?!

Мактаб чӣ фаровон шуд,
Матлаб чӣ фаровон шуд.
Дониш талабу илме
Имрӯз, ки арзон шуд.
Ин махзани маъноро
Кӯрӣ, ки намебинӣ?!

Ҳар дил зи фараҳ нозад,
Аз шодии пур бозад –



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳар рӯз бинои нав
Бо зеб қад афрозад.
Ин суръати эҳёро
Кӯрӣ, ки намебинӣ?!.

Бас кун ту дигар ғайбат,
Озод шав аз нафрат,
Шукрона бикун дигар
Бар ин Ватану Давлат!
Мулки чаманороро
Кӯрӣ, ки намебинӣ?!

*19.09.2013*

## НАВРӮЗ БИЁ
*(суруд)*

Наврӯз биё, Наврӯз,
Эй ҳусни ҷаҳонафрӯз.
Бо риштаи боронат
Чоки дили моро дӯз!

Наврӯз, туӣ хушрӯ,
Наврӯз, туӣ хушбӯ.
Бо пираҳани сабзат
Наврӯз, туӣ дилҷӯ.

Дил шод шавад аз ту,
Обод шавад аз ту.
Аз дарду ғами дерин
Озод шавад аз ту.

Наврӯз биё, Наврӯз,
Эй ҳусни ҷаҳонафрӯз.
Бо риштаи боронат
Чоки дили моро дӯз!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## НИГИНИ ЧАШМИ ЗЕБОӢ

*Ба Маҳмадсаид Убайдуллоев*

Гулу гулзор гардида Душанбе,
Саодатёр гардида Душанбе.
Миёни шаҳрҳо дар зебу зиннат
Аламбардор гардида Душанбе.
        Ҳалолат бод ин сон шаҳриёрӣ,
        Ки мезебад туро ин шаҳрдорӣ!

Аҷаб як хонаҳои хубу гулчин,
Яке аз дигаре зебову рангин,
Ки қад афрохта бо суръати нур,
Душанбе чун буду чун шуд, биё, бин!
        Ҳалолат бод ин сон шаҳриёрӣ,
        Ки мезебад туро ин шаҳрдорӣ!

Ту Сомонӣ бубин бо қомати ноз,
Суханнозе чу Фирдавсӣ сарафроз.
Бигӯяд Рӯдакӣ дар боғи зебо-ш,
Суханро бо навояш дода пардоз:
        Ҳалолат бод ин сон шаҳриёрӣ,
        Ки мезебад туро ин шаҳрдорӣ!

Бубинӣ, қад-қади раҳ арчазор аст,
Ба чашми кас ҳамеша сабзазор аст.
Чунон гардан фарозад бо қади сабз,
Ки гӯӣ чор фасли он баҳор аст.
        Ҳалолат бод ин сон шаҳриёрӣ,
        Ки мезебад туро ин шаҳрдорӣ!

Аҷаб шаҳри дилоро шуд Душанбе,
Яқинан зеби дунё шуд Душанбе.
Нигоҳат гул, ки буд, гулхез гардид,
Даруни синаҳо ҷо шуд Душанбе.
        Ҳалолат бод ин сон шаҳриёрӣ,
        Ки мезебад туро ин шаҳрдорӣ!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ШАҲЧАНОРИ БОҚӢ

*Ба ифтихори 100-солагии*
*Боқӣ Раҳимзода*

Нақше ба дил ниҳода гуфтугузори Боқӣ,
Соҳибзарофате ку дигар қатори Боқӣ?!

Аз лаҳни обдораш шаҳду шакар ҳамерехт,
Пурнур буд рӯи хуршедвори Боқӣ.

Гар як ҷавони наврах авҷу барор меёфт,
Авҷу барори ӯ буд авҷу барори Боқӣ.

Гар дар ҷаҳони ноёр ёрон шуданд ағёр,
Ағёр лек будӣ ҳар ҷой ёри Боқӣ.

Бар пешвози сатре, к-он дошт бӯе аз шеър,
Буд оламе кушода, ҳаққо, канори Боқӣ.

Парҳез агар ту дорӣ, эй дил, зи бевафоӣ,
Дарси вафо биёмӯз аз «Шаҳчанор»[1] -и Боқӣ!

*июли 2010*

## МӮР АЗ РАҲРАВИЯТ РАНҶ НАДИД

*Дар сӯгворин додарам Нурулло*

Чу шунидам хабари марги туро,
Шуд дилам аз қафаси сина ҷудо.
Пеши ду дида сиёҳӣ бигрифт,
Ба назар гашт сияҳ ин дунё.
Ин қадар зуд бирафтӣ, додар,
Ки ба марги ту надорам бовар.

1. “Шаҳчанор” – китоби Боқӣ Раҳимзода.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рӯзи маргат ҳамаи хешу табор
Сари тобути ту бо ашки қатор
Зи ғам афсӯсу дареғогӯ буд,
Ки хазон гашт туро фасли баҳор.
Ин қадар зуд бирафтӣ, додар,
Ки ба марги ту надорам бовар.

Гиря мекард Мадина зи алам,
Гашта буд қадди Амон аз ғам хам.
Ҳама дилрешу ҷигарсӯхта буд,
Чашмҳо карда буд аз гиря варам.
Ин қадар зуд бирафтӣ, додар,
Ки ба марги ту надорам бовар.

Ту будӣ хубтарин ҳамдами ман,
Ғамат аз ман буду аз ту ғами ман.
Даст бигрифта маро ҳар лаҳза,
Аз ту бисёр шуда ҳар ками ман.
Ин қадар зуд бирафтӣ, додар,
Ки ба марги ту надорам бовар.

Ҳарфу гуфтори туам ёд ояд,
Кору кирдори туам ёд ояд.
Мӯр аз раҳравият ранҷ надид,
Раҳу рафтори туам ёд ояд.
Ин қадар зуд бирафтӣ, додар,
Ки ба марги ту надорам бовар.

Гоҳ дониста туро хандондам,
Гаҳ надониста туро ранҷондам.
Кай гумонам буда аз чархи фалак –
Бе ту маҳзун ба ҷаҳон мемондам?!
Ин қадар зуд бирафтӣ, додар,
Ки ба марги ту надорам бовар.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дидаам марги азизон чандин,
Марги ту гашт бароям вазнин.
Гарчи пайваста туро ёд орам,
Лек дил ҳеҷ наёбад таскин.
Ин қадар зуд бирафтӣ, додар,
Ки ба марги ту надорам бовар.

*тирамоҳи 2012*

## ДИЛОГОҲИ ЗАМОНА

*Ба Маҷид Салим дар панҷоҳсолагӣ*

Расидӣ то ба панҷоҳи замона,
Чу як марди дилогоҳи замона.

Шуда эҷодкорӣ пешаи ту,
Кашидӣ дарди ҷонкоҳи замона,

Сухангӯе зи ҳар бобу зи ҳар навъ,
Кушода нав ба нав роҳи замона.

Бидодӣ ташнагони маърифатро
Ҳазорон об аз чоҳи замона.

Ба шоми ҷангалистонат бидидем
Зиёфар чу як моҳи замона.

Агарчи ҷӯраи шеру палангӣ,
Бипарҳезӣ зи рӯбоҳи замона.

Гурезӣ то ба назди хирси беша
Зи одамҳои худхоҳи замона.

Ба панҷоҳат шавад зам боз панҷоҳ,
Набинӣ ғуссаву оҳи замона!

Аминам, бо чунин саъю талошат
Насиби ту бувад ҷоҳи замона!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БОҒИ УСТОД РӮДАКӢ

Боз ою бин ту Боғи устод Рӯдакиро,
Рахшанда сад чароғи устод Рӯдакиро.

Гулбоғи хубу дилҷӯ, рангобарангу хушбӯ,
Арзандаи димоғи устод Рӯдакиро.

Фавворахои нобаш май мекашанд аз обаш,
Пур кардаанд аёғи устод Рӯдакиро.

Зебопараст мардум, дастобадаст мардум,
Ояндаи суроғи устод Рӯдакиро.

Ҳам панди ӯ шиносанд, гулқанди ӯ шиносанд,
Донанд сӯзи доғи устод Рӯдакиро.

Чун пайкараш бубинӣ, нури фараш бубинӣ,
Болидае фароғи устод Рӯдакиро.

*октябри 2009*

## ХИТОБИ КИТОБ

Китобам ман, бувад обод дунёи башар аз ман,
Бидон, ки олами зулмот гардад шуълавар аз ман.
Худатро хуб бишносӣ, шавӣ чун бохабар аз ман,
Яқинан обрӯ гириву гардӣ муътабар аз ман,
Бигӯ, эй ҳамдами ҷонӣ, чӣ мехоҳӣ дигар аз ман?!

Ба дунё ҳамнишину ошноҳоям чӣ бисёранд,
Чу Суқроту Фалотуну чу Синоям чӣ бисёранд.
Азизони хирадманду тавоноям чӣ бисёранд,
Ба рағми тирагиҳо нурполоям чӣ бисёранд,
Ки пайғамбар, ту донӣ, ки шуда пайғомбар аз ман?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Манам ганҷинаи бинҳуфтаи маънии бисёре,
Ки бо ман мекушоӣ пардаи сад розу асроре.
Набинӣ зинҳор аз ман сари як мӯй озоре,
Нагардӣ ҳеҷ гоҳу ҳеҷ ҷо бечораву хоре,
Туро то бар фалакҳо мерасад аз фахр сар аз ман.

Аниси ман ту бошӣ, ҳар куҷо бологузар гардӣ,
Ҳамеша дастболое чу як соҳибҳунар гардӣ.
Падар бошӣ, аҷаб як раҳнамое бар писар гардӣ,
Писар бошӣ, падарро такяву нури басар гардӣ,
Барорӣ дар фазои орзуҳо болу пар аз ман.

Ту, ки имрӯз қудрат дорию дасти расо дорӣ,
Зи ман дурӣ ҳамеҷӯӣ, хато андар хато дорӣ.
Ба пеши рӯй ҳар дам як бало не, сад бало дорӣ,
Зи нодонӣ ба хони умр дунёи вабо дорӣ,
«Чаро, эй бемурувват, мегурезӣ ин қадар аз ман?»[1]

*июни 2009*

## НАВРӮЗӢ

Бар мардуми фарзона Наврӯз муборак бод,
Бо шеваи меҳрона Наврӯз муборак бод!

Шуд гарм замини сард, гардид фано ҳар дард,
Сабзид чу ҳар дона, Наврӯз муборак бод!

Имрӯз чу маҷнунбед бо хӯшаи нури шед
Мӯяш бизанад шона, Наврӯз муборак бод!

Хушранг ки бустон шуд, ҳар мурғ ғазалхон шуд,
Бардор ту паймона, Наврӯз муборак бод!

1. Мисраъ аз Сайидои Насафист.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бигзашта ба худ бигзор, оянда ба ёдат н-ор,
Берун бишав аз хона, Наврӯз муборак бод!

Эй дӯст, биё, хезем, бар якдигар омезем,
«Ман масту ту девона»,[1] Наврӯз муборак бод!

*марти 2009*

* * *

Хуб ё ки гандаам, ҷон меканам,
Дар ғами ояндаам, ҷон меканам.
Заррае то суд бар мардум расад,
То даме ки зиндаам, ҷон меканам.
Фориғ ар як дам зи халқу Меҳанам,
Заҳр бодо шири модар бар танам!

Пос дорам шаъну шони рафтаҳо,
Панд гирам аз ҷаҳони рафтаҳо.
Пайрави неки раҳи онҳо шудам,
Бишканад то ормони рафтаҳо.
Фориғ ар як дам зи халқу Меҳанам,
Заҳр бодо шири модар бар танам!

Бо талошу кӯшиши худ зиндаам,
Бо дилу ба сӯзиши худ зиндаам.
Зиндаанд арчи басо бо ҷаҳди ғайр,
Ман вале бо ҷунбиши худ зиндаам.
Фориғ ар як дам зи халқу Меҳанам,
Заҳр бодо шири модар бар танам.

Гуфтаанду боз мегӯям, шунав
(Гарчи ҳарфам нест, гӯӣ, ҳарфи нав):
Бар Ватан, бар халқи некаҷдоди худ
Бемуҳобо, ҷону дил монам гарав.
Фориғ ар як дам зи халқу Меҳанам,
Заҳр бодо шири модар бар танам!

*июни 2009*

---

1. Аз Мавлавӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ШИШАИ ОДАМГАРӢ

*Ба нашири шоиста Фарҳоди Карим*

Пешаи ту пешаи одамгарист,
Балки аз андешаи одамгарист.
Рӯзи ту сабзида бо нашри китоб,
Баски он аз решаи одамгарист.

Хуб медонӣ ту қадри ҳар китоб,
Ёфтӣ маънии умр андар китоб.
Он дарахтеро, ки ту сабзондаӣ,
Бингарӣ, аз бешаи одамгарист.

Тешаи Фарҳод ҷӯи об канд,
Оламе аз оби ӯ шуд ширманд.
Меканӣ ҷӯе зи кӯҳи маърифат,
Тешаи ту тешаи одамгарист.

Хуб медонем дарди синаат,
Беғубории дили оинаат.
Соф бошад ҳамчу шиша қалби ту,
Балки он чун шишаи одамгарист.

* * *

*Дар 60-солагии Ҳунарманди*
*халқии Тоҷикистон Бобоҷон Азиз*

Чу булбул дар наво ой,
Ба дарди мо даво ой.

Гаҳе бо шавқ мехонӣ,
Аҷаб роҳатфизо ой.

Ба овозат ғуборе нест,
Зи ноҷӯрӣ ҷудо ой.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гаҳе бо Ҳикмати Соиб,
Гаҳе бо Сайидо ой̄.

Ғуруру нописандиро
Намуда зери по, ой̄.

Ба ин сон хоксорият
Бигӯ, ки аз кучо ой̄?!

Биё бар базми Бобоҷон,
Ки айни муддао ой̄.

*декабри 2010*

## БА МОДАР

Дилхун шудӣ аз ранҷу ғам, то мо калон гардидаем,
Бо роҳи неки ростон то мо равон гардидаем.
Дар гирудори зиндагӣ дар сояи лутфи хушат
Афтодаю бархоста, марди замон гардидаем.
Эй модари ҷон, модарам, моро саробон модарам.

Дарвозаи меҳру вафо бар рӯи мо бикшодаӣ,
То аз вафо н-оем дур, дарси муҳаббат додаӣ.
Поку ҳалолӣ сарбасар мо худ зи ту омӯхтем,
Балки ту моро бо умед бо рӯҳи поке зодаӣ,
Эй модари ҷон, модарам, моро дабистон модарам.

Аз ҳиммати волои ту дасти сахо гул мекунад,
Аз шеваи меҳронаат ҳарфу ҳиҷо гул мекунад.
Чун офтоби зарфишон аз хона меой̄ бадар,
Аз рӯи нуронии ту ҳавлии мо гул мекунад
Эй модари ҷон, модарам, эй нурафшон модарам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бигзашта сахтии зиёд, арчи туӣ як мушти пар,
Зӯрат дучандон гаштаву бигрифтаӣ ҷои падар.
Фарзанди ту сӯи фалак дасти дуо бикшодааст:
Бошад нигаҳбонат Худо, эй давлати болои сар!
Эй модари ҷон, модарам, яктои даврон модарам.

*майи 2009*

* * *

Ту ғами ман нахӯрӣ,
Ман ғами ту нахӯрам,
Ту дили ман набарӣ,
Ман дили ту набарам.
Ту ба худ дарбадарӣ,
Ман ба худ дарбадарам.
Ту маро дарди сарӣ,
Ман туро дарди сарам.
Ту ба ман сарбасарӣ,
Ман ба ту сарбасарам.
Ту аз ин бехабарӣ,
Ман аз ин бехабарам –
К-аз ҷаҳон даргузарӣ,
К-аз ҷаҳон даргузарам.
Накашам пеши барат,
Накашӣ пеши барам.
Набубахшам агарат,
Набубахшӣ агарам,
Ҳайфи умри хадарат,
Ҳайфи умри ҳадарам.

*июли 1998*

* * *

Бор борон,
Бор борон!
Сар кашад ҳар ҷой гандум.
Бор борон,
Бор борон!
То бигардад
Гарду чанг аз дидаҳо гум.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бор борон,
Бор борон!
Абрҳоро кун сабукбол,
Бодҳоро кун сабукҳол
То кушояд моҳу анҷум.

Бор борон,
Бор борон!
Бор борон, як замоне
Ҷони ман ёбад навозиш,
Ҷону ҷисми ман аз аввал
Бо ғубору чанги ғам не,
Бо ту дорад сахт созиш.

Бор борон,
Бор борон!
Ёд кардам нам-нами ту,
Ширшири бешу ками ту,
Тозадори олами ту.

Бор борон,
Бор борон!
Эй, умеди рӯзгорон,
Эй, ту зеби навбаҳорон!
Бор борон!..

*соли 1998*

## ОДИНА ҲОШИМ ДИГАР АСТ

Бо лаҳни булбулсони худ,
Бо думраи хушхони худ,
Бо шеваи мастонааш
Дар оламу кайҳони худ
Одина Ҳошим дигар аст,
Савту навояш дилбар аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мехонд ҳар гоҳе «фалак»,
Мастак ҳамерафтӣ малак.
Авҷи фиғону шеванаш
Мерафт то гӯши фалак.
Одина Ҳошим дигар аст,
Ӯ аз малак болотар аст.

Чун зодаи шеъри баланд,
Дилдодаи шеъри баланд,
Байте аҷаб меёфт ӯ
Дар ҷодаи шеъри баланд.
Одина Ҳошим дигар аст,
Аз шеър тоҷе бар сар аст.

Кони зарофат буд ӯ,
Ҷони маҳорат буд ӯ.
Дарёи шеъру маърифат,
Дунёи ҳикмат буд ӯ.
Одина Ҳошим дигар аст,
Овозаи баҳру бар аст.

Аз Мавлавӣ буд бохабар,
Мафтуни ӯ буд сарбасар.
Девони Ҳофиз ҳар куҷо
Будаш ҳамеша ҳамсафар.
Одина Ҳошим дигар аст,
Масти китобу дафтар аст.

Чун чашмсери ин ҷаҳон,
Чун хоксоре дар замон,
Дар хизмати мардум будӣ
Беминнате рӯзу шабон.
Одина Ҳошим дигар аст,
Волотарин хунёгар аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Савту навояш тоҷикӣ,
Ҳарфу ҳиҷояш тоҷикӣ.
Бар гӯш ояд то кунун
Ҳусни садояш тоҷикӣ.
Одина Ҳошим дигар аст,
Сад хумби тиллову зар аст.

Ҳофиз шудастӣ ин замон,
Ҳарфу каломатро бидон!
Аз чӣ намегирӣ сабақ
З-ӯ, ки бувад худ ҷовидон?!
Одина Ҳошим дигар аст,
Ӯ рӯҳи моро раҳбар аст.

*августи 2009*

## ДАР ЗОДРӮЗИ ДОДАРИ АЗИЗАМ ФАЙЗ

«Ғамномаи нотамом»-у «Захми дил»-и ту
Ёбанд даво,
Бо «Касби падар» ҳамеша дар маҳфили ту
Бошад равуо.
Бар «Хоки раҳ»-ат хоки дигар кай бирасад?
Моем балад,
Хуррам кунад обод дару манзили ту,
Дорем дуо!

*7 ноябри 2009*

## ДАР МАҲФИЛИ ҲАДИСА

Имрӯз, ки базми шеър дорӣ,
Садбарги тари шукуфтаӣ ту.
Хуштар зи ҳазор наргисӣ, к-аш
Васфаш ба китоб гуфтаӣ ту.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мо омадаем маҳфили ту
Аз меҳри зиёду бекарона.
То об диҳем завқи худро
Бо шеъру суруду бо тарона.

Донем, ки ҳар сурудаи ту
Дар маҳфили ту шуниданӣ шуд.
Бедард нагуфтаӣ ту шеъре,
Дарди дили ҳу шуниданӣ шуд.

Ҳарчанд ки шоирӣ азоб аст,
Рӯсурх мисоли лола бошӣ.
Дидастӣ агарчи ранҷи бисёр,
Дилзинда чу бистсола бошӣ.

Гӯем туро ба шавқи афзун –
Рӯсурхии лолаат муборак!
Дилзиндаву дилҷавон бимонӣ,
Бар даст пиёлаат муборак!

*ноябри 2009*

## ШОИСТА-ШОИСТА

*Дар 70-солагии Мирзо Файзалӣ*

Ба ҳафтод омадӣ аз шасту нӯҳ оҳиста-оҳиста,
Чу шоир гом бинҳодӣ аҷаб дониста-дониста.

Ватан гуфтию Ваҳдат гуфтию миллат парастидӣ,
Ниҳоле будию гаштӣ дарахте руставу руста.

Гаҳе ашъори ишқӣ гуфтаву авсофи ҷонона,
Раҳашро бо ҳазорон орзу поиста-поиста.

Ҳамеша ҳаҷв кардӣ нуқсҳои зиндагониро,
Гаҳе хандида-хандида, гаҳе бигриста-бигриста.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Худо гӯям қаламбардаст монӣ сиҳату бардам,
Ба дандонат шикаста чормағзу донаву писта.

Ба ҳафтод омадӣ аз шасту нӯҳ оҳиста-оҳиста,
Муборак рафтанат бар сӯи сад шоиста-шоиста!

*соли 2012*

## БАРОИ БАРОДАР

Чӣ шуд аз мо ҷудоӣ, эй бародар,
Рамида ё зи моӣ, эй бародар.

Ба дурӣ ҷустану фанду дурӯғат
Накӯиро рабоӣ, эй бародар.

Намедонам, чӣ гӯям бо дили худ,
Зи мо не, ҳам зи моӣ, эй бародар.

Чӣ гӯям, ки ҷудоӣ нест аз ту,
Ҷудои ошноӣ, эй бародар.

Ғаматро ман чӣ сон дар дил нагирам,
Ки охир ғамкироӣ, эй бародар.

Гумонам, ки бароям чун ба кӯча,
Сари роҳам бароӣ, эй бародар.

Вале ҳайҳот, аз мо даргурезӣ,
Кучҷоиву кучҷоӣ, эй бародар.

Тани ҳар ду зи як хун гарм бошад,
Хунук ин сон чароӣ, эй бародар?!

Намедонам, чӣ сон бар ту расам ман,
Заминӣ ё самоӣ, эй бародар?!

Агарчанде зи дида дур бошӣ,
Вале дар дил ту ҷоӣ, эй бародар.

*феврали 2001*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МОДАР

Ҷону дилам фидои ту, модари қаҳрамони ман,
Садқаи хоки пои ту, модари қаҳрамони ман.

Бе ту зи худ бехабарам, дар ду ҷаҳон намехарам
Ҳеҷ киро ба ҷои ту, модари қаҳрамони ман.

Ман накунам дард писанд, бал накунам марг писанд.
Бишнавам ар садои ту, модари қаҳрамони ман.

Ҷонкани беқарор ман, дидаи интизор ман,
Кош зи дар дарой ту, модари қаҳрамони ман.

Шоҳу гадо дар ин ҷаҳон беш буванд бегумон,
Шаҳ туву ман гадои ту, модари қаҳрамони ман.

Дард накаш, ки мекашам сад карат аз ту дард беш,
Мемурам аз барои ту, модари қаҳрамони ман.

*феврали 2003*

## САБАҚОМӮЗ

*Барои Кароматулло Мирзоев*

Эй адибе дар ҷаҳони зиндагӣ,
Эй сабақомӯзи ҷони зиндагӣ.

Тухми эҷоди суханро киштаӣ,
Посбону боғбони зиндагӣ.

Аз «Маоши аввал»-ат фаҳмидаем,
Ки гулӣ дар гулситони зиндагӣ.

«Дарди ишқ»-атро надорад ҳеҷ кас,
Ҳам замону ҳам макони зиндагӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нест он ки нони ту нохӯрдааст,
Соҳиби дасторхони зиндагӣ.

«Аз касе як хас намемонад»[1] ба даҳр,
Аз ту мемонад «Нишони зиндагӣ».

* * *

Ҷому сабӯву бодаро,
Дарди ба сар фитодаро.
Сӯзи ба дил ниҳодаро,
Пои ба тан пиёдаро,
Содаву хӯи содаро
Зикр намуда меравем.

Золимии замонаро –
Оташи пурзабонаро,
Ҷангу ҷидоли хонаро,
Мастии пурбаҳонаро,
Зиндагии сагонаро
Зикр намуда меравем.

Садқаи олами аҷиб! –
Хор бувад каси наҷиб.
Эй ки туӣ савори «Ҷип»,
Ханда занӣ мани адиб,
Кай бихӯрӣ ғами ғариб?!
Зикр намуда меравем.

Ҳошими мо, ки буд, ку?!
Табъи дилам суруд ку?!
Маъракаро намуд ку?!
Кайфияти вуҷуд ку?!
З-ин ҳама гуфта суд ку?!
Зикр намуда меравем.

---

1. Таъбири Лоиқ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Очизи бебало куҷост? –
Дарди маро даво куҷост?
Як каси ғамрабо куҷост?
Марҳамати дадо куҷост?
Мурдаму як садо куҷост?
Зикр намуда меравем.

*майи 2004*

* * *

*Барои Мирзо Файзалӣ*

Будаам бисёрҳо дар хони Мирзо Файзалӣ,
Пур чашидам нони дастархони Мирзо Файзалӣ.

Ҳам дараш бикшодаву ҳам чеҳрааш бикшода аст
Бар касе, ки мешавад меҳмони Мирзо Файзалӣ.

Ӯ нагашта монеи бишкастани армони кас,
Бишканад, эй кош, ҳар армони Мирзо Файзалӣ.

Ханда бошад, ҳазл бошад, ҳаҷв бошад дар гапаш,
Садқаи шеъри тару дастони Мирзо Файзалӣ.

Дидаам норозиянд аз буди фарзандон басе,
Беҳтаринҳоянд фарзандони Мирзо Файзалӣ.

Ғофил аз дарду ғами даврон бимонад то абад
Ҳар касе, ки зист дар даврони Мирзо Файзалӣ.

Дар замоне, ки шикамро сер гардонӣ ба зӯр,
Тез бодо сию ду дандони Мирзо Файзалӣ.

Бо чунин дасти кушоду бо чунин рӯи кушод,
Ҷони ман бодо фидои ҷони Мирзо Файзалӣ.

*январи 1999*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## УСТОДИ АЗИЗ

*Ба ёди устод Қутбӣ Киром*

Дар бар дили сода дошт устоди азиз,
Бо меҳр ифода дошт устоди азиз.

Чашмаш, ки зи моли ин ҷаҳон сер будӣ,
Ду дасти кушода дошт устоди азиз.

Оташ ба даҳан зи мисраи Бедил дошт,
Маҳкам, ки ирода дошт устоди азиз.

Бар давлату бар маснаду бар мансаби давр
Ду пои пиёда дошт устоди азиз.

Дорои Сари баланд буду ҷое
Сар хам наниҳода дошт устоди азиз.

Дар пои сухан, ки арҷ мебахшидаш,
Зонуи фитода дошт устоди азиз.

*октябри 2004*

* * *

*Ба ёди падарам*

Поку беғаш дил туро дар сина буд,
Софтар он балки аз ойина буд.

Сӯҳбати гарме, ки бо мо доштӣ,
Ростӣ, беҳтар зи сад ганҷина буд.

Ҳар гаҳе ки ханда мекардӣ зи шавқ,
Хандаи ту хандаи бекина буд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шуд замона дигару дигар шудӣ,
Дар вуҷудат ханда гӯё ки набуд.

Чун сухан беқадр шуд, гирён шудӣ,
Гиряи ту гиряи одӣ набуд.

Мӯҷиби дарди дили ту, марги ту
Даргузашти Қутбияю Одина буд.

*июли 2008*

## СӮГВОРӢ

*(Навҳаи Абдуҷаббор Зардиев ба марги нобаҳангоми ҷигарбандаш Муҳаммадшариф)*

Хона оям, нестӣ пушти дарам,
Пушти дар вомонда мебинам сарам.
Осмон бинам нагун чун соғарам,
Соғари ҷонам нагун дар пайкарам.
Устухонам об шуд аз дурият,
Мекушад охир маро маҳҷурият.

Гуфта будам, пушт бар пуштам ниҳӣ,
Дасти чархи каҷ сари муштам ниҳӣ.
Пои тобутат ниҳодӣ бар кафам,
Рӯи дасти ғам кашидӣ чун дафам.
Устухонам об шуд аз дурият,
Мекушад охир маро маҳҷурият.

Боғи умрам аз қадат қад мекашид,
Қадди ту як дидаву сад мекашид.
Мазраи сабзи фалакро дид хушк,
Осмонро панҷаи рад чид хушк.
Устухонам об шуд аз дурият,
Мекушад охир маро маҳҷурият.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пеш аз ин буд пои ман рӯи замин,
Погузории замин рӯям бубин.
Киштгардони замин будам шиор,
Мекунам акнун замини дил шиёр.
Устухонам об шуд аз дурият,
Мекушад охир маро маҳҷурият.

Ҳар саҳар мепурсад аз ман офтоб,
– Кай чунин буд ҳамдами ман дерхоб?!
Гӯ бихезад зуд, зӯри ҳам шавем,
Тирагӣ афзуд, нури ҳам шавем.
Устухонам об шуд аз дурият,
Мекушад охир маро маҳҷурият.

*марти 2007*

## ДАРД

Дард кашидаам гарон, хоб куҷову ман куҷо,
Дарди замину осмон, хоб куҷову ман куҷо?!

Ними бадан даридагӣ, ними дигар буридагӣ,
Аз ғаму фикри ҷисму ҷон хоб куҷову ман куҷо?!

Дар дами рӯзгори пир ҳамчу ҳадаф ба пеши тир,
Ҳайф шудам мани ҷавон, хоб куҷову ман куҷо?!

Шукр, ҳазор шукри он, дасти маро гирифт сахт
Дасти Худои ломакон, хоб куҷову ман куҷо?!

Дарди худам намекушад, ҳаст яқин, маро кушад
Дарди кушандаи замон, хоб куҷову ман куҷо?!

*Беморхона, феврали 2008*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## АФСОНАИ НЕК

*Барои академик Ғиёсиддин Меъроҷов*

Бемор будам чун ба шифохонаи ту,
Гӯё ки будам бар дари кошонаи ту.

Аз лафзи хушат ҷон ба танам болида,
Бахшид даво шеваи меҳронаи ту.

Дар мазраи дил донаи меҳрат корӣ,
Пурбор шавад ҳосили ҳар донаи ту.

Дарди ҳамаро дарди худат медонӣ,
Зинҳор касе нестӣ бегонаи ту.

Ҷони ту зи дарди дигарон месӯзад,
Ту шамъию мо шавем парвонаи ту.

Рӯзу шабӣ ту дар ғами бемəронат,
Дард аст фақат бор ба ду шонаи ту.

Дунё гузарад, нишонааш мемонад,
Некии ту мемонаду афсонаи ту.

*феврали 2008*

## ҲУНАРМАНД

*Барои Ҳошим Гадо*

Ҳар кӣ бошад ғофил аз дунёи мо,
Аз сиришти мо ҳамеҷӯяд хато.

Аз хатокорӣ ҳазар дорем пур,
Комилӣ буд пешаи мо доимо.

Аз ҳамон пири хирадманду закӣ
То ҳанӯз ояд ба гӯши мо нидо –



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кӯш, то ки дар ҳунар боло шавӣ,
Ки ҳунар бошад калиди ганҷҳо.

Чун ҳунарвар аз пайи мақсад шудем,
Бо талошу заҳмати беинтиҳо.

Он қадар илми ҳунар омӯхтем,
Пухта шуд дар мо тамоми хоми мо…

* * *

Бар ҳунар дил нуқтаи таммат гузошт,
Чун бидидӣ «Эдип»-и Ҳошим Гадо.

*октябри 2009*

## СОЛИ НАВАТ МУБОРАК!

Имсол соли муш аст,
Дилҳо чӣ дар хурӯш аст.
Сардӣ бувад ба ҷавлон,
Барқам вале хомӯш аст.
Соли нават муборак!

Имсол соли зӯр аст,
«Чашми ҳасуд кӯр аст».
То фатҳи қуллаи нав
Ин қадр роҳ дур аст.
Соли нават муборак!

Имсол соли хуб аст,
Пурфайзтар ҷануб аст.
Хуршеди толеи мо
Рӯ канда аз ғуруб аст.
Соли нават муборак!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Эй дил, машав ту ғамгин,
Бо як қарор маншин.
Оядаро дурахшон
Бо чашми нек мебин.
Соли нават муборак!

*Беморхона, январи 2008*

## МУБОРАКБОДӢ

*Дар рӯзи мавлуди Мирзо Файзалӣ*

Даме ки офарӣ ҳарфу ҳиҷое,
Замина дорӣ аз доди Худое.
Ба сӯи бадниҳодони замона
Равон тират бисозӣ бехатое.

Самар бахшида ширин боғи ранҷат,
Муборакбод гӯям шасту панҷат.

Ғазал гӯӣ гаҳе аз шӯри илҳом,
Ғазалҳое, ки ҳикмат бидҳад анҷом.
Гаҳе бар кӯдакон шеъре бигӯӣ,
Гаҳе афсона, гоҳе қиссаи том.

Самар бахшида ширин боғи ранҷат,
Муборакбод гӯям шасту панҷат.

Ба мисли сӯҳбатат сӯҳбат надидам,
Дар он ман кинаву ғайбат надидам.
Саропо сӯҳбатат шеър асту танз аст,
Ба дигар ҷо чунин санъат надидам.

Самар бахшида ширин боғи ранҷат,
Муборакбод гӯям шасту панҷат.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба гӯшам мерасад «Шов-шови мардум»,
Ки Мирзо ҳаҷв гӯяд, ҳаст раҳгум.
Вале дил бар ту хоҳад роҳи испед,
Чунин роҳе расад то моҳу анҷум.

Самар бахшида ширин боғи ранҷат,
Муборакбод гӯям шасту панҷат!

*9 майи 2007*

## БАРОИ СУРАЙЁ ҚОСИМОВА

Бехабар аз дори дунё меравам,
Ташнаи эҷоди воло меравам.

Зиндагӣ гармову сармо дидан аст,
Дида сад гармову сармо меравам.

Дар дилам шавқу таманно мурдааст,
Бе ягон шавқу таманно меравам.

Бӯи хоре бар димоғам мерасад,
Гарчи аз мобайни гулҳо меравам.

Хайрият ту ҳастиву овози ту,
Варна чун коҳе ба савдо меравам.

Дӯст медорам навои дилкашат,
Бо навоят сӯи боло меравам.

Дар хуморат аз биёбони азоб
Ҷониби тӯйу тамошо меравам.

Хоҳ лангам, хоҳ кӯрам, хоҳ кар,
Дар суроғат то Сурайё меравам.

*марти 1999*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҶОНФИДО

*Барои Файзалӣ Ҳасан*

Гоҳ мехонӣ зи Ҳофиз,
Гоҳ мехонӣ зи Бедил,
Гоҳ Румиро тараннум мекунӣ.
Менавозӣ созҳои дилнавоз,
Хештанро дар фазои созҳо гум мекунӣ.

Шеваи Одина Ҳошим бурда дар гуфтор ту,
Маншаи Одина Ҳошим карда дар рафтор ту.
Хуб мехонӣ чу як шайдо бани бисёрҳо,
Дар нигоҳам аз ҳама бисёрҳо бисёр ту.

Созҳои шодию ғам мезанӣ,
Гоҳ оламро ба олам мезанӣ.
Ранҷҳои носазое ёдбар,
Гоҳ фарёде зи одам мезанӣ.

Баҳри ҳар як мухлиси худ
Мекунӣ ҷонро фидо ту.
Мешавам обу адоят,
Мекунам ҷонро фидоят…
То бубахшам дардҳоятро даво,
Мекунам аз хеш ҳар дарду балоят.

*июни 1999*

## АҲМАДШОҲИ МО

*Ба ёди Аҳмадшо Маҳмадшо*

Ҷавҳари ҷон буд Аҳмадшоҳи мо,
Ҷону ҷонон буд Аҳмадшоҳи мо.

«Холаи Маҳтоб»-ро хандиду рафт,
Чеҳрахандон буд Аҳмадшоҳи мо.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

Зиндагониро ба ҷон омехта,
Дарду дармон буд Аҳмадшоҳи мо.

Бо чунин табъи латифу шӯху танз,
Марҳами ҷон буд Аҳмадшоҳи мо.

Эй, чӣ мегӯӣ ту аз мову зи худ,
Зеби даврон буд Аҳмадшоҳи мо.

Чун муҳаррир дар хиёбони «Адиб»
Гулбури шон буд Аҳмадшоҳи мо.

Аз куҷо донем, ки дар байни мо
Ҳамчу меҳмон буд Аҳмадшоҳи мо.

*апрели 2004*

## БАЗМИ СУРАЙЁ

Шеваи гӯёро бубин,
Лаҳни гуворoро бубин.
Саҳнаи зеборо бубин,
Шодии дилҳоро бубин.
Ишваи раъноро бубин,
Тӯйу тамошоро бубин.
Луълуи лолоро бубин,
Санъати волоро бубин.
Қимати тиллоро бубин,
Сарвати дунёро бубин –
Базми Сурайёро бубин.

*ноябри 2001*

## БА ДОДАРАМ САФАРМАД

Хуб медонем, як заҳматкашӣ,
Шаҳди заҳмат ҳар замоне мечашӣ.
Бо ҷавонмардию бо хулқи накӯ
Расми хуби додариро мекашӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ОБОДИИ РОҒУН

Пулу моли бешумар ғун кардаӣ,
Бойтар худро зи Қорун кардаӣ.
Мо нагӯем аз куҷо, чун кардаӣ,
Ҳар чӣ бошад, заҳмат афзун кардаӣ,
Аз ҷигар кам қатраи хун кардаӣ.

Тоҷириву пасту боло гаштаӣ,
Осиёву Африқоро гаштаӣ.
Аврупову Амрикоро гаштаӣ,
Аз замин то бар саморо гаштаӣ,
Аз сафарҳо хеш мамнун кардаӣ.

Метавонӣ кӯшкҳо барпо кунӣ,
Ҷои нозебе хушу зебо кунӣ,
Олами афсонае эҳё кунӣ,
Балки шаҳре нав дар ин дунё кунӣ,
Хешро дорои гардун кардаӣ…

Пулу молат нӯш гардад бар танат,
Тоҷикӣ бас, Тоҷикистон меҳанат,
Ёд бодо ин суханҳо аз манат,
Ёд овар кори неке карданат,
Чӣ ба нафъи халқ акнун кардаӣ?!

Ҳеҷ донӣ, бо ҳама моли зиёд
Умр рӯзе меравад бар чанги бод.
То ба некӣ номи ту оранд ёд,
Кош бинемат чу як олинажод,
Фикри ободии Роғун кардаӣ!

*декабри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## РАҲКУШОВУ РАҲНАМО

*Ба Юсуфҷон Аҳмадзода*

Юсуфи гумгашта нею Юсуфи пайдо туӣ,
Бар алайҳи тирагиҳо дидаи бино туӣ.

Кас наёбад саршумори назму насри гуфтаат,
Дар ҷаҳони маърифат пурсарвату доро туӣ.

Менависӣ шеърҳои хуб баҳри кӯдакон,
Аз барои кӯдакон як меҳрубон бобо туӣ.

Ҳамчу инсони ҳалиме ҷой андар дидаӣ,
Гоҳ гарчанде нишаста яккаву танҳо туӣ.

Аз кулаҳпӯшии духтарҳо ҳазар кай мекунӣ,
Рафтаӣ дар шасту севу ошиқи шайдо туӣ.

Умри пайғамбар муборак, Юсуфи шабзиндадор,
Бо Зулайхои сухан аз ноз сарболо туӣ.

Шукр мегӯем дар шебу фарози ноширӣ
Раҳкушову раҳнамову дастгири мо туӣ.

* * *

*Дар 60-солагии Шералӣ Мӯсо*

Хати тақдир ҷӯяд аз ҷабини худ,
Сари хам сайр дорад дар замини худ.

Нигоҳаш тезбину мӯшикоф астӣ,
Ҷаҳонро бингарад аз «Дурбин»-и худ.

Ба мардум фарқи «Неку бад» ҳамегӯяд,
Ки некиро намояд чун нигини худ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гаҳе бо коргарҳо нақб мекобад,
Гаҳе бошад шарики пахтачини худ.

Даме ки ҳаҷв гӯяд зидди нопокон,
Қалам шамшер дорад дар камини худ.

Ба шасташ шасти дигар орзу дорем,
Нависад то китоби беҳтарини худ.

## РАСМИ ХУБИ ТОҶИКОН

*Эҳдо ба Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*дар Ҳиндустон, шоир Саидбек Саидӣ*

Хуб овардӣ ба ҷо ту расми хуби тоҷикон,
Дӯстро оғӯш бигрифтӣ зи ҷӯши меҳру ҷон.

Мешукуфтӣ чеҳраат чун гул ба ҳангоми баҳор,
Чун шудам дар хонаат аз Тоҷикистон меҳмон.

Мепаридӣ аз фараҳ чун кӯдаке дар ҷои хеш,
Ҷамъ бинмуда ба як дам гирди хонат дӯстон.

Мекушудӣ лаб гаҳе аз боби шеъру аз адаб,
Шаҳдҳо мерехт, бешак, аз каломат он замон.

Ҷонфидою ҷоннисори Меҳанӣ дар мулки Ҳинд,
То бимонад дӯстии ҳар ду кишвар ҷовидон.

«Хоксорӣ шавкати хуб асту дороии умр»[1],
Хоксоре чун ту ман ҳаргиз надидам, бегумон.

Инчунин як илтифотеат фаромуш кай шавад?!
Аз ту дил миннатпазир аст аз замин то осмон.

*Деҳлӣ, сентябри 2012*

---

1. Аз устод Ашӯр Сафар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ТАҚДИРҶУНБОН

*Ба табиби ҳозиқ*
*Сайолим Талбов*

Мардуме пушти дарат ҷамъ омада,
Мардуме, ки дард доранду ниёз.
Аз сари субҳ интизорӣ мекашанд,
То намоӣ дасти имдодат дароз.

Он яке гӯяд табиби ҳозиқ аст,
Дигаре гӯяд, ки ҷони одам аст.
Дар ҷаҳон бошад табиби бешумор,
Мисли ту дар касби худ доно кам аст.

Духтаре хонад туро ҷои падар,
Ки сабук гардондаӣ дарди варо.
Бо давою меҳрубонии зиёд
Сурх бинмуда рухи зарди варо.

Модаре мехонадат аз ҷон писар,
Яккафарзандаш шифо бахшидаӣ.
Нисфи дунёро намуда гарчи тай,
Ту ба дарди ӯ даво бахшидаӣ...

Дида аз тақдир дарди хешро,
Ғам зи дил бо ин васила рондаанд.
Борҳо бишнидам аз беморҳо,
Ки туро тақдирҷунбон хондаанд.

*августи 2014*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## САРФА

Хонаи обод хоҳӣ, сарфа кун,
Рӯзгори шод хоҳӣ, сарфа кун.

Харҷи ноҷо сахт афгорат кунад,
Дар набарди зиндагӣ хорат кунад.

Худнамоиҳо набошад кори хуб,
Худнамоӣ кай биёрад бори хуб?!

Хоксорӣ пеша гиру сарфа кун,
Домани андеша гиру сарфа кун.

Худ низоми кори мо дар сарфа аст,
Эҳтироми кори мо дар сарфа аст.

*феврали 2010*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# КАБКИ ХУШХИРОМ

*(Ғазалиёт)*

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

* * *

Гарчи пур дар зиндагӣ ҷабру ҷафоро дидаем,
Маззаи ширинии аҳду вафоро дидаем.

Кина дар дилҳо намегирем аз ваҳдат, зи бас
Осмони беғаши сулҳу сафоро дидаем.

Мо, ки худ парвардаи як обу як хоку гилем,
Дур дигар байни ҳам рӯю риёро дидаем.

Якдигарфаҳмӣ агар дорем, подорем мо,
Якдигарнофаҳмҳои бебақоро дидаем.

Рӯзи сахтӣ дасти ҳам гирем аз рӯи сахо,
Ҷовидониҳои мардони сахоро дидаем.

Дардҳоро беҳтарин доруст меҳри якдигар,
Меҳр агар бошад, давои дардҳоро дидаем.

*сентябри 2009*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Шом бо нури қамар пухта шавад,
Писар аз панди падар пухта шавад.

Меваро ғӯра макан аз раҳи шавқ,
Мон, ки дар шохи шаҷар пухта шавад.

Ҳар қадар мард кунад сайру сафар,
Дар дами сайру сафар пухта шавад.

Ғайри заҳмат бувад ар сабр ба дил,
Охируламр самар пухта шавад.

Табъи мо, ки каму хом аст ҳанӯз,
Кош, чун табъи падар пухта шавад.

Меҳӯрам хуни дилам то дами субҳ,
Ба умеде, ки саҳар пухта шавад.

*сентябри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Чун соҳиби қалби босафоем,
Аз кинаву аз ҳасад ҷудоем.

Ҳарфе ту магӯ зи бевафоӣ,
Мо бандаи ёри бовафоем.

Бас дард, ки аз замон кашида,
Як ҳолати зори бедавоем.

То сатри наве ба дафтар ояд,
Бар дарди азим мубталоем.

Бо назму низоми хеш гар не,
Бо назми хуши Низом[1] моем.

*феврали 2010*

1. Низом Қосим дар назар аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Муштоқ бувад ин дил як шеваи ёриро,
Хоҳад, ки даме бӯяд садбарги баҳориро.

Дорем ба даргоҳаш сад шевану зорӣ мо,
Лекин напазирад ӯ як шевану зориро.

Ҳар амр ки фармояд, дорем пазироӣ,
Афсар бидиҳад фармон сарбози қаториро.

Эй он ки наӣ ошиқ, ҳарфе ту магӯ аз сидқ,
Бесидқ куҷо донад фарқи гулу хореро?!

То чанд сари мансаб бо хешу табор оӣ,
Чашмам натавонад дид ин хешутабориро.

Бар маркабаке ҳоло ногашта саворӣ ту,
Айб аст кунӣ даъво хуршедсавориро.

*октябри 2010*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

*Ба сарояндаи хушовоз*
*Матлуба Рахимова*

Ҷоно, биё бар манзилам, то зеби манзил бинамат,
Обод бинмо маҳфилам, то шамъи маҳфил бинамат.

Боз ой аз рӯи карам, моро мабин бо чашми кам,
Ғарқам ба гирдоби алам, чун дасти соҳил бинамат.

Бо ман сухан пардоз кун, афсонае оғоз кун,
То ман ба рағми ҷоҳилон як ёри фозил бинамат.

Дар ёди ман танҳо туӣ, дар ошиқӣ якто туӣ,
Дар чор сӯи хотирам бар худ муқобил бинамат.

Як содаи дунё манам, афтодаи дунё манам,
Бо меҳр дастамро бигир, то ёри қобил бинамат.

Эй ҳамдами санҷидаам, сардӣ маҷӯ аз дидаам,
Меҳрат чу бар дил парварам, бо дидаи дил бинамат.

*майи 2010*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Бо касе коре надорам, аз пайи кори худам,
Айби худ бар кас накардам бор ҷуз бори худам.

Рӯзи борон дастаи чатрам ба дасти кас мабод,
Дасти ман нашкаставу худ чатрбардори худам.

Гарчи як умри сарам хӯрдам ғами ғамдорҳо,
Чун ба ғам монам, манам танҳо, ки ғамхори худам.

Кай гузорам як қадам аз ҷо ба амри дигарон,
Соҳиби андешаву гуфтору рафтори худам.

Додаӣ озор морову ба роҳат мондаӣ,
Беҳ шуморам аз чунин роҳат ҳар озори худам.

Ошиқиҳоят ба молу зар надорад интиҳо,
Ман вале ошиқ ба килку ҳусни ашъори худам.

*апрели 2010*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ҳар рӯз сад фиреб мани сода мехӯрам,
Дар кӯчаҳои зиндагӣ афтода мехӯрам.

Аз соғари чу захри замона дилам гирифт,
Аз соғари гуле ҳаваси бода мехӯрам.

Чун об пок бошаду чун чашмае ҳалол
Ноне, ки ман зи табъи худодода мехӯрам.

Аз ҷодаи сухан падарам нони хеш хӯрд,
Шодам, ки ҳамчу ӯ ман аз ин ҷода мехӯрам.

Ғамхӯрдаам агарчи, зи ту мондатар манам,
Чун ман ғами ҷамоати ғамзода мехӯрам.

*апрели 2010*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Шоми дарози дарди мо ҳеҷ саҳар намешавад,
Оҳ, ки мемурам зи ғам, ёр хабар намешавад.

Лутф кунам ҳазор ман, ҷабр кунад ҳазор ӯ,
Хулқи ба шир омада ҳеҷ дигар намешавад.

То нагирифт ҳар писар аз падараш дуои хайр,
Ҷон биканад, ба зиндагӣ марди сафар намешавад.

Ҳеҷ навои дилкаше гарчи бувад ба ҷон хуше,
Ҷонасареву ҷоннавози гӯши кар намешавад.

Хокбасар, чӣ меҳрӣ тоҷбасар шудан ҳавас,
Хокбасар, яқин бувад, тоҷбасар намешавад.

*апрели 2010*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Аз дарси зиндагонӣ як пандгир моем,
Пир асту чун мураде дунболи пир моем.

Шодӣ гаҳе ки дида, сар бар фалак кашида,
Гаҳ хӯрда бар дил аз ғам сад захми тир моем.

Гар дастҳо гирифта, ё дасти мо гирифта,
Миннатгузор нею миннатпазир моем.

Чун чашмсери даврон осудаем бо ҷон,
Баски ба нафси саркаш умре амир моем.

Пастӣ намепазирем, ҳиммат баланд гирем,
Аз зоти паст нею зоти кабир моем.

Як шоирем сода, дур аз назар фитода,
Гарчи ҷудо намуда мӯ аз хамир моем.

*октябри 2010*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

То чанд ту писханд занӣ пешаи моро,
Аз бехирадӣ санг мазан шишаи моро.

Моем чу Фарҳод пайи кори бананге,
Аз тешаи ӯ нест камӣ тешаи моро.

То бехабарӣ аз раҳи ҳақ, бо ту чӣ гӯем,
Воқиф ки наӣ пайраҳу андешаи моро.

Бошад, ки гаҳе ҳамчу паланге бихурӯшем,
Эй дӯст, ту холӣ машумар бешаи моро.

Зинҳор чу ту аз ҳади қонун набароем,
Қонун ки бувад ном рагу решаи моро.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Парастам ростирову намедонам ғаромиро,
Ҳалолӣ пешаам бошад, ки напсандам ҳаромиро.

Малоф аз корхомӣ пеши қалби пухтакори мо,
Ки кай ин корпухта мепазирад корхомиро?!

Туӣ дар ҳирси молу сарвати дунё, валекин ман
Ба ду дунё набахшам байти ҷонбахши Низомиро.

Сухан чун хуш бувад, аз лонааш берун бигардад мор,
Аз аввал азм кардам ҳамчу шоир хушкаломиро.

Ба давроне, ки ёронам забонианду нонианд,
Зи сар берун наорам ёди ёрони киромиро.

Ба фарзандон зи худ мерос ҳар навъе гузорад кас,
Манам, ки мегузорам баҳри эшон некномиро.

*декабри 2013*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Зард манро бехабар он рӯи оташгун шуда,
Ком то ширин намудам, қанди ман афзун шуда.

Муддате шуд рӯи бистар сахт мепечам зи дард,
Додарам ҳатто намепурсад, ки ҳолам чун шуда,

Одамӣ, – гӯянд, – аз маймун ба дунё омада,
Ман вале дидам басо одам, ки он маймун шуда.

Фосиқоне дида байни боғу бӯсобӯсашон,
Ёд сӯи ишқи поки Лайлию Маҷнун шуда.

Рехтам ҷону дилам аз сидқ пеши пои дӯст,
Дӯстам лекин ба рӯзи мотамам мамнун шуда.

Аз ҳалолӣ кам нишоне монда дар ин рӯзгор,
Гӯиё, ки ин амал побастаи қонун шуда.

*октябри 2014*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Бо дидаи хирад, ки назар мекунем мо,
З-аъмоли бад фирору ҳазар мекунем мо.

Як дам накарда таҳ мижа, шоми фироқро
Бо ёди рӯи дӯст саҳар мекунем мо.

Ҳар рӯзи мо зи партави хуршед равшан аст,
Шукрона шаб зи нури қамар мекунем мо.

Душвор бе рафиқ намояд сафар ба кас,
Ёди рафиқи хуби сафар мекунем мо.

Ҳамчун дарахти босамаре гаҳ ба зиндагӣ
Нолиш ба ҷон зи зарби табар мекунем мо.

Таҳдид чун зи нокасе афтад ба ҷони мо,
Он дам хаёлу ёди падар мекунем мо.

*ноябри 2014*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

То даме касро иродат устувору маҳкам аст,
Дар канор аз одати бад, шодмону беғам аст.

Бевафоӣ баски пур дидем мо аз рӯзгор,
Лаб кушодан аз вафо бар ҷон давою марҳам аст.

Чашми сери садри мо чашме надида то кунун,
Пеши нафси аждаҳояш моли ду дунё кам аст.

Нийяти овозхон аз нийяти муллост хуб,
Ҷӯяд ин шодию он дар ҷустуҷӯи мотам аст.

Сарбаландию ҷавонмардист моро дилписанд,
Ҳайфи он боло саре, ки пеши номардон хам аст.

Ҷаҳд бинмоям, ки шодӣ гаҳ бубинад дил маро,
Гарчи умре қисмати дил дидани рӯи ғам аст.

*майи 2014*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Хаста шуда ҷон зи ғами зиндагӣ,
Дар талаби бешу ками зиндагӣ.

Бори ҷафо мекашад ин дил мудом
Аз аламу аз ситами зиндагӣ.

Ин манам аз умри каму кӯтаҳам
Дида басо чашми нами зиндагӣ.

Қадди баландам, бинигар, хам зада
Дар раҳи пурпечухами зиндагӣ.

Нест дигар қуввати пешин, ба сар
То бикашам ҷоми Ҷами зиндагӣ.

Бахт агар ёр нагардад ба кас,
Об шавад ӯ ба дами зиндагӣ.

Гарчи бувад ҳасрати бешам ба дил,
Сар биниҳам дар қадами зиндагӣ.

*январи 2014*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

* * *

Дил зи аҳволи бадам гиря кунад,
Аз ғами то абадам гиря кунад.

Ғами фарзанди азалбеморам
Ҳамчу тире расадам, гиря кунад.

Орзуву ҳаваси дил як сӯ,
Ашку рашку ҳасадам гиря кунад.

Як дам осоиши дунё набарам,
Дили ман то лаҳадам гиря кунад.

Дар ҷавонӣ ғами пирӣ дидам,
Хам бигардид қадам, гиря кунад.

Илтиҷо пеши Аҳад меорам,
Ба ғами дил Аҳадам гиря кунад.

*октябри 2010*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Баччаи раҳмдилу содаи ман,
Дардманде ба ҷаҳон зодаи ман.

Набуду нест туро шуғле шод,
Ба чаҳи дарду ғам афтодаи ман.

Мекашам бӯй туро шому саҳар,
Мисли гул тозаву озодаи ман.

Сад гираҳ дар гираҳе афтода
Ба дили хурраму бикшодаи ман.

Мехӯрам бода, ки ёбам таскин,
Кошки заҳр будӣ бодаи ман.

Ғами ту санг шуда бар дили ман,
Доруе нест ба ғамбодаи ман.

*октябри 2010*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Бодаи дар ҷоми манӣ, ҳамсарам,
Манбаи илҳоми манӣ, ҳамсарам.

Неъмате аз ту набувад хубтар,
Аз Худо инъоми манӣ, ҳамсарам.

Нур шабон ёфта аз рӯи ту,
Моҳи лаби боми манӣ, ҳамсарам.

Мӯй ба мӯ шефтаат ин манам,
Сайд на, ки доми манӣ, ҳамсарам.

Ёфтаам иззату икром агар,
Иззату икроми манӣ, ҳамсарам.

Бе ту надорам ҳаваси зистан,
Аввалу анҷоми манӣ, ҳамсарам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Зи ғусса ҷону тан н-афсурданам беҳ,
Дили бечораро н-озурданам беҳ.

Барам аз ёдҳо ҷабру ҷафоро,
Вафову аҳдро бишмурданам беҳ.

Бипарҳезам зи қурси нони муфте,
Лаби нони ҳалоле хӯрданам беҳ.

Чу номи нек мемонад ба дунё,
Зи дунё номи неке бурданам беҳ.

Нагардам, эй Ватан, дур аз канорат,
Ки ҷон дар хоки ту биспурданам беҳ.

Ало, эй модари дилсӯзу ғамхор,
Дуоят гар нагирам, мурданам беҳ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Беадабҳоро ба худ бегона медонем мо,
Аз ҳунар бегонаро девона медонем мо.

Кӯш то ки хонадонат рушд ёбад аз камол,
Рушди ҷамъият зи рушди хона медонем мо.

Худфурӯзиҳо намеарзад барои ҳар магас,
Худфурӯзиро бари парвона медонем мо.

Ошноӣ он бувад гиранд дасти ҳамдигар,
Мӯи сарро ошнои шона медонем мо.

Воизи афсонагӯ, афсонаҳоят кӯҳна шуд,
Бас дигар фарқи ҳақу афсона медонем мо.

Ҷони мову шеър бо ҳам ончунон омехта,
Байти гарме беҳ зи сад дурдона медонем мо.

*январи 2011*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Эй дӯст, ба ҷуз ҳарфи меҳрона нагӯ моро,
Бо мардуми аҳли дард бегона нагӯ моро.

Чун ошиқи дилхӯрда мо сӯхта он қадрем,
Аз ошиқии шамъу парвона нагӯ моро.

Завқе ки тапиш дорад, раҳбурдаи ҳар кӯест,
Дар хонаи дил ҳастем, бехона нагӯ моро.

Мо дар дили нури худ, ту дар дили гӯри худ,
Ҳушёртарем аз ту, девона нагӯ моро.

Ин оламу он олам рӯи кафи илм омад,
Дигар нашнавем афсун, афсона нагӯ моро.

*январи 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Басо касон дили худро ба мол бохтаанд,
Зи кибри беш сари худ аҷаб фарохтаанд.

Канора аз ғаму ранҷу ба ганҷи муфт нигар,
Чӣ қасрҳои баланду базеб сохтаанд.

Тамоми умр вуҷуди касифу олуда
Ба нори макру фиребу ҳиял гудохтаанд.

Вазифадор шуда бо усули гирубидеҳ,
Куҷо дигар ғаму дарди ҷаҳон шинохтаанд.
Ба созҳои пур аз ваъдаву газофи зиёд
Чӣ нағмаҳо, ки ба гӯши замон навохтаанд.

Хушо ба ҳоли авоме, ки дур аз эшонанд,
Ки чорхез гирифта саманд тохтаанд.

*марти 2009*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Воқиф ки наед аз ғаму аз дарди сари мо,
Зинҳор магӯед баде бар зарари мо.

Эй бехабарони раҳи пурпечухами шеър,
Нодида магиред мақому ҳунари мо.

Дидем басе чашми тар аз гардиши айём,
Эй кош, набинед шумо чашми тари мо.

Мероси падар касби падар ҳаст, – бигӯянд,
Мерос бувад сӯзи ҷигар аз падари мо.

Мо, ки ба сад уммед пару бол кушодем,
Миқроз бубандед зи парвозу пари мо.

Сад бор гар аз дафтари мо фол кушоед,
Ҷуз ҳарфи садоқат набувад дар гуҳари мо.

*сентябри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Об аз сарчашмаи сидқу сафо нӯшидаем,
Дар гудози оташи меҳру вафо ҷӯшидаем.

То бадар созем бухлу кинаро аз синаҳо,
Рӯ ба сӯи олами боло ба ҷон кӯшидаем.

Ҷустуҷӯ як умр мо кардем айби хештан,
Чашмро аз дидани айби касон пӯшидаем.

Чашмсерӣ пешаи мо буду мемонад мудом,
Орро то мо ба моли даҳр нафрӯшидаем.

Аз раҳи покӣ қадам берун намемонем ҳеҷ,
Қатраҳои охири шири ҳаё дӯшидаем.

*июни 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ҳарфи талхат ба рӯзи ид мазан,
Пардаи қуфл бар калид мазан.

Гул кунад мон, ки оташи уммед,
Об бар шуълаи умед мазан.

Ранги шаб бар дурахши субҳ марез,
Доғ бар куртаи сафед мазан.

Аз суханҳои пурҳасодати ту
Ҷони ман бар лабам расид, мазан.

Эй қаламдор, ҳукми бесанадат
Бар сари халқ чун навид мазан.

Шаъшаъапош гашт шеъри хирад,
Хок дигар ба чашми шед мазан.

*ноябри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ин қадр дур аз хираду аз фазилатӣ,
К-арзандаи ҳазор пичингу мазамматӣ.

Боде чу садр бар кулаҳи худ фикандаӣ,
Гӯё ки комилан ту каси босаодатӣ.

Як дам сақич дар даҳанат ист кай кунад?!
Кафки даҳан чу кафки гави кафшаодатӣ.

Як ҳарфи гарм аз даҳанат кай бадар шавад?!
Бегонаи каломи бавазну саноатӣ.

Дар ҷайби пеши курта ту пулат ниҳодаӣ,
То пай барем мо, ки ту шахси бадавлатӣ.

Раҳ меравӣ ба ноз аҷаб неш-неши по,
Манфуртар ба чашм ту соат ба соатӣ.

Боке наяст аз он ки ба мо зулм мекунӣ,
Ғам мехӯрам аз он, ки ту як бефаросатӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Падар, мондасту мемонад ҳама панди ту дар гӯшам,
Намегардад ягон пандат зи хотирҳо фаромӯшам.

Ба мисли ту ҳақиқатҷӯву ҳақгӯ меравам аз даҳр,
Зи беадлӣ ба монанди шароби кӯҳна меҷӯшам.

Ба ҳар пасту баланди зиндагонӣ тоб меорам,
Зи ту омӯхтам дарси тааммулрову боҳушам.

Чӣ некӯбахт будастӣ, ки ҳам хӯрдиву ҳам додӣ,
Шавад дастам кушода то чу дастат, сахт мекӯшам.

Надорам тоби дидан ҳеҷ худхоҳони ҷоҳилро,
Агарчанде зи ночорӣ гаҳе чун гунг хомӯшам.

Агар тақдири шеъри мо ба дасти лангу кӯр афтад,
Худоро илтиҷо дорам, ки гирӣ ту дар оғӯшам.

*сентябри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

*Ба Сайидалӣ Маъмур*

Дили мо, ки ҳамеша доварӣ хоҳад,
Камоли шавқу завқу боварӣ хоҳад.

Касе парвои шеъри мо надорад ҳеҷ,
Зи турсунзодаҳо ёдоварӣ хоҳад.

Намедонад, ки бар кӣ роз бикшояд,
Зи ҳар кӣ пеш ояд, ёварӣ хоҳад.

Дилам то бо ҳама ғамдор мегиряд,
Ба худ як ғамшарики дигаре хоҳад.

Чу ту ҷое надида ғамзудоеро,
Ки пешат ҳар замон ғамгустарӣ хоҳад.

Гумонам, ҳар дили ғамдор дар дунё
Зи ту имдоди дасти раҳбарӣ хоҳад.

*сентябри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Гуфтори туро ба ҷон парастам,
Шаҳду шакари забон парастам.

Хайрам бишикаст дасти Ҳотам,
Ҳар мақдами меҳмон парастам.

Дар роҳи адаб, ки сарсупурда-м,
Абёти тару равон парастам.

Дар бодияи вафо равонам,
Зангӯлаи корвон парастам.

Ҳар ҷабри ту, эй бути ситамгар,
Андар ивази ҷаҳон парастам.

Дилдодаи рӯи ту бимирам,
Ман ин Ватану макон парастам.

*августи 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

*Эҳдо ба табиб Соҳибназар Раҳмонов*

Дарде намондааст, ки мо нокашидаем,
Таъми тамоми дарди замонро чашидаем.

Овардаем гар ба каф аз сад диле яке,
Аз шодии зиёд зи ҷомон паридаем.

Аз он ки дур ҳаст зи одоби рӯзгор,
Чун оҳувон зи даҳшати гургон рамидаем.

Дил ранҷҳо кашида басо дар раҳи мурод,
То манзили мурод вале норасидаем.

Табъе равон зи шеъри замон ҷустаем агар,
Табъе чу табъи ҳазрати Лоиқ надидаем.

Эй он ки дар замонаи бесидқ содиқӣ,
Ҷон додаему ҷони туро мо харидаем.

*августи 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ба ёд оварда хун гирям, шабу рӯзи ҷудоиро,
Худовандо, макун кӯтоҳ даври ошноиро.

Дили мо, ки набудӣ як дам аз роҳи вафо берун,
Парастиду парастад дар ду олам бовафоиро.

Ба оне ки ба васли ёр умре роҳпо будӣ,
Таманно мекунам кӯтаҳшавии роҳпоиро.

Чӣ дуздӣ, ки хӯрӣ хуни касону боз носерӣ?!
Зи дуздии ту авло мешуморам ман гадоиро.

Чу донам, хоксорӣ шавкату ҳусни дигар дорад,
Надорам тоби дидан худпарасту худнамоиро.

Ба ҳангоми ғазаб бинам агар, беормон мирам, –
Азизам, ёд гирӣ ҳар гаҳе ту бархудоиро.

*сентябри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Аз заҳмати беҳосили ҷон метарсам,
Аз бебарии умри равон метарсам.

Бо шавқу ҳавас ниҳоли биншондаи мо
Ногоҳ шавад зарду хазон, метарсам.

Бо вожаи бегонаву беқурбу ҳаром
Олуда шавад агар забон, метарсам.

Аз тиру туфангу зи камон бохабарам,
Аз хашми ҳамон абрукамон метарсам.

Бокам набувад аз каси бар фаҳм шинос,
Аз саркаши охируззамон метарсам.

Ин пайраҳае, ки пеш бигрифтам ман,
Рӯзе набарад роҳи калон, метарсам.

*сентябри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Дили мо, ки кабоб асту кабоб аст,
Бадан моро хароб асту хароб аст.

Навои он, ки пурдарду ҳазин аст,
Ба нолиш ҳамчу нойеву рубоб аст.

Биё, муштоқи худро даст мегир,
Гирифтан дасти муштоқон савоб аст.

Машав дилдодаи хоби гарон ҳеҷ,
Бидон, ки додаре бар марг хоб аст.

Наёбӣ дӯсти беминнатеро,
Тамоми кардаи шонро ҷавоб аст.

Ягона дӯсти беминнати мо
Китоб асту китоб асту китоб аст.

*сентябри 2009*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Дар синаи бекинаи мо кина нагунҷад,
Ҷуз ёди рухи дилбари дерина нагунҷад.

Аз аҳли ҷафо бӯи вафо ояд агар пеш,
Дил шод шуда дар қафаси сина нагунҷад.

Равшан шуда оинаи мо аз амали пок,
Куфру гунаҳе бар дили оина нагунҷад.

Моро, ки ҳама дар талаби завқи баландем,
Дар гӯш ба ҷуз шеваи Одина нагунҷад.

Сад шукр, ки дар дафтари мо аз ҳунари мо
Шеъре тиҳӣ аз дард ҳар оина нагунҷад.

*сентябри 2009*

* * *

То ду чашми хешро бар сӯи ҷонон дӯхтем,
Аз шарори чеҳраву барқи нигоҳаш сӯхтем.

Бо чароғи дил ба ёди васли ӯ то субҳидам
Машъале андар шабони тор мо афрӯхтем.

Баҳраҳо бигрифтаем аз дарсҳои рӯзгор,
То ҳаводис дафъ гардад, таҷриба андӯхтем.

Мо равону ҷӯ равону зиндагӣ бошад равон,
Чӣ кафанҳое ба худ аз ормонҳо дӯхтем.

Нест нуқсе дар равону дар ниҳоди шеъри мо,
Гуфтани шеъри дарӣ аз Рӯдакӣ омӯхтем.

*сентябри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ин ҳама ободие, ки ҳамчу ганҷ овардаем,
Бо талошу заҳмату бо дарду ранҷ овардаем.

Ончунон ибрат гирифтем аз китоби рӯзгор,
З-имтиҳонҳо дафтари худ пур зи панҷ овардаем.

То ғуборе бар дили ҳамсӯҳбатон н-орем мо,
Чеҳраи бикшода, абрӯ бешиканҷ овардаем.

Укдаи дил мекушояд, бемуҳобо, он замон,
Пеши рӯ ҳар гоҳ ёри нуктасанҷ овардаем.

Аз азал гавҳаршиносӣ дар замири мо бувад,
Дурри шеъри нобро аз рӯди Панҷ овардаем.[1]

Гум намегардад ба зудӣ номи мо аз ин ҷаҳон,
Ёдгоре шеър дар даҳри сипанҷ[2] овардаем.

*сентябри 2009*

---

1. Ишора ба шеъри устод Рӯдакӣ.
2. Сипанҷ – гузаранда.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Эй дӯст, бар ниёгон ин қадр носипосӣ,
Ҷое намеравӣ ту бе хештаншиносӣ.

Зебоӣ ар бичӯӣ, зебоӣ аз сиришт аст,
То чанд бинӣ онро дар хонаву палосе?!

Дар торикӣ бимонӣ, бас тоҷикӣ надонӣ,
Аз лафзи модариат дар тарсу дар ҳаросӣ.

Пиндорадат чу доно, балки каси тавоно,
Ҳар кӣ туро бубинад бо ин сару либосе.

Дар асл бесаводӣ, балки ба чанги бодӣ,
Усто ба чоплусӣ, қадхам ба мисли досӣ.

Бо ин кадӯи калла рӯзе шавӣ ту чаппа,
Ҳарчанд бо калонон пайванду сахт мосӣ.

*сентябри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Моро, нигор, дидаву нодида меравӣ,
Ҳарфам зи меҳр бошаду нашнида меравӣ.

Парвардаам зи ишқи гулат боғи орзу,
Гулҳои орзуи маро чида меравӣ.

Як умр бар гудозиши ишқи ту содиқам,
Бовар намекунӣ туву санҷида меравӣ.

Бар ҳоли зори ошиқи афтодаву низор
Эй сангдил, зи чист, ки хандида меравӣ?!

Як лаҳза ист мекуну гӯ, то кай аз Гурез
Андар гурез, ёри писандида, меравӣ?!

*сентябри 2009*

* * *

Солҳое кардаӣ ту азми шеър,
Гаштаӣ мафтуни азму ҷазми шеър.

Дар гумонат, дар сухан ғолиб туӣ,
Ҳамчунон сарлашкаре дар разми шеър.

Чун муаммо ришханде мезанӣ
Аз Ҳироту Балх то Хоразми шеър.

Бар гулӯи ақли ту сӯзад дилам,
То кунун нокардаӣ ту ҳазми шеър.

Навқаламҳое маҳи шоми адаб,
Гаштаӣ умре ту меғу назми[1] шеър.

Айби вазни шеъри моро мекунӣ,
Худ чӣ вазне дорӣ андар базми шеър?!

*октябри 2009*

1. Назм – бухор, туман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Мо, ки аз ҳастӣ хабар дорем,
Оламу рози дигар дорем.

Бо хаёли дилрабои худ
Гуфтугӯҳо то саҳар дорем.

Пой бар ҳар ҷо, ки бигзорем,
Аз бадандешӣ ҳазар дорем.

Қалби мо соф аст аз кина,
Бар ғараз ду гӯши кар дорем.

Нахли бебар бар чӣ кор ояд?
Гарчи кам бошад, самар дорем.

Беадаб не, боадаб ҳастем,
Бепадар нею падар дорем.

*сентябри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Чун сӯхтан надорӣ, аз сохтан чӣ гӯӣ,
Дил бурдан ар надонӣ, дил бохтан чӣ гӯӣ?!

Коре накардаӣ нағз, чун нест дар сарат мағз,
Аз ҳар баландие сар афрохтан чӣ гӯӣ?!

Беҷон бувад тани ту, тарсуи майҳанӣ ту,
Аз тиру аз камону сайф охтан[1] чӣ гӯӣ?!

Бо ганҷи ройгонат – бо порае зи ҷонат
Боре ятимакеро бинвохтан чӣ гӯӣ?!

Ҷӯӣ фақат худоӣ, дурӣ зи бархудоӣ,
Аз Ҳаққу роҳи Ҳақро бишнохтан чӣ гӯӣ?!

Умрест менавозӣ сози ҳазини ботил,
Аз сози адлу инсоф бинвохтан чӣ гӯӣ?!

*октябри 2009*

---

1. Охтан – баровардан, аз ғилоф бадар кардан.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Эй дил, аниси хубу дилдор ҷустуҷӯ кун,
Ағёр мон ба ағёр, ту ёр ҷустуҷӯ кун.

То чанд дар чаҳи ғам афтодаву забунӣ,
Бархезу рӯи дунё ғамхор ҷустуҷӯ кун.

То дар раҳи муродат дар нимараҳ намонӣ,
Аз ҳикмати бузургон бисёр ҷустуҷӯ кун.

Бекор чанд шинӣ, афгор чанд шинӣ,
Ризқи ҳалоли худро аз кор ҷустуҷӯ кун.

Сирри ба Ҳақ расидан, дидори ёр дидан
Аз Мавлавии Балху Аттор ҷустуҷӯ кун.

То шеъри ту ба дилҳо бо меҳр хона монад,
Ширинтарин каломи гуфтор ҷустуҷӯ кун.

*октябри 2009*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ё раб, ту мани ҷавон нигаҳ дор,
Аз ҳодисаи замон нигаҳ дор.

Чун нони ҳалол меҳӯрам ман,
Аз тӯҳмати ногаҳон нигаҳ дор.

То ки бувадам ба сар нигаҳбон,
Андар даҳанам забон нигаҳ дор.

Як баччаи дардманд дорам,
Ӯро зи ғами гарон нигаҳ дор.

Раҳме бикуну ба боғи умрам
Садбарги тар аз хазон нигаҳ дор.

Бемории беш хастаам кард,
Ҷону дили нотавон нигаҳ дор.

Дар дил ҳаваси зиёд дорам,
Наҷмам ту дар осмон нигаҳ дор!

*майи 2009*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Эй ёри тунду тез,
Камтар ба ман ситез.

Аз чашмаи висол
Оби сафо бирез.

Ҳоло, ки н-омадаст
Айёми баргрез –

Хокам ба ғайби ман
Чун элаке мабез.

Дунёст бебақо,
Нагрез аз Гурез!

*майи 2009*

* * *

Дил дар қафаси сина ғамдидаву танг омад,
Ҳар луқма ба коми ман монандаи санг омад.

Ҳамсоя, ки ҳаққашро чун ҳаққи Худо гӯянд,
Дар рӯзи саиди фитр бо мо чӣ ба ҷанг омад.

Аз мавҷи нигоҳи ӯ тӯфони ғазаб хезад,
Киштии салоҳи мо бар коми наҳанг омад.

Не ақл ба сар ӯро, не раҳм ба дил ӯро,
Гӯӣ ки зи май масту девона зи банг омад.

Аз дард, ки нолонам, бечораву ҳайронам,
Бар ҷони мани мискин чун шеру паланг омад.

Бо ҳар чӣ ки меояд, бар сулҳ бикӯш, эй дил,
Зеро ки маро авло Сулҳ аз ҳама Ҷанг омад.

*июни 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

То ба кай, эй дилбари ҷонӣ,
Мебарӣ моро ба вайронӣ?!

Сахт омад бе ту буданҳо,
Ин қадар аз мо гурезонӣ?!

Дарди дилро бе ту дармон нест,
Дардро танҳо ту дармонӣ.

Ҳар гаҳе ки роз мегӯям,
Мезанӣ худро ба нодонӣ.

Дида ҳоли зори ошиқро,
Мекашӣ худро ба ҳайронӣ…

Мешавӣ рӯзе пушаймоне,
Суд кай орад пушаймонӣ?!

*июни 2009*

* * *

*Барои ҷарроҳ Юсуф Ҳасанов*

«Дасти гулпарвари ту дард набинад ҳаргиз,
Гули парвардаи ту гард набинад ҳаргиз».

Он ки бемор шуду аз ту мадад ёфт танаш,
Шукри дасти ту, дами сард набинад ҳаргиз.

Чун ба дарёи даво киштии касбат фиканӣ,
Дардро боди ҷаҳонгард набинад ҳаргиз.

Ба сад уммед, ки ту боғи вафо сабзонӣ,
Боғи ту рӯи гули зард набинад ҳаргиз.

Эй, ҳалолат бувад ин ҳурмати мардум, ки туррост,
Ҷони ту тӯҳмати номард набинад ҳаргиз.

*июни 2009*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҒАЗАЛИ ДАВРОН

Дунё чапагардон шуд, бинанда чӣ ҳайрон шуд,
Дар чиллаи тобистон барф омаду борон шуд.
Бархе пайи ободӣ, бархест ба бедодӣ,
Они дигар аз ҳар ду бингар, ки гурезон шуд.
Гардид замон дигар, гардид макон дигар,
Ду додари аз як хун дастобагиребон шуд.
Пурганҷ чу нодон аст, бедарду ғазалхон аст,
Доно, ки бувад нодор, безор зи сад ҷон шуд.
Лаққӣ сари минбар шуд, гӯши ҳавасам кар шуд,
Афтода ба рӯи роҳ устоди сухандон шуд.
Озурда шуда булбул, чун гашт ҷудо аз гул,
Дар гӯши гули хандон ҳар зоғ ғазалхон шуд.
Одоб куҷо рафта, яъне ки зи мо рафта,
Айби падару модар ё айби дабистон шуд?!
Ҳамдил ту чӣ меҷӯӣ, маҳфил ту чӣ меҷӯӣ?!
Бемеҳр шуда ҳар дил, бегонаи даврон шуд.
Ноаҳл писарро бин, ин хуни ҷигарро бин,
Баҳри падари бемор сарборию товон шуд.
То чанд фарозӣ қад, бешарм туӣ беҳад,
Эй хор, намедонӣ, гул зеби гулистон шуд?!
Дил хун шуда аз бозор, афсурда шуда бисёр,
Гоҳе ки дучоре ӯ бо тоҷири имон шуд.
Ҳайфи дили беморам, ҳайфи дили афгорам,
Навмед аз ин савдо, афтодаю ғалтон шуд.
Кам гашт дили ошиқ, ҳар ҷост пур аз фосиқ,
Ошиқ ту чӣ мепурсӣ, фосиқ чу ба ҷавлон шуд?!
Он нозираки носер, к-имрӯз бувад чун шер,
Бар ҷони заифи мо даррандатар аз он шуд.
Эй ёри ғамомӯзам, боз о, ки зи ғам сӯзам,
Бикшо дили зиндонӣ, бечора ба зиндон шуд!

*октябри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Гуфтам зи паяш дидаи мастам наравад, рафт,
Гуфтам зи ғамаш қалб зи дастам наравад, рафт.

Гуфтам, ки маро тарки вафо ӯ накунад, кард,
Моҳии тило аз дами шастам наравад, рафт.

Гуфтам, ки ҷудо аз мани мискин нашавад, шуд,
Он ёр, ки ӯро бипарастам, наравад, рафт.

Гуфтам, ки ба дил хори ҷафо ӯ назанад, зад,
Оне, ки ба ӯ меҳр бубастам, наравад, рафт.

Гуфтам, ки зи ман риштаи меҳраш наканад, канд,
Сармояи ободию ҳастам наравад, рафт.

*октябри 2009*

* * *

Дилро ҳаваси дидани ёр омада бошад,
Дар ёди вай афтодаву зор омада бошад.

Сайд аст аҷаб бисмилу афтода ба хоке,
Эй кош, варо майли шикор омада бошад.

То ин ки даме рӯи дилоро-ш бубинам,
Ду дидаи ман зору низор омада бошад.

Бемораму танҳост давои дили ман ӯ,
Пеши назарам чангу ғубор омада бошад.

Бар мулки дили сарду хазонам нафаси ёр
Ҷонбахш чу анфоси баҳор омада бошад.

*октябри 2009*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Пок дорӣ ҷону дил, дилдода пайдо мешавад,
Ғамгусоре бар дили афтода пайдо мешавад.

Эй ки дар даври пур аз ҷаҳли мураккаб метапӣ,
Шод зӣ, ки ҳамдами озода пайдо мешавад.

Ту магӯ, ки ғамзудое нестам дар зиндагӣ,
Ҳеҷ не, як ғамзудо чун бода пайдо мешавад.

Фитнакору гапкашон дар ҳар куҷо рӯ оваранд,
Буз, бихоҳӣ ё ки не, дар пода пайдо мешавад.

Зиндагӣ дорад аҷобатҳои хоси хешро,
Мешавад, ки гоҳ нар чун мода пайдо мешавад.

Аз ҷаҳолатпешагии олами фонӣ манол,
Ғам махӯр бисёр, ки ғамбода пайдо мешавад.

*октябри 2009*

* * *

То ҳусни туро ғулом моем,
Дасту дили эҳтиром моем.

Сӯзе, ки ниҳон ба сина дорем,
Сад қиссаи нотамом моем.

То сабзаи ишқи ту чаридем,
Афтода туро ба дом моем.

Бедор ба ёди рӯи моҳат
То субҳ тамоми шом моем.

Ҳарчанд ки сӯхтем аз ишқ,
Дар чашми ту лек хом моем.

Ҷон дар раҳи ту нисор орем,
Шоистаи як паём моем.

*октябри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Кам ҳалолам бишмарам пур аз ҳароми дигарон,
Ҷоми худ бар даст дорам ҷои ҷоми дигарон.

Ҷаҳд дорам то биёбам фикри бикру пухтае,
Чун туе пайрав набошам фикри хоми дигарон.

Сарбаландам з-он, ки як фармонравои ман дил аст,
Нестам фармонпазиреву ғуломи дигарон.

Ин манам як кафтари биншаста рӯи боми хеш,
Дил надорад майл ҳаргиз рӯи боми дигарон.

Ин туӣ, ки бар саломи кас ҷавобе нестат,
Дастҳо пеши барам ман бар саломи дигарон.

Дур дорам аз дилам мағрурию худдонамӣ,
Хешро ҳурмат кунам бар эҳтироми дигарон.

*ноябри 2009*

* * *

Эй воизи ҷон, бар ту ҷону дили мо банда,
Сӯзанда магӯ ҳарфе, гӯ матлаби созанда.

Донанда туӣ, донем, ронанда туӣ, донем,
Мошин таҳи ғор афтад, маст аст чу ронанда.

Моем чу ғамдида, бисёр аламдида,
Дигар ба ҳазор оҳе надҳем яке ханда.

Дил рӯзи хуше хоҳад, имрӯзи хуше хоҳад,
Фардо ки Худо донад, кӣ мурдаву кӣ зинда.

Аз кина магӯ дигар, дерина магӯ дигар,
Наврӯз шаву навпӯш, бигзар зи сари ҷанда.

Бо он ки сухан дорӣ, бо нанги ватандорӣ
Созанда бигӯ ҳарфат бар хизмати оянда.

*ноябри 2009*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Аз он нозам, сухансанҷу сухангӯ зиндагӣ кардам,
Ба зери сояи он чашму абрӯ зиндагӣ кардам.

Ба шеъре тар агар шодоб кардам гӯшаи қалбе,
Ҳазорон шукр мегӯям, ки чун ҷӯ зиндагӣ кардам.

Таҳаммулпешаам дар гирудори даври ҳиҷронаш,
Ба ёди васли рӯяш ҳамчу рахпӯ зиндагӣ кардам.

Ҳавас нобурдаам ҳаргиз гули гулзори дигарро,
Шамида як гули хушрангу хушбӯ, зиндагӣ кардам.

Мунофиқ аз мувофиқ гарчи дидам рӯзи беҳ дорад,
Мани якдил вале якҳарфу якрӯ зиндагӣ кардам.

Ба ёди шеър умрамро ба дасти бод биспурдам,
Ба уммеде барад бодаш ба ҳар сӯ, зиндагӣ кардам.

*октябри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ханда дар лабҳои ёрам гул кунад,
Ҳарфҳои гул ба корам гул кунад.

Ончунон дастам диҳад авҷу барор,
К-обрӯву эътиборам гул кунад.

Чун бирезад шаҳду шаккар аз лабаш,
Хорҳои рӯзгорам гул кунад.

Ҳар гаҳе бинам рухи хандони ӯ,
Дидаи уммедворам гул кунад.

Чун бигирам танг ӯро дар канор,
Сад чаман андар канорам гул кунад.

Боди ғам аз чеҳраи гул дур бод,
То саропои баҳорам гул кунад.

*октябри 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ҷуз пулу ҳисоб аз куҷо медонӣ,
Ҷуз хӯрдану хоб аз куҷо медонӣ?!

Писханд ҳамезанӣ китоби дастам,
Ту кайфи китоб аз куҷо медонӣ?!

Гуфтӣ ту маро, ки мекунӣ бӯи шароб,
Ту бӯи шароб аз куҷо медонӣ?!

Бо рӯю риё маро савоб омӯзӣ,
Худ кори савоб аз куҷо медонӣ?!

Як умр чу садр айшу ишрат дорӣ,
Ту халқу азоб аз куҷо медонӣ?!

Фарбеҳ шудаву харобро ханда занӣ,
Номуси хароб аз куҷо медонӣ?!

*декабри 2008*

* * *

Хешро аз ҷустуҷӯ дарёфтам,
Маъние дар тори мӯ дарёфтам.

Морро аз лонааш кардам бадар,
То тариқи гуфтугӯ дарёфтам.

Андаке фориғ шудан аз ранҷу ғам
Аз майу ҷому сабӯ дарёфтам.

То каме ширин намояд зиндагӣ,
Парваридан орзу дарёфтам.

Умри худро сарфи заҳмат кардаам,
Обрӯ аз оби рӯ дарёфтам.

*апрели 2009*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Девонаро ба гӯш садо мавҷ мезанад,
Дар косаи фақир ҳаво мавҷ мезанад.

Ҷӯши баҳор мечамад аз барг-барги шох,
Нози нигори сабзнамо мавҷ мезанад.

Осуда аз ҳунар бишаву молҷӯ машав,
Дар кӯи молдор бало мавҷ мезанад.

То ки шаванд соҳиби ҷоҳу ҷалолҳо,
Бешармӣ аз кучо ба кучо мавҷ мезанад.

Аз комилӣ аҷаб, ки басо дур мондаем,
Ҳар сӯ кунӣ нигоҳ, хато мавҷ мезанад.

Хоб аст кор як тарафу бор як тараф,
«Зери сипеҳр дасти дуо мавҷ мезанад».[1]

*апрели 2009*

---

1. Аз Соиб.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ту аз ҷаҳони дигарӣ ман аз ҷаҳони дигарам,
Ту дар замони дигарӣ, ман дар замони дигарам.

Ту мекунӣ танҳо ҳисоб, ман саҷда орам бар китоб,
Ту ёри ҷони дигарӣ, ман ёри ҷони дигарам.

Бишкастаӣ ту фарҳангро, ман дӯст дорам нангро,
Ту компрони дигарӣ, ман компрони дигарам.

Ту мекунӣ тавсифи пул, ман мекунам тавсифи гул,
Ту боғбони дигарӣ, ман боғбони дигарам.

Ту дӯстдори мансабӣ, бегонаи тобу табӣ,
Ту аз макони дигарӣ, ман аз макони дигарам.

Бигзашта солу моҳи мо, фарқ аст байни роҳи мо,
Ту достони дигарӣ, ман достони дигарам.

*январи 1999*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Мерасадам дам ба дам ҷабру ҷафои дурӯғ,
Мекушадам оқибат ҳарфу ҳиҷои дурӯғ.

Гуфтаӣ даври дурӯғ рафту пароканда шуд,
Лек биёяд ба гӯш боз садои дурӯғ.

Аз сари минбар дурӯғ, балки саросар дурӯғ,
Гӯй нафас гирам аз обу ҳавои дурӯғ.

Сӯҳбати додар дурӯғ, шафқати хоҳар дурӯғ,
Соф натобад дигар пешу қафои дурӯғ.

Шавҳару зан чун сагу гурба панохӣ буванд,
Карда ба берун вале сулҳу сафои дурӯғ.

Ғалча бигӯяд дурӯғ, калча бигӯяд дурӯғ,
Ку ҳакаме то диҳад доду ҷазои дурӯғ?!

*августи 1998*

* * *

Бишканам, ё нашканам қуфли сари ин шишаро,
Тавба хоҳам,ё ки бидҳам ман давом ин пешаро?!

Сар маро з-андешаву андеша аз сар дур шуд,
Бигзарам з-андеша ё бар сар кунам андешаро?!

Пеши ҳар бишкаста кӯза кӯзаҳои нав раванд,
Шох афтад, анде афтад, нек бингар решаро.

З-ин ҷаҳон бар он ҷаҳон бо сад гунохе бигзарам,
Эй Худо, бар қасди қабрам тез бинмо тешаро.

Сар кашад оташ, дигар хомӯш кардан мушкил аст,
Ҳуш дор, аз чашми шуъла дор эмин бешаро.

*ноябри 2003*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ёрони дар садорат моро гузар надоданд,
Ғӯтида дар сиёсат, моро гузар надоданд.

Хамқоматон ба боло рафтанд зина-зина,
Моем ростқомат, моро гузар надоданд.

Девори кӯшкҳошон чун маҳбас аст боло,
Бас дур аз саховат, моро гузар надоданд.

Ҷуз хештан касеро одам намешуморанд,
Бо кинаву адоват, моро гузар надоданд.

Мо ошно адабро, ҳам ғуссаву тарабро,
Бегонаҳои санъат, моро гузар надоданд.

Бечораву гадоем, бемолу бетағоем,
Эй вой бар раият, моро гузар надоданд.

Ин қадр носипосӣ, ин қадрношиносӣ
Рӯзе шавад ҳикоят, моро гузар надоданд.

*июни 2001*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Қадри коно беш аз доно бувад,
Ҷой дар боло зи бас коно бувад.

Зиндагонӣ рафта-рафта зӯр шуд,
Баски давра давраи доро бувад.

Нест банде то намоям худкушӣ,
Кам чу ман бадбахт дар дунё бувад.

Рафт даври одаму одамгарӣ,
Молу пул аз одамӣ боло бувад.

Рӯзи мо беҳтар нагардад, то даме
Дар таҳи по шеъри Мавлоно бувад.

*августи 1997*

* * *

Жолаву борону барф аз абр пайдо мешавад,
Нобасомонии мо аз ҷабр пайдо мешавад.

Эй бародар, бар дари мо бетамаллуқ по бинеҳ,
Варна ҳар ҷо ҷомаи истабр пайдо мешавад.

Ҳар қадар заҳмат кашидам, талхкомам то ҳанӯз,
Гӯиё ҳалво фақат аз сабр пайдо мешавад.

Дил маро аз дасти нодонии даврон мекафад,
Хайрият, ки ҷой-ҷое ҳабр[1] пайдо мешавад.

Ин ҷаҳон чун ҷангалистон асту харгӯшаш манам,
Ҳар кучо бар қасди ҷонам бабр пайдо мешавад.

Шоиро, аз тангдастият шикоят кам биёр,
Мур, агар мемурда бошӣ, қабр пайдо мешавад.

*июни 2001*

1. Ҳабр – доно.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Зиндагонӣ арсаи ҷаъду ҷадалҳо будааст,
Ҳайфи оне, ки таҳи пои дағалҳо будааст.

Сарф кардам нисфи умрам дар раҳи номи накӯ,
Лек олам олами кӯрону калҳо будааст.

Бори дигар корсозии замонам шуд аён:
Қисмати ҷоҳу ҷалоле бар маҳалҳо будааст.

Ҳаст бесоҳиб агар кас, қадру қимат несташ,
Қимати ӯ паст аз сангу шағалҳо будааст.

Баҳри нодоре, ки дорад бар дари доро ниёз,
Шодию фахр обмонӣ байни палҳо будааст.

Чораи дарди дилам аз ҷабру аз зулми замон
Як назар бар гӯрҳои кӯҳу талҳо будааст.

Дар ҷавоби ин ҳама дорумадору гирумон,
Дар забонам заҳр ширин аз асалҳо будааст.

*августи 2000*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Булбулему зиндагонӣ дар чаман дорем мо,
Лек қадри чун хасе пеши заған дорем мо.

Риштае бошем, бе дурру гуҳар афтодаем,
Ҷои гавҳар сад гиреҳ андар бадан дорем мо.

Як дари бикшода бошад, сад дари пӯшида аст,
Зиндагонӣ чун ғарибе дар Ватан дорем мо.

Ё зи нодорӣ бувад, ё нангу номуси зиёд,
Устухону пӯст зери пираҳан дорем мо.

Давлататро, савлататро ман нагирам ним ҷав,
На матое гарчи аз баҳри кафан дорем мо.

Дар худат гум гаштаӣ, андак фуро аз аспи кибр,
Ҳар чӣ бошад, хизмате аз ҷону тан дорем мо.

*феврали 2002*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Дилдорҳо зиёданд ё дилбарон зиёданд,
Сардорҳо зиёданд ё бесарон зиёданд.

Дунёст пур зи заҳмат ё пур бувад зи роҳат,
Бешанд коргарҳо ё сарварон зиёданд.

Дар байни халқи деҳқон-халқе, ки офарад нон
Ғамдида беш ё ки ғампарварон зиёданд.

Бечорамардҳоро ё рангзардҳоро,
Бозударозашон пур ё шалпарон зиёданд.

Имрӯз дар гулистон ё байни боғу бӯстон,
Камчин шудаст булбул, зоғу «қар»-он зиёданд.

Дилмонда менагардем, гар бишнавем гоҳе:
Мансабфурӯш як сӯ, мансабхарон зиёданд.

*марти 2004*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Чун шамъ сӯхтам ман, парвонаро биёред,
Ҳушёр нестам ҳеҷ, девонаро биёред.

Бе бол тойиреро дидӣ бувад ба парвоз?!
Ман ошиқи май астам, паймонаро биёред.

Афсонаву ҳақиқат мавҳум ҳасту мафҳум,
Аз ҳақ чу дур гаштем, афсонаро биёред.

Аз дарду сӯзи ҳиҷрон то рӯз сӯзадам ҷон,
Дурӯзаам чу меҳмон, ҷононаро биёред.

Аз ноҳақии даврон, аз фахру нози нодон,
Бешона аст мӯи ман, шонаро биёред.

То неку бад ба чашмам як лаҳза хуб тобад,
Сад илтиҷову зорӣ, ойинаро биёред.

Аз ҳофизони «пурдон» бешанд бас ғалатхон,
Дилгир гаштаам ман, Одинаро биёред.

*сентябри 2003*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Мо зи худмон бехабар афтодаем,
Баски дар фикри башар афтодаем.

Эй бародар, бо ҳама мастии худ,
Аз ту мо ҳушёртар афтодаем.

Аз чӣ менозӣ ба моли беши худ,
Мо зи ту бологузар афтодаем.

Хоби роҳатбахш дар ту нест ҳеҷ,
Мо на чун ту дар хатар афтодаем.

Ноумедиро ба дил надҳем ҷо,
Бо замона сарбасар афтодаем.

Ҳар кие бошӣ, раҳат бодо сафед,
Мо пайи касби падар афтодаем.

*сентябри 2003*

* * *

Бандаи чеҳраи маҳвора манам,
Дар ғамаш бо дили садпора манам.

Садқаи ваъдаи ширинаки ӯ,
Интизораш ба лаби бора манам.

Кори сад мард ҳамекардам пеш,
Ҳолиё як каси нокора манам.

Гаштам аз бебасарӣ пур хаста,
Гаҳ чу маҷнуну чу майхора манам.

Баракат аз бари ман рафт, дареғ,
Ин қадар муфлису бечора манам.

Ҳар кӣ ҳастам, ҳастам беозор,
Ба хаёли худам овора манам.

*июли 1998*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

*Ба Афзалшоҳи Шодӣ*

Суруди ту бувад ҷаззобу шоиқ,
Чӣ зебо мисли садбаргу шақоиқ.

Бисозад зинда қалби мурдаро бал,
Ту гӯӣ, ки ҳама раъд асту бориқ.

Саропо тоҷик асту Тоҷикистон,
Зи баски худ туӣ фарзанди тоҷик.

Ғазалҳоят пур аз меҳру муҳаббат,
Шарарбахшандаи дилҳои ошиқ.

Чӣ лаҳни тоҷикии тоза дорӣ,
Чу шеъри шаккари Махдуми Ҳозиқ.

Ҳамеша номи меҳан бар забонат,
Ватанро ин қадар бошӣ ту содиқ!

Яқин донам, ба ин фазлу камолат,
Сабақ бигрифтаӣ з-устод Лоиқ.

*октябри 2003*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Бар дидаи сарам
хобе намондааст,
Бар ҷони лоғарам
тобе намондааст.
Дар кунҷи хонаам
танҳо чу мурда хоб,
Бас ёри дилкашу
бобе намондааст.
Чун пир гаштаам
андар ҷавониям,
Майлам ба ҷуз майи
нобе намондааст.
Чандон гиристам
дар ҳасрати падар,
Дар чашмҳои ман
обе намондааст.

*июли 1998*

* * *

Ба хок афтод қадри «Шоҳнома»,
Намедонанд аксар сеҳри хома.

Ба садри маърифат додам китобам,
Агарчи нестам худ як алома.

Ба ман писханд зад он бесаводак,
Ба ҷои он ки бидҳад шодкома.[1]

Маро аҳвол то ҷое расидаст,
Ки бар тан бошадам як кӯҳнаҷома.

Зи ҳарзагӯйҳо дилгир гаштам,
Бикардам ёд Қутбии Кирома.

Дар айёме, ки завқи шеър мурдаст,
Бигӯям шеър ё надҳам идома?!

*августи 1999*

1. Ҳаққи қалам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ҳаҷри ёрам тоқату сабру қарорам мебарад,
Дидани рӯ-ш аз зимистон то баҳорам мебарад.

Сӯҳбати ҳамсӯҳбати фарҳангдурам мекушад,
Сӯҳбати фарҳангдор аз дил ғуборам мебарад.

«Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад», ба сӯи зодгоҳ
Орзуи дидани хешу таборам мебарад.

Пеши ҷоҳил гар кунад гарданкаҷиҳо оқиле,
Дида ин гарданкаҷиҳо, сахт орам мебарад.

Додарам, бемораму, боре намегирад хабар,
Сардию бемеҳрияш аз тан мадорам мебарад.

Чашмсерам, нестам парвои молу чизи даҳр,
«Ту чӣ дорӣ, ӯ чиҳо дорад, пашорам мебарад».[1]

Гарчи чанде дур сарсон аз диёрам гаштаам,
Оқибат аспи аҷал то бар диёрам мебарад.

*январи 2004*

---

1. Аз Ашӯр Сафар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Дил гувоҳӣ медиҳад ҷонона меҳмон мешавад,
Торикистон манзили мо равшанистон мешавад.

Мезудояд аз дилам дарду ғубору хастагӣ,
Пуртароват осмон аз резаборон мешавад.

Дарди дилро дар ҷаҳон дармон намеёбам агар,
Ҳарфи хубаш беҳтарин доруву дармон мешавад.

Ёр ноаҳл ар бувад, мушкил шавад осони ту,
Аҳл бошад ёр агар, сад мушкил осон мешавад.

Гар ҳунармандӣ, ба қадри хештан бояд расӣ,
Сад ҳунар медон, ки аз як айб пинҳон мешавад.

Дар дилаш дорад агар ҳар тоҷике меҳри Ватан,
Ҷаннатосо сарзамини Тоҷикистон мешавад.

*январи 2004*

* * *

Омадам, ки як нафас бо ман ғазалхонӣ кунӣ,
Сӯҳбате аз ҷону дил чун дӯсти ҷонӣ кунӣ.

Дӯст дорам беҳ зи зебоӣ фазилатҳои ту,
Беҳтар он аст аз фазилатҳо суханронӣ кунӣ.

Ҳам зи Ҳофиз хонию аз Бедилу аз Мавлавӣ,
Дар миёни зулмати шаб партавафшонӣ кунӣ.

Дил маро дар сина аз дурии ту девона шуд,
Ин дили девонаро як дам саробонӣ кунӣ.

Қалби хомӯши маро боре ба таҳрик оварӣ,
Хомаамро дар равуо хомаи Монӣ кунӣ.

Ташнаи лутфи туам, уммед дорам дар дилам,
Иди Қурбон омаду як бӯса қурбонӣ кунӣ.

*феврали 2001*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ошиқи Ҳофизаму мухлиси Соибаме,
Лек аз субҳ ба шаб луқмае толибаме.

Сар ба сад дар бизадам, кори ман буд нашуд,
Садр чӣ, рӯи хуше н-омад аз ҳоҷибаме.

Дар дами зиндагиям чун зағире ба ҷувоз,
Об шуд ҷону танам, дар назар қолибаме.

Буд як вақт маро шавкату шаъни дигар,
Хомаам ёд бувад, хомаи ғолибаме.

Нест дар хона маро, нест дар кӯча маро
Як каси нуктарасе, як каси ҷолибаме.

Ёд кардам, ба Худо, дасти пурмеҳри падар,
Ба куҷо сар бизанам, сари бесоҳибаме.

*апрели 2001*

* * *

Зулм дориву қарибам мекушӣ,
Бо усули пур аҷибам мекушӣ.

«Хонаи мо он қадар ҳам дур нест»,
Дар Ватан ранги ғарибам мекушӣ.

Пеши зулми ту надорад фарқ ҳеҷ,
Олимам ё ки адибам, мекушӣ.

Мезадӣ лофи вафою аҳдро,
Ин замон мисли рақибам мекушӣ.

Сер аз он кулчаи рӯят наям,
Аз ҷамолат бенасибам мекушӣ.

Шукр дорам, нест дигар чорае,
Ки ту манро, эй базебам, мекушӣ.

*феврали 2002*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Умр бошаст равон аст, равон,
Аз танам дур тавон аст, тавон.

Башитоб аспи ҷавонӣ аз чӣ
Ин қадар сахт давон аст, давон?!

Холӣ аз майлу ҳавас қалби ҳазин,
Роҳии роҳи замон аст, замон.

Ҳар қадар ҷаҳду ҷадал бинмояд,
Дасткӯтоҳтар он аст, ки он.

Худ ҷавону дилакам пир шудаст,
Зинда будан ба гумон аст, гумон.

Орзуҳои дили хаста вале
Сад дареғо, ки гарон аст, гарон –

Бурдани номи накӯ аз олам
Дар дилам, ҳайф, ниҳон аст, ниҳон.

*августи 2000*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Умрам ба охир омад дар раҳгузории ту,
Ду чашм хона карда дар интизории ту.

Фасли баҳор омад, гул бешумор омад,
Садбарги тозарӯи фасли баҳории ту.

Бе васли ту малолам, танг аст рӯзу ҳолам,
Эй ёр, ман фидои ду дасти ёрии ту.

Бигзашт Мору омад Аспи даванду тозӣ,
Эй кош, асп бошад аспи савории ту.

Чашми ғизол дидам, донӣ чӣ ҳол дидам,
Мекушту мекушад ду чашми хумории ту.

Дунёст пур зи мағрур (афти ғурур дар гӯр),
Дилдори хоксори хубу қатории ту.

Моро писанд бошӣ, толеъбаланд бошӣ,
Зинҳор менахоҳам эй ёр, хории ту.

*январи 2002*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Гарчи худ як марди раҳ афтодаам,
Зор аз чашми пагаҳ афтодаам.

Дасткӯтоҳӣ чӣ тобам додааст,
Ҳамчу ришта пургираҳ афтодаам.

Дар ҳунар асло надорам дасти кам,
Аз чӣ бошад пургунаҳ афтодаам.

Ё ки ҷои ростон ояд агар,
Ман сабук монанди каҳ афтодаам?!

Садри кори мо намебинад магар,
Ё ки аз чашмаш панаҳ афтодаам.

Эй ки хондӣ шеъраки манро, бубахш,
Баски пур бо оҳу ваҳ афтодаам.

Ҳар чӣ бошад, дӯст, манро ёд ор,
Чунки бар ҳоли табаҳ афтодаам.

*феврали 2002*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ин қадар бар дилакам панҷа задӣ,
Ин чӣ бегонагию ин чӣ бадӣ?!

Заррае меҳр намондаст ба ту,
Ин чӣ девигарию ин чӣ дадӣ?!

Сари ман паст шуду қомати ман,
Сарбаландӣ туву болойқадӣ.

Ё чу як каллаи хар ҷар шудаам,
Ё ки ту чун гули рӯи сабадӣ.

Ҳеҷ не ки ғазабат дур шавад,
Чӣ рақам ҳастӣ, чӣ хелӣ ададӣ?!

*феврали 2002*

* * *

На ҳамеша обрӯ дар калла аст,
Гоҳ-гоҳе обрӯ дар салла аст.

Эй Худо! Наврӯзи пурборон биёр,
Чашмсерии ҷаҳон аз ғалла аст.

Гови момои Асал зояд агар,
Чошнӣ ҳамсояҳоро фалла аст.

Аз гапи ноҷо дилам маҳзун шавад,
Хоби роҳатбахши тифл аз алла аст.

Рост шину рост хезу рост рав,
Рӯсияҳ як умр з-он ки далла аст.

*феврали 2002*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ИЛТИҶО

*Барои табиби дил Соҳиб Боқӣ*

Нагӯям, эй Худо, бар ман сарӣ деҳ,
Ва ё фарру шукӯҳу акбарӣ деҳ…

Наёзорам дили бечораеро,
Маро дилдор бошу дилбарӣ деҳ.

Зи шеъри Хоҷа то ки гардам огаҳ,
Ту ёдам шеваю лафзи дарӣ деҳ.

Дили пурдардро дармон бубахшо,
На ин ки рӯи сурхам асфарӣ[1] деҳ.

Нагардам сарддил то ин қадар ман,
Камеам шавқу завқу боварӣ деҳ.

Кушо ду панҷаи афшурдаамро,
Ба монанди падар хонгустарӣ деҳ.

Ба дилҳо хона монад то ки меҳрам,
Чу Соҳиб Боқиям одамгарӣ деҳ!

*феврали 2004*

1. Асфарӣ – зардӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Қалби мо пурорзӯ бошад,
Доимо дар ҷустуҷӯ бошад.

Аз шунуди бад чӣ пурдард аст,
Ҳасраташ ҳарфи накӯ бошад.

Чун ниҳоле боғбон хоҳад,
То ки дар нашъунумӯ бошад.

Бо ҳабибе, к-огаҳи он аст,
Ташнаи як гуфтугӯ бошад.

Бе ҳавасҳояш назиям ман,
Ҷом пурмай аз сабӯ бошад.

Бо ғаму дардаш азиз астӣ,
Гул азиз аз рангу бӯ бошад.

*марти 2004*

* * *

Эй дилам, дар сӯхтан чун машъалӣ,
Лек танҳо мондаиву бевалӣ.

Бо ҳаводисҳои даврон мард бош,
Ғолиб ояд ҳар касе дорад ялӣ.

Ранҷ бурдӣ, ганҷ пайдо мешавад,
Орзу пайдо шавад аз танбалӣ.

Як нигоҳи гарм таскинам диҳад,
Дарди по ёбад шифо аз сандалӣ.

Гул кунад дар лаб табассум, бегумон,
Ёд ар ояд лутфи Мирзо Файзалӣ.

*марти 2004*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

*Барои дӯстам Фозил*

Шеър гуфтан агарчи мушкил шуд,
Лек бо амру хоҳиши дил шуд.

Дил гаҳе ҳамраҳи замон астӣ,
Гоҳ бо ин замон муқобил шуд.

Оқилон кам ба чашми дил тобанд,
Гирду атроф пур зи ҷоҳил шуд.

Ҳобилу хулқи ӯ фаромӯш шуд,
Ҳар куҷо васфи хулқи Қобил шуд.

Панди пире ба гӯши дил мондаст, –
Мулк хуррам зи шоҳи одил шуд.

Захми дил-ш андаке шифо ёбад,
Ҳар касе ҳамнишини Фозил шуд.

*марти 2004*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҒАЗАЛЕ ПЕШ АЗ МАРГ

Ҷонам раҳо шуд охир аз каш-каши замона,
Бори дигар надидам афсӯс лек хона.

Ҳам лутфу меҳри модар, ҳам шафқати бародар –
Оне, ки монда будӣ аз қиблагаҳ нишона.

Зебост гуфтӣ олам, шодӣ куну маҳӯр ғам,
Ҷуз ғам вале надидам, дар гӯр ин фасона.

Оне, ки рост мерафт, ному нишон надорад,
Оне, ки кач нишаста, мондаст пурнишона.

Аз кардаву зи гуфта гаштам басо пушаймон,
Оё ки карда бошам кори дуруст ё на?!

Аз дард пуразобам, ҷони дар изтиробам,
Танҳо ба хона хобам, чун мурда дар миёна.

Аз ёри сангдил ҷуз дарду алам надидам,
Аз даҳр меравам, ҳайф, бе шафқати занона.

Ҳамсӯҳбате набудам ғайри падар ба дунё,
Сад шукр, гаштам инак, пеши падар равона.

*июли 1998*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

*Ба ёди падарам*

Дар таҳи пои касон чун намадам,
Ҳамчу ту сактаи дил мекушадам.

Дар чунин рӯз, ки аз мо гузарад,
Гум шавад ким-кучҷое ҷасадам.

Эй Худо, рӯзу шабон нола кунам,
Ки бубахшой ту ҳар неку бадам.

Хӯрдаам хуни дилам беш, бидон,
Ҳар гаҳе ки гапи ноҷой задам.

Танам андар дами марг аст мудом,
Бахш осудагие дар лаҳадам.

Монд мероси зиёд аз падарам,
Кошки табъи равонаш расадам.

*июли 1998*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Войи ҷони ба танам, шод бимон,
Меравад аз баданам, шод бимон.

Қаҳру нози ту дилам бигрифтаст,
Нашунидӣ суханам, шод бимон.

Ончунон заҳри ҷудоӣ хӯрдам,
Талх бошад даҳанам, шод бимон.

Нохун аз гӯшт чӣ сон партоянд?!
Эй, ту ними баданам, шод бимон.

Ту чӣ? Дигар нашиносам худро,
Ин манам ё на манам, шод бимон.

Гули бехор набошад ба ҷаҳон,
Гули зеби чаманам, шод бимон!

*феврали 2002*

* * *

Рӯи бистар чанд рӯзеам касал,
Бар димоғам мерасад бӯи аҷал.

Одамӣ ояд ба дунё, меравад,
Тарс дорам, меравам ман бемаҳал.

Ҷомҳое, ки паёпай хӯрдаам,
Заҳр будастанду хӯрдам чун асал.

Эҳ, аҷаб пур аз хатое зистам,
Гарчи бишнидам ҳазору як масал.

Дӯстонам дар суроғам нестанд,
Ёд кардам шоиру шеъру ғазал.

Шояд ором аст гӯри тангу тор,
Меравам, пур хаста гаштам аз маҒал.

*феврали 2002*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Умри ширини ҷавонӣ бигзарад,
Чеҳраҳои арғувонӣ бигзарад.

Ёри ҷонӣ то абад монад ба ҷон,
Ёри нониву забонӣ бигзарад.

Мекунам бо сояи худ ҷанг, агар
Тофта рӯ, ёри ҷонӣ бигзарад.

Бар зану шӯ пойгаҳ хандидааст,
Шӯрдозии фалонӣ бигзарад.

Ҷони ширини маро дигар марон,
Ё биронӣ, ё наронӣ, бигзарад.

«Соқиё паймона деҳ, паймона деҳ»,
Рӯз зуду ногаҳонӣ бигзарад.

Он қадар нодида бошам, дидаам,
Хуб донам, зиндагонӣ бигзарад.

Хезу о бар хонаи сарди Гурез,
Мавсими оташфишонӣ бигзарад.

*феврали 2002*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Дунёи бемадоро дидам, надида будам,
Дунёи пур зи ғавғо дидам, надида будам.

Бигрифта ӯ ба ногоҳ аз ҷаҳл риши додо,
Ин сон ҷавони расво дидам, надида будам.

Як сӯ манолу молаш, раҳм оядам ба ҳолаш,
Бозори пур зи савдо дидам, надида будам.

Музди ҳади ақалро бобо харад ду собун,
Беиззатии бобо дидам, надида будам.

Дидам гаҳе гадоро дар зиндагӣ, валекин
Беқадрии гадоро дидам, надида будам.

Нотиқ зи рӯи минбар гӯяд дурӯғи зебо,
Макру дурӯғи зебо дидам, надида будам.

Аз ноҳақии дунё дилмурдаам, диламро
Бешавқу бетаманно дидам, надида будам.

*майи 2004*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ба ҷуз амри дилам амре пазируфтан намехоҳам,
Хушомад пеша карда, чун ту бишкуфтан намехоҳам.

Ту дар банди шикам ҳастиву дарди дил намедонӣ,
Аз ин рӯ дарди дилро пеши ту гуфтан намехоҳам.

Ба он маҳфил, ки гуфтан шеър азон дар гӯши хар бошад,
Ғазалгӯиву хушхониву дур суфтан намехоҳам.

Агар ҳамсӯҳбате дорам, ба дарди дил расад қадре,
Шавам то рӯз банди сӯҳбаташ, хуфтан намехоҳам.

Чу донам, воизо, буду набуду тору пудатро,
Ягон ҳарфи туро бо меҳр бишнуфтан намехоҳам.

Ба рӯзи ростон айбу гуноҳу макру фандатро
Саросар фош хоҳам гуфт, бинҳуфтан намехоҳам.

* * *

Мо аз сари симу зари дунё гузаштаем,
Аз баҳри ҷоҳу курсии боло гузаштаем.

Аз дарси рӯзгор ба мӯҳои рехта
Чун мӯшикоф аз ҳади дилҳо гузаштаем.

То он ки даррасем ба ҷои муносибе,
Аз имтиҳони мардуми доно гузаштаем.

Бо ёди як карашмаи Лайлии хештан,
Маҷнунсифат зи домани саҳро гузаштаем.

Бал бо адӯи хеш наварзем мо бадӣ,
Аз кӯчаи салоҳу мадоро гузаштаем.

Дар ҷанги тан ба тан ба даду деви зиндагӣ
Чун Рустами далеру тавоно гузаштаем.

*июни 2008*



[барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед](https://bikhon.tj/)

* * *

Натавонам ба замон ҳеҷ мутобиқ бишавам,
Ба ҳаромиву пули муфт мувофиқ бишавам.

Чор сӯ менигарӣ, ҳилаву макр асту фиреб,
Эй Худо, дор нигаҳ з-он, ки мунофиқ бишавам.

Гум шуда меҳру вафо, ҷои варо пул гирифт,
Садқаи ҳамнафасу ҳамдами содиқ бишавам.

Дилам аз зиндагии сарду хунук танг омад,
Ба замон бори дигар кошки ошиқ бишавам.

Шавам осуда каме аз ғаму дарди дунё,
Ҳар гаҳе ғарқ ба шеъри тари Лоиқ бишавам.

*августи 2004*

* * *

Ҳар чеҳра сазовори ойина намебошад,
Ҳар дил чу дили шоир бекина намебошад.

Моем, ки сар то по бошафқату бораҳмем,
Санг аст турову дил дар сина намебошад.

Молу зари бисёре ҷамъ орию баҳри мо
Монандаи «Шаҳнома» ганҷина намебошад.

Гуфтӣ ту карахтиҳо даврони азизи мо,
Имрӯзу пагоҳи ту бе дина намебошад.

Сад зинаи тайкарди нодони амалдоре
Дар пеши мани доно як зина намебошад.

Эй дӯст «Фалак»-ро гар то бар фалак афрозӣ,
Овози ту овози Одина намебошад.

*майи 2004*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ҳар гуноҳи карда бо ранҷу азобам мекушад,
Дар тарозуи амал тарси ҷавобам мекушад.

Дасткӯтоҳам, надорам қудрати кори савоб,
Ҳасрати бинмудани кори савобам мекушад.

Мезанӣ бангу китоберо варақ кай мезанӣ,
Ин қадар беқадрии килку китобам мекушад.

Ҳоли зори модари фарзанддури бенаво
Бо дили садпораву чашми пуробам мекушад.

Кордро бинҳодаӣ дар гардани моли хароб,
Зории чашмони ин моли харобам мекушад.

Раҳму меҳр андар дили бедардҳо кай ҷо шавад?!
Орзуи раҳму меҳри касмаёбам мекушад.

Воизи минбар, ки маккор асту мегӯяд дурӯғ,
Ҳилаву макру фиреби ин ҷанобам мекушад.

Чун наёбам бо ҳунар рӯзе забони даҳрро,
Ин фиребо бо дили пурсӯзу тобам мекушад.

*майи 2004*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Дили ман бемаҳал аз дарди дунё пир мегардад,
Гумонам ин замон побастаи занҷир мегардад.

Калоба карда гум ҳаргиз намеёбам сару нӯгаш,
Ба дафтар ин ҳама кай бо қалам тасвир мегардад?!

Бидидам, ки ҷавоне қадри пиронро намедонад,
Бадавлат он ки гирди пири ботадбир мегардад.

Фанои ҳеракаш бар қаъри ҷонам кора бинмояд,
Чуноне ҳероин дар устухон ҷогир мегардад.

Амалдоре бидидам, хуни мардум мехӯрад умре,
Ду чашми ҳайратам сӯяш, ки ӯ кай сер мегардад.

Касе ки аз замона хӯрда бошад як лагад боре,
Гурезон аз ҳаромӣ то абад чун тир мегардад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Нахоҳад дил ба ҷуз наззораи дилдор майлеро,
Ба ҷонам дӯст дорам рӯи пурнури суҳайлиро.

Ба қадри ошиқиҳо кай расӣ, эй булҳавас охир,
Агар воқиф набошӣ қиссаи Маҷнуну Лайлиро.

Туи сиҳҳат чӣ медонӣ ғаму дарди мани бемор,
Ки нобино бидонад қимати ҳарфи Брайлиро.

Надорӣ сӯз агар дар дил, машав меҳмони ин маҳфил,
Ки шоирҳо намехоҳанд меҳмони туфайлиро.

*августи 2004*

* * *

Ёр аз хона бадар меояд,
Ин қадар тозаву тар меояд.

Ба назар дилкашу зебост аҷаб,
Чун гули вақти саҳар меояд.

Зи қудумаш ба тани хастаи мо
Ҷони рафта зи дигар меояд.

Сӯхт аз дарду алам ҷону ҷигар,
Доруи ҷону ҷигар меояд.

Кошки лаҳзаяке лутф кунад,
Варна моро чӣ хатар меояд?!

Бе висолаш, ба Худо, хор шуда,
Умри ширин ба ҳадар меояд.

*ноябри 2007*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҒАЗАЛИ МУФЛИС

Эй пул, агар ба ҷебакам ой, чӣ мешавад,
Боре ба мо ту рӯй намой, чӣ мешавад?!

Дар баҳри қарзи барқу газам ғӯтавар мудом,
Моро зи баҳри қарз рабой, чӣ мешавад?!

Ҷон меканам зи субҳ ба шаб дар талоши ту,
«Бар чашми ман чу сурма дарой, чӣ мешавад?!»[1]

То чанд ҳамчу хасм гурезӣ зи мо ба қаҳр,
Бо мо суруди сулҳ сарой, чӣ мешавад?!

Бечорагиву камбағалӣ гӯй, то ба кай,
Эй ҷон, агар зи тан бибарой, чӣ мешавад?!

* * *

Қомат аз бори замон мешиканад,
Пирро фасли хазон мешиканад.

Навниҳоле, ки шуда сабз ба боғ,
Сахт шуд бод вазон, мешиканад.

Беадаб ҳеҷ ба мақсад нарасад,
Аҷалаш шохҷавон мешиканад.

Эй ки болойфуку баддаҳанӣ,
Ҳаст муште, ки даҳон мешиканад.

По қади кӯрпа бинмой дароз,
«Зӯри беҳуда миён мешиканад».

Бода пеш ор, сабӯҳӣ бикунем,
Сарам аз дарди гарон мешиканад.

*октябри 2004*

1. Аз Сайидои Насафӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

* * *

*Барои ҳамсарам*

Дили мо аз ту як соат ҷудоиро намедонад,
Зи худ рафтасту ҳаргиз бархудоиро намедонад.

Надорад ғайри ту дар рӯи олам ҳеҷ ғамхоре,
Ба ҷуз ту бо дигар кас ошноиро намедонад.

Қасам бар ҷонамози ҳазрати Хизри Масеҳодам,
Вафодор асту ҳаргиз бевафоиро намедонад.

Намегирад гапамро, медиҳам ҳарчанд таскинаш,
Ки саркаш гашта ӯву гапдароиро намедонад.

Зи даргоҳат марон ӯро, ки металбад зи ту лутфе,
Тамоми умр гарчанде гадоиро намедонад.

Мабодо, ки хатое рафта бошад, дор маъзурам,
Ба олам ку ҳамоне, ки хатоеро намедонад?!

*октябри 2004*

* * *

Моем, ки аз марҳамати ёр фитодем,
Дур аз нигаҳи ҳамдаму ғамхор фитодем.

Дар шаҳри пури фанду пури ҳилаву найранг
Бисёр дилозурдаву афгор фитодем.

Шуд ном маро майзада дар кӯчаву бозор,
Ҳарчанд ки дар майкада як бор фитодем.

Ҳар рӯз шавад дарди сари мо чӣ зиёда,
Саргаштаи ин оламу бозор фитодем.

Як ҷав нахарам, додаракам, кибру ғурурат,
Одамгарие, ҷӯра, харидор фитодем.

*март 2007*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

*Барои Қиёмиддин Чақал*

Рӯи пурнурат бубинам, дил мунаввар мешавад,
Даҳр равшан з-офтобу моҳу ахтар мешавад.

Хуб медонам зи тақдири бузургон, ҳар замон
Мехӯрад хуни ҷигар, ҳар кас ҳунарвар мешавад.

Нест нақше зиндагиро бе шумо, санъатварон,
Кулча хушрӯву базеб аз холи муғпар мешавад.

Ҳар кӣ бинад санъати волои ту боре агар,
Бемуҳобо, бо ту дар дунёи дигар мешавад.

Баҳс ҳар гоҳе равад аз одаму одамгарӣ,
Қимати ту бо хуми тилло баробар мешавад.

Мерасад бар қуллаи уммед рӯзе бегумон,
Ҳар киро виҷдону заҳмат ёру раҳбар мешавад.

*апрели 2005*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ҷафодида сари бозор моем,
Ки афтода зи рӯи кор моем.

Биёяд шеъри мо аз ростиҳо,
Ки мухлис гуфтаи Ғаффор[1] моем.

Наранҷонем ҳаргиз мо дилеро,
Канор аз ранҷу аз озор моем.

Ба ин нодорӣ аз ту беш бошем,
Мапиндорӣ, ки як нодор моем.

Туӣ бешафқату бераҳму дилсанг,
Ба ҳар дил мушфиқу ғамхор моем.

Бувад ағёр баҳри мо чу ағёр,
Барои ёр ҳар ҷо ёр моем.

*декабри 2005*

1. Ғаффор Мирзо.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Бар дари ман нигор меояд,
Дар зимистон баҳор меояд.

Жолаву барф бенишон гашта,
Сабзаву гул қатор меояд.

Қар-қари зоғ меравад аз боғ,
Савти хуби ҳазор меояд.

Лашкари ғам зи мулки дил рафта,
Шодӣ андар канор меояд.

Табъи мастам зи завқи рӯи ӯ
Бар саманде савор меояд.

Навниҳоли умеди ҳастиям
Ғунча баста, ба бор меояд.

*июли 2006*

* * *

Дилам аз ғайбати бисёр бигрифта,
Зи кӯву кӯчаву бозор бигрифта.

Ба кӯву кӯчаву бозор пур беор,
Дилам аз галлаи беор бигрифта.

Намеёбӣ гули бехор дар олам,
Дилам аз ҳар гули пурхор бигрифта.

Ба ҷуз озору ранҷ аз кас намебинам,
Дилам аз ранҷу аз озор бигрифта.

Ҳама неъмат насиби морбозон[1] аст,
Дилам аз бозию аз мор бигрифта.

Шавад обод ин дунё зи корубор,
Дилам аз тӯдаи бекор бигрифта.

*марти 2003*

---

1. Ба маънои ҳиллагар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ПАРАСТУИ ДИЛ

*(Рубоӣ ва дубайтиҳо)*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## РУБОИҲО

Эй он, ки туӣ соҳиби озода назар,
Сад барги тару тозаи мо хонӣ агар,
Чун рӯи хушу бӯи хуши вақти саҳар
Садбарги тару тоза биёбӣ яксар.

Сад оламу сад рози дигар мо дорем,
Дар тирашабон субҳи саҳар мо дорем.
Берун нагузорем қадам аз раҳи ҳақ,
Ин пилта ба гӯш аз падар мо дорем.

Савдозодаи кӯи ту бошем дигар,
Обе ба лаби ҷӯи ту бошем дигар.
Бар кӯи дигар чашми ҳавас моро нест,
Ду дидаи нам сӯи ту бошем дигар.

Ман ҳусни туро ба сад гулистон надиҳам,
Ҷуз дар қадамат дар қадаме ҷон надиҳам.
Осон, ки наомадаст ин мушкили мо,
Бар мушкили худ ҳазор осон надиҳам.

То дидани дӯстон мукаррар бошад,
Шодиву нишоти мо муқаррар бошад.
Ҳар гоҳ ки дил тира шавад аз ғаму дард,
Аз суҳбати дӯстон мунаввар бошад.

Як рӯз баҳори ману ту мегузарад,
Як рӯз хумори ману ту мегузарад.
Ғофил ту машав аз ин ҳама авҷу барор,
Ин авҷу барори ману ту мегузарад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Аз Ваҳдати худ давлати дунё дорем,
Рухсораи сурху сари боло дорем.
Ваҳдат, ки бақои ману ту буду бувад,
Подории он ба дил таманно дорем.

Ваҳдат, ки бинои меҳр бунёд ниҳод,
Қуфли дари сад ҳазор уммед кушод.
Ҳарфи шакари Ваҳдати мо мешунавӣ?
Ширинтар аз ин ҳарф дигар ҳарф мабод!

То ҳарфи дилат рӯи варақ рехтаӣ[1],
Оташ ба дили анҷуман ангехтаӣ.
Пайдост, ки номи ту бимонад ҷовид,
Симурғ шуда, тухми сухан бехтаӣ.

Ёрон зи дами субҳи саҳар баҳра баред,
Аз партави умри даргузар баҳра баред.
Доред ба дил ҳавои гулхандаи шеър,
Аз суҳбати хуби Гулназар баҳра баред.

Модар, зи аёдати ту дур афтодам,
Бе моҳи рухат ба қаъри гӯр афтодам.
Ту зиндаиву надидамат се сари сол,
Инро бинигар, ки ранги кӯр афтодам.

Гӯё ки ҳама дард даво шуд охир,
Шоиста муаллим ба ҷазо шуд охир.
Гӯед ба мо Шумо, ки шогирдонед,
Унвони баланди мо[2] куҷо шуд охир?!

1. Ёде аз устод Лоиқ.
2. Муаллими шоистаи Тоҷикистон дар назар аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бархе ба сари роҳи хато афтоданд,
Аз бебасарӣ бин, ба куҷо афтоданд.
Бегонаи одобу тамизанд, аҷаб,
Яъне, ки зи маърифат ҷудо афтоданд.

Ман садқаи ту, мулки тарабободам,
Қурбони туам, эй Ватани озодам.
Дар ишқи ту аз бешарафӣ парҳезам,
Шодам, ки шарафзода бувад бунёдам.

Ман шефтаи шеъру сухан мебошам,
Ошиқ ба дами мурғи чаман мебошам.
Асло ҳаваси мулки дигарро нахӯрам,
Як шукргузори ин Ватан мебошам.

Чун аз нигаҳат бӯи вафо меояд,
Боде ба муроди дили мо меояд.
Ҳар зарраи ҷони рафта кайҳо зи танам
Баргашта ба тан ҷудо-ҷудо меояд.

Хушбахт касе, ки аз худаш бохабар аст,
Бар ҳар чӣ ки ояд ба сараш, бозафар аст.
Дар ҷанги ҳаводиси замон медонӣ,
Авлойтарин силаҳ дуои падар аст?!

Дар ишқу вафо ҷон, дилакам, яктоӣ,
Чун ошиқи сарсупор беҳамтоӣ.
Ҳаргиз нашавӣ хор ту, чун рӯзу шабон
Бо дарду ғами мардуми худ якҷоӣ.

Дил ҳусни таваҷҷуҳи замон мехоҳад,
Бечора, ба худ нигоҳбон мехоҳад.
Чун навданиҳоли зи назар дуршуда
Парвою нигоҳи боғбон мехоҳад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Хушбахт манам, ки дар барам ёри ман аст,
Дар печухами ҳаёт ғамхори ман аст.
Атре ки дили мурдаи ман зинда кунад,
Атри нафаси ёри вафодори ман аст.

Бар мулки сухан чу эҳтиром овардам,
Бар ёри сухансанҷ салом овардам.
Завқе агарам бар сухану шеър бувад,
Аз сӯҳбати Қутбии Кирои овардам.

Моро ба ҳунар завқи назар афтодаст,
Боло зи ҳама касб ҳунар афтодаст.
Авҷи «Фалак»-у сӯзи ғамомӯзи фалак
Дар хониши Гулчеҳра[1] дигар афтодаст.

Аз одами бадҷаҳл нигаҳ дор, Худо,
Аз ҳар сари беақл нигаҳ дор, Худо.
Чун озими роҳи сафари дур манам,
Аз ҳамраҳи ноаҳл нигаҳ дор, Худо.

Дар кишвари ишқ ҷонфишон бояд буд,
Дилдаркафу сарбози замон бояд буд.
Хоҳӣ, ки Ватан хурраму обод шавад,
Дунболи раҳи сарвари он бояд буд.

Дил шефтаи ҳусни каломи Бозор,[2]
Ҳар рӯз варо ёд кунад сесад бор.
Як шеъри тараш ба шеъри мо гардонӣ,
Ҷевон бишавад пур зи китоби ашъор.

Эй дӯст, биё, ба пешвозат хезам,
Гулчанбари меҳр гарданат овезам.
Оне ба дарам бе ғаразу кина шавад,
Пеши қадамаш ҷону дилам мерезам.

1. Гулчеҳра Содиқ.
2. Бозор Собир.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз дарди сухан дур наям, шукрона,
Ҳарчанд ки машҳур наям, шукрона.
Бо чашми дилам дарди замонро бинам,
Чун ту сари дилкӯр наям, шукрона.

Дар покдилӣ мо дигару ту дигарӣ,
Моем ҳунарманд, ту як беҳунарӣ.
Зинҳор, ки дар хонаи дил ҷо нашавӣ,
Чун каҷталабу каҷнигаҳу каҷназарӣ.

Ҳар тифл ки лаб кушод, Модар гӯяд,
Ҳар гаҳ ки зи по фитод, Модар гӯяд.
Чун аввалу охири ҷаҳон Модар ҳаст,
Ку саркашу бадниҳод, Модар гӯяд?!

Шеър аст маро дилбару дилдода манам,
Як шоири бекинаи озода манам.
Дар даҳри мураккабе, ки дил монда шавад,
Бар рағми фиребу макр як сода манам.

Рӯи падарам намеравад аз ёдам,
Шеъри падарам бувад беҳин устодам.
Ҳар гоҳ ки дил додрасе мехоҳад,
Панди падарам ҳамерасад бар додам.

Ҷонам, падарам, китоби ту мебӯям,
Дар сафҳаи он бӯи туро меҷӯям.
Роҳе, ки ту рафтаӣ, ба ҷовидон бод,
То ҳаст нафас, роҳи туро мепӯям.

«Гулбоғ»-и[1] туро кушода, хонам ҳар бор,
«Ояд ба машомам ҳама дам»[2] бӯи баҳор.

1. «Гулбоғ» – номи китоби ашъори Ашӯр Сафар.
2. Таъбири Бозор Собир.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Андар сари ҳар сатр шавам ғарқи хаёл:
Бошад, ки чу ту боз биёяд ба диёр?!

То ақл бувад, чашми замона боз аст,
То шӯр бувад, нағмаву чангу соз аст.
То шавқ бувад, ба сар хаёле печад,
То завқ бувад, шеър танинандоз аст.

Омад хабаре, ки ёр ояд ба суроғ,
Бишкуфта аз ин мужда дилам ҳамчун боғ.
Аз омаданаш бӯи хазон мерезад,
Дил тоза шавад зи ғуссаву ҳасрату доғ.

Эй дӯст, назебадат чунин боди бурут,
Сарҳам шаву беҳуда магӯ, варз сукут.
Ғофил машав аз фишори пайдарпайи даҳр,
Обат бикунад яқин, ба монанди қурут.

Шукрона, ки ман рӯ ба сухан зистаам,
Дилшефтаи мурғи чаман зистаам.
З-овози ту дил сер нашуд, Одина,[1]
Сад шукр, ки дар даври ту ман зистаам.

Хоҳам, ки фақат пайрави Қосим[2] хонад,
Бар гӯши дилам башавқ доим хонад.
Ду-соата консерти радио шунавам,
Шояд, ки яке Одина Ҳошим хонад.

Чун роҳгузори падару ҷад бошам,
Воқиф зи ҷаҳони неку аз бад бошам.
Ҳар гоҳ дилам байти баланде хоҳад,
Ҷӯёи ту, эй Одинааҳмад,[3] бошам.

1. Одина Ҳошим.
2. Қосим Ҳошим – падари Одина Ҳошим.
3. Одина Ҳошим.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо ту дилам осудаву тинҷ афтодаст,
Бе ту набзаш чу бонги синҷ[1] афтодаст.
Як рӯз бубинӣ, аз ғамат реза шуда,
Дар хок ба монанди биринҷ афтодаст.

Эй ёр, чу омадӣ, дилам гул бинӣ,
Лаҳни хуши ман чу лаҳни булбул бинӣ.
Аз шодии барзиёд чун донаи наск,
Бозии дилам ба рӯи ҷулҷул[2] бинӣ.

Бар ҳар дили номурод хун мегирям,
Ояд ҳама дам ба ёд, хун мегирям.
Эй кош, зи ҷо сиҳҳату бардам хезӣ,
Бар бистари умрбод хун мегирям.

Гӯянд: зи боғи маърифат гул чинӣ,
Дидори накӯи ёрро мебинӣ.
Эй дил, ту бирав, маърифат омӯз дигар,
То чанд ҷудо зи талъаташ мешинӣ?!

Оинаи беғубор бошад дили мо,
Ҳарчанд ки беқарор бошад дили мо.
Шодам, ки дар ин замонаи меҳргусил
Ҳамранги дили нигор бошад дили мо.

Об аст, ки бар ташна шифо мебинам,
Офоқ пур аз оби сафо мебинам.
Обе, ки зи чашмаи хирад меояд,
Бомаззатар аз оби бақо мебинам.

---

1. Синҷ – яке аз асбоби мусиқӣ; ду табақчаи филизини доирашакл, ки ба ҳамдигар мезананд.
2. Ҷулҷул – доира, даф.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй дил, ки шудӣ зи дарду ғам полуда,
Ғамдор машав зи будаву нобуда,
Чанде ки будӣ худкушу бегонапараст,
Акнун ба сари хеш[1] бизӣ осуда.

Эй ёр, биё, ба тан мадорам, ту биё,
Дил сард шудаст, навбаҳорам, ту биё.
Дар давраи ҳукмронии мағрурӣ
Эй ёри азизи хоксорам, ту биё.

Бигзашт зимистону баҳор омадааст,
Моро ҳаваси рӯи нигор омадааст.
Шодам, ки қатори ҳама гулҳои баҳор,
Гулҳои муроди дил ба бор омадааст.

Мӯру малахи ғам ба дилам тунд шудаст,
Бар дил ғами беш яккаохунд шудаст.
Бе ту бувадам мурғи сухан парканда,
Боз ой, ки нӯги қаламам кунд шудаст.

Озодию хуррамии ҷон мегузарад,
Як рӯз ба дасти ҷонситон мегузарад.
Бо чашми дилат зеби ҷаҳонро бинигар,
Шерозаи зебои ҷаҳон мегузарад.

Маъмур,[2] ғаме, ки дар ҷаҳони ту бувад,
Сад қиссаи ногуфтаи ҷони ту бувад.
Зинҳор магӯ хонаи дил вайронаст,
Маъмурии дил шеъри равони ту бувад.

Шукрона, ки обод Ватан афтодаст,
Сарсабз чу гулбоғу чаман афтодаст.
Шодоб шавад «Адиб»-и мо низ, даме
Фарҳоди Карим кӯҳкан афтодаст.

1. Ишора ба Истиқлол.
2. Сайидалӣ Маъмур дар назар аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бар дафтари мо нуру сафо меборад,
Нурест, ба ҷону тани мо меборад.
Нури хираду фалсафаву нури сухан
Якҷой шудасту аз Зиё[1] меборад.

Гулбонии боғи орзу ёд бигир,
Пайванди ниҳолони накӯ ёд бигир.
Эй дил, ту бирав, забони тоҷикии ноб
Аз «Гардиши девбод»-и[2] ӯ ёд бигир.

Наврӯз, ки дар фасли баҳор омадааст,
Гулҳои шукуфта дар канор омадааст.
Ҳар гул ки ба лаб хандаи ширин дорад,
З-он ханда кунад, ки пеши ёр омадааст.

Гаҳ з-ин бари кӯҳ рухат намоён мешуд,
Гаҳ з-он сари кӯҳ рӯи ту хандон мешуд.
Пурнур Ҳабибуллоҳ[3] буд чеҳракушод
Чун шед, к-аз ӯ ҷаҳон дурахшон мешуд.

Чун садр, ки қарсакат ба гӯшам ояд,
Ронда шуда, пак-пакат ба гӯшам ояд.
Чун халтаи ҷурғоти ба шох овезон
Мегирйию чак-чакат ба гӯшам ояд.

Эй ёр, бувад бӯи баҳорон дар ту,
Ҳам нуру сафои рӯзгорон дар ту.
Ҷонбахш бувад ҳар нафасат баҳри дилам,
Покиза ҳавои баъди борон дар ту.

Аз рӯзи азал бо дили боз омадаӣ,
Покизаниҳоду покбоз омадаӣ.

---

1. Зиё Абдулло дар назар аст.
2. Китоби Абдулҳамид Самад.
3. Ҳабибулло Файзулло дар назар аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳарчанд ки номи ту ниҳоданд Ниёз,[1]
Бо дидаи сер бениёз омадаӣ.

Бар хонаи тори худ сафо мечӯям,
Аз ҳар дили бемеҳр вафо мечӯям.
Бе дӯст кӣ дидаст сафои дили худ?!
Эй дӯст, биё, ки ман туро мечӯям!

Гум бе рухат аз чашми тарам хоб шавад,
То рӯз назар ба сӯи маҳтоб шавад.
Тарсам, гузарам ба ормон аз ғами ту,
Як рӯз дилам дар ғами ту об шавад.

Хоҳад дилакам, ҷои хуше сайр равад,
Ё дар пайи як-ду амали хайр шавад.
Лекин зи ғами замони бе меҳру вафо,
Саркаш шуда, по ба ҷониби дайр[2] давад.

Дигар ба сари роҳи хато мо наравем,
Дигар ба ҷафои ошно мо наравем.
Акнун ки раҳи бануri худ медонем,
Дигар зи пасат, таккаи расво, наравем.

Оҳиста гузорем қадам ҳар яки мо,
Шоиста гузорем қадам ҳар яки мо.
То хуни Ватан бурун наояд зи дигар,
Дониста гузорем қадам ҳар яки мо.

Зинҳор дигар маҳалпарастӣ накунем,
Санги дағалу шағалпарастӣ накунем.
Тоҷе бикунем фикри пурнури замон,
Афкори каму касалпарастӣ накунем.

---

1. Амакам Ниёз Сафар дар назар аст.
2. Дайр – майхона.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Оби дараи Сулҳу Сафо менӯшам,
Аз шаршараи Сулҳу Сафо менӯшам.
Шукрона, ки ҷону тан ҳаловат бурда,
Аз манзараи Сулҳу Сафо менӯшам.

Хушбахт касе бо дили пок омадааст,
Дар хизмати халқ синачок омадааст.
Ғижжак ба наво ҳамедарояд ширин,
То аз думи асп симачок[1] омадааст.

Ваҳдат, ки зари қимати мо ҳаст, бидон,
Ҳифзи дари он санъати мо ҳаст, бидон!
Роҳе, ки барад ҷумлаи мардум ба мурод,
Ин роҳ раҳи Ваҳдати мо ҳаст, бидон!

Ҳарчанд ки ман нони на осон хӯрдам,
Ҳар луқмаи худ ба заҳмати ҷон хӯрдам.
Эй гурсначашм, байни мо фарқ бувад,
Серӣ ки зи хони падарам нон хӯрдам.

На аз дами сарди як-ду тан метарсам,
Аз чашми ниқори анҷуман метарсам.
Аз оқибати захми бадан бокам нест,
Аз оқибати захми сухан метарсам.

Ӯ донаду ман бидонамат – нодонӣ,
Гарчи калапо фишонамат, нодонӣ.
Яъне, ки саропои ту нодон бошад,
Аз ду тараф ар бихонамат, нодонӣ.

Завқест маро, неку бадат мефаҳмад,
Бар шеър дили нобаладат мефаҳмад.
Нозӣ ту ба хонандаи беши суханат,
Хонандаи ту чени худат мефаҳмад.

1. Симачок – асбобе аз қил, ки бо он ғижжакро менавозанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй ёр, биё, дар бадани ман ҷон шав,
Бар дарди дили хастаи ман дармон шав.
Бо ёди ту хонаву дарамноруфтаст,
Бар хонаи норуфтаи ман меҳмон шав.

Ободгарӣ буду бувад пешаи дил,
Полудаи ҳар гард бувад шишаи дил.
Зинҳор дар ӯ рози ниҳоне набувад,
Дар рӯи варақ рехта андешаи дил.

Дил аз ғами пур хаставу ранҷур шуда,
Оянда аҷаб хароб манзур шуда.
Азбаски намондааст қадре ба сухан,
Чашми ҳавасам сӯи замон кӯр шуда.

Бонангу бавиҷдону баимон моем,
Ободгари ҳар дили вайрон моем.
Бар дарди касон чорагаре ноёбем,
Дар чораи дарди хеш ҳайрон моем.

Дигар ту магӯ зи ғам, ки мо ғамзадаем,
Дар кӯи мурод балки мотамзадаем.
Будем ниҳоли бебаре, рост будем,
Акнун ки бабар шудем, як хамзадаем.

Як умр ҷалолеву шукӯҳ мекобӣ,
Биллаҳ ба гумон аст, ки онро ёбӣ.
Аз зуқ-зуқу аз хушомаду даври зиёд
Чун аспи ҷувоз дар назар метобӣ.

Имрӯз ҳама ба гирумон афтодаст,
Бар аҳли қалам ҷафои ҷон афтодаст.
Ман тарки китобу дафтарам хоҳам кард,
Дунё чу ба дасти нокасон афтодаст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сад шукр, маро каме ки файзу самар аст,
Аз неку бади замона моро хабар аст.
Бар ҳодисаи замона тоб орам ман,
Бар гӯш зи бас панди Ашӯри Сафар аст.

Эй хома, маро ба ҷои ҷонам бошӣ,
Андар баданам зӯру тавонам бошӣ.
Рӯзе, ки аз ин ҷаҳон равам, ғам нахӯрам,
Донам, ки чу нахл соябонам бошӣ.

Эй шеър, маро ҷабру ҷафоӣ, донам,
Ҳастии маро амну бақоӣ, донам.
Зинҳор мабод он, ки бе дасти расост,
То умр бувад, дасти расоӣ, донам.

Аз омади Наврӯз маро мефорад,
Наврӯз фақат тухми муҳаббат корад.
Бархезу биё ба хонаи мо, додар,
Наврӯз зи сина кина берун орад.

Наврӯз шуду туро ҷавон мехоҳам,
Монандаи боғ гулфишон мехоҳам.
Абрӯт каме ту, ёр, бикшода бигир,
Зебо дамаке зи бас ҷаҳон мехоҳам.

Наврӯз ба шоми тор нурам ту бидеҳ,
Афсурдааму тавону зӯрам ту бидеҳ.
Аз дӯстӣ зиндагӣ биёбад зиннат,
Одинаву Қутбию Ашӯрам ту бидеҳ.

Наврӯз, зи ту насиб мехоҳам ман,
Дурафтода қариб мехоҳам ман.
Сарсабзии мардум аз адаб ҳаст, яқин,
Сарсабзии ҳар адиб мехоҳам ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз оташи ишқ баҳравар бояд буд,
Аз сӯзиши ишқ бохабар бояд буд.
То ки раҳи бенури ту равшан гардад,
Аз шӯълаи ишқ шӯълавар бояд буд.

Ободии шаҳр аз маҳал мебошад,
Дору ба тани хаста асал мебошад.
Зинҳор нахоҳам, ки равам бар маҳале,
Пайваста агар шӯру мағал мебошад.

Дар шаҳри калон одами бисёр бувад,
Ағёр яке, они дигар ёр бувад.
Аз ҳамгузарон азиз аст он, ки маро
Дар мурдаву дар зинда мададгор бувад.

Дар синаи бемор ғами бисёр аст,
Аллоҳ тасаллои дили бемор аст.
Ширин бувад ин зиндагии зудгузар,
Зеро ки насиби ҳама кас як бор аст.

Аз мақдами ту[1] хонаи дил шод шуда,
Вайронаи деринаам обод шуда.
Дарду аламу ғуссаву сӯзи куҳанам
Аз бӯи нафасҳои ту барбод шуда.

Аз шеваи он нигор гул мерезад,
Гӯё зи дами баҳор гул мерезад.
Чун дидаи эътибор бар мо дӯзад,
Аз дидаи эътибор гул мерезад.

Аз ишқ, ки як ғамзадаи нокомам,
Овораву раҳгумзадаи айёмам.
Он гуна ки имрӯз таҳаккум дорад,
Ман садқаи нури қадаҳи Хайёмам.

---

1. Дӯстам Абдуҷаббор дар назар аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй ёраки сабзинаи деринаи мо,
Равшан бувад аз рӯи ту оинаи мо.
Он қадр зи ишқи ту ғазалҳо гуфтем,
Ёде бикун аз булбули дар синаи мо.

Имрӯз, ки ёри нозанин омадааст,
Моҳе зи само рӯи замин омадааст.
Чун рамзи расидаи муҳаббат дар дил
«Себе ба даруни остин омадааст».

Фирдавсии Тӯси сахтсар аз сангам,
«Шаҳнома»-и ту маншаи ору нангам.
Бо деви сиёҳе, ки туро қадр нахонд,
Чун Рустами Дастони ту ман мечангам.

Дар аҳду вафо на ҳар кӣ содиқ бошад,
Содиқ бувад он касе, ки ошиқ бошад.
Боде ба муроди дили ошиқ бивазад
Ҳар шеър, агар чу шеъри Лоиқ бошад.

Ман ёди туро зи рӯзгорон ҷӯям,
Бӯи хуши ту зи барги торон ҷӯям.
Мавзунии шеъри ба алам гуфтаи худ
Аз шим-шими борони баҳорон ҷӯям.

Ҳар қадр ки дилсанг туӣ, нарм манам,
Ҳар қадр ки дилсард туӣ, гарм манам.
Аз шарм гаҳе сурх шавад ду бари рӯ-т,
Ошиқ ба ду рухсори пур аз шарм манам.

Рафтию дилам гум зада аз раҳпоӣ,
Мӯест ба каф маро зи ту савғое.
Эй кошки афсона гаҳе рост шудӣ,
То мӯи ту оташ бизанам, боз оӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Об аст, ки бар ташна равонаш донем,
Сарсабзии боғу бӯстонаш донем.
Обе, ки зи чашми модарон мерезанд,
Бадбахтии сад мулку ҷаҳонаш донем.

Ҳоли дили мо фақат қалам медонад,
Ҳар қатраи ашки мо алам медонад.
Бедард ба ҷони мо ситам медорад,
Қадри ғами мо сӯхтағам медонад.

Бечораву хор меравам, рост равам,
Овораву зор меравам, рост равам.
Зинҳор чу ту ҳарфи хушомад назанам,
Гар бар сари дор меравам, рост равам.

Фарзанди падар, кай ба Ватан меоӣ?!
Эй ҷони равон, кай ту ба тан меоӣ?!
Рӯзе, ки агар кӯр шавам чун Яъқуб,
Дигар чӣ ту бар суроғи ман меоӣ?!

Боре ту биё суроғи мо, Олуфта,
То кай дилам аз ёди ту бод ошуфта?!
Боз ой, ки мо ташнаи дидори туем,
Дар дил бувадам сад сухани ногуфта.

Бо шеъри равон рафту равон рафту равон,
Чун баҳри дамон рафту дамон рафту дамон.
Шерафкани майдони сухан буд Лоиқ,
Ҳарчанд ҷавон рафту ҷавон рафту ҷавон.

Ҳаргиз ҳавасу майли газофе накунам,
Чашме тарафи ҷуз майи софе накунам.
Умрам гузарад чу боди зулфи сари шеър,
Чун Лоиқ агар мӯйшикофӣ накунам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Панҷоҳ баҳори умри ман рафту гузашт,
Дар ёди рухи хуби сухан рафту гузашт.
Гар хуб бигуфтаам сухан ё нохуб,
Дар ёди Ватан, ёди Ватан рафту гузашт.

Гоҳе сухане чу нуктадон овардам,
Дар рӯи варақ пораи ҷон овардам.
Бар ҳар чӣ ки оварда манам, хуш бошам,
Киштест маро, чу деҳқон овардам.

Ҷононаи мо зеби ба зеб омадааст,
Аз шарм рухаш сурх чу себ омадааст.
Шаҳбачча шуда шефтаи ҳусни накӯ-ш,
Аз тахт нигар, ки сарнишеб омадааст.

Бо ёди ту дар дилам чӣ ғам афтода,
Бар дидаи ман ашки алам афтода.
Дар золимию саркашию сангдилӣ
Монандаи ту ками ба кам афтода.

Гӯё, ки ҳама дард даво шуд охир,
Шоиста муаллим ба ҷазо шуд охир.
Гӯед маро шумо, ки шогирдонед,
Унвони баланди ӯ[1] куҷо шуд охир?!

Эй ғунчаи зебояки нашкуфтаи ман,
Эй гавҳари пинҳонаки носуфтаи ман.
Мӯи сияҳам дар ғами ту гашт сафед,
Эй шеъраки нобудаву ногуфтаи ман.

---

1. Муаллими шоистаи Тоҷикистон дар назар аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДУБАЙТИҲО

Зи қарзи беш аз мардум гурезам,
Зи нодорӣ гаҳе бо худ ситезам.
Намози шому ҳар кас дар суҷуд аст,
Худо, хобам барад, дигар нахезам.

Бародар, ман туро пур ёд кардам,
Агарчи кам бувад, дил шод кардам.
Набудам раҳкирое пешат оям,
Зи муфлис буданам фарёд кардам.

Сари кӯҳи баланду нест зина,
Ҷавониҳо гузашту нест дина.
Агар хуни падар ҷорист дар ту,
Биё пеши ману андоз кина.

Ҷавонӣ рафтаасту ёри содиқ,
Гузашт он рӯз, ки ман будам ошиқ.
Зи садҳо ошиқиву содиқиҳо
Ба ёдам мондааст абёти Лоиқ.

Ситора мезанад чашмак паси ҳам,
Набошад ҳеҷ касро сина беғам.
«Худоё аз балоҳоят нигаҳ дор»,
Ки дар дунё набошад дасти ман кам.

Худо, то зиндаам, номам нигаҳ дор,
На заҳре, шаҳд дар комам нигаҳ дор.
Ба ҷо меоварам ҳар фарзу суннат,
Ки ту аз нони ҳарромам нигаҳ дор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Биё, бе ту чу Маҷнун мешавам ман,
Ба қаъри ноумедӣ меравам ман.
Биё, мегирамат рӯ-рӯи дастам,
Ба ҷонам мехӯрам садҳо қасам ман.

Туро бо қаҳру нозат дӯст дорам,
Ба гашничу пиёзат дӯст дорам.
Намеранҷӣ, агар лутфе бигӯям –
Ба нози думдарозат дӯст дорам.

Чу меҳрат дар дили ман хона дорад,
Дилам парвои қаҳри ту надорад.
Яқин донам, ки рӯзе гашта оӣ,
Ки қадре шоири девона дорад.

На ғофил аз ҷаҳон бояд зиҳӣ ту,
Тавонои замон бояд зиҳӣ ту.
Чу дигарҳо бароят ҷон фишонданд,
Барои дигарон бояд зиҳӣ ту.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ДУ ЗАБОН
# ДАР ЯК ДАҲОН

***(Ашъори ҳаҷвӣ)***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ЗАМОНИ КИСАГӢ

Мондаем андар замони кисагӣ,
Нардбонаш нардбони кисагӣ.
Посбонаш посбони кисагӣ,
Боғбонаш боғбони кисагӣ.

Киса пур кун, то зи ғам гардӣ раҳо,
Киса пур кун, дард то ёбад шифо.
Киса пур кун, то тамошо меравӣ,
Ҷони мо гӯёст ҷони кисагӣ.

Додаре хоҳӣ, нигар бар кисаат,
Хоҳаре хоҳӣ, нигар бар кисаат.
Ҷони ман, зинҳор осоне магир
Зистанро дар ҷаҳони кисагӣ.

Гар саломе оварӣ, аз киса пурс,
Эҳтироме оварӣ, аз киса пурс.
Ҳолпурсӣ гум шуда дар кӯчаҳо
Ҳамчунон дар телефони кисагӣ.

Ҷустуҷӯҳо ҷустуҷӯи кисагӣ,
Гуфтугӯҳо гуфтугӯи кисагӣ,
Обрӯҳо обрӯи кисагӣ,
Ҷони манро вораҳонӣ, эй Худо,
Аз замону аз макони кисагӣ!

*июни 2009*

* * *

Кам нест касоне, ки дур аз хирад афтода,
Ҳамсояи тори сар моро чӣ бад афтода.

Ҳамвора кунад ғавғо, беист бикӯбад по,
Бар хони ман оромӣ пур нобалад афтода.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дорам чу дили пурғам, мондаст зи умрам кам,
Гӯё ки дар ин дунё ӯ то абад афтода.

Оташ бифирӯзонад аз хору хаси ғайбат,
То дар дили танги ӯ рашку ҳасад афтода.

Чун гапкашу гапчин аст, олам ҳама бадбин аст,
Гап дар дами гарми ӯ як нею сад афтода.

Чун нек назар мондам бар чеҳраи ӯ, хондам:
Бераҳмию дилсардӣ ӯро зи ҷад афтода.

*майи 2009*

## БА ҲОФИЗОНИ ТӮЙГАРД

Бо шавқ саро, майле:
«Эй ёр, биё, майле!

Меҳмон шаву меҳмон шав
Моро ба саро, майле.

Бо мӯзаи пурлоят
Бар хона даро, майле.

Чун мӯза набикшодӣ,
Бикшой қабо, майле.

Чун занҷабили сурхӣ,
Аз қаҳр фуро, майле.

Андар сари бемӯям
Эй мӯй баро, майле.

Раққоса, ки дар ҷӯш аст,
Рақсад калапо, майле.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чун барф биборад пул
Аз тори ҳаво, майле.

Бар каллаи бемағзам
Эй мағз, даро, майле!»

*майи 2009*

* * *

Аҷаб раҳбар, ки ман дидам, чи фарёд аз ҷигар мезад,
Ба марги мансаби ҷонаш думушта тори сар мезад.

Ҳамекардӣ ба доду шеванаш гӯши фалакро кар,
Падар танҳо чунин фарёд дар сӯги писар мезад.

Ба ҳасрат ёд карда давраю даврони хушнозӣ,
Маломатҳо ба даврею ба даврони дигар мезад.

Агарчи бо гуноҳу айби худ аз давра берун шуд,
Ба дигарҳо зи нафрин ҳамчу каждум неши тар мезад.

Ту гӯӣ умр бе мансаб ба поён омада ӯро,
Ба гӯри тангу торике худашро бехабар мезад.

Ба тобуташ бубардореду мири гӯр хонедаш,
Вагарна гӯри модарро сари гӯри падар мезад.

*июни 2009*

* * *

Кӣ гуфт, ки пора ту нагирӣ?!
Дар олами пора чун амирӣ.

Бе пора ба кас нигаҳ насозӣ,
Аз пора туруст сарфарозӣ.

Рӯзу шаби ту ба пора мондаст,
Тобу таби ту ба пора мондаст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ин қасри баланди ту зи пора-ст,
Ин аспи саманди ту зи пора-ст.

Ин карру фарат зи пора бошад,
«Фатҳу зафар»-ат зи пора бошад.

Ҷуз порахӯрӣ ҳунар надорӣ,
Аз покхӯрӣ хабар надорӣ.

Бар пора вуҷуди худ фурӯшӣ,
Пайваста агарчи медурушӣ –

Зинҳор надидамат, ки серӣ,
Балки ту зи мурда пора гирӣ.

Як рӯз, ки пора ту нагирӣ,
Ҷонпора шавӣ, ба ҷо бимирӣ.

*июни 2009*

* * *

Алҳақ, ки ту носеҳи замонӣ,
Бо тарзи худат сухан биронӣ.

Чун олим агар ба гап дароӣ,
Гӯё ки салим фикр ронӣ.

Худро шуморӣ ба пандҳоят
Чун «сарви ҳадиқаи маонӣ»[1].

Бо фалсафаву ба ҳикмати худ
Гӯё ки ягонаи замонӣ.

«Олам ҳама даргузар» бигӯӣ,
Ҷуз хеш, ки хеш ҷовидонӣ.

1. Таъбири Саъдӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Лекин нашунидаам, ки боре
Бесаҳв ту шеъраке бихонӣ.

Охир ту куҷову шеър? Баргӯ!
Вақте ки Арӯзро надонӣ?!

*июли 2009*

## БА РОҒУН РАВ!

Яқин аст ин зи оғозат –
Надорад шира овозат.
Лаёқат ҳам надорӣ ҳеҷ,
Набошад ҷӯр дар созат.
Макун моро ҷигархун, рав!
Биё, бас кун, ба Роғун рав!

Чӣ китфу бозуе дорӣ,
Ки дусад тонна бардорӣ,
Расад судат ба Меҳан беш,
Агар нанге ба дил дорӣ.
Ба дашту кӯҳу ҳомун рав,
Биё, бас кун, ба Роғун рав!

Китоберо намедонӣ,
Намедонам, чӣ мехонӣ.
Ба ҳарфи пучу бемағзат
Дили моро биранҷонӣ.
Зи рӯи саҳна акнун рав,
Биё, бас кун, ба Роғун рав!

На шармею ҳаё дорӣ,
Чу духтар ишваҳо дорӣ.
Ба ин чашмакзаниҳоят
Ишора бар куҷо дорӣ?!
Макун бозии маймун, рав,
Биё, бас кун, ба Роғун рав!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба Роғун рав, ки нур орӣ,
Ба ҷону дил сурур орӣ.
Бидонӣ қадри заҳматро,
Бурун худро зи гӯр орӣ.
Зи ту гардем мамнун, рав,
Биё, бас кун, ба Роғун рав!

*августи 2009*

* * *

Андеша бикун, эй дӯст, то ҳарфи даҳан гӯӣ,
Носи даҳанат парто, он гоҳ сухан гӯӣ.

Оҳиста бигӯ ҳарфат, дониста бигӯ ҳарфат,
Дархӯрд бувад то он бар ҷону ба тан, гӯӣ.

Дар курсии мурватдор як лаҳза худатро дор,
То ки сухани пучат бар ӯву ба ман гӯӣ.

Хониш ки надорӣ ту, дониш ки надорӣ ту,
Қар-қар суханат бошад, чун зоғу заған гӯӣ.

Гоҳе ки кунӣ ғайбат бо ҳилаву бо санъат,
Андар назарам тобад, монандаи зан гӯӣ.

Дил дор ту дар сина покиза зи ҳар кина,
Аввал даҳанат чайқон, в-он гоҳ Ватан гӯӣ.

*сентябри 2009*

## МУХАММАСИ ЗАМОН

Чӣ сон ҳамсояе бошӣ, ки ҳастӣ бехабар аз мо,
Чу ҷинне, ки зи бисмиллаҳ гурезад, дар ҳазар аз мо?!
Натарс аз мо, биё бо мо, намебинӣ зарар аз мо,
Худатро чанд мегирӣ каси вологуҳар аз мо?!
Таваққуф кун, даме бишнав каломи мухтасар аз мо.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Туро мо хуб бишносем умре, ки ба сар дорем,
Зи пиндору зи гуфтору зи кирдорат хабар дорем.
Назорат тарзи аъмоли туро шому саҳар дорем,
Туро дунёи дигар ҳасту дунёи дигар дорем,
Ки воқиф кай шавӣ охир ту бо ду гӯши кар аз мо.

Ту онӣ, ки ба ҷои мо сари сардорҳо будӣ,
Ба дастат қуфлу мифтоҳи тамоми корҳо будӣ.
Ба ҳукму ихтиёри ту ҳама анборҳо будӣ,
Ҳамеша дастболое сари бозорҳо будӣ,
Ҳама айши ҷаҳон аз ту буду хуни ҷигар аз мо.

Чу узви ҳизб гӯё росткору ростгӯ будӣ,
Ҳақиқатро, адолатро ҳаме дар ҷустуҷӯ будӣ.
Зи инсофу зи виҷдон ҳар куҷо дар гуфтугӯ будӣ,
Ба дил аммо дигар нийят, дигар сон орзӯ будӣ,
Ки пинҳон розу асрорат будӣ шому саҳар аз мо.

Вале аслат ба дарди муфт хӯрдан мубтало будӣ,
Чу ғоратгар сари мардум бало будӣ, бало будӣ.
Ба молу кори давлат бетараҳҳум, качнамо будӣ,
Ки ҳатто рӯзи сахтияш вабо будӣ, вабо будӣ.
Бубахшову макун уммед тавсифи дигар аз мо.

Зи шаш ҷову зи шаш кӯву зи шаш сӯ мекашидӣ ту,
Чи бефикру чи бераҳму чи берӯ мекашидӣ ту.
Ки мурғон аз ҳаво, моҳӣ зи Яхсӯ мекашидӣ ту,
Зи деҳқон ғӯзаву аз гов порӯ мекашидӣ ту.
Ба ин бодавлатӣ будӣ валекин гушнатар аз мо.

Шуда рӯзи туи бадхӯ, ба дасти ҳизб афтодӣ,
Зи носерӣ чу ношукру чу масти ҳизб афтодӣ.
Чу як зоти касифеву чу пасти ҳизб афтодӣ,
Наҳанги гурсначашме ба шасти ҳизб афтодӣ,
Ки гӯши мо шунидиву бидидӣ чашми сар аз мо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зи хони ҳизб ҳамчун муфтхоре ранда гардидӣ,
Миёни халқ, дузду рӯсияҳ, шарманда гардидӣ.
Шуда мотамсарое хонаат, беханда гардидӣ,
Зи ёрони забониву зи нонӣ канда гардидӣ,
Ки худ пӯшидатар гаштӣ туро девору дар аз мо.

Туву ту вори дузду муттаҳамҳо ҳизб барҳам зад,
Туву ту вори пасту кам зи камҳо ҳизб барҳам зад.
Туву ту вори дур аз дарду ғамҳо ҳизб барҳам зад,
Туву ту вори пучи сарварамҳо ҳизб барҳам зад.
Ба майдони набарде гум шуда сайфу сипар аз мо.

Замона чун дигар гардид, аз сар сар баровардӣ,
Ба қасду нийяту афкори дигар сар баровардӣ.
Чу гурге ҷомаи меше ту дар бар сар баровардӣ,
Қафо не, бо зинавсозон баробар сар баровардӣ,
Ки то аз нав дурушӣ ҳар дарахту ҳар самар аз мо.

Зи нав duздиву duздидиву ҳоло ҳам чу як дуздӣ,
Агарчи мешавад ҳар рӯз молат зам, чу як дуздӣ.
Ба дуздӣ мебарӣ фарзанди худро ҳам, чу як дуздӣ,
Намоӣ гарчи худ гоҳе чу як Ҳотам, чу як дуздӣ,
Худат инро ҳамедонӣ, гумонам хубтар аз мо.

Агар дузде набудӣ, аз куҷо ин Қаср пайдо шуд?!
Чӣ сон дар ин замони қаҳтсолӣ сар ба боло шуд?!
Зиёда аз чиҳил дандони Барбоси ту тилло шуд?!
Яқин донам, ҳама аз заҳмати пайдарпайи мо шуд.
Ҳама инро рабудӣ динаяк пеши назар аз мо…

Кунун Ҳақро чу шахси поку содиқ саҷда меорӣ,
Агарчи будаӣ золу[1] мунофиқ, саҷда меорӣ.
Набудӣ зистанро балки лоиқ, саҷда меорӣ,
Ба ёдат омада фирдавси шоиқ, саҷда меорӣ,
Бигӯ, оё намеранҷад Худои тори сар аз мо?!

*сентябри 2009*

---

1. Зол – фиребгар, шайтон (аз шева).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Маъзур дор эй, ту маро нотиқи замон,
Чун хиштрез шеъри маро пурғалат махон.

Ҳар сатр чун ба хуни дил иншо ҳамешавад,
Аввал ту қадри хуни дили шоирон бидон.

Ин равшан аст, сӯз надорӣ ту дар дилат,
Бе сӯз дигар аз сари минбар сухан марон.

Ҷонам ба шир нею ба шеър омада ба тан,
Раҳме ба ҳоли ман куну бозӣ макун ба ҷон.

Яъне, ки шеър ҳаст чу ҷон дар забони мо,
Аз шеър зиндааст, бидон, асрҳо забон.

Чун хиштрез хонӣ агар пурғалат ту шеър,
Ҷон аз танам бадар шавад он лаҳза бегумон.

*августи 2009*

* * *

Шунав ин нуктаро, бегонаи мо –
Адаб сар мешавад аз хонаи мо.

Зи бас бонангу бономус ҳастем,
Ғами дунёст бори шонаи мо.

Зи шаб то рӯз шамъи мо бисӯзад,
Бигардад гирди он парвонаи мо.

Ту, ки худ ҳеҷ гаҳ ошиқ набудӣ,
Чӣ медонӣ дили девонаи мо?!

Надорӣ ошноӣ нуктаеро
Зи садҳо қиссаву афсонаи мо.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҷиҳози хонаи ту симу зар бод,
Китоб астӣ гули кошонаи мо.

Бувад ҷононаи ту айшу ишрат,
Дигар бошад вале ҷононаи мо.

Аз ин рӯ (узр мепурсем), соиб,
Намеарзӣ ба як паймонаи мо.

Намеарзӣ ту бо қасри баландат
Ба як каф хоку чанги хонаи мо.

*сентябри 2009*

## РАИСИ ЛОФ

*(аз забони котиба)*

Эй раиси лоф, мегуфтӣ тавоноям туӣ,
Роҳи ман бастасту гӯё роҳбикшоям туӣ.

Гарчи назди кормандон духтарат хондӣ маро,
Ҳар замон гуфтӣ ба танҳоӣ, ки барноям туӣ.

Бо ҳавасҳое нишонда дар сари зонуи хеш,
Гуфтиям зебояки ширини танҳоям туӣ.

Ваъдаҳои хел-хеле дода мегуфтӣ маро
Соҳиби ояндае бар хонаву ҷоям туӣ.

Боварат мекардаму дил дода будам бар ту ман,
Дар гумонам, дар ҳақиқат роҳбинмоям туӣ…

Бевафоӣ аз ту буд ё аз вазифа, к-ин замон
Рафтаӣ аз курсию дур аз гузарҷоям туӣ?!

Рафтию аз рафтанат номи баде бар ман бимонд,
Мӯҷиби номи баду тақдири расвоям туӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз чӣ рӯзи истироҳат боз зангам мезанӣ?!
Дар раҳи бустонсаро гӯӣ, ки раҳпоям туӣ.

Бар ягон ҳарфи ту дигар боварӣ дар дил намонд,
Хуб фаҳмидам кунун, як корношоям туӣ.

*ноябри 2009*

* * *

Бе ту, эй мансаби ҷон, банда чӣ хор омадаам,
З-эҳтирому назари гарм канор омадаам.

Бо ту аз фахр сарам дошт баландӣ ба само,
Бе ту имрӯз аҷаб сархаму зор омадаам.

Ҳар ду будем ба ҳам ҷуфти сазовори замон,
Ҳамчунон ёри ҷудо аз бари ёр омадаам.

Оҳ, якбора маро аз ту ҷудо гардонданд,
Сӯи бадхоҳ кунун чашми ниқор омадаам.

Балки бо завҷаи худ бо сари хам ҳарф занам,
Ин қадар дур, нигар, ки зи виқор омадаам.

Андаке дар ман агар монда бувад шарм, бидон,
Пеши пою қадамат карда нисор, омадаам.

*октябри 2009*

* * *

Бас мекунам арақро, паймонаро шикаста,
Аз доми майкашиҳо гардам халосу раста.

Дигар зи кор оям чун тир аз камоне,
Дигар зи по наафтам дар рӯи роҳу раста.

Дигар ба хона н-оям ду даст пеши бинӣ,
Дигар бароят орам туту мавизу писта.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дигар салиму бардам гирам туро ба оғӯш,
Дигар маро набинӣ пур нотавону хаста.

Дигар туро нагӯям ҳарфи дурушту талхе,
Дигар зи меҳр орам гулҳои даста баста.

Дигар ба ҷон пазирам ҳар амру хоҳиши ту,
Дигар ба як ишорат аз ҷои хеш ҷаста.

Дигар ба сайри дунё ҳамроҳ мебароем,
Дигар ба кунҷи хона танҳо наӣ нишаста…

Эй ёр, ҷони худро резам ба пеши поят,
Як дам агар бубинам ҷоғи ту сахту баста.

*ноябри 2009*

## ШОИРИ КИТОБӢ

Бигрифта чанд унвон, гӯё ба ин ту бобӣ,
Ашъори худ шуморӣ ашъори хубу нобе.

Ҷуз хештан касеро шоир намешуморӣ,
Моем шоми тира, ту чашми моҳтобӣ.

Ҷӯӣ ту айби моро, гӯӣ ту айби моро,
Ҷуз айбҷӯии мо шуғле дигар наёбӣ.

Худ-ку наметавонӣ як сатри тоза ронӣ,
Аз зери нохуни мо пайваста чирк кобӣ.

Шавқи туро шиносем, завқи туро шиносем,
Фарқи вабол донем мо хуб аз савобе.

Шӯҳратпараст бошӣ, аз ноз маст бошӣ,
Инак, ба кибру нозат бишнав чунин ҷавобе:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Аз шеър бӯ надорӣ, як қадри мӯ надорӣ,
Зинҳор менадонӣ бӯи гил аз гулобе.

Дар олами маонӣ кӯриву нотавонӣ,
Пеши раҳат набинӣ дар рӯзи офтобӣ.

Ҳарфи наве надорӣ, аз нав ту дар канорӣ,
З-ин рӯ зи рӯи мо ту безорию қимобӣ.

Дунёи шеър дигар, паҳнои шеър дигар,
Аммо ба чоҳи кӯҳна афтодаиву хобӣ.

Шеъри нав аст ҷорӣ чун рӯди беқароре,
Беҷӯшу бехурӯше монанди мурдаобӣ.

Дар гуфтаат асар нест, аз шеъри ту хабар нест,
Дурӣ зи бас саропо аз сӯзу обутобе.

Гарчи ба рӯи минбар худ зиндаӣ, валекин
Кайҳост мурда шеърат, эй шоири китобӣ.

*ноябри 2009*

## ҲАСРАТ

*(аз забони собиқ мансабдори калон)*

Бачча будам, шӯру савдо доштам,
Дар дилам садҳо таманно доштам.
Дур будам аз балои зиндагӣ,
Раҳсипар дар кӯчаҳои зиндагӣ.
Харсаворӣ доштам то бегаҳӣ,
Беқарорӣ доштам то бегаҳӣ.
Хандаам буд доимо андар даҳон,
Буд сурудеам ҳамеша дар лабон.
«Думба-думбак» месурудам рӯзу шаб,
«Қумба-қумбак» месурудам рӯзу шаб.
«Думба-думбак» гуфта, гардидам калон,
«Қумба-қумбак» гуфта, гардидам калон,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Доштам дар зиндагӣ баски таґо,
Будам аз ҳар мушкилоти он раҳо.
Бо навои «думба-думбак», дӯстон,
Дар ҳавои «қумба-қумбак», дӯстон,
Раҳсипар гаштам ба сӯи пойтахт,
Раҳсипар гаштам барои тахту бахт.
Гарчи будӣ каллаам холӣ зи ҳарф,
Лек чандон қуввае нокарда сарф,
Дохил андар мактаби олӣ шудам,
Рӯзи холӣ монда хушҳоле шудам.
Қисматамро баски ҷунбонидаанд,
Қудратамро баски ҷунбонидаанд.
Давлатамро баски ҷунбонидаанд,
Суръатамро баски ҷунбонидаанд.
Қувватамро баски ҷунбонидаанд,
Ҳимматамро баски ҷунбонидаанд.
«Думба-думбак» орзу дарёфтам,
«Қумба-қумбак» обрӯ дарёфтам.
«Думба-думбак» соҳиби матлаб шудам,
«Қумба-қумбак» соҳиби мансаб шудам.
Соҳиби як матлаби кори калон,
Соҳиби як мансаби кори калон.
Соҳиби як матлаби ороми ҷон,
Соҳиби як мансаби ороми ҷон.
Мансаберо ту ба умрат дидаӣ,
Меваи ширини боғаш чидаӣ?!
Дидаӣ курсии мурватдорро,
Дидаӣ ту савлати сардорро?!
Ҳеҷ дидӣ ишваҳои котиба,
Ишваҳои дилрабои котиба?!
Лаззати лаббай-к гуфтанҳои ӯ,
Хандаи ширини ӯ, дунёи ӯ?!
Лаззати ҳарфи хушомад дидаӣ,
Рӯз то бегаҳ даромад дидаӣ?!
Ҳеҷ будӣ банди арзу илтимос?..
Аз чунин манзар нахоҳӣ шуд халос.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Маст гашта аз шароби мансабам,
Месурудам бо рубоби мансабам.
«Думба-думбак» месурудам рӯзу шаб,
«Қумба-қумбак» месурудам рӯзу шаб.
Кай ғаму парвои дунё доштам,
Кай ғами мардони саҳро доштам?!
Кай ғами мардони меҳнат доштам,
Кай ғами мардони заҳмат доштам?!
Кай ғами бечораҳоро хӯрдаме,
Кай ғами аҳли гадоро хӯрдаме?!
Кай ғами аҳли ҳунарро хӯрдаме –
Кай ғами нури басарро хӯрдаме?!
Буд корам ишрату базму тараб,
Дар сари хони зиёфат рӯзу шаб.
Эҳ, аҷаб кайфу сафое доштам,
Аз самак то бар самое доштам.
Базмҳои дилрабо ороста,
Базмҳои ҷонфизо ороста.
Будам андар ҳалқаи раққосаҳо,
Ҳофизони хушнавою хушҳаво.
Гарчи будӣ қомати ман як ваҷаб,
Маст гашта аз майи базму тараб,
Аз фараҳ сар пеши Зӯҳро мезадам,
Балки дар пои Сурайё мезадам,
Бо навои «думба-думбак» он замон,
Дар ҳавои «қумба-қумбак» он замон.
«Думба-думбак» рақс мекардем мо,
«Қумба-қумбак» рақс мекардем мо.
«Думба-думбак» роҳати дунё-м буд,
«Қумба-қумбак» соҳати дунё-м буд.
Лек ҳайфо, ки кадомин нобакор
Сабт бинмудаст моро корубор –
«Думба-думбак» гуфтану ҷунбонданам,
«Қумба-қумбак» гуфтану ҷунбонданам.
«Думба-думбак» гуфтанам овоза шуд,
«Қумба-қумбак» гуфтанам овоза шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рафт ин овоза то гӯши калон,
Мансабам аз даст рафт, эй дӯстон.
Дарди манро дар ҷаҳон набвад шифо,
Ҳеҷ як худкардаро набвад даво.
Қадри худро паст кардам худ, дареғ,
Хеш бар пастӣ супурдам худ, дареғ.
З-одаму одамгарӣ бигзашта ман,
Рӯи тахти беҳаёӣ шишта ман…
Бозие пиндоштам худ раҳбарӣ,
Ҳайфи ин сон раҳбарию сарварӣ.
Балки бозӣ зиндагӣ пиндоштам,
Масхарабозӣ ба саҳнаш доштам.
«Думба-думбак» зиндагонӣ кардаам,
«Қумба-қумбак» ҳукмронӣ кардаам.
Нописандӣ бар халоиқ карда беш,
Оҳ, фанде бар халоиқ карда беш.
Ҳар дурӯғам чил дурӯғе беш буд,
Ҳайфи он шахсе, ки харандеш буд…
Ман кунун беобрӯ гардидаам,
Чун гули пажмурдарӯ гардидаам.
Офтоби нанг сӯзонад маро,
Сояе ку, то ки пӯшонад маро?!
«Думба-думбак», нест бодо номи ту.
«Қумба-қумбак», нест бодо номи ту!

*марти 2009*

* * *

Садри кори бенизому бесадоқатро бубин,
Бар ту гӯям, ки мазори бешафоатро бубин.

Кор нею ҳилаву найранги ӯ бошад зиёд,
Аз дами субҳ ин ҷаноби банди шаҳматро[1] бубин.

Гарчи ду гӯш аст ӯро, шаш телефонро нигар,
Лақ-лақи беҳудаи масъули давлатро бубин.

[1] Шаҳмат – шоҳмот.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Наҳс бошад, медурӯшад, мефурӯшад, аз риё
Панҷ вақт ин муслими банди ибодатро бубин.

Кай гапи хуш аз забони ҳамчу мораш бишнавӣ,
Он даҳони пур зи фаҳшу пурҳақоратро бубин.

Айбу нуқсаш гар бигӯӣ андаке бо ними лаб,
Он замон аз шаш ҷиҳат ӯро ҳимоятро бубин.

*сентябри 2009*

## АРМОН

Раҳбаре ҳастам, ки мондам дар бало,
Сарбасар ҳарфам бувад дар зери по.

Не гапам бар сармуҳосиб бигзарад,
Не ба ноиб – он, ки меҷӯяд даҳо.

Балки фаррошу мудири хоҷагӣ…
Рӯй гардонад зи амрам доимо.

Дардҳои ман бувад худзоди ман,
Ҳеҷ як худкардаро набвад даво.

Аз хазина хӯрда пули беҳисоб,
Актҳо бинвишта бе шарму ҳаё.

Ҳар як имзо то гузорад рӯи акт,
Аз таҳи дил менамудам илтиҷо.

Сарф шуд ин пулҳои хӯрдаам
Дар раҳи кори идора гӯиё.

Гарчи ҳарфамро нагирад ҳеҷ кас,
Дасти ман гаштаст гарчи норасо,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Чун мазори бешафоат гаштааст» –
Гарчи гӯянд аз қафоям беибо,

Аз касе зинҳор нолон нестам,
Худ ба худ кардам чунин вазъе расо.

Хуб медонам, ки ҳамчун роҳбар
Монда боқӣ чанд рӯзи раббано.

Аз Худои тори сар дорам талаб,
То бисозад мустаҷобам ин дуо.

Кош бар дилҳои эшон оварад
Раҳму шафқат ҷои ҳар рӯю риё.

Кош бигзорад ду-се бори дигар
Ҳар як имзое ба рӯи актҳо.

Баъд аз ин армон намонад бар дилам,
Алвидои мансабам гӯям баҷо!

*марти 2009*

## «СИМО»-И ТОҶИКИСТОН

Дунёи дигар астӣ дунёи Тоҷикистон,
Машҳур дар баландӣ кӯҳҳои Тоҷикистон.

Чун соҳиби замин аст, дар дил ғаме надорад
Деҳқони хокбӯси саҳрои Тоҷикистон.

Мардум, ки чашмсер аст, пурзӯр ҳамчу шер аст,
Нисфи ҷаҳон хӯронад пахнои Тоҷикистон.

Бедарду беғамастанд, ду чашм бенамастанд,
Гулдухтарони шоду зебои Тоҷикистон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тифлони шоду хандон машғул дар дабистон,
Афсона менамояд фардои Тоҷикистон.

Дар пеши дида гӯё ҷаннат шавад ҳувайдо,
Боре агар бубинӣ «Симо»-и Тоҷикистон.

*апрели 2004*

## ОШНО

Нозиреро дидам андар зиндагӣ,
Бесаводе лек пуртоб аст ӯ.

Қасри ӯ чун Қасри Ваҳдат дар назар,
Балки қасри тозаву боб аст ӯ.

Ҳар чие пеш оядаш, ғун мекунад,
Дар дурушидан чӣ ноёб аст ӯ.

Рӯзу шаб беист «заҳмат» мекашад,
Мехӯрад, аммо на дар хоб аст ӯ.

Гоҳ-гоҳе айшу ишрат мекунад,
Бо нигоре дар лаби об аст ӯ.

Як замон бо фитнабозии зиёд
Дар суҷуду рӯ ба меҳроб аст ӯ.

Аз куҷо, – додам суол, – ин молу чиз,
Чун на ранги ҳеҷ қаллоб аст ӯ?!

Бар суолам дӯш посух ёфтам,
Ошнои нашъаҷаллоб аст ӯ.

*феврали 2002*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МУАЛЛИМ РАФТ

*Назира ба шеъри Лоиқ*

Кӣ мегӯяд, кӣ мегӯяд, ки даврони муаллим рафт,
Бихез аз ҷо, зиёрат кун, намедонӣ, муаллим рафт.

Қабулу имтиҳон наздик бошад, дӯш медидам,
Ки сӯи хонаи тоҷир ба меҳмонӣ муаллим рафт.

Дар аввал ҷӯрагии ҳардушон равшан набуд он қадр,
Кунун ҳар ду шуда ду ҷӯраи ҷонӣ, муаллим рафт.

Зи бас моҳонааш ночиз буду бениҳоят кам,
Ҳамебигрифт долларҳои пинҳонӣ, муаллим рафт.

Ҳазорон шукр, ки қадре шуда моҳонааш афзун,
Ба ободӣ чӣ бо шодӣ зи вайронӣ муаллим рафт.

Ту чизеро намедонӣ, агар хушрӯ намехонӣ,
Занӣ як рӯз бо афсӯс пешонӣ, муаллим рафт.

*октябри 2001*

## ҲАЙРОНӢ

Ба сӯзу соз кардам шеър иншо,
Ба Оқил – ҷӯраам бахшидам онро.
Зи меҳрам ҷӯш зад ё аз хушомад,
Намудам васфи ӯро ҳамчу доно.
Варо дар рӯзнома нашр кардам,
Ба ҷӯрабозии бешу тавалло.
Ба дастам рӯзнома, бо умеде
Ба пешаш дар замон гардида раҳпо.
Гумон бурдам, ки Оқил – ошноям,
Ҳамоне ки бувад «воқиф зи дилҳо»,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бувад маънирасу аз хондани шеър
Намегунҷад зи шодӣ рӯи дунё.
Ҳамегӯяд, ки «раҳмат, эй бародар,
Ҳамин сон меҳри ту будаст боло?!
Маро бардоштӣ то бар само ту,
Чӣ хизмат пеш орам, гӯй, ҳоло!
Кунун ман нағз медонам, ки номам
Ба хубӣ паҳн гардад дар ҳама ҷо.
Дар ин олам ба ҷуз хубӣ намонад,
Чу шеърат, ки ниҳоят ҳаст зебо».
Дареғо, бас гумонам пуч омад,
Бизад тухми умедам бар таҳи по.
Ба нӯги чилликаш вохӯрда бо ман,
Чу мағруру тавоноеву доро.
Худамро даст бигрифтам ба ҳоле,
Намуда беш дар худ сабр пайдо.
Ба дил гуфтам, ки баъди хондани шеър
Билохир камтарак меҷунбад аз ҷо,
Бихонду андаке андар лабонаш
«Табассум» бо азобе шуд ҳувайдо.
Дигар Оқил набуд он Оқили шеър,
Ки васфаш карда будам чун дилогоҳ.
Ҳама ҳушу хаёлаш банди пул буд,
Набудаш бар мани бечора парво.
Ба як каф нос шеърамро набигрифт,
Ба нобудам Худо мегуфт ҳатто.
Аҷибаш ин ки Оқил – ҷӯраи «ҷон»
Накарда фарқ Айниро зи Сино.
Гумонаш ҳар куҷое ришакӣ ҳаст,
Тамомашро бувад як ном – Бобо.
Кунун ҳайронам аз эҷоди шеърам,
Ки гуфтам шеъри барҷо ё ки ноҷо.
Бигӯям, шеърро доро нафаҳмад,
Нагӯям, дидаӣ ҳоли гадоро?!

*августи 2001*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## СЕ РУБОӢ

Бо кибру ғурури бекарон омадаӣ,
Ё, додари ҷон, ту з-осмон омадаӣ?!
«Нодонам агарчи, он қадар медонам»:
Як нархараки кори калон омадаӣ.

Дар ханда туӣ, ханда туӣ, ханда туӣ,
Пулдори калонтаре зи худ банда туӣ.
Бинӣ чу зи дур шоири муфлисро,
Якбора зи хандаҳот дилканда туӣ.

Як пул нахарам зиннату перояи ту,
Бепоя шавад давлату сармояи ту.
Писханд задӣ ба заҳмати аҳли сухан,
Дар гӯр равад тарбияву дояи ту.

*октябри 2001*

## ИЛТИҶОИ МАЙЗАДА

Гумон кардӣ, ки аз ту мегурезам,
Ғалат кардӣ, ғалат кардӣ, азизам.

Туро з-он сӯи раҳ дидам, давидам,
Вафодорам, бамеҳрам, ботамизам.

Салому сад салом, эй додари ҷон,
Бубахшо, гарчи бо ту гоҳ тезам.

Басо ҳарфи дурушт аз ман шунидӣ,
Худо хоки хабаркашро бубезам.

Ҳама айби асабҳоям, бародар,
Зи тезӣ гоҳ бо худ меситезам.

Ба чашмам зиндагӣ нозеб тобад,
Хаёлан ҳар шабе худро авезам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чӣ гуфтӣ? Асли мақсадро бигӯям?
Бувад холӣ тамоман рӯи мизам.

Ҳама бифрӯхтам аз ноилоҷӣ,
Ба хона нест дигар ҳеҷ чизам.

Сарам ҳозир кафад аз дарди вазнин,
Худо бидҳад туро, як ҷуръа резам.

*октябри 2001*

* * *

– Ишқ дигар, талаб дигар,
Тавба дигар, ҳасаб дигар.

Эй ки ба пеш меравӣ,
Гом дигар, ваҷаб дигар.

Фош бигӯ гапи дилат,
Тарс дигар, адаб дигар.

Тоҷики асл гар туӣ,
Турк дигар, араб дигар.

Гардиши рӯзгор бин,
Ҳузн дигар, тараб дигар.

Салмазанӣ агар худат,
Банд дигар, канаб дигар.

Кайфу сафо дигар бувад,
Сӯзишу тобу таб дигар.

Дон, ки баҳона дигаре,
Асл дигар, сабаб дигар.

Моҳи сафар дигар бувад,
Ҳаст маҳи раҷаб дигар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Читу сатин ба як тараф,
Ҷомаи беқасаб дигар.

Пӯшӣ агар ту бомро,
Килк дигар, ғараб дигар…

– Чанд дигар-дигар кунӣ,
Бар дили худ дигар нигар!

*феврали 2009*

## ҲАРФИ ДИЛ

Туро, додар, ки пиндорат хато рафт,
Каломи тарзи гуфторат хато рафт.
Надорӣ дар дилат як нияти хайр,
Аз ин рӯ кору рафторат хато рафт.

Намефаҳмӣ ту фарқи хуб аз бад,
Ҳама дар чашми ту якранг тобад.
Ҳисоби давлати ғункардаи ту
Намеёбад яке донои абҷад.

Намедонӣ, ки виҷдон чист, виҷдон,
Намедонӣ, ки имон чист, имон.
Чу аз инсонгарӣ гардидаӣ дур,
Намедонӣ, ки инсон кист, инсон.

Чӣ гӯям бар туи дур аз китобе,
Зи шеъру пандҳои мо қимобӣ.
Лабонат мепарад пир-пир паси ҳам,
Хаёлан давлататро дар ҳисобӣ.

Талоши ман ҳама бар чанги бод аст,
Зи бас пулат ҳамеша зикру ёд аст.
Дигар чизе намефаҳмӣ ба ҷуз пул,
Вагарна дар дилам ҳарфи зиёд аст.

*марти 2009*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Дар фикри мансаб ёфтан афтода рӯзу шаб шудӣ,
Аз шаш ҷиҳат якборагӣ рӯ ҷониби матлаб шудӣ.

Кибру ғурури мардият гум кардаву гаштӣ чу зан,
Ҳарфи хушомад доимо андар забону лаб шудӣ.

Ҳам шеваи аҳду вафо бо дӯстон бинмуда гум,
Чун кундаи берешае беоҳу сӯзу таб шудӣ.

Имрӯз муслим дар назар, карру фаре барпо кунӣ,
Дирӯз гарчи дар амал бедину бемазҳаб шудӣ.

Бар хонаи сардорҳо ағлаб кашонда борҳо,
Боровареву боркаш чун ёбую маркаб шудӣ.

Гардид номусу ҳаё дар зери поят чун патак,
Дар ҷодаи беисматӣ ту соҳиби мактаб шудӣ.

Акнун ки соҳибмансабӣ, бар худ биё андак, зи бас
Ҷонат дарид аз ҳафт ҷо, то соҳиби мансаб шудӣ.

*марти 2009*

## БА ҲАМСОЯҲО

Фарёди якат зи тори сар меояд,
Доди дигари-т аз ҷигар меояд.
Аз магнитофони яки ту сози Гугӯш,
Аз дигарат овози Зафар меояд.
Ман садқаву ман садқаяки номи Шумо,
Монед, каме хоб равам, баҳри Худо!

Шаб нисф шудаст, додарам, шӯх машав,
Бисёр аз ин зина ба он зина мадав.
Эй янга, бигир баччаатро охир,
Бе синдаки худ дар бари шӯ хоб марав.
Ман садқаву ман садқаяки номи Шумо,
Монед, каме хоб равам, баҳри Худо!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Эй очаи Сарвиноз, ҷанҷол макун,
Ҷони ба тани хастама беҳол макун.
Эй очаи Рустам, чӣ алав мемонӣ,
Ин золгарӣ чу беваи зол макун.
Ман садқаву ман садқаяки номи Шумо,
Монед, каме хоб равам, баҳри Худо!

Боз ой, ки хуш омадӣ, эй Субҳи Сафо,
Эй хола, ту аз куҷой гаштӣ пайдо?
Бигзор, ки гӯши ман каме дам гирад,
Бисёр начақ, ки: «Эй бача, ширда биё».
Ман садқаву ман садқаяки номи Шумо,
Монед, каме хоб равам, баҳри Худо!

*декабри 1998*

* * *

Ҷаҳон подор бо илму китоб аст,
На танҳо гап сари пулу ҳисоб аст.

Зи гандум гандуму рӯяд зи ҷав ҷав,
Ҳар аъмоле, ки кардӣ, дар ҳисоб аст.

Надорад гар яке як бурдаи нон,
Дигар доим сари нуқлу кабоб аст.

Яке дам кардааст аз хӯрдани пур,
Дигар аз гушнагӣ қоқу хароб аст.

Дили мо андаке бедор гаштаст,
Гумон бурдӣ, ки ҳоло ҳам ба хоб аст?!

Ту ранҷондӣ дили бечораи мо,
«Дуои мустамандон мустаҷоб аст».

*апрели 2004*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ПУШТИ ГАП ЧӢ МЕГАРДӢ?!

Ёри мо дилозор аст,
Ҳамнишини ағёр аст.
Ҷайби мо, ки холияст,
Дигаре харидор аст.
Пушти гап чӣ мегардӣ?

Гаҳ гулеву гаҳ хор аст,
Рӯзу гаҳ шаби тор аст.
Гашта кам баномусон,
Кӯча пур зи беор аст.
Пушти гап чӣ мегардӣ?

Як тараф сари сол аст,
Як сӯ тӯйи Айёр аст.
Даъватист ӯ ё не,
Ҳар дуро хабардор аст.
Пушти гап чӣ мегардӣ?!

Он ки ошиқу ёр аст,
Хор ҳасту бас зор аст.
Ҳайф, хар ва ё гове
Дар миёни гулзор аст.
Пушти гап чӣ мегардӣ?!

Ин чӣ лафзу гуфтор аст,
Ин чӣ кору кирдор аст.
Рӯзу шаб бувад маст ӯ,
Ё ки айби хаммор аст.
Пушти гап чӣ мегардӣ?!

Хоҳ дар таҳи дор аст,
Хоҳ дар дами нор аст.
Кам вале бигӯяд рост,
Ранги он ки «Ахбор» аст.
Пушти гап чӣ мегардӣ?!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

Ростгӯву ғамхор аст, –
З-ин сабаб на даркор аст.
Равғанин бувад нонаш, –
Баски рӯбаҳу мор аст.
Пушти гап чӣ мегардӣ?!

Марду зан, ки бекор аст,
Қиматӣ ба бозор аст.
Кай варо бувад парво,
Баски бою пулдор аст.
Пушти гап чӣ мегардӣ?!

Як тараф валангор аст,
Як сӯ қасру девор аст.
Дарди беамонеро
Бангие гирифтор аст.
Пушти гап чӣ мегардӣ?!

Устод бас хор аст,
Гӯӣ дар лаби ғор аст.
Дӯш баччае гуфташ:
Давр даври дуллор аст.
Пушти гап чӣ мегардӣ?!

Тоҷире гунаҳкор аст,
Ё ки айби ҷаббор аст.
Панҷ гаштааст акнун
Дута ду, ки он чор аст.
Пушти гап чӣ мегардӣ?!

Зиндагӣ пурасрор аст,
Сирри он чӣ бисёр аст.
Бесар аст пур ин ҷо,
Ё ки пур зи сардор аст.
Пушти гап чӣ мегардӣ?!

*феврали 2001*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БА БАНГӢ

Амри эзид нею шайтонро итоат мекунӣ,
То ба кай такрор ин шуғли хатоят мекунӣ?

Мезанӣ бангу надорӣ фарқ неку бад зи ҳам,
Хира табъи чоқи мо соат ба соат мекунӣ.

Лафзи хуби модарият рафтааст аз ёди ту,
Бо забони ғайр чизеро ҳикоят мекунӣ.

Аз саҳар то шом мегӯӣ дурӯғу бо қасам
Покии гуфтору кирдорат ҳимоят мекунӣ.

Дӯстонатро «зиёфат» медиҳӣ бо дуд ту,
Бо ҳамин гӯё ки эшонро риоят мекунӣ.

На диле дорӣ, на гурда, не ҷигар дорӣ, на шуш,
Зӯри ту чун зӯри муш асту қаноат мекунӣ.

Охирин моли падарро сарфи дудат кардаӣ,
Боз аз муфлис буданҳояш шикоят мекунӣ.

Модари пират ба хона зор бар як коса об,
Кай ба модар ҳамчу фарзанде шафоат мекунӣ?!

Ҳафт бачча дорию яктош ҳам ҳушёр нест,
Хизмати хирсонае баҳри ҷамоат мекунӣ.

Ҳафт пуштатро надорам кор, нобудат, вале
Гап дар ин, ки дигаронро ту сироят мекунӣ.

*априли 2001*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ДУХТУРАК

Як духтураке шинос манрост,
(Номаш чӣ буди? Талош ё Тош?!)
Ҳатто ба либоси духтурияш
Тобад ба назар мисоли авбош.

Нодораку камбағал будӣ ӯ,
Духтурчаи одие набуд беш.
З-ин пеш ба кӯчаҳо ҳамегашт
Дар чашм гаҳе мисоли дарвеш.

Бигзашт замона, ӯ дигар гашт –
Якбора ҳавобаланду мағрур.
Нодораку камбағал чӣ? Тобад
Дар чашми ҳама чу одами зӯр.

Дирӯз «худоӣ» карду рафтам,
Норафта будам агарчи се сол.
Аз дидани хонаву ҷиҳозаш
Якбора маро дигар шудӣ ҳол.

Он хонаву он палос бинӣ,
Ҳуш аз сари ту парад ба як дам.
Хоне, ки чунин бапо намудаст,
Дар тӯй намекунад ҳар одам.

Ангушт газидам аз таҳайюр,
Чанде ба хаёл дида худро.
Ин хонаву чизу чораву мол
Якбора чӣ хел кард пайдо?!

Бар гӯш чунинам омад овоз
(Аз ғайб будӣ ва ё зи ҳозир):
– Эй бехабариву аз замон дур,
Андар ҳунарӣ агарчи нодир.



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ин хони ваю зиёфати ӯ,
Сабзиву биринҷу равғани ош,
То дивану курсиҳош бошад
Аз пули «гуманитарний помощ».

*сентябри 2003*

* * *

Яке ёре ба ёре гуфт: мардӣ?
Агар ҳа, то ба кай бекор гардӣ!
Бубояд, ки дарой бар ягон кор,
Худо ҳатто зи бекор аст безор.
Ҷавобаш дод он ёри «накӯрой»,
«Ки эй нодону беҳиммат саропой».
Гурусна гар тамоми умр гардам,
Агар аз гушнагӣ рӯзе бимурдам.
Аз он беҳтар, ки андар як идора
Шавам аз субҳ то бегаҳ авора.
Тарошам музди ночизе ба нохун,
Ки он гардад маро ду кулча собун.
Аз ин пас сахт бар бозор часпам,
Паноҳат бар Худо, гӯям ба касбам.

*октябри 2003*

**АНДЕ БИНӮШУ ЗИНДА БОШ!**
*(Шикваи зан ба шавҳари бадмаст)*

Дигар намегӯям нанӯш,
Дигар либоси ғам напӯш,
Дилҳои мо овар ба ҷӯш,
Бо мо каме дар ханда бош,
Анде бинӯшу зинда бош!

Дигар машав, ҷонам, касал,
Дигар бихӯр қанду асал,
Бо мо макун дигар мағал,



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дилбастаи оянда бош,
Анде бинӯшу зинда бош!

Дигар шифохона марав,
Бечорае ҳар ҷо мадав,
Эй ёр, ёри ман бишав,
Аз дарду ғамҳо канда бош,
Анде бинӯшу зинда бош!

Мо хоку ҳам оби туем,
Як умр дилёби туем,
Ҳам бандаву боби туем,
Ту низ моро банда бош,
Анде бинӯшу зинда бош!

Дар ҳозиру дар ғайби ту
Дигар наҷӯям айби ту,
Ҳамраҳ манам то шайби ту,
Тори сарам поянда бош,
Анде бинӯшу зинда бош!

З-ин илтиҷову зориям,
Бечорагиву хориям,
Як бор лутфе ориям,
Гӯям Худо, ки ганда бош,
Анде бинӯшу зинда бош!

Дигар нарав бар кӯча ту,
О сӯи ман аз чорсӯ,
Дидоратам ҳаст орзу,
На дар ҷаҳон шарманда бош,
Анде бинӯшу зинда бош!

*ноябри 2003*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ба умрат некие нокардаӣ, дар фикри шар бошӣ,
Агар некӣ дарахте ҳаст, онро ту табар бошӣ.

Надорӣ луқмаи нони ҳалоле, дузди зӯрӣ ту,
Ба дуздиву ҳаромӣ раҳнамое бар писар бошӣ.

Бароӣ бар сари минбар худат ҷунбонда-ҷунбонда,
Равӣ раҳ неш-неши по, агарчи беҳунар бошӣ.

Ҳамеша даъвии «фазли казоӣ» мекунӣ, аммо
Худоиро хабар дорӣ, Худоро бехабар бошӣ.

Раҳу рафтори моро ту мазаммат мекунӣ ҳар ҷо,
Яқин донам, ки эй маҳлуқи бадгӯ, бепадар бошӣ.

Фақат ғун кардию аммо накардӣ гӯшае обод,
Чунон бегонаӣ, гӯё ки аз хоки дигар бошӣ.

Кашида сар ба афлок арчи бошад қасри зебоят,
Ҳамедонам, ки афтода пагаҳ дар хоки тар бошӣ.

*ноябри 2003*

## РУҶӮИ ТОҶИР

*Назира ба ғазали устод Лоиқ*

Ало, дунёи пурғавғо маро ту зинда хоҳӣ дошт,
Ало, бозори пурсавдо, маро ту зинда хоҳӣ дошт.

Агар бешарму расвоеву беномус гӯяндам,
Ало, номуси пур расво, маро ту зинда хоҳӣ дошт.

Ало, эй он Худое, се карат ҳоҷит мебошам,
Хамеша бо фуки боло маро ту зинда хоҳӣ дошт.

Ҳама аҳли адабро пеши худ мӯҳтоҷ мебинам,
Зи эшон доимо воло маро ту зинда хоҳӣ дошт.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ало, эй хубрӯе, ки бирезам аз сарат тилло,
Диле дорам гар аз хоро, маро ту зинда хоҳӣ дошт.

Ало, эй сефи пурзар, ҳофизам бошӣ зи ҳар дарде,
Ало, дуллори побарҷо, маро ту зинда хоҳӣ дошт.

*августи 1998*

* * *

Зиндагӣ гар гул чу зебое ба гесӯ мезанад,
Дасти шахшӯлаш вале ҷонро зи ҳар сӯ мезанад.

Пеши номардон гаҳе сар хам кунӣ аз эҳтиёҷ,
Ташнагӣ ҳар ташнаро охир лаби ҷӯ мезанад.

Гар равӣ бозор, ҳар савдогаре чун лӯлие
Кисаатро бо ҳазорон сеҳру ҷоду мезанад.

Андаке виҷдон агар дорӣ, мурӣ аз гушнагӣ,
Дузду ғоратгар валекин аз тагу рӯ мезанад.

Дузд бошӣ, каттазан бошу баинсофу сахӣ,
Бадтарин дузд аст он, ки аз тарозу мезанад.

Бегуноҳӣ, фарқ не, афтӣ милисахона чун,
Ҳар милиса-т бетараҳҳум ҳамчу бадхӯ мезанад.

Чун ба духтурхона афтӣ, пули бисёри туро
Духтури з-инсоф дур, аз як-ду дору мезанад.

Деҳқон ҳам ҳилагар гашта, калонтар харбуза
То бигардад, бин, ки дору ҷои пору мезанад.

Бурдборӣ карда лекин зиндагонӣ мекунам,
Бо уммеде оқибат инсофи мо рӯ мезанад.

*ноябри 2003*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ТАШХИС

Гоҳ мегӯӣ, табибо, гурдаат бошад касал,
Гоҳ гӯӣ хотири озурдаат бошад касал.

Ранги зардам дидаву дирӯз гуфтӣ бо алам:
Эй фалонӣ, меъдаи худхӯрдаат бошад касал.

Ҳар гаҳе ки мезанад бар сар фишори хун маро,
Ин замон гӯӣ дили афсурдаат бошад касал.

Кардаӣ ташхиси ман як бор не, сад бор ту,
Боз гуфтӣ хуни нав биспурдаат бошад касал.

Панҷаам, к-аз бепулӣ бикшода не, афшурда аст,
Гӯиям, ки панҷаи афшурдаат бошад касал.

Дарди ман маълум нею мурданам маълум ҳаст,
Мемурам, аммо ту гӯӣ мурдаат бошад касал.

*январи 2004*

## ШУЛУК

Яке махлуқи давронро шиносам,
Ки ҳар ду шонааш андак кулук аст.

Сараш ғафс асту гирдак мисли тарбуз,
На чун харбуза борику чулук аст.

Агарчи пиҷакаш садсола бошад,
Ба гардан доимаш як галстук аст.

Чунон кибру ғурури ӯ зиёда,
Ҳамеша рӯ ба боло, торфук аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Агар нашносию бинӣ ғурураш,
Ҳамегӯӣ, ки аз зоти мулук аст.

Вале дар асл бекор асту лаққӣ,
Қабат андар қабат беақлу пӯк аст.

Ба ҳар як ош бинӣ, ки қатиқ аст,
Ба ҳар дарбеҳ ту мегӯӣ, ки кӯк аст.

Ба ғур-ғурру ба қур-қур «лаҳни шевош»
Яқин монанд бар овози ғук аст.

Гурезад иштиҳо аз лақ-лақи ӯ,
Ки моҳии балаззатро чу сӯк аст.

Пачақбинӣ, сараш кал, мӯ надорад,
Ки гӯӣ дар назар як наррахук аст.

Ҳаметарсам зи омад-омади ӯ,
Чу тифлеам ману ӯ чун булук аст.

Худоё, аз чунин зотон нигаҳ дор,
Ки мечаспанд ранге, ки шулук аст.

*сентябри 2003*

## ҚИТЪА

Бар хонаи додарчаи шаҳри-ш омад
Аз деҳа бародараш ба сад арзу паём.
«Аз ду суи дар саломи кас мумкин нест» –
Додарча чунин гуфт ба як «фазли тамом».
Пас ҷои дарун даровард меҳмонро,
Аз хона худаш бадар шуду кард салом.

*октябри 2003*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДАЛЛОЛА

Сари ман пеши қадамҳои ту, эй хеши занак,
Садқаи ҷабру ситамҳои ту, эй хеши занак.
То набинӣ ба ҷаҳон дарду аламҳои зиёд,
Бикашам дарду аламҳои ту, эй хеши занак.

То ту меомадӣ, ки хонаи мо буд ором,
Аз дами субҳ фақат ханда будӣ то дили шом.
Тифлакон ранги ситора чӣ дурахшон буданд,
Худ чу хуршед будам, завҷаи ман моҳи тамом.

Омадӣ, з-омади ту шӯру мағал барпо шуд,
Танг якбора маро пеши назар дунё шуд.
Завҷаи бохабару хуби ман аз даллагият
Гашта якбора дигар, бехабару расво шуд…

Рафтию шод дил аз рафти ту, эй даллола,
Оши серӣ хӯрам аз ҳафти ту, эй даллола.
Кош ду чашми сарам кӯр ҳамекард Худо,
Нангарам то ки дигар афти ту, эй даллола!

*марти 2002*

* * *

«Кор» кардӣ ин қадар, бас будагист,
Нест аз ту ҷуз зарар, бас будагист?!

Кор нею ҷамъ меорӣ фақат
То шабонгаҳ аз саҳар, бас будагист?!

Оламе дар хонаат ҷо додаӣ –
Олами тиллову зар, бас будагист?!

Дуздию ғоратгарӣ мерос ту
Мегузорӣ бар писар, бас будагист?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Эй, фитодӣ з-аспу аз узангу не,
Мардумонро дарди сар, бас будагист?!

Мешавӣ бе даъвату таклиф ту
То кунун бологузар, бас будагист?!

Ҷои моро хонавайрон кардаӣ,
Рав ягон ҷои дигар, бас будагист?!

*ноябри 2003*

## ДОД АЗ ДАСТИ ХЛОПУШКА

Оромиву арзонӣ
Чун шуд ба назар пайдо –
Ду соҳили он дарё,
Он бушкаи пурпиво,
Нолидаму нолидам
Дар ҳасрати он бушка.

Аз ҷаври камондастон
Чанде набудем ором.
Биншаста ба рӯи бом,
Аз субҳи саҳар то шом
Бигристаму бигристам
Аз автомату пушка.

Аз нарху наво имрӯз
Афтида занӣ бар пушт.
Пешонӣ занӣ бо мушт,
Бигзашта зи баҳри гӯшт,
Ман хуни ҷигар хӯрдам
Аз қиматии тушка.

Чун оштӣ гардидем,
Пайдо бишавад бушка.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гум – автомату пушка,
Арзон бишавад тушка.
Имрӯз вале гирям
Аз дасти хлопушка.

*декабри 1996*

## ЧАШМИ СИЁТА САДҚА!

*(Номаи кушода ба ҳамсари қаҳрӣ)*

Бигрифта ман маҳона,
Маст омадам ба хона.
Муште задам ба чашмат
Бе ҳеҷ як баҳона.
Чашмат сиёҳ гардид,
Чашми сиёта садқа!

Аз атласу зи кимхо,..
Аз моли ҳар ду дунё.
Савғот дорӣ аз ман
Танҳо калӯш дар по.
Бо ҷону дил шавам ман
Калӯши пота садқа!

Дида фақат ҷафо ту
Аз мани пурбало ту.
Аммо ҳанӯз будӣ
Он ёри бовафо ту.
Эй ёр, дар ду олам
Аҳду вафота садқа!

Чандест, ки куҷоӣ?
Дигар чаро наоӣ?
Ё ноз мекунӣ ту,
Ранҷида ё зи моӣ?
Холист кӯрпа бе ту,
Кӯрпаву ҷота садқа!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Биё, биё, гаранг-э,
Бе ҷангу бе диранге.
Хона бувад бароям
Бе ту чу гӯри танге,
Эй аз самими қалбам
Дарду балота садқа!

Аҳду вафота садқа!
Дарду балота садқа!
Омаданота садқа!
Майл ба мота садқа!
Калӯши пота садқа!
Чашми сиёта садқа!

*декабри 1996*

* * *

Мурда-мурда зиндагонӣ мекунам,
Гоҳ агарчанде ҷавонӣ мекунам.

Ҳеҷ ҳастам назди бозори замон,
Бар сари худ худ гаронӣ мекунам.

Шаш маҳи моҳонаам як халта орд,
Боз мебинӣ: калонӣ мекунам.

Хок шуд донову нодон сарбаланд,
Шикваҳое аз фалонӣ мекунам.

Нест ҷуръат то нависам сӯзу дард,
Дарду ҳасратро даҳонӣ мекунам.

Ёри нониву забонӣ шуд фузун,
Орзӯи ёри ҷонӣ мекунам.

Се макотиб хондаву бекораам,
Баъд аз ин подабонӣ мекунам.

Интизори нур дар зулматсаро,
Аз сари шах дидбонӣ мекунам.

*августи 1997*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ГИЛА БА ШОИРИ ҶАВОН

Ҳар чо ту манро нагӯ негодный,
Як шоиреам аз бас пародный.

Донӣ худатро гаҳе ту доно,
Гаҳе тавоно, гаҳ свободный.

Мо зӯракием, бал пиракием,
Танҳо ту гӯё як природный.

Ҳаргиз ту додар, ҷони бародар,
Ин қадр бар ман мангар холодный.

Бар ту ако ман, ҳам муттако ман,
Ҷони манӣ ту, наӣ сводный.

Бологузар ман, ҳам мӯътабар ман,
Ҳарчанд шеъри ту ҳаст модный.

Ман сер бошам, чун шер бошам,
Харгӯшакӣ ту – чашмголодный.

Шӯхӣ ту манмо бо ман ба ҳар чо,
Дар хотират гир, манам Народный.

*октябри 2003*

## БА ДУХТУРИ ЧАШМ[1]

Аё Дилбар, аҷаб ту маҳҷабинӣ,
Саропо дилфиребу нозанинӣ.
Гирифтӣ муфт як сомони манро,
Аҷаб маккору найрангофаринӣ.

1. Дар касалхонаҳо аз дардмандон бо ҳар баҳона пул меситонанд. Аз ҷумла бо ташхиси бардурӯғ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ду чашми тозаамро хира гуфтӣ,
Ҷаҳони нозанинро тира гуфтӣ.
Агарчи шиква аз чашмон накардам,
Бигуфтӣ, созтар бояд бубинӣ.

Чӣ асбобе зи мизи худ кашондӣ,
Бари рӯят бари рӯям бимондӣ.
Бидидам, бедарак часпидӣ бар ман,
Чуноне ки ҷабин андар ҷабинӣ.

Ту вори духтури пурҳилаву фан
Зарар орад ба ҳар як ҷону як тан.
Малолат н-ояд ар аз ман, шунав ту,
Ки қаллобе ту дар рӯи заминӣ.

Бигардон зудтар сомони манро,
Масӯзон ин қадар ту ҷони манро.
Бимон, ду чашми ман чизе набинад,
Худо гӯям, ҳалолиро ту бинӣ.

*Касалхона, октябри 2003*

* * *

Нӯшида будам, дигар нанӯшам,
Кӯшида будам, дигар нанӯшам.
Сад бор ба тан либоси тавба
Пӯшида будам, дигар нанӯшам.
Афсӯс, агарчи тавба кардам,
Май хӯрдаму хӯрдаму бихӯрдам.

Сад бор гузашта аз арақ ман,
Сад бор гирифтаам сабақ ман.
Сад бор зи ҷаҳли тезу тундам
Бишкаста пиёлаву табақ ман.
Афсӯс, агарчи тавба кардам,
Май хӯрдаму хӯрдаму бихӯрдам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Оқил агарам хабар нагирад,
Одил агарам хабар нагирад.
Фозил чу манам, хӯрам худамро,
Фозил агарам хабар нагирад.
Афсӯс, агарчи тавба кардам,
Май хӯрдаму хӯрдаму бихӯрдам.

*ноябри 2003*

## ДУБАЙТИҲО

*(Ба баъзе миласаҳои порахӯру беинсоф)*

Милиса, байни раҳ истодаӣ ту,
Ба дастат ходача, чун ходаӣ ту.
Зи ҳар ронанда бистонӣ «ҳақ»-атро,
Аҷаб устод дар ин ҷодаӣ ту.

Ба зоҳир гӯиё пуркор бошӣ,
Вале доим сари бозор бошӣ.
Кунӣ пур халтаат ҳар чӣ хуш омад,
Мисоли ҷӯгие беор бошӣ.

Намегӯям, ки як нодон туӣ, ту,
Миёни рамма чун гургон туӣ, ту.
Бубояд duздҳоро тоза созӣ,
Аҷаб, ки ҷӯраи эшон туӣ, ту.

Бувад доим фукат боло, милиса,
Туӣ гӯё сари дунё, милиса.
Бикобӣ сад намуди кисаҳоро,
Накобӣ кисаи худро, милиса.

Надорӣ сар, надорӣ дил, милиса,
Туӣ бешафқати комил, милиса.
«Гунаҳкоре» ба дастат гар биафтад,
Туӣ монанди Азроил, милиса.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бувад бархе ба ҷои ланкаи ту,
Аҷаб вахме бувад дар папкаи ту.
Чу барги бед ларзад дасту поям,
Бубинам чун зи дурӣ шапкаи ту.

Ба ҳаҷви ту бувад бисёр қисса,
Бароят гӯям аз як қисса ҳисса:
Бигуфто дӣ касе, к-аз даҳ каси мо
Нӯҳ одам буду яктояш милиса.

Туро бою бадавлат ханка карда,
Савори Нексу Ҷипу Танка карда.
Арақ талбӣ ба ин дорой аз Бар,
Иваз ту шишаро бо банка карда.

Бувад бепул туро мурчу пиёзат,
Равад ҳар рӯз боло имтиёзат.
Ба ҷои захмату кори ҳалолат
Дучандон мефизояд унҷу нозат.

Яқинан сард бо мой, на гармӣ,
Зи қаҳрат сурх мисли себи Ғармӣ.
Бубинӣ аз худат болотареро,
Ҳамоно пеши ӯ чун мум нармӣ.

Бақо чизе дар ин дунё надорад,
Вафову дӯстӣ ҳамто надорад.
Шумори ошноён беш кун, лек
Милиса ошноиҳо надорад.

Сари бечорагон ту зӯр бошӣ,
Ба порахорият машҳур бошӣ.
Гуноҳи бою бодавлат, милиса,
Намебинӣ, ту гӯё кӯр бошӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

На фикри тозаат дар мағзи сар ҳаст,
На аз дунёи фарҳангат хабар ҳаст.
Зи худ шоир тарошӣ гоҳ, лекин
Дили шоир дигар, аз ту дигар ҳаст.

Ту зӯрию тавоноӣ чу як шер,
Напоӣ лек бо ин хулқи худ дер.
Ту вори гушна дар олам надидам,
Манам зомин, агар рӯзе шавӣ сер.

*январи 2004*

## ҲАСРАТИ НАФАҚАГИР

Дарзи шимам кандагӣ,
Войи ин шармандагӣ.
Рӯзи худро мебарам
Бо пули талбандагӣ.
Сер аз ҷонам шудам,
Марги ин сон зиндагӣ.

Карда будам бемалол
Меҳнати поку ҳалол.
«Рост будам чун алиф»,
Хам шудам монанди дол.
Ҳини пирӣ дидаам
Ҷои хубӣ гандагӣ.

Гушнаи бенон манам,
Сахт саргардон манам.
Бо пули ночизи худ
Бар худам тавон манам.
Аз чунин ранҷу азоб
Мепазирам бандагӣ.

*январи 2004*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Бо замона нарх баски қадбақад афтодааст,
Умри мардум дар ҳисобу дар расад афтодааст,

Хайрхоҳӣ кам шуда дар рӯзгори мо зиёд,
Дар тарозу номусовӣ неку бад афтодааст.

Ҳукм нозир мебарорад то ситонад «ҳаққи» хеш,
Лек ҳукмаш бедалелу бесанад афтодааст.

«Тарбият ноаҳлро чун гирдакон дар гунбад аст»,
Баски ноаҳл аз азал то бар абад афтодааст.

Мисраеро беғалат гарчи нахонад Калтача,
Пур зи мухлис лек Қасри Борбад афтодааст.

Бухлу кина ончунон дар қалбҳо маъво гирифт,
Дар миёни додарон рашку ҳасад афтодааст.

Бачча ё аз хонданаш безори модарзод ҳаст,
Ё муаллим пеши ӯ номуътамад афтодааст.

Аз пайи коно равад доно агар, ҳайрон машав,
З-ибтидо бар рамма такка раҳбалад афтодааст.

*январи 2004*

* * *

Ваҳ чӣ хуш дилбаракон нозу адое доранд,
Сад дареғо, ки ба мо ҷабру ҷафое доранд.

Саримансаббудагонро набувад айбу хато,
Таҳимансаббудагон айбу хатое доранд.

Саридавлатбудагон з-аҳду вафо ориянд,
Саруполучбудагон аҳду вафое доранд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сарбадарёзадагон хуни ҷигар ошоманд,
Сарбасоҳилбудагон кайфу сафое доранд.

Ақл дар сар набувад, нест туро ғам дар дил,
Ақлдарсарбудагон рӯзи сиёе доранд.

Ҳайф, булбулсифатонро ба чаман роҳе нест,
Лек ҳудҳудсифатон созу навое доранд.

*августи 1999*

* * *

Тоҷикам, бе обу бе нон зиндаам,
Кофарам ё ки мусулмон, зиндаам.

Завқи ман бар зиндагӣ мурдаст, лек
Бо тақозои дилу ҷон зиндаам.

Эй бузак, ояд баҳорон, ғам махӯр,
Бо умеди барги торон зиндаам.

Донишомӯзӣ намудам нисфи умр,
Бо асоеву ба анбон зиндаам.

Меҳри оламтоби ман гум гаштааст,
Дар фазои барфу борон зиндаам.

Нася бошад оташу ҳам барқи мо,
Тоҷикам, дар торикистон зиндаам.

То бувад дунё, ба дил дорам умед,
Ҳамраҳи уммедворон зиндаам.

*1996*

* * *

Ёди хубон аз азал гар то адам афтодааст,
Одами хуб ин замон бисёр кам афтодааст.

Чаппагардон кӯҳро зӯри ҷавонӣ мекунад,
Аксарият лек дузду муттаҳам афтодааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Он яке гӯяд дурӯғ аз баҳри нафъи хештан,
Дар забонаш бин, ки сад қавлу қасам афтодааст.

Зумрае хонад китобу чӯби қоқе гаштааст,
Он дигар аз беш хӯрданҳо варам афтодааст.

Он ки ӯ пулу вазифа дорад ар, шодон бувад,
Мардуми беобунон дар чоҳи ғам афтодааст.

Даврае буд Ҳотами Тай аз карам машҳур буд,
Ҳотами ин давр лекин бекарам афтодааст.

Ҳеҷ не ки ҳоли мардум рӯ ба беҳбудӣ ниҳад,
Ваъдаҳо ҷои амал азбас ғарам афтодааст.

*январи 2004*

* * *

Ба комам талх балки қанду тут аст,
Ки корам норасида бар субут аст.

Ба чашмам сард тобад зиндагонӣ,
Ки доим гӯӣ моҳи ҳуту ҷут аст.

Чи мегӯӣ арӯси нозанинро,
Ки шӯяш сип-сияҳ ранги мазут аст.

Ба деҳқоне, ки ҳосил мекунад нон,
Чӣ мушкилёб қути лоямут аст.

Валекин шири мурғу тухми анқо
Раисонро ба як тоби бурут аст.

Сараш чун харбуза хандида бошад
Ба оне, ки чу тарбуз саркулут аст.

Раҳими Қанди бангиро ба дида
Пиёзи пӯстканда чун қурут аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба ҷои мо ҳалолиро набинӣ,
Ки дузду порахор аз чор сӯ-т аст.

Маҷоле нест, бикшоям даҳонро,
Сарам дар сина аз бори сукут аст.

*январи 2004*

## ШИШАНОМА

*(Дар ҳавои рубоиёти халқӣ)*

Бепул шудаам, арақ, туро ёд кунам,
Дар кайфи ту аз бепулӣ фарёд кунам.
«Фарёд кунам, касе ҷавобам надиҳад»,
Умрам ба хумори бӯ-т барбод кунам.

Эй шишаи ҷон, ту заб балое нашудӣ,
«Бегона будӣ, заб ошное нашудӣ».
Бегона будӣ, дарди сарам ҳеҷ набуд,
Бар дарди сарам аҷаб «давое» нашудӣ.

Аз кайфи ту, эй арақ, сарам дард кунад,
Ин дард чу каҳ ранги маро зард кунад.
Ошиқ ба ту гаштаму кунун фаҳмидам,
Ишқи ту, арақ, мардака номард кунад.

Эй шиша, ки истодаӣ дар пешам,
«Лабакта газам ба дандонои нешам».
Ҳар гаҳ ки зи оби ту каме нӯш кунам,
Гӯям, ки манам хеши туву ту хешам.

Гоҳе ки хумори ту биёяд ба сарам,
Ҷумбоқ ба ҳар маърака ман бехабарам.
Рӯзе, ки туро муфт наёбам, чӣ кунам,
То пул ёбам, ҳамчу гадо дарбадарам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо белу каланду зоғнӯлу теша
Хоҳам биканам қабри туро, эй шиша.
Лекин чӣ кунам, аз ту ҷудоӣ натавон,
Шояд ки насиби мо бувад ин пеша.

Эй шишаи ҷон, ки нозанин омадаӣ,
Пинҳон зи назар, дар остин омадаӣ.
Пинҳон зи назар дар остинат чӣ кунам,
Бар миз фуро, ки заб ширин омадаӣ.

Кайҳост зи ту дард кунад пову сарам,
Бемор采му кас нест бигирад хабарам.
Аз дасти ту, эй ҷувонамарги шиша,
Бо дарди азими бекасӣ мегузарам.

Кайфи ту, арақ, намеравад аз ёдам,
Ҳарчанд ки аз дасти ту дар фарёдам.
«Фарёд кунам, ба ман ҷавобе надиҳанд».
Кулфатзадаам, ба чоҳи ғам афтодам.

Эй шиша,аҷаб ҷӯраи ҷонам шудаӣ,
Зоеъ ту ба умраки ҷавонам шудаӣ.
Дастам нарасид то гуле сабз кунам,
Сарманшаи ин фасли хазонам шудаӣ.

Эй шиша, ба рӯз офтобам туӣ, ту,
Шабҳои дароз моҳтобам туӣ, ту.
Беқадрии афзуни суханро дида,
Гӯям: вароқу килку китобам туӣ, ту.

Эй шиша, бирав, наё дигар дар назарам,
Аз дасти ту бечораву бас дарбадарам.
Беқадрии худ дидаву гӯям ба алам:
Сад ҳайф, ки беному нишон мегузарам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй шиша, агар ғаме кунад дилгирам,
Мехезаму каллаи туро мегирам.
Аз дарди замона дил кафад бе обат,
Дар пои қадамҳои ту, ҷоно, мирам.

Эй шишаи ҷон, ки ошнои̣ аз дер,
Аз бӯи хушат ҳеҷ нагардидам сер.
То мурдани худ аз лаби ту нӯшидам,
Акнун, ки зи по задам, биё, дастам гир.

Эй шиша, ки аз бӯи хуши ту мастам,
Боз о, ки туро бигирам андар дастам.
Шоҳид худатӣ, гаҳе туро нӯшидам,
Бифрӯхтаам туро ману нашкастам.

Эй шишаи ҷон, аз ту маро мефорад,
Ҳар лаҳза ба ёди ту гулӯ мехорад.
Хоҳам, ки ба серӣ аз лабат нӯш кунам,
Лекин ку рафиқе, ки маро бардорад?!

*декабри 1996*

## ОҲ, ЧӢ КОРАТ КУНАМ

*Асп надорам, ки саворат кунам.*
Халқ

Соф бувад косаву дегу табақ,
Нест маро ғайри китобу варақ.
Гушнааму рангаки ман ҳаст зард,
Сурх буд он гарчи ба мисли шафақ.
Оҳ, надонам, ки чӣ корат кунам,
Нест мадоре ба канорат кунам.

Мезаниям ҳарфи дурушту дағал
Паст бигӯӣ маро аз кӯру кал.
Хона бувад холӣ, – бигӯӣ, – мудом,
Нест дар он балки ягон барги пал.



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Оҳ надонам, ки чӣ корат кунам,
Пайса надорам, ки нисорат кунам.

Буд ҳамеша ба дилам ин хатар:
Ҳол маро бад бишавад з-ин батар.
Тарк кунун хонаву дар кардаӣ,
Аз пайи хуммори туям дарбадар.
Оҳ, надонам, ки чӣ корат кунам,
Гӯй, чӣ сон рафъи хуморат кунам?!

Бо ту маро буд гаҳе бас азоб,
Бе ту бувад ҷони ҷавонам хароб,
Оштӣ гардем зи нав ё ки на?
Ҳеҷ наёбам ба саволам ҷавоб.
Оҳ, надонам, ки чӣ корат кунам,
Ё ки барам дохили ғорат кунам?!

Вой, ки илму ҳунарам хор шуд,
Давраи шайтонию бозор шуд.
Даври қамар омада бошад магар,
Килку китоб – ин ҳама бекор шуд.
Оҳ, надонам, ки чӣ корат кунам,
Ё ба ягон бой дучорат кунам?!

*августи 1998*

## КОШ НАГӮЙ...

Дод занад он яки болои сар,
Они дигар аз таги по бехабар.
Гоҳ камону гаҳе рақсу суруд
Хоб кунад нисфи шабам мухтасар,
Боз бигӯӣ: арақа кам бихӯр.

Субҳ ба шаб гушнааму хастаам,
Ҳаст ҳама ҷой дари бастаам.
Аз пайи як қадр қути лоямут
Аз саҳарӣ қад ба қади растаам,
Боз бигӯӣ: арақа кам бихӯр.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Лек касе, ки ҳақимардумхӯр аст,
Соз нигар, к-аз ҳама серу пур аст.
Нозираке, ки диҳад ӯро ҷазо,
Гирдаки ӯ ҳалқаи дар фур-фур аст,
Боз бигӯӣ: арақа кам бихӯр.

Он раисе, ки шавӣ дар «чақ-чақ»-аш,
Гӯши туро мебарад аз лақ-лақаш.
Оҳ, надонам ба чӣ бошад шабеҳ
Сӯҳбати ӯ? – Қурбақаву вақ-вақаш,
Боз бигӯӣ: арақа кам бихӯр.

Мехӯрам аз он ки дилам танг ҳаст,
Хор басе шахси бафарҳанг ҳаст.
Ҳар қадаре менигарам, пеши чашм
Нур наю балки ҳама чанг ҳаст,
Боз бигӯӣ: арақа кам бихӯр.

Кор набошад ба касеам дигар,
Нест зи бас додрасеам дигар.
Мехӯраму мехӯраму мехӯрам,
Чунки намонда ҳавасеам дигар,
Кош нагӯӣ: арақа кам бихӯр.

*августи 1997*

## ТАБРИКИ НАВРӮЗӢ

Наврӯз ба ёрону ағёр муборак бод,
Як бору ду боре не, сад бор муборак бод.

Бар кӯдаку занҳои заҳматкашу коригар,
Бар бӯзбаламардони бекор муборак бод.

Бар аҳли ҷафопеша ҷунбидани моҳона,
Қиматшавии моли бозор муборак бод.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Арзоншавии чипта тайёрасаворонро,
Нархи нави автобус бар ёр муборак бод.

Бар мардуми қашшоқи рустоиву саҳрой,
Бар «ҶИП»-саворони пулдор муборак бод.

Монанди ниҳолони Наврӯз шавад, эй кош,
Уммедниҳоли мо пурбор, муборак бод!

*Наврӯзи 2004*

* * *

Он гуле, к-андак нумӯ дорад,
Дар баҳорон рангу бӯ дорад.

Сабзиши гул, рангу бӯи гул
Боғбонаш орзӯ дорад.

Модари фарзанди ноқобил
Ашк мисли оби ҷӯ дорад.

Рӯзгораш баски сангин аст,
Худ ба худ ӯ гуфтугӯ дорад.

Нест қадре ришакиҳоро,
Риш дар сӯм обрӯ дорад.

Мекафад охир дилам аз дард,
Чун фишор аз чор сӯ дорад.

Шоири танҳову беҳамдам
Сӯҳбати ҷому сабӯ дорад.

Нашр созад то китобашро,
Сарпарасте ҷустуҷӯ дорад.

*марти 2004*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Беғараз гуфтӣ манат мечаспад?!
Ё фақат гуфти занат мечаспад?!

Пур зи меҳри пулӣ ту мағз ба мағз,
Ин ҳама дар баданат мечаспад?!

Заррае бар сари дамкардаи ту
Меҳри халқу Ватанат мечаспад?!

Нест як луқмаи нони ту ҳалол,
Хӯрдагият ба танат мечаспад?!

Гӯрро, гӯй, ба ин порахӯрӣ
Тешаи гӯрканат мечаспад?!

## ҚИТЪА

Аҷаб маскуни боғеам, азизон,
Ки танҳо хор дорад, гул надорад.

Ҳама кас қар-қари зоғон парастад,
Касе парвои як булбул надорад.

Яке пул дораду пур бесавод аст,
Дигар дорад саводу пул надорад.

Ҷавонон ҳар куҷо кокулпарастанд,
Вале як духтарак кокул надорад…

Напухтӣ гуфтаи ман бо калоне,
Зи бас номам дар охир «қул» надорад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## АЗ ЗАБОНИ ҲУНАРМАНДИ МАЙЗАДА

Дон, ки ман аз мӯчари мӯшам,
Баччаи бофаҳму боҳушам.

Ҳар гаҳе, ки мекушоям лаб,
Мекунад хурду калон гӯшам.

То бигирам дасти мӯҳточе,
Аз таҳи дил сахт мекӯшам,

Базмҳоро мекунам обод,
Бори санъат ҳаст бар дӯшам.

Лек вақте ки арақ нӯшам,
Мешавад олам фаромӯшам.

Шарму номусу ҳаёи хеш
Ҳайф, ки дарҳол бифрӯшам.

*августи 1998*

## БА НОСФУРӮШ

Эй носфурӯш, носа оҳиста фурӯш,
Дар хонаву дар кӯчаву дар раста фурӯш.

Ҳар гоҳ мизоҷи нохалаф меояд,
Ин оламу он олама дониста фурӯш.

Ё барф биборад зи ҳаво, ё борон,
Як маслиҳат ин аст, ки пайваста фурӯш.

Ҳар қошуқаке, ки нос мебардорӣ,
Пур кардаву дониставу шоиста фурӯш.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳар бебасаре, ки мерасад бар сари ту,
Дар ҷой бишин маҳкаму ноҷаста фурӯш.

Ҳушёр бишав, ки офтобат назанад,
З-ин рӯ таҳи дӯлона, таҳи писта фурӯш.

Ҳар ҳарф, ки ин Гурези носи-т бигуфт,
Бовар бикуну ҳеҷ машав хаста, фурӯш!!!

*феврали 1999*

**МУБОРАК БОШАД**

Эй занак, халтаяки орд муборак бошад,
Орди Нови якум сорт муборак бошад!

Карда пуштора варо, ҳозиракак аз зина
Мебароям чу Леопорд, муборак бошад!

Бас, дигар зиқ машав, зуд бикун сурфата рост,
Садқаи сурхии рухсор-т, муборак бошад!

Шод шав, шод, ки дигар саракат паст наяст,
Сарбаландастӣ чу як Лорд, муборак бошад!

Мана элак, мана муғпар, мана ин тахтаи ош,
Гир, ма қошуқу ма корд, муборак бошад!

Як су нону қалама, кулчаи ширин як су,
Мепазӣ як су гули торт, муборак бошад!

Ҳама чизат, ки пазад, бо рухи бикшода биёр
Баҳри ман шишаяки чорт[1], муборак бошад!

Лек дон, ки ба ҳамин халтаяки орд маро
Кардаӣ сахт ту қамқорт,[2] муборак бошад!

---

1. Чорт – як навъ нӯшокии спиртӣ.
2. Қамқорт – хонахароб, ғорат (шева).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Аҷаб нони ҳароме хӯрдаӣ ту,
Дили садҳо касон озурдаӣ ту.

Ба найранги зиёду ҳилаву фанд
Чу норе хуни халқ афшурдаӣ ту.

Набошад бар сарат як фикри тоза,
Ҷилав дар дасти зан биспурдаӣ ту.

Кафи поят бихоранд ар, нахандӣ,
Ба зайли он ки кайҳо мурдаӣ ту.

## БАЙНИ БИРИНҶ САНГӢ

Дар кӯчаву ба бозор,
Дар хонаву сари кор.
Дар тӯю суру мотам
Ҳаргиз наӣ ту ҳушёр.
Эй, ошнои бангӣ,
Чашмони ту чӣ танге.

Дар ту на ору нанг аст,
Қалбат магар зи санг аст, –
Фарзандҳот гушна,
Ҳушат кашоли банг аст.
Эй, ошнои бангӣ,
Ҳушёр не, малангӣ.

Шуғле дигар надорӣ,
Ҷуз дарди сар надорӣ.
Аз чор сӯи олам
Чизе хабар надорӣ.
Эй, ошнои бангӣ,
Шому саҳар гарангӣ.



бароимутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар ту на рӯҳу ҷон буд,
На қуввату тавон буд.
Як вақт зӯр будӣ,
Зӯри ту дар камон буд.
Эй, ошноӣ бангӣ,
Дар асл як шлангӣ.

Аз худ хабар надорӣ,
Дигар ҳунар надорӣ.
Бар кишвару ҷамоа
Ғайри зарар надорӣ.
Эй, ошнои бангӣ,
Байни биринҷ сангӣ.

*августи 2001*

## НИДОИ МОДАР

Чандест, ки ту дигар намоӣ,
Аз олами худ бадар намоӣ.
Дамдузд шудастию хаёлӣ,
Ҳарчанд ки шери нар намоӣ.

Ҳаргиз нарасӣ ба оҳи оча,
Эй, баччаи ғампаноҳи оча.
Гӯё сипару сипоҳи оча!

Якбора либоси ту дигар шуд,
Ҳам хону палоси ту дигар шуд.
Бо кибр кунун савори ҶИП-ӣ,
Ёри ту, шиноси ту дигар шуд.

Ҳаргиз нарасӣ ба оҳи оча,
Меҳмонаки гоҳ-гоҳи оча,
Эй дур зи солу моҳи оча!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ваҳ, рӯм сиёҳ, наркобизнес?
Ин шуғли касиф бошаду пес.
Андеша бикун, бимирад оча,
Ё ёди дами қиёматат нест.

Ҳаргиз нарасӣ ба оҳи оча,
Монандаи подшоҳи оча,
Мусичаи бегуноҳи оча!

Оби туву нони ту ҳаром аст,
Ҳам қасру макони ту ҳаром аст.
Зомин чу ба ҷони одамонӣ,
Ҷононаи ҷони ту ҳаром аст.

Ҳаргиз нарасӣ ба оҳи оча,
Аз рӯзи бадам гувоҳи оча!
Эй, баччаи рӯсиёҳи оча.

*июни 2001*

## ҲАСРАТИ ЗАНГИР

Дар кӯчаву майдонҳо,
Дар боғу гулистонҳо,
Дар дохили автобус,
Дар шаҳри чунин зебо
Семичка нахоӣ гар,
Мегирамат, эй духтар.

Камтар кунӣ гапҳота,
Ҳам сурхии лабҳота,
Беҷоюю баҷо ҳар дам
Дайдугии шабҳота,
Дудил нашавам дигар,
Мегирамат, эй духтар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳарчанд ки сарлучӣ,
Мӯят задаӣ қайчӣ,
Бепарда ба рӯи раҳ
Камтар бикунӣ мучӣ,
Бардошта пеши бар,
Мегирамат, эй духтар.

Бисёр ба ҳар мошин
Бо бузбалаҳо маншин.
Он домани кӯтоҳат
Бифрор каме поин.
Пӯшида ду чашми сар,
Мегирамат, эй духтар.

Диля ту нагӯ дигар,
Гуля ту нагӯ дигар.
Мавлудаи зеборо
Муля ту нагӯ дигар.
Бар ман ту бикун бовар,
Мегирамат, эй духтар.

Ширин чу сухан гӯӣ,
Бас дилбару дилҷӯӣ.
Хуш он ки расад бар ман
Аз тоҷикият бӯе.
Бо фахр шавӣ модар,
Мегирамат, эй духтар.

*июни 2001*

* * *

Зиндагӣ дилҷӯй бе дилбар набуд,
Осмони соф бе ахтар набуд.

Доғи рӯи моҳро ту дидаӣ?
Рӯи кулча бе гули муғпар набуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар идора буд моро сарваре,
Гӯй монандаш дигар сарвар набуд.

Ноз мекард он қадар бо мансабаш,
Унчу нозаш дар ягон духтар набуд.

Аз саҳар то шом мегуфтӣ дурӯғ,
Ҳар дурӯғе, ки сари минбар набуд.

Ё кадуе буд ҷои сар варо,
Ё давоми гарданаш буд, сар набуд.

Хайрият ки чаппа шуд аз решааш,
Варна бо ӯ ҳоли мо беҳтар набуд.

Шиква кардам ҳар гаҳе аз зиндагӣ,
Шиквабардорам ба ҷуз дафтар набуд.

Хуш наёмад хониши булбул ба зоғ,
Дар забонаш баски боре «қар» набуд.

Дӯш нӯшидам ба серӣ ман шароб,
«Лаззати» он ғайри дарди сар набуд.

Нашнавам то бад, ду гӯшам кар будӣ,
Дар шунуди хуб лекин кар набуд.

Қуллаи мақсад равам бо хомаам,
Аскари размандa бе ханҷар набуд.

*ноябри 2003*

* * *

Ин қадар бедард бошӣ, во аҷаб?!
Ин қадар номард бошӣ, во аҷаб?!

Орзуям ҷӯраи дилгарм бод,
Ин қадар дилсард бошӣ, во аҷаб?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рӯи сурхатро надидам соате,
Рӯзу шаб рӯзард бошӣ, во аҷаб?!

Хонаву дарро фаромуш кардаӣ,
Марди ҳарҷогард бошӣ, во аҷаб?!

Аз куҷо бошиву аслат аз куҷост,
Худ чӣ сон як фард бошӣ, во аҷаб?!

*майи 2004*

* * *

Ғайри озорат ту коре дидаӣ,
Ҳоли ҷони хору зоре дидаӣ?!

«Ҷип»-саворонро ҳамегӯӣ сано,
Заҳмати як харсаворе дидаӣ?!

Эй ки ҳастӣ фосиқи машҳури давр,
Гармии ёру каноре дидаӣ?!

Миллату ваҳдат бигӯӣ, шоиро,
Дар зимистон навбаҳоре дидаӣ?!

Ҳеҷ будӣ ҳамнишини бангиён,
Ваҳдати онҳо ту боре дидаӣ?!

Лаҳзае бо дӯстон мисли Гурез
Бодаву ҷому хуморе дидаӣ?!

## БА ҲУШТАККАШ

Субҳу шому рӯзу шаб ҳуштак кашӣ,
Каҷ намуда ҳар ду лаб, ҳуштак кашӣ.
Ҳушт-ҳуштат мекушад охир маро,
Меканад тори асаб, ҳуштак кашӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар ҷавонӣ боядат зебо шавӣ,
Бо тамизат соҳиби дунё шавӣ.
Лек рӯзат бигзарад бо ҳушт-ҳушт,
Садқаи даври ҷавониҳо шавӣ.

То ба кай ҳуштак кашӣ, эй беадаб,
Хоби мардумро паронӣ нисфи шаб.
Фарқ месозӣ биёбонро зи шаҳр?!
Пойтахт аст ин! На саҳрои Араб.

Пойтахт аст ин! – Макони касбу фан,
Шаҳри зебову дилорои Ватан.
Шаҳри илму маърифат, шаҳри адаб,
Шаҳри шеъру шоирӣ, шаҳри сухан.

Рав ба кӯҳу пуштаҳо, ҳуштак бикаш,
Дур шав аз шаҳри мо, ҳуштак бикаш.
Подабон шав, аз қафои гову хар
Дар адиру подаҷо ҳуштак бикаш.

Хаста шуд ҷон аз садои ҳушт-ҳушт,
Мондаем андар балои ҳушт-ҳушт.
Нозиро, боре ту ҳам каш ҳуштакат,
То даво ёбад вабои ҳушт-ҳушт.

*августи 2004*

## ҲАСРАТИ ҲУНАРВАР

Як замон будам миёни мардумон боэътибор,
Бар саманди ифтихору обрӯ будам савор.
Соҳибиззат дида худро байни ғайру ошно,
Мешукуфтам аз фараҳ чун гул ба ҳангоми баҳор.
Чун ҳунарвар дар ҳама маҳфил будам бологузар,
Баски дар дунё бувад аз ҳар амал боло ҳунар.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Эҳ, аҷаб овози хубу дилнавозе доштам,
Панд гуфта аз бузургон, панд мебардоштам.
Бо маҳорат, бо ҳунар, бо санъатам дар ҳар диле
Тухми ишқу меҳру шавқу завқро мекоштам.
Хизмати мардум будӣ чун пешаам шому саҳар,
Шод гашта з-ин амал, будам ба дунёи дигар.

Ин замон беэътибору обрӯ гардидаам,
Дур аз кору амал, номи накӯ гардидаам.
Нест қадре чун хасе дигар маро дар зиндагӣ,
Чун гули пажмурдаи бе рангу бӯ гардидаам.
Мешавам бологузар дар байни мардум кай дигар?!
Ҳамчунон беқадру беқимат фитодам пушти дар.

Ку ҳамон овози хубу дилнавози ман дигар?!
Сахт беморам кунун, месӯзадам ҷону ҷигар.
Яккаву танҳо ба кунҷи хона рӯи бистарам,
Нест дилсӯзе зи аҳволам бигирад то хабар.
Мондааст аз зиндагиям рӯзҳои даршумар,
Кори худро кард охир шишаи оқипадар.

*сентябри 2004*

* * *

Эй ки дар сол маро додаракӣ,
Ту зи дунёи адаб бедаракӣ.

Анчунон нозу такаббур дорӣ,
Ки бидозӣ ба саломам каракӣ.

Роҳ аз раҳравият меларзад,
Мезанӣ чанд касеро баракӣ.

Назди ту аблаҳи пулдор бувад
Беҳ зи сад одами нодори закӣ.

Бигузаштӣ ҳамаро «Ҷип»-савор,
Ман чӣ сон бар ту расонам харакӣ?!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дида беақливу ноодамият,
Ҷигарам об шавад камтаракӣ.

Ба чунин ақлу фаросат, эй кош,
Ба тахи ғор биафтӣ саракӣ.

*октябри 2004*

## ГӮЕМ Ё НАГӮЕМ

Аз беғамии ҷонон гӯем ё нагӯем,
Аз дарду сӯзи ҳиҷрон гӯем ё нагӯем?!

Гаштаст меҳр қимат, камчин шуда муҳаббат,
Аз ҳуққабози даврон гӯем ё нагӯем?!

Холист ҷайби доно, гарчи бувад тавоно,
Пур лек ҷайби нодон, гӯем ё нагӯем?!

Додо Россия рафта, тифлон чӣ роҳпӯянд,
Раҳпӯиҳои тифлон гӯем ё нагӯем?!

Ҳоҷат наяст гуфтан аз ҳушёри раҳрав,
Аз мастҳои ғелон гӯем ё нагӯем?!

Чандест мош-оба хӯрдан насибаи мост,
Аз таъми гӯштбирён гӯем ё нагӯем?!

Ҳурмат надида пирон як зарра аз ҷавонон,
Аз хулқу хӯи эшон гӯем ё нагӯем?!

Аспи ҳаромкорӣ, аспи ҳаромхорӣ
Эй бас бувад ба ҷавлон, гӯем ё нагӯем?!

Шеър аст рӯҳи обод, шеър аст хотири шод,
Ровӣ бувад ғалатхон, гӯем ё нагӯем?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Савдогаре ба бозор айёр ҳасту маккор,
Дур аст пур зи виҷдон, гӯем ё нагӯем?!

Картошкаву пиёзаш аз зар бувад гаронтар,
Гарчи бувад фаровон, гӯем ё нагӯем?!

Дунёи харҷу марҷ аст, ришвадиҳӣ ба авҷ аст,
Не кас муқобили он, гӯем ё нагӯем?!

То ҳаст инчунин роз, созе надорад овоз,
Эй войи Тоҷикистон гӯем ё нагӯем?!

## АНА, Ӯ МАСТИ БА МАСТ

*Назира ба суруди Хайрандеш*

*Нақарот:* *Ана, ӯ масти ба маст,*
*Ана, ӯ пасти ба паст.*
*Ана, қадди ӯ дароз,*
*Ана, ояд ба шикаст.*

*Ана, лафзи ӯ дурушт,*
*Ана, бардошта мушт.*
*Ана, гоҳе ба шикам,*
*Ана, гоҳест ба пушт.*

Ана, тунду дағалу дурушту бошаст омад,
Ана, як шиша арақ бубин, ки бар даст омад.
Ана, эй роҳгузар, гузар зи роҳат чаққон,
Ана, девона гурез, аз пайи ту маст омад.

*Нақарот*

Ана, ҳарчанд ки ӯ аз ин ҷаҳон мегузарад,
Ана, пур хорфишон, на гулфишон мегузарад.
Ана, беномусу бенангию беорӣ бин,
Ана, бар чор сӯ дашномкунон мегузарад.

*Нақарот*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ана, бингар, ки малангею гаранг омадааст,
Ана, бо сояи худ балки ба ҷанг омадааст.
Ана, нафъе нарасад ба зиндагӣ аз буданаш,
Ана, дар байни биринҷ ҳамчу санг омадааст.

*Нақарот*

## ТЕЛЕФОНАТРО БИГИР

Раиси кори калон,
Адлу инсоф бидон.
Дар ғами як-ду сухан
Умракам гашт хазон.
Телефонатро бигир,
Ду даҳан гап дорам.

Гӯиё пуркорӣ,
Кори беше дорӣ.
Набувад балки туро
Вақт бар сархорӣ.
Телефонатро бигир,
Ду даҳан гап дорам.

Воқифам кори туро,
Тарзи гуфтори туро.
Воқифам балки каме
Феълу атвори туро.
Телефонатро бигир,
Ду даҳан гап дорам.

Аз ту болой саре,
Ё зи ту бойтаре
Агарат занг занад,
Як қад аз ҷой парӣ.
Телефонатро бигир,
Ду даҳан гап дорам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман наям бой чу ту,
Соҳиби ҷой чу ту.
Ё чу як дастдароз
Уқдабикшой чу ту.
Телефонатро бигир,
Ду даҳан гап дорам.

Шоири сода манам,
Корафтода манам.
Ба дари арзу ниёз
Рӯй бинҳода манам.
Телефонатро бигир,
Ду даҳан гап дорам.

Эй, раиси ҳамадон,
Панди дерина бидон –
Ҳам туву ҳам ману вай
Набувад дунёбон.
Телефонатро бигир,
Ду даҳан гап дорам.

Телефон хушхабар аст,
Ё ки он дарди сар аст.
Телефони ҳама аст,
На ки моли падар аст.
Телефонатро бигир,
Ду даҳан гап дорам.

*августи 2005*

## БА БАДМАСТ

Мастии бисёр дар ҷонат назад?!
Нестӣ ҳушёр, дар ҷонат назад?!

Ҷангу ҷанҷол аст дар хонат мудом,
Қаҳру нози ёр дар ҷонат назад?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рӯз то шаб кӯ ба кӯву дар ба дар
Гаштани бекор дар ҷонат назад?!

Мардумон «унаст-унаст»-ат кунанд,
Ҳар гапи таҳдор дар ҷонат назад?!

Бо пичинг оранд номатро ба ёд,
Бар сарат бозор, дар ҷонат назад?!

Ҳеҷ мефаҳмӣ, ки бо ин хӯи бад
Нестӣ подор, дар ҷонат назад?!

Боядат ки камтарак одам шавӣ,
Мемурӣ бас хор, дар ҷонат назад?!

*майи 2004*

## ҲАМСОЯЗАНАК

Ҳамсоязанак ор надорад, чӣ кунам,
Ҷуз шӯру мағал кор надорад, чӣ кунам?!

Ғайри сухану лафзи дурушту дашном
Гапхалтаи ӯ бор надорад, чӣ кунам?!

Бо сояи худ балки ба ҷанг аст мудом,
Ҷуз одати нофор надорад, чӣ кунам?!

Саг вори чакад аз саҳарӣ то дами шаб,
Як гуфтаи даркор надорад, чӣ кунам?!

Нақши ҳамаро меканад ӯ аз девор,
Ҷуз ғайбати бисёр надорад, чӣ кунам?!

Хоҳам, ки равад тезтар аз кӯчаи мо,
Қадре сари бозор надорад, чӣ кунам?!

Аз феъли бадаш ҳар кӣ аз ӯ бигрезад,
Як шӯи харидор надорад, чӣ кунам?!

*майи 2004*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ХУРДИ КАЛОНКОРИ МО

Рӯзу шаби бемалол
Дар сари нӯлам кашол.
Аз бару ҷар медиҳӣ
Ҳар нафасе даҳ савол.
Аҷлаки бисёри мо,
Хурди калонкори мо.

Гоҳ ту пандам диҳӣ,
Гӯй, ки қандам диҳӣ.
То бишавам бохабар,
Фанди дучандам диҳӣ.
Рӯбаҳи маккори мо,
Хурди калонкори мо.

Кай ту гапи мо кунӣ,
Гуфтае иҷро кунӣ?!
Сарбасарӣ гар ғалат,
Кори худатро кунӣ.
Эй ту, на даркори мо,
Хурди калонкори мо.

Чашм намоӣ ало,
Менигарӣ чун бало.
Мехӯрадам чашми ту,
Раҳм намо бар ако.
Ҳолати душвори мо,
Хурди калонкори мо.

Душмани моӣ магар,
Гашта ба мо сарбасар?!
Ман зи ту пӯшидаам
Куртаяке пештар.
Додари нофори мо,
Хурди калонкори мо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гов дарояд, зи ҷо
Гӯсала хезад ба по.
Лек чу мо омадем,
Мурда туӣ ҷо ба ҷо.
Аблаҳи тайёри мо,
Хурди калонкори мо.

Пой ба лою гилӣ,
Ронда зи ҳар маҳфилӣ.
Баски ба лафзи қабеҳ
Қотили ҳар як дилӣ.
Дар кафи по хори мо,
Хурди калонкори мо.

*июни 2004*

## ТАБРИКИ АРӮСУ ДОМОД

*(нимҳазлу нимҷидӣ)*

1

Арӯси зебо,
Эй шоҳ-домод!
Ин рӯзи шодӣ
Табрикатон бод!
Бошед доим
Савори «Чайка»!

2

Лайлову Маҷнун
То дер бошед,
То охири дам
Бомеҳр бошед.
Андар муҳаббат
Созед пайка!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

3

Кам нею ғам не –
Пуркачча гардед.
Соҳиб ба даҳ-то
Шаҳбачча гардед.
Баҳри дифоътон
Бошанд шайка!

4

Таншон сиҳат бод,
Бедард бошанд.
Як рӯз бинед,
Худ мард бошанд.
Анде бимонанд
Тан таҳи майка!

5

Чун мавҷи дарё
Пуршӯр гарданд,
Бонангу номус,
Пурзӯр гарданд.
Ҳар як кадомаш
Пӯшад фуфайка!

6

Чашми бадон кӯр,
Бошед масрур.
Асло нагардед
Аз якдигар дур.
Маҳкам бимонед
Чун болту гайка!

*майи 2004*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ОЛИМ

Бадиққат кори илмии ту хондам,
Агарчи се шабу рӯзам бишуд сарф.
Қатор овардаӣ гуфти дигарҳо,
Чӣ гуфтӣ худ?! Нафаҳмидам ягон ҳарф.

## ДУХТУР

Ҷарроҳ лозим омад беморро ба ногоҳ,
Дар як замон бибурданд ӯро ба пеши ҷарроҳ.
То нархи «заҳмат»-ашро ҷарроҳ кард маълум,
Бемор ҷон супурдӣ аз сӯзу дарди ҷонкоҳ.

## НОЗИР

Худоё, гӯлу гумроҳам насозӣ,
Гирифтори ғаму оҳам насозӣ.
Ба ҳар як мушкили раҳ оварам тоб,
Дучори нозири роҳам насозӣ.

## НОТИҚ

Қадду басту рӯи зеборо бубин,
Нотиқи гӯёву барноро бубин.
Беғалат лекин нахонад шеъраке,
Дилфиребиҳои дунёро бубин.

## МУАЛЛИМ

Як замон будӣ ту соҳибобрӯ,
Эркаи даврон будӣ, бегуфтугӯ.
Ин замон, ки қадри ту барбод дод,
Садқаи як ҳарфи некӯи ту бод!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ТОҶИР

Надидам моли арзонат
Ба ҷуз номусу виҷдонат.

## ОВОЗХОН

Гаҳе ларзад миён, гаҳ дасту поят…
Биларзад балки ҳар узви вуҷудат.
Сафедӣ дорад он чоки гиребон,
Танат тарғиб созӣ ё сурудат?!

## БОҶДОР

Боҷ гирӣ аз газету аз китоб,
З-оташу боду зи хоку ҳам зи об…
Ҳеҷ дар умрат ту боре кардаӣ
Боҷи Қасри бошукӯҳеро ҳисоб?!

## ҲОҶӢ

Нисфи дунёро намудӣ тай,
То занӣ бо санг шайтонро.
Дар ҳамин ҷо чашм бикшо, бин,
Сангу шайтон кам бувад оё?!

## КОСАЛЕС

Ҳамегӯянд хулқи зишту бадро
Дар он дунё суолеву ҷавоб аст.
Гумонам, чун гуноҳи сахту вазнин,
Гуноҳи косалесон дар ҳисоб аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДУРӮЯ

Ҳам занӣ дар наълу ҳам дар пошна,
То ба кай дурӯягиҳо мекунӣ?
Олам аз дастат ба фарёд омада,
Кай ту охир тарки дунё мекунӣ?!

## ТАРДОМАН

Панд мегӯӣ ба мардум ҳар замон,
Беибову боғуруру ман-манӣ.
Пандҳо аз исмату покизагӣ,
Гӯиё яктои халқу меҳанӣ.
Мо чӣ сон бар панди ту бовар кунем,
Чун ҳамедонем, худ тардоманӣ?!

## САРВАР

Дӯш будам шоҳиди тӯе калон,
Косагул гуфто ба гӯши сарваре:
– Ҳазратам, чун мешавад гар ин замон
Нутқ ронӣ ду даҳан чун раҳбаре?
Таҳният гӯӣ арӯсу шоҳро,
Тӯй гардад пуршукӯҳу дигаре.
Гуфт сарвар: «Садқаи номат шавам,
Эй маро дар ҳар ду дунё додаре.
Ҷои ман худ ҳар чӣ мегӯӣ, бигӯ,
Ман ҳаметарсам зи лафзи модарӣ».

## ЧОПЛУС

Гарчи бо нодонияш машҳур ӯст,
Гарчи аз ақлу фаросат дур ӯст.
Зина-зина меравад боло, бубин,
Чоплусе бас ниҳоят зӯр ӯст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ПЛЕФТА

Тану ҷонам ту хӯрдастӣ, плефта,
Ду гӯшамро ту бурдастӣ, плефта.
Зи шодӣ се шабу се рӯз нӯшам,
Шунидам чун ту мардастӣ, плефта.

## САРДОР

Ба ҳукмаш як идора рост истад,
Агар андак бичунбонад лабашро.
Валекин чун бадар шуд аз идора,
Занаш ҳатто намегирад гапашро.

## ТОҶИРИ ИМОН

Рӯза омад, гӯшт қимат шуд,
Рӯза рафт, арзон нашуд дигар.
Пас бигӯ, эй тоҷири имон,
«Муслим»-е бошад зи ту беҳтар?!

## ТАНПАРВАР

Каҳ зи мардум, коҳдон аз мардум аст,
Меҳӯриву меҳӯриву меҳӯрӣ?!
Ё худат бар гӯшт бурда биспарӣ,
К-ин қадар фарбеҳкуну танпарварӣ?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ГУЛ БАРИ ЁР ЗЕБАД

*(аз сурудҳои худбофтаи ҳофизон)*

Гул бари ёр зебад,
Мурданивор зебад.
Бар сари ҷуфти имшаб
Гуфтугузор зебад.

Неъмати рӯи хон бин,
Нуқлу кабоби ҷон бин,
Байни ҳазор неъмат
Шиша қатор зебад.

Як сӯ шуда тағо маст,
Як сӯ шуда дадо маст.
Хешу табори моро
Чашми хумор зебад.

Рақси варо ту бин соз,
Карда ду чашми худ боз.
Пул чӣ, ки ҷони худро
Соз нисор, зебад.

Сард бувад зимистон –
Жолаву барфу борон.
Тӯйи арӯсу домод
Фасли баҳор зебад.

Косагули зиёфат,
Хаста шуд аҳли санъат.
Шоҳу арӯси моро
Бӯсу канор зебад.

Соҳиби тӯй, дидӣ,
Базми маро шунидӣ.
Заҳмати ман мабин кам, –
Як-ду ҳазор зебад.

*августи 2004*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ТОҶИКИ НАВ

Субҳ шуд. Аз хона берун меравам,
Меравам не, балки кам-кам медавам.
Эй, чӣ мепурсӣ куҷо дорам шитоб,
Дар ғазаб аз пурсупосат мешавам.
Худ ҳайронуме!

Гоҳ бинӣ, дар ба дар гардидаам,
Гоҳи дигар Бар ба Бар гардидаам.
Маст гашта аз шароби ройгон,
Хонумеро ҳамсафар гардидаам.
Саргардонуме!

Меравам бе мақсадеву сар-сарӣ,
Кардаам гум лафзи хубу дилбарӣ.
Нест рӯзе то наранҷонам диле,
Феъли ман монанд бар феъли харе.
Ё худ онуме?!

Нест аз ман бар ягон кас манфиат,
Балки беорам қабат андар қабат.
Кӯдаку зан кай ба ёдам мезанад?
Мон ту ҳолӣ як сӯ нафъи ҷамъият.
Бевиҷдонуме!

Гов, шаб шуд, оғилаш ояд агар,
Нисфи умри ман гузашт аз пушти дар…
Эй, махон бар гӯши ман ин қадр панд,
Бобии ман мешавӣ ё ки падар.
Худ медонуме!

Тоҷики нав гуфтӣ? Оре ин манам,
Қабри баъзе кӯҳнаҳоро меканам.
Дур шав аз пеши роҳам зудтар,
Мемурӣ дар ҷо-т, агар муште занам.
Сарвайронуме!

*октябри 2004*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ПАРЕШОНИЯҲО

Эй ҷаноб,
Хез аз хоб.
Дасту рӯ
Шӯ ба об.
Пули худ
Кун ҳисоб.
Бозор рав
Бошитоб.
«Ҳар чӣ меҷӯӣ, биҷӯ»,
Ҷуз китоб.

* * *

Аҳмад доим грип аст,
Тошмат савори ҶИП аст.
«Тоҷики ман, зинда бош»!

* * *

Эй аҳли бозор,
Хонед қисса:
Маҳкам ба ду даст
Доред киса.
Ҳушёр бошед,
Омад милиса.
«Тоҷикистони советӣ ҳамчу як гулдаста аст».

* * *

Яке ғоратгару дузд аст,
Дигар шаш моҳ бемузд аст.
«Тамошо кун, азизам, сарзамини Тоҷикистонро».

* * *

Чу он хонае, ки надорад свет,
Дареғо, ки гум кардам авторитет.
Надорам ба киса пули пучаке,
Ту бошӣ бигирӣ сӯма бо пакет.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ман имрӯз дар раҳ пиёда равам,
Зи дороӣ астӣ савори ракет.
Ривоҷ аст бар кору бозори ту,
Маро кору бозор бошад клет.
Туву айшу ишрат, туву сайругашт,
Ману корубори газету макет…
«Бар ҳукумати мо офарин».

* * *

*Барои Тӯрахон Аҳмадхон*

Як парчаро сад бор ту
Мехонӣ бо такрор ту.
Баъд онро рӯи саҳна мебарӣ.
Шашмоҳа ойликат
Бо нӯги чилликат
Нарезонда мекунӣ ғун,
Ночаконда мекунӣ ғун,
Баъд як рӯмоли бинӣ мехарӣ.
«Дилакат зардоб шуд аз чақ-чақи бофандагӣ».

* * *

Иттиҳоди нависандагони мо
Дар ҷаҳон ягонаву тоқ аст.
Лек бинӣ: ҳар узви нодораш
Ҳамчу чӯбе зи гушнагӣ қоқ аст.
«Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад».

* * *

Эй Боқӣ, Боқӣ,
Сарат бе тоқӣ.
Фарбеҳ нею
Чаро ту қоқӣ?
Чунки зи аввал
Бошӣ зуқоқӣ.
Назуқ ту бисёр,
Накун чатоқӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бирав ба бозор,
Бишав бизнесмен.
«Субҳ дамиду рӯз шуд».

* * *

На свет асту на газ ҳасту на об,
Бел ёбу раву гӯратро бикоб.

* * *

Омад зимистон,
Попӯш надорам.
Шуд барфу борон,
Сарпӯш надорам.
Надорам ҳезум,
Балки ягон сӯм.
Дар зиндагонӣ
Моем раҳгум.
«Тоҷикистонро дигар қисмат макун».

* * *

Муаллим бо боевик сарбасар кӯфт,
«Худоё, аз балоҳоят нигаҳ дор».

* * *

Дирӯз рафтам
Қабули вазир,
Буд баски корам
Бисёр ҷазир
Ҷои гирифтан
Дасти мани пир.
Нешам бизад ӯ
Дар сина чун тир.
«Бепул суханат асар надорад».



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Чошида атр,
Рафтам театр.
Тори сарам
Бигрифта чатр.
Ёдам омад
Ин якта сатр:
«Буз дар ғами ҷон асту қассоб дар ғами чарбу».

* * *

Зани варо бин,
Чарчинфурӯш аст.
Худи варо бин,
Бензинфурӯш аст.
Додарашро бин,
Резинфурӯш аст.
Баччаашро бин,
Мошинфурӯш аст.
«Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст».

* * *

Мекашам нос,
Бепурсупос,
Мекунам туф
Рӯи палос.
«Хоки Ватанам сурмаи чашмони ман аст».

* * *

Ахир ба мақсад расид,
Хараш аз ҷӯбор парид.
Лекин худаш напарид.

* * *

Эй садафдандон,
Эй пистадаҳон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Эй абрӯкамон,
Эй мӯрмиён.
Эй роҳати ҷон,
Сад сӯм маро деҳ!

* * *

Меравад поезд ба роҳаш,
Кабӯтар дар ҳаво пар мепаронад.
Қадаҳро аз арақ лабрез созед,
Чуноне қумрӣ аскар мепаронад.
«Эй дили ман, бо умеде зинда бош!»

* * *

Ин паҳлавонро бингаред,
«Дар тан либоси сап-сафед»,
Дар соячои ғафси бед,
Бо сад ҳавас, бо сад умед,
Сақичфурӯшӣ мекунад.

* * *

Додарам,
Додарам.
Лоғарам,
Лоғарам.
Пур бикун
Соғарам.
Ё бикӯб
Бар сарам.
«Аҷаб расмест расми одамизод».

* * *

Дунё вафо надорад,
Як каф садо надорад.
Бо пулпарастиҳояш
Ёрам баҳо надорад.
Биё, равем з-ин ҷо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Туро бообрӯ гуфтам, хато кардам,
Туро зан, хеш шӯ гуфтам, хато кардам.
Туӣ он дилбаре, ки обрӯят нест,
Туӣ он дилбаре, ки ҳеҷ шӯят нест.

* * *

Дӣ бо даҳ ҳазор
Рафтам ба бозор,
То кунам харид
Аз баҳри он ёр.
«Хат ғалат, маънӣ ғалат, иншо ғалат, имло ғалат».

* * *

Булбул зи боғ рафт
Бо сад ҳазор доғ.
Боғ аст сад фисад
Дар ихтиёри зоғ.
Аз субҳи содиқам
Паймонаро суроғ.
Эй гулбадан, биё!

* * *

Ҷон, эй тағо,
Гӯшам намо.
Як боракак
Чашмат кушо.
Гир камтарак
Дасти маро…
«Рӯди ман, олам дигар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон».

* * *

Маро як мулки афтоврез бошад,
Пиёзаш чун қаланфур тез бошад.
Дар он себ аст дар шохи дарахтон,
Вале харбуза дар полез бошад.
«Биё, то як даме як ҷо нишинем».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Дӯш маро ёр буд,
Дилбари Фархор буд,
Ду карат ду чор буд.

Ҳоли маро ранҷ ҳаст,
Дилбарам аз Ванҷ ҳаст,
Ду карат ду панҷ ҳаст.

* * *

Ту аз ГАИ-ӣ
Ё аз ВАИ-ӣ,
Ҳар кас, ки бошӣ,
Як сӯмтарошӣ,
Сӯм метарошӣ.

* * *

Қадаш дароз аст
Ранги сафедор,
Даҳонаш воз аст
Ба монанди ғор.
Чашмакони ӯ
Чун светофор.
Дорам тамошо
Ҷамоли он ёр.
«Навбати мову тамошо бигзарад».

* * *

Вақте ки дидам
Карру фари ту,
Аммомаро бар
Тори сари ту,
Бовар намудам
Бар ҳоҷигият.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вақте ки беист
Лаб мекушудӣ,
Аз ҳар хусусе
Гап мекушудӣ,
Бовар намудам
Бар гоҷигият.

* * *

Арӯси мо арӯс аст,
Дар ҷанг чун хурӯс аст.
Тӯй муборак шавад!

* * *

Аҷоиб як суханвар Тӯрахон аст,
Ки доим дар замину осмон аст,
Худаш дар пойтахту пош дар Кангурт мегардад.

* * *

Моҳӣ монад дур аз об, мемирадо,
Бо дусад ранҷу азоб мемирадо.
Монд дар ин давраи озоди мо
Он ки бе пулу ҳисоб, мемирадо.
«Ёд бод он рӯзгорон, ёд бод!»

* * *

Хук барин фарбеҳ будам, монанди саг гаштам хароб,
«Ҳеҷро ҳар чиз кардӣ, зинда бош, эй Инқилоб!»

* * *

Яке зи поин,
Дигаре аз нӯҳум этаҷ,
То нисфишабӣ
Доранд ваҷ-ваҷ.
«То тавонӣ, дӯстонро гум макун».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Як ҷавоне хонумашро
Роҳ мепояд.
То расад он хонумаш, беист
Семичка хояд.
«Ҷавонон ояндаи моянд».

* * *

Мекашад банг,
Ду чашм танг.
Раҳгузарро
Мезанад санг.
«Тоҷикистон – ҷону ҷонон».

* * *

Яке аз луқмаи ҳарром,
Дигар аз одами бадном,
Яке аз занҷабилу сир,
Дигар аз тӯпу танку тир,
Яке аз пиваю аз нос,
Дигар аз дуди попирос…
Буд қимоб.
Вале Аҳмад қимоб аст
Аз китоб.

* * *

Задам як санг, бишкаст даҳ тиреза,
«Гумон набаред,
Ки ман хурд астам».

* * *

Гарчи чанде нодонам,
Вале инро бидонам,
К-аз зӯри ахлотрӯба
Раҳ гашта наметонам.
«Республикаи ман»!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Эй крокодил!
Туӣ сангиндил.
Гушна мондам гуфта, ту
Оҳуро бурдӣ фурӯ.
Ин магар одамгарист?!

* * *

Дар соли наваду нӯҳ
Мебароям тори кӯҳ.
Мекунам ҷар
Санги маҳшар
Бар касе, ки қарздорам з-ӯ.

* * *

*Барои Қиёмиддин Чақал*

Соли Харгӯш аст имсол,
Иншооллоҳ!
Дег дар ҷӯш аст имсол,
Иншооллоҳ!
Худо хоҳад, яки ту мешавад ду!

* * *

Менишинад чорзону дар лаби ов
Модагов.
Мехӯрад гӯё ки болаззат палов
Иванов…
«Нон бошад, суруд ҳам мешавад».

* * *

Ӯ асосан одами қишлоқ буд,
Бо бузу гову хару тайлоқ буд.
Ҳоло, ки ба шаҳр аст,
Гӯӣ лаби баҳр аст,
Таги турсук мегардад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Эй духтарак, наздам биё,
Аз аспи нози худ фаро.
Сад долларак дорам баро-т,
Боз о, ба оғӯшам даро!
«Доллар бародар-раҳнамо»!

* * *

Чӣ сап-сафед мӯят,
Чӣ сип-сиёҳ рӯят.
Мурдам дар орзӯят.

* * *

Аҷаб duздист дар ин давру даврон,
Душанбе – пойтахти Тоҷикистон.

* * *

Алӣ шашлик фурӯшад,
Дар дасти Ҷон китоб аст.
Алӣ чу хук фарбеҳ,
Ҷон ранги саг хароб аст.
«Биё, ба мактаб равем»!

* * *

Ду дӯст бо ду ҶИП
Дар байни чорсӯ
Истода рӯ ба рӯ,
Он як зи дигаре
Аз баъди пурсупос,
Пурсидааст нос.
«Эй бародар, хоки поят тӯтиё»!

* * *

Ман Гурезам, ман Гурезам, ман Гурезам,
Аз касе, ки пул надорад, мегурезам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Аҷаб хушрӯй дар тӯяш сухан гуфтам,
Намедонам, ту гуфтӣ ё ки ман гуфтам.

* * *

Ҳавои тоза бӯи тоза дорад,
Бародар, дуздӣ ҳам андоза дорад.

* * *

Ғарқам ба баҳри водка,
Даркор нест лодка.

* * *

Ҳамчу он деве, ки ҷонаш дар даруни кӯза аст,
Ҷони садри мо бувад дар дасти сардори дигар.

* * *

Муаллим дар кучову ку саводаш,
Кӣ хонад Ҳофизу орад ба ёдаш?!
Ба омӯзиш кунад гар баччае майл,
Расед, эй «аҳли маърифат» ба додаш!!!

* * *

Ба пешат мегузарам се сабад сӯм,
Агар як бор бинмоӣ табассум.

* * *

Ман агар дар ванна бошам, ғам надеҳ,
Пул агар медода бошӣ, кам надеҳ!

* * *

Ба ҷои он ки хонӣ ту
«Агар ғам лашкар ангезад…»
Бихондӣ ту
«Агар лашкар ғам ангезад…»
Ба базмат ҷамъ кардӣ пули бисёре,
Илоҳӣ, пулҳои ҷамъкарда аз сарат монад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ба ҳар маҳфил туӣ воиз,
Агарчи нестӣ ҷоиз.
Туро ботин дигар, ҳарфат дигар ҳаст,
Худоё, пахш созад ҷисми ту поиз.

* * *

Доданд туро вазифа, эй дӯст,
Гарчи бувад ин латифа, эй дӯст.
Ту кор наю хумор дорӣ,
Ҳастӣ ба ғами Шарифа, эй дӯст.

* * *

Эй духтарак, эй духтарак,
Рафтем ҳар ду як ба як.

* * *

Ҷони ман, аз нафақа
Беш бошад садақа.

* * *

Эй он ки балетро ту варзиш гуфтӣ,
Войи туву аз балету войи варзиш.

* * *

Нос чун аз даҳанат пош шавад,
Хӯрдагият ба танат ош шавад.

* * *

Мехоҳӣ биҷунбонӣ,
Ҷунбонда наметонӣ.
Пас аз чӣ ту меҷунбӣ?!
Бисёр наҷунбу хон!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ҳар замон моро суханҳо ёд бод,
Бас суханҳо дар ватанҳо ёд бод,
Дар ватанҳо аз даҳанҳо ёд бод,
Лақ-лақи ҳамсоязанҳо ёд бод!

* * *

Кай манам дар ҷустани айби касон
Чун туе, эй ровии ҳардамкуҷо?!
Лек як айби туро мегӯям –
Худат хушрӯ,
Қадат хушрӯ.
Либос хушрӯ,
Ду абрӯи чу дос хушрӯ.
Лабат хушрӯ,
Гапат хушрӯ,
Туро ҳар як ваҷаб хушрӯ…
Пас куҷо айби ту бод?!
Азбаски ту шеърро надонӣ,
Айби ту ҳамин, ки шеър хонӣ!

## ҲОФИЗ[1]

*(Қиссаи манзум)*

### Оғоз

Эй қалам, эй ҷӯраи деринаам,
Ҳамнишину ҳамдами бекинаам.
Аз ғаму дарди дили ман бохабар,
Шодию хурсандиамро ҳамсафар.
Эй рафиқи ҳам шабу ҳам рӯзи ман,
Эй забони ҷумла дарду сӯзи ман,
Ҳар ду бо ҳам ошнои ҷонием,
Номҷӯ дар ин ҷаҳони фонием.

---

1. Ҳофиз – сароянда, овозхон, гӯянда.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Боз о, гӯем ҳар ду қиссае,
Аз ҳадиси рӯзгорон ҳиссае.
Қиссаи як ҳофизи «номии» халқ,
Гӯиё бо санъаташ «ҳомии» халқ.
«Ҳақталошу ҳақнигоҳу ҳақназар»,
К-ӯ бувад дар ҳар кучо бологузар.
Қиссаи як ҳофизи бекораро,
Рӯзу шаб аз пушти пул овораро.
Кору бору хулқу атвори варо,
«Санъат»-у ҳам лаҳну гуфтори варо.
Як ба як рози варо ифшо кунем,
Аз хамираш мӯйро пайдо кунем.
Ку бубинем, ӯ чӣ сон санъатвар аст,
К-ин қадар машҳури ҳар кӯву дар аст.

**Ҳасратӣ**

Ном дорад ҳофизи мо Ҳасратӣ,
Дур аз одобу бошад як чатӣ.
Раҳ равад, болофуку мағрур ӯст,
З-одамиву хоксорӣ дур ӯст.
Ҳасратии мо кашад сар то фалак,
Гӯиё ки бошад устоди «Фалак».
Дур аммо аз китобу дафтар аст,
Ақли ӯ аз ақли кӯдак камтар аст.
Эй бародар, хубтар гар бинияш,
Тоза карда бал натонад бинияш.
Фух кашад беист ҳамчун кӯдаке,
Лек байни «мухлисон» бошад яке.
Дар гумонаш кори осон санъат аст,
Ҳофиз асту халқро дар хидмат аст.
Корчаллоне вале моҳир бувад,
Гӯлу гумраҳ гарчи дар зоҳир бувад.
Меравад бар тӯй ҳар шаб ӯ қариб,
Бо усулу корсозии аҷиб.
Як усулашро ҳикоят мекунем,
Андаке гарчи шикоят мекунем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## Кайк дар пӯстин

Паҳн шуд овозае дар як дамак,
Рафт ин овоза то гӯши фалак:
«Тӯй дорад Отабойи номдор,
Тӯй дар қишлоқи бобояш – Баҳор.
Отабойе, ки ҳама бишносадаш,
Обрӯву эътиборе бошадаш.
Отабойе, ки ба рӯи мансаб аст,
Халқ андар хидматаш рӯзу шаб аст.
Оламе аз ҳиммати ӯ комёб,
Баски пулашро намебошад ҳисоб.
Пули ӯро бехато гар бишмарӣ,
Бемуҳобо, ними дунёро харӣ.
Косабардораш ба ҳар кунҷу дар аст,
Ҳам ҷавону пир, ҳам зан, духтар аст…»
Чун расид овоза то санъатварон,
Ҷумлагӣ гаштанд беҷову макон.
Дилфигору беқарору беҳисоб,
К-ӯ киро ҳофиз намояд интихоб.
Чарх мегаштанд дар деҳи Баҳор,
Гирди хони Отабойи номдор.
То ки бошад дар нигоҳи ӯ буванд,
Ҳофизи тӯйи калони ӯ шаванд.
Ҳар кӣ худро пешакӣ ҳофиз бидид,
Дастагул аз боғи уммедаш бичид…
Ҳасратӣ ҳам з-ин хабар гардид шод,
Кайк андар пӯстини ӯ фитод.
«Дар қатори тӯйгардони дигар,
Ки буванд онҳо яқин бологузар.
Ҳамчу ҳофиз низ ман бояд равам,
То ки соҳиб пули бисёре шавам…»
Бо чунин андешаҳо хобаш набурд,
Ӯ зи бехобӣ қарибе, ки бимурд.
Фикр карду фикр карду фикр кард,
Се шабу рӯз ӯ Худоро зикр кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Ёфтам!» гӯён ба ногаҳ дод гуфт
Ончунон, ки ними дунёяш шунуфт.
Завҷааш як қад парид аз хоби ноз,
Зуд пеши шавҳараш омад ба тоз.
« – Ҳой мардак, нисфи шаб доде задӣ,
Ин қадар аз чист фарёде задӣ?»
Ҳасратӣ гуфто, ки «эй ҷону ҷигар,
Эй зи кору бори дунё бехабар.
Тӯй дорад Отабойи номдор,
Тӯй дар қишлоқи бобояш – Баҳор.
Ҳофизи ин тӯй бояд ман равам,
То ки соҳиб пули бисёре шавам».
« – Хайр, хезу рав, вале додат зи чӣ?
Нисфи шаб ин қадр фарёдат зи чӣ?
Ҷони манро рӯи каф кардӣ қариб,
Кӯдакамро талхакаф кардӣ қариб».
« – Гап дар ин ки нестам ман даъватӣ,
Дар қатори ҳофизони савлатӣ.
Ёрият даркор, қурбонат шавам,
Ҳар чӣ мегӯӣ, ба фармонат шавам.
Котиба дорад ба ном ӯ Гулнамуд,
Ҳо, ҳамоне ки туро ҳамсинф буд.
Хезу рав пеши дугона-т ин замон,
Бехабар созед ҳар ду як забон.
Нест садре котиба-шро нашнавад,
Гирди ӯ парвона ҳатман мешавад…
То ки ман ҳам тӯйи ӯ даъват шавам,
То ки ман ҳам соҳиби иззат шавам.
Ҳар чӣ гӯӣ, пас муҳайё мекунам,
Ҷаннати афсона барпо мекунам».
Завҷааш Оим, ки ними шӯ-ш буд,
Хоҳишашро зуд иҷро менамуд.
Пеши рӯ овард ин дам Отабой,
Ин замон дигар бидидӣ қасру ҷой.
Ин замон худро бидидӣ бойтар,
Ин замон будӣ ба дунёи дигар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ин замон медид худро ҶИП-савор,
Мӯҳраҳо дар гарданаш зебо қатор.
Зуд шуд аз пушти гуфти Ҳасратӣ,
То биёбад пули муфте Ҳасратӣ.
Зулфҳои хешро ӯ шона кард,
Хешро зебогули якдона кард.
Зебу оро дод монанди арӯс…
Субҳидам. Ҳангоми фарёди хурӯс
Раҳсипар шуд ҷои кори Отабой,
Ҷои кори бобарори Отабой.
Аз дугона-ш пештар он ҷо расид,
Отабой аввал рухи ӯро бидид.
Карда буд хуршед чашмаш гӯй кӯр,
Даст бигрифтӣ худашро ӯ ба зӯр…
Ҳамчунон афсонаи «Буду набуд»
(Ончуноне ки надидӣ Гулнамуд),
Ҳар ду бегап вориди дафтар шуданд,
Гӯиё кайҳо шиноси ҳам буданд…
Ҳасратӣ даъват шудӣ ҳофиз ба тӯй,
Ҳа! Ҳамоне хеш мепиндошт шӯй.

**Тӯй**

Тӯйи зӯри Отабойи номдор
Шуд бапо дар деҳи бобояш – Баҳор.
Инчунин тӯйе касе нодида буд,
Гӯӣ одам аз ҳаво борида буд.
Ҷой як-як ҳар шикамба мегирифт,
К-аз яки он наҳр дамба мегирифт.
Ҳавлию дар пур шуданд аз тӯҳфаҳо,
Тӯҳфаҳои нодиру қиматбаҳо.
Нисфи шаҳр омад ба қишлоқи Баҳор.
Тӯйи зӯри Отабойи номдор…
Мардумон чун ҳар кӣ ҷо бар ҷо шудӣ,
Тӯйи шаҳрӣ байни деҳ барпо шудӣ.
Баъди андак гуфтугӯву чақ-чақе,
Баъди хеле лақ-лақи садри лақӣ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Навбати базму суруд оғоз шуд,
Навбати савту навову соз шуд.
Аввалан як ҳофизи маҳбуби халқ,
Беҳтарину хуштарину хуби халқ.
Ҳофизе, ки аслан ӯ ҳофиз будӣ,
Базмаш аз шеъри тари Ҳофиз будӣ.
Аз таҳи дил бар сурудан сар намуд,
Дар сурудаш хешро гум карда буд…
Сад дареғо, ки касе гӯшаш накард,
Лаззате дар ҷону дар ҳушаш накард.
Ҳар кадоме банди айшу нӯш буд,
Ҳар кадоме лаққиву каргӯш буд.
Дид чун он ҳофизи овозадор,
Мухлисеаш нест дар деҳи Баҳор,
Ду сурудашро ба зӯр анҷом дод,
Эҳтироми хешро оварда ёд.
Ҳофизи дигар, к-аз ӯ камтар набуд,
Мисли ӯ хушлаҳну зебо месуруд.
Бар чунин ҳолат задӣ, бечора, низ,
Базмро анҷом додӣ низ тез.
Лек вақте Ҳасратӣ навбат гирифт,
Гӯиё ки «ҷони нав» санъат гирифт.
Ҷумлаи асбобҳо барқӣ буданд,
Созҳо ғарбиву на шарқӣ буданд.
Шуд баланд овози ҳофиз бедарак,
Ҷои як шаш шаш карат мегуфт як.
Гоҳ аз бар, гоҳ аз ҷар месуруд,
Гоҳ чун буз, гоҳ чун хар месуруд.
«Шеърҳояш» дар китобе бал набуд,
Дар забонаш ҳар чӣ омад, месуруд.
Мардум аммо гашта будӣ ширакайф,
(Ҳайфи ин мардум, ҳазорон ҳайф, ҳайф.
Аз куҷо донист, ки «ҳофиз» чӣ гуфт,
Пул агарчи ҷамъ меовард муфт).
Ҷумлагӣ якборагӣ рақсон шуданд,
Тӯда-тӯда вориди майдон шуданд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар табассум гашт балки мизбон,
З-ин гирифт илҳоми хуш Таннозхон.
Рақс-рақсон гирди ӯ парвона шуд,
Резиши пул дидаву девона шуд.
Рехтӣ пул мисли баргони хазон
Ё чу барфе аз фарози осмон.
Монда буд Таннозхон дар зери пул,
Баски будӣ байни ғулон якта гул.
Пур ҳамегардид дастонаш зи пул,
Балки пур чоки гиребонаш зи пул.
Бурда пеши Ҳасратӣ мерехт, боз
Рақс-рақсон гашта меомад ба ноз,
Ҳасратӣ з-ин манзара гул-гул шукуфт,
Дар даҳонаш ҳар чӣ меомад, бигуфт:

*«Хушрӯяку хушӣ ту,*
*Арӯси дилкашӣ ту.*
*Мекушад охир мара*
*Пашми таҳи каши ту.*
*Тӯй муборак шава,*
*Шӯй муборак шава!*

*Домод дилфиребай,*
*Қадакуш қадди себай.*
*Пурпулу бодавлатай,*
*Гарчи беҳад безебай.*
*Хурӯс муборак шава,*
*Арӯс муборак шава!*

*Отабойи номдор –*
*Соҳиби деҳи Баҳор.*
*Рақсу бозиро бимон,*
*Рафта зи нав пул биёр.*
*Замин муборак шава,*
*Келин муборак шава!*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

*Бар ҳама хешу табор,*
*Бар ҳама деҳи Баҳор.*
*Эй кошки бимонад*
*Ин суханам ёдгор:*
*Талош муборак шава,*
*Ош муборак шава!»*

Ҳасратӣ дусоатӣ се бор хонд,
Гаштаву баргаштаву такрор хонд.
Халқи деҳ, ки гирди ҳавлӣ рост буд,
То ҳанӯз аз пас тамошо менамуд.
То бубинад ҳофизони номвар,
Бишнавад овозашон бори дигар. –
Бори дигар мисрае аз Мавлавӣ…
Ё суруде аз сухангӯи наве…
Лек дигар рӯи онҳоро надид,
Як гул аз боғи умеди худ начид.
Ҳар ду кайҳо рафта буданд аз Баҳор,
Аз чунин базми харобу бебарор.
Алғараз бо ҳоюҳую айшу нӯш,
Субҳидам гардида меҳмонҳо хамӯш.
Масти ғелон гӯшае буд мизбон,
Тӯй охир гашт бо шӯру фиғон.
Бори аввал деҳ чунин як тӯй дид –
Ҷуз фаросат ҷумла чизаш мерасид.

**Тақсими даромад**

Дастаи шогирдҳои Ҳасратӣ –
Аз Алоча то Кадую Касратӣ,
Ҳамчунин Таннозхони нозанин,
Шавҳараш – он дафнавози беҳтарин –
Дафзане, ки номи ӯ Дармонда буд,
Ҳасратӣ ӯро «бародар» хонда буд.
Ҷой бигрифтанд андар як дара,
Гӯшае дар ҷои зебоманзара.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рӯи сабза хони нав густурда боз,
Ранги тӯй аз нав варо бинмуда соз.
Ҳар кадом он чӣ ғанимат доштанд,
Рӯи дастархон ҳаме бигзоштанд.
Айшу ишратшон зи нав оғоз шуд,
Ҳар кадоми ӯ баландовоз шуд.
Ҳар кадомаш табли шодӣ мезадӣ,
К-ин чунин пули пуре ғун омадӣ.
Вақти «тақсими даромад» даррасид,
Пешакӣ ҳар як худашро бой дид.
Пули андар рӯймолак бастаро
Ночаконда яктаашро, ҷо ба ҷо
Ҳасратӣ дар байн бояд мениҳод,
Пеши чашми ҷумла онро мекушод.
Баъди оне, ки ҳама кардӣ ҳисоб,
Аз ҳақи худ ҳар кӣ мешуд комёб.
Ҳар кадом аз рӯи қадру қиматаш,
Қадри ҷоҳу қадри зӯру меҳнаташ
Ҳаққи худро мегирифт аз Ҳасратӣ,
Аз Алоча то Кадую Касратӣ.
Лек марди сода набвад Ҳасратӣ,
Нағз донад хуб аз бад Ҳасратӣ.
Нисфи пул Таннозхонро дода буд,
Нисфи дигар дар камар ҷо дода буд.
Кисаҳояшро чапагардон намуд,
Ҳамраҳонашро басе ҳайрон намуд.
Монда будӣ маблағи ночизу кам,
Балки тақсимаш намеарзид ҳам.
Ҳар кадомаш дидаи хайрат кушод:
«Яъне ҳаққи заҳмати мо бурд бод?!»
Ҳасратӣ з-ин чашмҳо маъно гирифт,
Дар ғазаб омад, пас онҳоро бигуфт:
« – Аз чӣ чашми хешро кардед ало,
В-аз чӣ мешӯред монанди бало?
Ҳофизи номӣ шумо не, ин манам,
Аз шумо ман бештар ҷон меканам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Инчунин тӯйи калон ман кофтам,
Қалби соҳибтӯйиро ман ёфтам!
Дар шумо як заррае шукрона нест,
Гарчи байни мо касе бегона нест.
Шукр карда ҳаққи худро бишмаред,
Ҳар чӣ дилтон мекашад, он гаҳ харед…»
Аз Алоча то Кадую Касратӣ
Гашта «розӣ» ногузир аз Ҳасратӣ.
Ҳар кӣ андак ҳаққи худро мегирифт,
Дар «Жигули» рафта пас ҷо мегирифт.
Хонда дар дил нафрате бар Ҳасратӣ,
Аз Алоча то Кадую Касратӣ.
Ҳасратӣ аммо панох аз дигарон,
Якка бар якка ба зери осмон
Кард розӣ бештар Дармондаро,
Шавҳари раққоса, «додархонда»-ро.
Пас равонаш кард бар Деҳи Камар,
Аз пайи тақдири як тӯйи дигар.
Гуфт ӯро: «Додарам, ҳозир бирав,
Нисфи шаб дар пеши соҳибтӯй шав.
Ҷои моро то нагирад дигаре,
Боядат ки гуфтаҳоямро барӣ.
Он чӣ ман фармудаам, иҷро намо,
Рӯзи дигар бегаҳӣ наздам биё».
Рӯи Дармонда шукуфтӣ ҳамчу гул,
Кисааш азбаски будӣ пур зи пул.
Шоду хандон аз пайи фармон бирафт,
Аз дилу ҷон аз пайи фармон бирафт.
Шод буд, ки Ҳасратӣ чун додаре,
Ин қадар бар ӯ намояд боварӣ…

**Ду Лайливу ду Маҷнун**

Ҳофизу раққосаи мо он замон
Рафта ҳар ду хонаи Таннозхон.
Чанд ҳар ду айшу ишрат карда хуб,
Баъд «тақсими даромад» карда хуб.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ошиқони кӯҳнаву дерини мо,
Ҳофизу раққосаи «беҳини» мо,
Ҳар ду бо ҳам Лайливу Маҷнун буданд,
Бе висоли ҳамдигар дилхун буданд.
Он шабе, ки шод ҳардушон будӣ.
То саҳар олам фаромушшон будӣ…
Рӯз гашту Ҳасратӣ бедор шуд,
Маст буду андаке ҳушёр шуд.
Баъди чанде бӯсаҳои ошиқӣ
Ё ки чанде бӯсаҳои фосиқӣ,
Хайрухуш бо Лайлияш бинмуд ӯ,
Роҳ сӯи хонааш паймуд ӯ…
Баски хеле монда будӣ Ҳасратӣ,
Аз ҳама дилмонда будӣ Ҳасратӣ.
Рост сӯи хонаи хобаш давид,
Дар кушоду Лайливу Маҷнун бидид –
Завҷаҷони дилрабояш хоб буд,
Отабой аммо ба ҷояш хоб буд…
Дида ин сон манзари хеле ҳазин,
Қаҳр нею мазза кардӣ ӯ аз ин. –
Ки кунун бою бадавлат мешавад,
Ҳам кунун яктои санъат мешавад.

**Шукрона**

Аз раҳи дур – аз худи Деҳи Камар,
Бо ғурури бешумору карру фар,
Ҳасратӣ ин бор омад ҶИП-савор,
Дар ҶИП-е, ки тӯҳфа буд ӯро зи ёр.
Тӯҳфае, ки карда буд онро занаш
Оими ширини ӯ – ними танаш.
Оиме, ки пеш-пешаш меравад,
Ҳасратӣ доим зи пушташ медавад.
Некияшро ёд доим доштӣ,
Охир ӯро дар даме бардоштӣ.
Соҳиби Қасри наву ҶИП гашта буд,
Ҳар замон бисёр шодӣ менамуд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

К-ошнояш номи олӣ медиҳад,
Боядаш сар пеши пои зан ниҳад.
Табъи ӯ азбаски беҳад хуш будӣ,
Аз дилаш ногаҳ суруде сар задӣ.
Зери лаб мекард онро замзама,
Майда-майда, нашнавад то ки ҳама.
Шеъри худ, оҳанги худ, худ месуруд,
Тақрибан мазмуни он ин тавр буд:
«Эй занак, манро ту ҳофиз кардаӣ,
Шӯҳратам то осмонҳо бурдаӣ.
Варна шеъри хуш кучову ман кучо?
Мисраеро ман нахонам бехато.
Рост гӯяд зумрае: девонаӣ,
Шеърро як умр ту бегонаӣ.
Созҳо миллӣ наянду барқиянд,
Ҳар сурудам ғарбию на шарқиянд.
Хайрият, ки барқ ҳасту микрофон,
Чони манро мехарад ин ҳар ду, чон!
Варна овозам ту ҳатто нашнавӣ,
Гарчи бо ман барбабар раҳ меравӣ.
Бори дигар садқаи ту мешавам,
То қиёмат аз паси ту медавам!

## Ба хонанда

Ин будӣ аз ҳофизи мо қиссае,
Аз бисоти рӯзгораш ҳиссае.
Дидӣ ӯро, ки чӣ сон нодон будаст,
Ҳофизи нодону бевичдон будаст.
«Шеър»-и худ, «оҳанг»-и худро гӯяд ӯ,
Ҳеч не, ки мисраеро чӯяд ӯ,
Чизе омад бар даҳонаш, хонад ӯ,
Зоминам, ки шеъракеро донад ӯ.
Ҳар кӣ санъатвар бувад дар тӯйу сур,
Боядаш соҳиб бувад одоби зӯр.
Пеш аз оне ходими санъат шавад,
Бар дигарҳо боядаш ибрат шавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ҳасратӣ лекин набудӣ ончунон,
«Панд» медод арчи худ бар одамон.
На сухандон, на ягон ошиқ будӣ,
Ҳар қадар дидем, як фосиқ будӣ.
Пас бигӯ, хонандаи ҷонии ман,
Худ, ки аҳли шеърию аҳли сухан.
Аз чӣ ӯро ин қадар мепарварем,
Аз чӣ андар тӯйҳомон мебарем?!
Дар ҳавои созҳояш мепарем,
То «Гули маҳтоб»[1] балки мебарем?!
Ҳофизеро, ки саропояш хатост,
Парваридан аз хатои завқи мост!

*Тамом*

* * *

Бар сактаи дил ғубор вазнин аст,
Гарди гули ҳар чанор вазнин аст.

Дониста сухан бигӯ ба пеши ӯ,
Андӯҳи дили фигор вазнин аст.

Гоҳе, ки нагашт умр бар комат,
Андешаи рӯзгор вазнин аст.

Эй войи муҳоҷирони иҷборӣ,
Дур аз бағали диёр вазнин аст.

Гар муғҷаи уммеди ту пажмурда-ст,
Сайри чамани баҳор вазнин аст.

Шоир ту на, бал тароша аз бомӣ,
То шеър шавад шиор, вазнин аст.

Бо ман-манию ғуруру худхоҳӣ
Дар вазни Арӯз кор вазнин аст.

---

1. Барномаи телевизион.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бар зини саманди орзуҳоят
Гар менашавӣ савор, вазнин аст.

Хоҳам, ки шароб серӣ ошомам,
Лекин саҳари хумор вазнин аст.

* * *

Гарчи дар рӯи замин мислат набошад беғаме,
Метарошӣ аз худат дилсӯзу ғамхор одаме.

Дар азое беизое худнамоӣ мекунӣ,
Гиря дорӣ «ҳой-ҳой»-у чашмҳоят бенаме.

Бар сахои Ҳотамӣ гаҳ наҳ занӣ бо хайраке,
Гарчи фарсахҳо ту дурӣ аз сахои Ҳотаме.

Луқмаи бозаҳмате аз сад ато болотар аст,
Ё атои хоҷа бошад, ё атои ҳамдаме.

Чун надорӣ сӯз дар дил, ҳарфи таскинат зи чист?
Ҳарфи сарди ту намебахшад ба дилҳо марҳаме.

Қалби мо, ки бас ситамҳо дида аз ҷаври фалак,
Лутфакеро беҳ шуморад аз ҳазорон истаме.

Гӯштбирёнат, ки дар деги дигарҳо мепазад,
Дегҳоятро нагирам ман ба қурси шалғаме.

Бим орӣ ҳар замон, з-он ки қадам кач мондаӣ,
Рост чун ман меравам, биме надорам як даме.

Аз пари қӯ бистаре дорӣ, вале н-осудаӣ,
Ин манам осуда дар оғӯши гул чун шабнаме.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ДУРӮҒ АФТОДА

Корхона. Ҳамаи кор дурӯғ афтода,
Ҳама андешаву гуфтор дурӯғ афтода.

Шояд ин, ки ту бигӯӣ, ки дурӯғ аст каме,
Кам чӣ бошад, ки чӣ бисёр дурӯғ афтода.

Шеър ин ҷо чу хасе дар таҳи по бошаду бас,
Балки он шеъри сазовор дурӯғ афтода.

Гоҳ лутфе бикунӣ аз раҳи «инсофу карам»,
Ин ҳама лутфи ту, сардор, дурӯғ афтода.

Гӯиям, ки ба сари дор кашам яғморо,
Ба гумонам, ки сари дор дурӯғ афтода.

Мурдаму ёри вафодор надорам бо худ,
Ба назар ҷилваи он ёр дурӯғ афтода.

## МАҶЛИСИ ТАЪҶИЛӢ

Даст шуста чун баромад садр,
Ҷумларо аз нав ба маҷлис хонд.
Нав, ки аз маҷлис бадар будем,
Ҳар яки моро ба ҳайрат монд.

Боз, – гуфто, – ин чӣ маҷлис аст? –
Он яке бар хеш ғуррида.
Дигарон ду чашм бар сӯяш,
Ҳолати сардор санҷида.

Ҳолати сардор буд нозеб,
Аз нигоҳаш барф меборид.
Аз нигоҳи бадқавоқи ӯ
Ҳар яки моро намефорид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Эй Худо, аз мо чӣ бигзашта,
К-ин қадар бадҷаҳлу бадкин аст?!
Нав-ку рӯяш буд бикшода,
Аз чӣ акнун сахт ғамгин аст?!

Оқибат бар гап даромад ӯ,
(Гарчи лабҳо буд дар пир-пир).
Дар гулӯяш монда чизе буд
Гӯиё, ки дошт ӯ хир-хир.

Ҳарфи аввал бар забон овард:
«Ман шуморо дӯст медорам.
Гуфта будам, то дами охир
Бар шумо садри вафодорам.

Аз куҷо ин қадр бадбинӣ,
Ки ба ҷони ман раво дидед?!
Ё магар айбе зи ман бигзашт?
Кай? Шумо андар куҷо дидед?

Чӣ, магар одамгарӣ ин аст?
Қадри некиро намедонед.
Ё сазои нек бад бошад,
Ё ки худ боло ҳамехонед?..»

Коҳишу ҳар як суоли ӯ
Баски бар мо чун муаммо буд.
То ки асли ҳолро донем,
Мушкилоте ҳукмфармо буд.

Баъди чанде уф-уфу пуф-пуф,
Ҳамчу пуффак оқибат таркид.
Фош шуд сӯзи ниҳони ӯ,
Ӯ гиристу ҳар диле хандид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дарди ӯю шикваю арзаш
Дар ҳақиқат хандаовар буд.
Чӣ ба ҳайрат мондаӣ? Бишнав,
Ин чӣ коре, ин чӣ манзар буд:

Расми худ, ки нашр гардида
Дар газете, буд хандонрӯ,
Дар чаҳи ғам буд афтода,
Ки ба зери по бидидаст ӯ.

* * *

Кинадоре ҳақталошӣ мекунад,
Мурдахоҳе зиндабошӣ мекунад.

Ончунон дигар шудаст ин рӯзгор,
Ки муаллим сартарошӣ мекунад.

Иштиҳоят баста мегардад, яқин,
Шавла чун даъвои ошӣ мекунад.

Деҳқон монад гурусна солҳо,
Худ агарчи донапошӣ мекунад.

Он раиси пастфитратро нигар,
То само гарданфарошӣ мекунад.

Бо хушомадҳои бар кас ноаён
Ваҳ, ишоратҳои қошӣ мекунад.

Во аҷаб, дар маҳфили шеъру сухан
Аблаҳе донотарошӣ мекунад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## АЙБИ МАН ЧӢ?

*(посух ба гилаи хонандаи «закӣ»)*

Туро ман ҳаҷв кардам? Эй биё, мон!
Ба шеърам нест-ку ному нишонат?!
Нагуфтам, ки кииву аз куҷоӣ,
Аён набвад дар он ҷову маконат.

Нагуфтам, ки дарозӣ ё ки кӯтоҳ,
Харобию базӯр истода бар ҷо.
Ва ё чун кундаи ғафси ҷувозӣ,
Ки натвонад бубардорад туро по.

Нагуфтам, ки сиёҳӣ ё сафедӣ,
Туро тоҷик ё ӯзбак нагуфтам.
Нагуфтам пир ё ки навҷавонӣ,
Занак ҳастӣ ва ё мардак, нагуфтам.

Ба шеърам раҳбаре бошад ҳувайдо,
Ки ҷуз худ ҳеҷ касро кас надонад.
Зи кибри беш пеши по набинад,
Ба ҷуз худ дигаре одам нахонад.

Чунон «Акт»-е навишта, ҷамъаш орӣ,
Баландӣ мекунад аз қуллаи Анд,
Агарчи рост мегирад худашро,
Саропои вуҷуди ӯ бувад фанд.

Чӣ мегӯӣ, ки бо пули идора
Ҳама рӯи ҷаҳонро тай намуда,
Ба вақте ки ҷаҳон дар қаҳтсолист,
Ба сар кай ёди рӯзи мо-ш буда?!

Тамаъ аз ҳар мизоҷе парварад ӯ,
Тамаъ дорад зи ҳар кӣ пешаш ояд.
Ба чанги ҳирси ӯ фарқе надорад –
Бувад бегона ё ки хешаш ояд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зи ҳар боғу чаман ӯ ҷаҳд дорад
Гули уммеди худро то бичинад.
Бувад доро агарчи чун Сулаймон,
Сулаймон нӯли гунҷишкаш бубинад…

Магӯ дигар, ки ин раҳбар ту бошӣ,
Магар шакке бувад дар ин сухан-чӣ?
Чӣ мегӯӣ? Худат бишнохтӣ ту?
Ту худ вақте чунинӣ, айби ман чӣ?

## ФУШ-ФУШ

Дар пешу барам фуш-фуш,
Дар тори сарам фуш-фуш.
Ҳар рӯзу шабам фуш-фуш,
Шому саҳарам фуш-фуш.

Ҳай фуш-фуши фушро бин,
Ҳай хуш-хуши хушро бин.
Моем чу бегона,
Ҳай куш-куши кушро бин.

Фуш-фуш бикушад моро,
Хуш-хуш бикушад моро.
Аз нанги ба дил буда
Куш-куш бикушад моро.

Фуш-фуш барадат боло,
Фуш-фуш кунадат доро.
Ҳар фуш-фуши ту арзад
Бар зевару бар тилло.

Сардор кунад фуш-фуш,
Бисёр кунад фуш-фуш.
Аз фуш-фуши ӯ қалби
Афгор кунад фуш-фуш.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз фуш-фуши бухгалтер
Гӯши ҳавасам шуд сер.
Ҳар ҷон зи ғами нозаш
Дилгир шуда то дер.

Паймона ба фуш-фуш шуд,
Ҷонона ба фуш-фуш шуд.
Ночиз бувад гарчи,
Моҳона ба фуш-фуш шуд.

Эй фуш-фуши бад, фуш-фуш,
Бар гӯр равад фуш-фуш.
Тарсам, ки сари гӯрам
Бар гӯш расад фуш-фуш.

* * *

*Назира ба шеъри Абдураҳмони Мушфиқӣ*

Сардор, айшу ишрати воло аз они ту,
Ранҷ аз ману фароғати дунё аз они ту.

Сар хам ба рӯи кор намудан аз они ман,
Аз ифтихор он сари боло аз они ту.

Як пора нону косаи обе аз они ман,
Нуқлу кабобу соғару мино аз они ту.

Шукронаи маҳонаи ночиз аз они ман,
Аз чор сӯ даромаду яғмо аз они ту.

Пӯсида дар идора нишастан аз они ман,
Якҳафтабаъд сайру тамошо аз они ту.

Бо сӯзи беш мӯҳри хамӯшӣ аз они ман,
Ҳарфу каломи бесару беҷо аз они ту.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Танбеҳу гӯшмол гирифтан аз они ман,
Номи баланду медали тилло аз они ту.

Дил ёфтан ба шеъри мубарро аз они ман,
Захме задан ба хонаи дилҳо аз они ту.

Табрики рафтанат зи вазифа аз они ман,
Ҳайфу дареғи гӯшаи танҳо аз они ту.

* * *

Имрӯз ту менозӣ, чун мӯҳр ба дастат ҳаст,
Аз хештанӣ розӣ, мақдурию шастат ҳаст.

Дасти ту расо бошад, ҳукми ту раво бошад,
Моҳии тило ҳар дам афтода ба шастат ҳаст.

Бо ноз сухан ронӣ, бо ноз қадам монӣ,
То арш фарозӣ сар, гарчи қади пастат ҳаст.

З-он дам, ки шудӣ сардор, бар дида туӣ нофор,
Дар сина зи бас қалби авлодпарастат ҳаст.

Моро ту намебинӣ, худхоҳиву худбинӣ,
Ҳаққо, ки чунин хислат аз рӯзи аластат ҳаст.

Моем чу бегона – дар чашми ту девона,
Аз хӯрдани хуни мо ду дидаи мастат ҳаст.

Нафсат, ки бувад бетак, сад ҳаст ба чашмат як,
Зинҳор мабар аз ёд, як рӯз шикастат ҳаст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҲОЛАТ

Ҳар даме носкашон,
Ё папироскашон,
Ғунд гардидаву чақ-чақ бикунанд.
Эй Худо, бас набуд ин,
Зумрае занг зананд,
Ба сухан ранг зананд,
Ин қадар вақ-ваќу лақ-лақ бикунанд…
Ба паси дафтари ман,
Хокҳо бар сари ман!

*январи 2010*

## ҚИШЛОҚИ ТИЛОӢ

Нокарда нигаҳ ба реҷа ҳаргиз,
Барқ аст ба ҷои мо фурӯзон.
Шукрона, чароғи хонаҳомон
Рахшанда бувад шабону рӯзон!

Мардум ба биҳишт ҷо гирифта,
Гӯё ки Худо-ш карда инъом.
Ҳар як ба фароғ ҷои моро
«Қишлоқи тилои»-яш барад ном.

Не, не, набувад завод ин ҷо,
Дармонгаҳи дил ба ҷои мо нест.
Ё ганҷи нуҳуфтае надорад,
Як деҳаи одию қаторист.

То барқи шумо шавад фурӯзон,
Сад мӯҷибу сад баҳона дорад.
Пайваста валек барқи мо ҳаст,
Ин ҷой раис хона дорад.

*феврали 2010*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ҳар дурӯғат чил дурӯғ, эй чилдурӯғ,
Тонна-тонна ширро гӯӣ ту дӯғ.

Мебарӣ гаҳ н-одамеро то само,
Одамеро гаҳ занӣ дар зери по.

Дур бошӣ гарчи з-ору нанг ту,
Раҳбарӣ дар гӯшаи фарҳанг ту.

Шаш асар бо амри ту хондем мо,
Килки ақлу донише рондем мо.

Ку вале ҳаққи қалам моро дигар?
Мерасад ҳаққи алам моро дигар.

Мо гадои илму фан бошем агар,
Ту гадои симу зар бошӣ дигар.

Ин қадар дур аз ҷаҳони мо туӣ,
Аз чӣ узви созмони мо туӣ?

Гул ҳамоне ки бувад дар зарфи хуш,
Кай барояд аз даҳонат ҳарфи хуш.

Ҳаққи манро ин замон надҳӣ агар,
То қиёмат бо ту гардам сарбасар.

## МУФАТТИШ

Муфаттиш омаду олам дигар шуд,
Калону хурд аз ӯ дар ҳазар шуд.

Замин аз ҳайбаташ дар ларза афтод,
Ба ларза ҳар диле чун бому дар шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба лафзаш «пуф-пуфи инсони хокӣ»,
Ки пайдо ҳамчу деве дар назар шуд.

Утоқи беҳтарин гардид ҷояш,
Чу «меҳмон» аз ҳама бологузар шуд.

Аҷаб партофт кӯше дар миёна,
Ки ду моҳи дарозе пушти сар шуд.

Дар аввал дод оро ҷои кораш,
Чӣ зебо буд он, зебойтар шуд.

Сипас як рӯйхатро дод тартиб,
Хӯроки дӯстдораш номбар шуд.

Ҳама як-як ба наздаш хонд бо ноз,
Ки ҳукмаш беҳ зи ҳукми роҳбар шуд.

Зи алфозаш дурушту талх мерехт,
Ки бар ҷони ҳама чун нештар шуд.

Чунон маҳсули кори мо бисанҷид,
Ки гӯӣ аз хамираш мӯ бадар шуд.

Сараш ҷунбонд бо оҳеву афсӯс,
Ки гӯӣ аз ду дунё бохабар шуд.

Китоби кори мо бекора гуфтӣ,
Ба ақлу дониши мо сарбасар шуд...

Агар пурсӣ чӣ суд овард тафтиш, –
Зи буҷҷа чанд фоиз мухтасар шуд.

* * *

Дигар як дам нахоҳам буд ҳушёр,
Ки ҳушёрӣ маро девона карда.

Сарамро мефишорад ғам паёпай,
Ки ғам дар синаи ман хона карда.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Надида мӯи сар чандест шона,
Ки мӯро ғам ҷудо аз шона карда.

Дили пурхунам афтода ба дасташ,
Аноре, бин ки дона-дона карда.

Ду дастам баста зери кундаи хеш,
Ду поямро аҷаб завлона карда.

«Биё ҷоно, даме бо ҳам нишинем»,
Ки дил ёди рухи ҷонона карда.

Чӣ сон таскин диҳам дилро, надонам,
Ки худро бесару сомона карда.

Ба пои хум бигирам чиллашинӣ,
Шумори май ба чил паймона карда.

## БАЗМИ МУРДА

*(Руҷӯи ҳофизи вақт)*

Не чу ту пажмурда мехонам суруд,
Бо дилу богурда мехонам суруд.
Хастагиро кай писандад ҷони ман,
Заррае н-афсурда, мехонам суруд.
Нестам парҳез аз гарму хунук,
Ҳар чӣ омад, хӯрда, мехонам суруд.
Маст аз базмам шавад ҳар мухлисе,
Ақлу ҳушаш бурда, мехонам суруд.
Нест бархеро сурудам гар писанд,
Хотирам н-озурда, мехонам суруд.
Хони илҳомам ба ҳар вақту замон
Бедарак густурда, мехонам суруд.
Сирри овози маро пурсӣ, ки чист,
Зинда нею мурда мехонам суруд!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДАР КОРХОНАИ МО

Дар корхонаи мо
Гоҳе чӣ хандахез аст.
Гоҳе ҳаво гирифта,
Чун бод тунду тез аст.
Бархе чу санг вазнин,
Бархе чӣ дар ситез аст?!
Ҳушат ба сар нигаҳ дор,
Чашми замона тез аст!
Эй дил, машав ту ғамгин,
Май ки ба рез-рез аст.
Ҳар хокро ба навбат
Элак ба без-без аст.
Аз дасти рост Истад,
Аз дасти чап Гурез аст.

* * *

Ин қадар ҷонҳои мо афсурдаӣ,
Хуни дил ҳамчун анор афшурдаӣ.
Пеш орӣ ваъдаҳои хел-хел,
Эътимоду бовар аз мо бурдаӣ.
Аз даҳонат ҳарфи гарме нашнавем,
Ку ҳамоне, ки туаш н-озурдаӣ?!
Нафс дар ҳар қатра хунат ҷо шуда,
Хешро бар нафси бад биспурдаӣ.
Заҳмати моро набинӣ ҳамчу кӯр,
Соли нав омад, хасису мурдаӣ!
Ман намегӯям "Муборак Соли нав!"
Бар туе, ки хуни моро хурдаӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Бар дарди суханкорӣ, эй дӯст, гирифторӣ,
Дар бистари шӯҳрат ту афтодаву беморӣ.

Ҳарчанд ки назми ту аз шеър надорад бӯ,
Дар оинаи «Симо» пайваста намудорӣ.

Ҳар чӣ ба даҳан гӯӣ, бо номи Ватан гӯӣ,
Гӯё ки дар ин дунё танҳо ту Ватан дорӣ.

Бозори ту бошад гарм, як зарра надорӣ шарм,
Унвони баландеро гӯё ки сазоворӣ.

Ҳар ҷашн ки пеш ояд, шеър аз пасу пеш ояд,
Гар асли гапат гӯям, шоъир наю шаъъорӣ.

Ин қадр чӣ мебофӣ, ин қадр чӣ мелофӣ?
Ҳаққо, ки надорӣ ту як гуфтаи даркорӣ.

Бар минбари «шӯҳрат»-ку кайҳост, ки менозӣ,
Аз завқи баланди мо дигар чӣ талаб дорӣ?!

* * *

*Назира ба шеъри Саҳбо*

Агар гӯям, ки дунёят дигар дунёст, меранҷӣ,
Ҳушу ёдат ҳамеша дар ғами савдост, меранҷӣ,
Бароят молу зар аз одамӣ болост, меранҷӣ,
Дилат танҳо ба сарватдорият шайдост, меранҷӣ,
Дурӯғе не, агар гӯям, ки гӯям рост, меранҷӣ.

Туро аз ростӣ дуру саросар ҳилагар дидам,
Ки тӯри макр мебофӣ ба ҳар шому саҳар, дидам,
Зи ҳусни санъати яғмогариҳо бохабар дидам,
Ки дар ин ҷодаат устод мебошад падар, дидам,
Агар гӯям, ки номусат ба зери пост, меранҷӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман аз қасри базебу сарбаболоят намегӯям,
Зи ҳар хишти зи пули муфт барҷоят намегӯям,
Зи носерии чашмони гадосоят намегӯям,
Ки ҳадде нест охир дар таманноят, намегӯям,
Агар гӯям набошӣ байни мо авлост, меранҷӣ.

## БИЁР!

*(аз забони баъзе сарварони навбаромад)*

Ин ҳисоботат нашуд, дигар биёр,
То ба охир гуфтаҳот аз сар биёр.
Мухтасар не, бал муфассалтар навис,
Аз замин то бар маҳу ахтар биёр!

Бештар аз амру аз иҷро навис,
Канда-канда, хушхату хоно навис…
Ё навиштан як тараф мону бихез,
Хешро бар хидмати сарвар биёр!

Омадӣ? Мегир ҳарфамро ба ёд,
Ҳафтаи нав кор мегардад зиёд.
Ма, бигир ин дафтару ҳар амри ман
Як ба як бар рӯи ин дафтар биёр!

Аввали ҳафта биёяд меҳмон,
Иззати меҳмон, – туро гӯям, – бидон.
Ғайри оне, ки зиёфат медиҳӣ,
Баҳри ҳар як боз гулчанбар биёр!

Рӯзи сешанбе сафар дорам, сафар,
Ман зи шаҳри хеш бар шаҳри дигар.
То намонад мошинам дар нимароҳ,
Пули бензин бахри ин ҷонвар биёр!

Чоршанбе чун расад, бар ёд гир,
Акрами овозадори гашта пир
Меравад бар рухсатии доимӣ,
Баҳри ӯ як ҷомаи аҳмар биёр!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Рӯзи дигар зодрӯзи Дилрабост,
Дилрабое, ки ба ҷои ҷон марост.
Дар нигоҳам то ки зеботар шавад,
Баҳри ӯ волотарин зевар биёр!

Рӯзи ҷумъа дер не, баъди намоз,
Ҳар ду бояд ки дучор оем боз.
Мешавам дар боғи боло интизор,
Баҳри ман хушрӯтарин дилбар биёр!

Баъд аз ин рав ҳавлии мо бар ҳашар,
Бо Калиму бо Калому бо Сақар.
То ки гардад ҳар дарахтам пурсамар,
Баҳрашон поруву хокистар биёр!

Рӯзи шанбе рафта ҳар ду бар шикор
Сӯи Ромит, бар шикори бобарор.
Сайдҳо гирем з-он ҷо хел-хел,
Баҳри ин ду аспу ду нархар биёр!

Эй раиси корхому ҳилагар,
Панди ман, алқисса, аз ёдат мабар.-
То зи курсият наафтӣ чаппасар,
Ҳафтае як бор сад доллар биёр!

* * *

Поят намерасад ба замин вақти раҳравӣ,
Чун духтаре аҷаб, ки ба сад ноз раҳ равӣ.

Мансабчаат калон набувад он қадар, вале
Касношинос гаштаву дар хеш гум шавӣ.

Нашнидаӣ, ки кибр сарат медиҳад ба бод,
Эй бехабар зи мағзи ҳикоёти «Маснавӣ».

Ҳар бевазифае бидиҳад гар туро салом,
Мисли каре саломи варо ҳеҷ нашнавӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гӯӣ салом то сари аз худ баландро,
Рӯбаҳсифат ба ҷониби эшон ту медавӣ.

Вақте ки мепарӣ зи кафи дасти курсият,
Бошад яқин, ки ҳеҷ ҷуз аз кишта надравӣ.

* * *

Хира будӣ табъи сардор ин саҳар,
Менамудӣ паршикаста дар назар.

Сархаму бечораҳолу хаста буд,
Осмон гӯӣ фитодияш ба сар.

Ранги рӯяш пахта вори буд сафед,
Доштӣ пироҳани мотам ба бар.

Бар саломи кас набудаш посухе,
Банд буд фикраш ба дунёи дигар.

Мениҳодӣ ӯ базӯр аз зина гом,
Монда будӣ андаке, мегашт ҷар…

Гӯиё ки аз вазифа меравад –
Аз касе бишнида будӣ ин хабар.

## ХУДДОНАМ

Бигӯӣ як, бигӯяд ду,
Нишинӣ хап, бигӯяд гӯ.

Бигӯӣ об, гӯяд санг,
Бигӯӣ нон, бисозад ҷанг.

Равам гӯӣ, бигӯяд ист,
Бигӯӣ ҳаст, гӯяд нест.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бигӯӣ гир, гӯяд дeҳ,
Бигӯӣ деҳ, «-набошӣ, беҳ!

Манам ин ҷо фақат ҳоким,
Манам танҳо сари солим.

Бувад ҳар ҳукми ман мутлақ,
Манам танҳо, ки гӯям ҳақ.

Манам садри Худододе,
Манам як марди озоде…

Шумо, ки хомфикронед,
Чу ман ҳаргиз намедонед.

Шумо худ пӯчу бемағзед
Ба як дирҳам намеарзед.

Шумо бебаргу беборед,
Шумо як тӯда бекоред.

Шумо бенангу беоред,
Маош аз ман талабгоред.

Хулоса, ҳукми ман барҷост,
Дурӯғе ҳаст ё ки рост…»

Намедонам чиҳо гӯям
Ба ин сардори худдонам,

Ки ҳар дам мезанад теша
Ба истиқлоли андеша.

* * *

Аз кори беш хаставу калкот[1] гаштаем,
Ку як даме, ки фориғу дамҳот[2] гаштаем.

---

1. Калкот-афгор, пакар (шева).
2. Дамҳот – дамгирифта, роҳатдида (шева).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вақте наяст сатри нав эҷод то шавад,
Худ гӯиё, ки душмани авқот гаштаем.

Чун чӯҷаи заиф, ки дар лона бепар аст,
Ҳар дам асиру луқмаи калхот гаштаем.

Сардор, кай бурун зи тамаъ ҳарф мезанӣ?
Безор мо зи ҳарфу суханҳот гаштаем.

Ин дил, ки ҳамчу зубдаи пок аст аз азал,
Хун мехӯрад, ки пайрави[1] бадзот гаштаем.

Шаҳмотбози ҳилагари тахтаи ҳаёт,
Аз гаштҳои нав ба нават мот гаштаем.

* * *

Раҳгум заданд бархе дар давраи ҳисобӣ,
Бархе намебароянд аз давраи хитобӣ.

Баъзест хоб бекор, бас комёб бекор,
Баъзе набинад аммо бо кор комёбӣ.

Аз дасти садри ҷоҳил кас гашта сактаи дил,
З-ободӣ оварад рӯ як рӯз бар харобӣ.

Ин аст масти сарват, он аст масти мансаб,
Мо масти шеъри хубу масти ду чашми обӣ.

Аз кардаву зи гуфта гардӣ басо пушаймон,
Гар аз китобу дафтар безорию қимобӣ.

Гар пушти сар шавад сад бухрони иқтисодӣ,
Афтӣ ба сар ба чоҳ аз бухрони бекитобӣ.

---

[1] Пайрав – тобеъ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДАР ИСТИРОҲАТ

Раисак дер омад бар идора,
Ба ҳар кӣ рӯ ба рӯ-ш омад, ғазаб кард.
Вале бо котиба чун рӯ ба рӯ шуд,
Ғазаб нею ба ӯ кори аҷаб кард.
Варо оғӯш карда бӯсаҳо зад,
Ба рӯзи равшане ӯ кори шаб кард.
Ба вақти рафтанаш бар котиба гуфт:
– Маро пурсанд агар, ман дар садорат!

Пас аз ду рӯз пайдо шуд зи нав ӯ,
Ки аз «кори зиёде» хаста гашта.
Худ аввал, котиба бо ноз аз пас
Ба дафтар вориду дар баста гашта…
Раис омад бадар хандон аз он сӯ,
Ки гӯӣ аз ғами дил раста гашта.
Ба вақти рафтанаш бар котиба гуфт:
– Маро пурсанд агар, ман дар вазорат!

Пас аз чанде зи нав омад идора,
Раисе, ки кунун рӯ бар нишеб аст.
Бубинад то ки аз нав котибашро –
Ҳамонеро, ки ширин ҳамчу себ аст.
Раис ин бор лекин пай набурдӣ,
Ки безеб аст ӯ, ё ки базеб аст.
Ба ҳасрат вақти рафтан гуфт ин бор:
– Агар пурсанд, ман дар истироҳат!

## КӮҲНАОДАТ

Аз садорат, аз вазорат омаданд,
Баъди рӯзи истироҳат омаданд.
Аз қавақҳо барфу борон рехта,
Дасту пои бетаҳорат омаданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар ду буди роҳбарҳои ҷавон,
Наввазифа, нав пайи коре равон.
Ошноӣ то ба мо пайдо кунанд,
Гӯиё, ки аз садоқат омаданд.

Не саломе буд дар лабҳояшон,
Не ҳарорат буд дар гапҳояшон.
Ҳолпурсӣ худ куҷо, ки аз ғараз
Бо ғиреву бо ҳақорат омаданд.

Ҷои он, ки маҳфиле барпо кунанд,
Меҳрашонро ҷой дар дилҳо кунанд,
Бартараф созанд нуқсонҳои кор,
Чун мазори бешафоат омаданд.

Буд онҳоро директор интизор,
Аз сари ихлос бо ду чашми чор,
Аз пайи ҳам вориди дафтар шуданд,
Аз барои хосасуҳбат омаданд.

Ҳар тарафро чун ҳарисон кофтанд,
Бор карданд он чи аз мо ёфтанд.
Гашта эшон баъд аз ин мошинсавор,
Ҷониби хони зиёфат омаданд...

Ошноишон чунин бошад агар,
Раҳнамоишон чунин бошад агар,
Кӯр шуд чашми умеди мо дигар,
Ин ду нав чун кӯҳнаодат омаданд.

*августи 2014*

* * *

*Одамӣ пир чу шуд, ҳирс ҷавон мегардад.*
*Соиб*

Дузд сардор чу шуд, дузди калон мегардад,
Ба ҷамоат зарараш бешу гарон мегардад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хабаре ёфт, ки ҷоест агар моли зиёд,
Боди ҳирсаш сари он мол вазон мегардад.

Устоде шуда чун ришвадеҳу ришваситон,
Ки ба номусу шараф тиру камон мегардад.

Ҳар муфаттиш, ки ба тафтиш биёяд сари ӯ,
Он дам аз «марҳамат»-аш бастазабон мегардад.

Ҳифз то ки бикунад ҷони ҳароми худро,
Ошно бо ҳакаму додситон мегардад.

Сари пӯсидаи ӯ то сари сабзе нахӯрад,
Сари сабз аз нафасаш зуд хазон мегардад.

Кошки, шасти чунин аспи бузиро бикашанд,
Варна ҷавмаст шуда, кони зиён мегардад.

*июни 2014*

## НАФСИ БАД

Гарчи зару зевари ту сар занад,
Моли ҳаромат ҳама дам дар занад,
Даст занӣ боз ба дуздӣ вале,
Бар дили ман нафси ту ханҷар занад.

Ҷуз ғами дузди-т ғаме нест, нест,
Ҷуз дами дузди-т даме нест, нест.
Пешу пасат ҳеҷ наорӣ ба ёд,
Беғамият хайма ба ахтар занад.

Ҳилаву найранги ту ёбад давом,
Сайд кунад доми фиребат мудом.
Гашта шикорат ҳама дам бобарор –
Тири ту якбора ду кафтар занад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нанг туро чун патаке зери пост,
Шарму ҳаё то абад аз ту ҷудост.
Дида туро, марду зани коргаҳ
Таъна зи дил ҳарду баробар занад...

Рӯй чу дузди-т зи дигар занад,
Ҳаҷв туро килк ба дафтар занад.
Гар назанӣ нафси бадатро лаҷом,
Мурғи сияҳ бар сари ту пар занад!

## МУРОҶИАТИ «ХОРПУШТАК» БА ХОНАНДАГОНАШ

Ало, хонандаи пуршавқу шӯрам,
Агарчи аз ту ман чандест дурам,
Зарур омад, ки бо ту роз гӯям,
Тамоми заҳматам з-оғоз гӯям.
Манам он Хорпушти тезхоре,
Ки кардам баҳри Меҳан беш коре.
Гузашт аз умри ман ҳаштоду ду сол,
Ки пур дидам баланду паст то ҳол.
Бидидам ришвадеҳу ришвахорон,
Бидидам танбалону нобакорон.
Бидидам майпарасти хонабезор,
Бидидам дузду ҳаннотони бозор.
Бидидам раҳбарони холабеғам,
Ки буданд офате бар ҷони одам…
Ба рағми шон қалам бар даст будам,
Зи ҳаҷви кардаи худ маст будам.
Бигаштам сарбасар бо ҳар кадоме,
Ки ҳар якро биафтондам ба доме.
Ҳама аъмолашонро фош гуфтам,
Тамоми ҳолашонро фош гуфтам.
Ки расво байни мардум гашта буданд,
Ки з-ин ҷо то ба анҷум гашта буданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷамоат тоза кардам аз касифон,
Ба ёрии зарифону шарифон.
Ба рушди зиндагӣ саҳме ниҳодам,
Ҷазои ноҳақонро беш додам.
Вале имрӯз чӣ? Кунд аст хорам?
Ва ё парвои оламро надорам?
На! Ҳоло ҳам ҳамон як хортезам,
Ки бар рағми ҳаромӣ дар ситезам.
Намоям ҳаҷв номардони даврон,
Ки норозистам аз кори эшон.
Ки суде баҳри ҷамъият наоранд,
Ки дур аз нангу аз номусу оранд.
Чу хореанд андар ин гулистон,
Зараровар бувад аъмоли онон…
Вале мушкил бувад дар рӯбарӯям,
Ки онро дил бихоҳад, бар ту гӯям:
Ало, хонандаи аҳли саводам,
Фақат ту мерасӣ акнун ба додам.
Бихоҳам бештар манро бубинӣ,
Гули мақсуди худ аз ман бичинӣ.
Бихоҳам сафҳаҳоямро бихонӣ,
Заволи ноҳақӣ аз ман бидонӣ.
Ба дастат то расам, манро бикобӣ,
Ки ҳаҷву танзи хуш аз ман биёбӣ.
Ба рушди ҷамъият ҳар ду, бародар,
Ниҳода саҳм ҳардумон баробар,
Ки то моро Ватан обод гардад,
Ки роҳи бад ба чанги бод гардад.

## ҒАЗАЛИ «ХОРПУШТАК» ДАР ВАСФИ ИСТИҚЛОЛ

Ман зи ваҳдати тоҷик мисли дег меҷӯшам,
Кунҷи лаб зи хурсандӣ рафта то баногӯшам.
Тухм мепазад гарчи беалав дар ин гармӣ,
Ман ба ҷашни Истиқлол бист ҷома мепӯшам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тай намуда сад водӣ, омадам ба ободӣ,
Нангу ори тоҷикӣ кай шавад фаромӯшам?!
Роғун аст ҷони мо, қуввату тавони мо,
То ки он шавад барпо, аз таҳи дилам кӯшам.
Нестам ба кас парво, кори худ кунам иҷро,
Чун зи ак-аки сагҳо кар намешавад гӯшам.
Сарвари Худододам, аз ту ҳаст бунёдам,
Баҳри комгорият садта-садта менӯшам.

## НАВРӮЗ МУБОРАК

1

Айёми баҳорон шуд,
Вақти гули торон шуд.
Сардии зимистон рафт,
Хуршед дурахшон шуд.
Наврӯз муборак бод!

2

Пурсабза шавад айлоқ
Бар гову бузу тайлоқ.
Мол аст вале камчин
Дар хоҷагии қишлоқ.
Наврӯз муборак бод!

3

Аз дил биравад то доғ,
Оем ба сӯи боғ.
Овози ҳазорон ку?
Безор шудем аз зоғ.
Наврӯз муборак бод!

4

Моро занӣ аз чӣ наҳ,
К-аз кор наем огаҳ?!
Биншонда ниҳоле як,
Кандем дарахте даҳ.
Наврӯз муборак бод!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

5

Дар пеши раҳи танзим
Кардем басо таъзим.
Зеро ки бувад моро
Танзим беҳ аз тақсим.
Наврӯз муборак бод!

6

Бо сози рубобу даф
Кӯбем ба шавқе каф.
Қурбони ту гардад ҷон,
Лампочкаи каммасраф.
Наврӯз муборак бод!

7

Сард аст аҷаб хона,
То рӯз зи шаб хона.
Аз умр чӣ меноли?
Монда ду ваҷаб, хона.
Наврӯз муборак бод!

8

Болост чу панд аз қанд
Дар тарбияи фарзанд,
Қандаш наю пандаш деҳ,
То тифл шавад хурсанд.
Наврӯз муборак бод!

9

Мактаб, ки фаровон шуд,
Таълим чӣ осон шуд.
Устод кучоӣ, дил
Бар дарси ту пазмон шуд.
Наврӯз муборак бод!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

10

Дар олами Ғарбу Шарқ
Кам гашта дигар худ фарқ
Ҳар ҷо пури компутер,
Камчин шудаӣ, эй барқ.
Наврӯз муборак бод!

11

Наврӯз муборак бод!
Сад бор муборак бод!
Кам бошад агар сад бор,
Бисёр муборак бод!

## РЕЗАҲО

Чӣ мурғеам, ки парвозам гирифта,[1]
Пари бикшодаву бозам гирифта.
Бихоҳам дод гӯям аз фасодат,
Гулӯдардам, ки овозам гирифта.

* * *

Ҷони ту зи чашмаи ҳаром об хӯрад,
Сутхони ту аз макру ҳиял тоб хӯрад.
Эй он, ки ба як зарра накӯӣ нарасӣ,
Нодонии ту мавҷ чу гирдоб хӯрад.

* * *

Гули дилдодаеро бӯ накардаст,
Ҳанӯз аз ишқ гуфтугӯ накардаст.
Сухан гӯяд, бубин, з-оиладорӣ,
Валекин хеш ҳоло шӯ накардаст.

1. Шояд таворуд бошад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

* * *

Санадҳое аҷаб ӯро ба ёд аст,
Вале «илм»-аш ҳама дар чанги бод аст.
Гумонаш рӯи дунёро бидонад,
Член-корр асту лекин бесавод аст.

* * *

Агарчи бозу асли Ковае дорӣ,
Шавад даркорат, ашк аз новае дорӣ.
Чунон ҳам ҳилаву найранги ту беш аст,
Ки баъд аз р…данат андовае дорӣ.

* * *

Аз азал баски ту бебунёдӣ,
Зи ҳар аъмоли бадат дилшодӣ.

* * *

Тарбият нест чу дар бунёдат,
Нарасад илму адаб бар ёдат.

* * *

Чӣ ҷӯр астӣ ҳама созат,
Набошад лек овозат.

* * *

Ҳарчанд ки килки суфта дорем,
Пур дарду ғами нагуфта дорем.

* * *

Шоири халқӣ буду ҷоизадоре дар замон,
Сангро ҷои биринҷе зери дандон карду рафт.

* * *

Зинҳор сар ба домани ишкам намезанам,
Пешат қади баланди худам хам намезанам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҲАМ АРШ, ҲАМ ФАРШ

Ман калон мешавам,
Қаҳрамон мешавам.
Бар Ватани худам
Посбон мешавам.
**Гар нагардам ба ақл,**
**Бокамон мешавам!..**

Қатли Ҷомиро чӣ ҳоҷат бори тег,
**Нархи нон** ӯро кифоят мекунад!

Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас, макун аз **чӯҷаи бирён** ҳазар!

Қадди ту ба қадди найшакар мемонад,
Рӯи ту ба кулчаи қамар мемонад.
Ҳар кас, ки ба болини ту сар мемонад,
Дар **вақваќи очаи** ту дармемонад.

Эй бародар, хоки поят **тутиёр**,
Гар ту моро дӯст медорӣ, **биёр**.
Ҳар умеде доштам, дар зиндагист,
Баъди мурдан хоҳ биёрӣ, хоҳ **наёр**!

Тавоно бувад ҳар ки **доро** бувад,
Бо **долар** дили пир барно бувад.

Кошки доро мешудум, вой-вое.
**Ходими боло** мешудум, вой-вое!

Дилам хун шуд зи раҳпоӣ, азизам,
Чаро охир **намезоӣ**, азизам?!

Ҳоло ки баҳорам нагузаштаст, биё,
Ҳоло ки **миёнам** нашикастаст, биё.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дило, на ишқ на оташ, на офтобу замин,
Надорад ин ҳама қувват, ки халқ бо **бензин**!

Дил ба тоқи абрӯи ӯ майпарастӣ мекунад,
Чун **милиса** аз **шароби муфт** мастӣ мекунад.

Зиндагӣ охир сар ояд, бандагӣ даркор нест,
Бандагӣ гар шарт бошад, **гандагӣ** даркор нест!

Гул ки бозорӣ шавад, булбул занад худро ба дом,
Бар умеди он, ки **қонунаш** ба бозор оварад.

Бар дили мо гар намеоӣ, ба чашми мо биё,
**Нест агар он ҷо свет, эй ҷони ман, ин ҷо биё!**

Раззоқи олам астӣ, эй баргузида деҳқон,
**Эй зори як кафе орд, мӯҳтоҷи бурдае нон!**

Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
**Бозор бошад, аммо андозгар набошад.**

Эй лабат гул, оразат мул, турраат сунбул барин,
**Аз саҳар то шом дар бозор гардӣ пул барин!**

Бигзор, то бигирям чун абр дар баҳорон,
К-аз санг нола хезад рӯзи **маоши** ёрон!

Дирӯз баъди борон тирукамон баромад,
**Афғони бекалӯшон бар осмон баромад.**

Даст аз талаб надорам, то коми ман барояд,
Ё тан расад ба **помош**, ё ҷон зи тан барояд!

Ҳама доди ватанхоҳӣ занад, аммо намедонам,
**Ватан ҳампои кипдор аст, ё ҷипдор, ё ҳар ду!**

Гоҳ бо ширу шакар, гоҳе ба обу оташӣ,
Ман надонистам, чӣ **шӯй** аст ин, ки пайдо кардаӣ!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Тирборон кардани мо кӯшиши беҳуда аст,
Хар кӣ моро мекушад бо **ордборон,** зинда бод!

Даме ки дилбарам монанди гул хандида меояд,
**Ба рӯи гулфурӯшон оби шӯр аз дида меояд!**

Нишастам дӯш ман бо булбулу парвона дар як ҷо,
Сухан гуфтем аз **ин кишвари вайрона** дар як ҷо.

Чашми ман серӣ надорад аз тамошои **занам**,
Хоҳам аз мадди назар н-афтад ягон ҷои **занам**.

Ҳар замон аз зиндагонӣ бишнавам панди дигар,
**К-андалеб аз сидқ мехонад суруду жури – хар.**

Тарки ёрӣ кардиву ман **низ безорам туро**,
**Бар дарам як лаҳзае дигар набигзорам туро.**

Аҷаб дилбар, ки ман дидам рухаш рашки қамар мезад,
**Ду зулфи аждаҳояш халқа-халқа** то камар мезад.

Эй ҳузури мақдамат дар зиндагӣ **бӯҳрони** ман,
**Зинда будам, мурдаам кардӣ, наё**, эй ҷони ман!

Азизам, номаатро мисли гул бигрифта бӯ кардам,
Зи шодӣ **шарми ман бишкасту ногаҳ майли шӯ** кардам!

Намурдам, зистам, фарзанди хурдамро калон кардам,
Шаби тӯи арӯсиаш **ба облава равон** кардам.

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
**Самарқандӣ набошам ҳам, набахшоям Бухороро!**

Чу дар гулзори рухсораш хиромонам, биҳамдуллоҳ,
На майли лолаву насрин, на майли **ресторан** дорам.

Дар рафтани **пул** аз бадан гӯянд ҳар навъе сухан,
Ман худ ба чашми хештан дидам, ки ҷонам меравад.

*соли 1996*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ТАБРИКОТИ СОЛИНАВИИ ХОРПУШТАК

### Ба Вазири маорифи ҶТ Нуриддин Саидов

Ҳиммат аз қомат баланду қомат аз ҳиммат баланд,
Соли Нав омад, муборак, эй Вазири арҷманд!
Аз шарофатҳоятон обунаи ман шуд зиёд,
Хорҳоям тезтар созам ба рағми макру фанд.

### Ба Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Файзалӣ

Шоиро, имрӯз агар доди суханро додаӣ,
Ҳеҷ аз ёдат мабар, ки Хорпуштакзодаӣ.
Гоҳ-гоҳе шеъри ҳаҷвият ба мо ҳам мефирист,
Ин қадар аз чист, ки аз мо ту дур афтодаӣ.
Орзу дар Соли Нав дорам, қатори дигарон
Бинамат, ки бо нишони Рӯдакӣ истодаӣ.

### Ба раиси ИН Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ

Он адибе бар адибон сарвар аст,
Меҳмон Бахтии вологавҳар аст.
Нозир астӣ назму насру ҳам дром,
Ҷояш ояд, ҳаҷвгӯро раҳбар аст.
Унс гирад бо каломи неку хуш,
Ҳар ду гӯшаш дар гапи ноҷо кар аст.
Мезанад худ садта-садта гарчи гоҳ,
Садтагиронро вале дарди сар аст.
Навбати сеюм шавад аз нав раис,
«Равшанӣ аз торикӣ равшантар аст».

### Ба раиси Нашриёти «Адиб» Фарҳоди Карим

Кори сад кас мекунӣ буд,
Майли мо ҳаргиз надорӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ё ҳаросӣ аз гапи тунд,
Гаштаӣ аз мо фирорӣ?!
Гар шавӣ обуна бар ман,
Ҳеҷ ту айбе надорӣ.

**Ба Ҳунарманди халқии Тоҷикистон**
**Аловуддин Абдуллоев**

Чун ҳунарманде ба дилҳо ҷо шудӣ,
Дар ҳунар мекӯшу бизнесмен мабош!
Дар миёни мокиёнҳо чун равӣ,
Худ хурӯсе бошу ҷентлмен мабош!

**Ба нависанда, барандаи Ҷоизаи давлатии**
**Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ Бароти Абдураҳмон**

Бо ҳикоя, нақлу романҳои худ
Қалби мардумро ба ҷӯш овардаӣ.
То бидонем аслу насли хештан,
Ҷони моро дар хурӯш овардаӣ.
Дар шунуди бесаводони замон
Кар ҳамеша ҳар ду гӯш овардаӣ.
Роғиби ҳар сӯҳбате чун мешавӣ,
Гуфтугӯҳо аз Курӯш овардаӣ.

**Ба Ҳунарманди халқии Тоҷикистон**
**Убайдулло Раҷаб**

Он ҳунарманди ғараздору ҳасуд
Дар ниҳодаш кинаҳо дорад аҷаб,
То ба саҳна роҳ аз ҷои нишаст
Гарчи бинмояд ба чашмаш як ваҷаб,
Умрҳо ҷон меканад бе хобу хӯр,
То бигардад чун Убайдулло Раҷаб.

*декабри 2013*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## Табрики Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Файзалӣ (аз номи «Хорпуштак»)

Солҳо бо ҳаҷви тунду тези худ
Ноҳақони даврро афкандаӣ.
Бар адолатпарварон хубӣ, вале
Азадолатдурҳоро гандаӣ.
Нокасон монеъ шуда бар пешрафт,
Решаи ин нокасонро кандаӣ.
Зарба то бар решаи эшон занӣ,
Бо сухан белу каланду рандаӣ.
Ин Ватанро дӯст аз ҷон доштӣ,
Бегумон, ҳар амри онро бандаӣ.
Дӯстат дорам чу як фарзанди ҷон,
Рост гӯям, Рӯдакиарзандаӣ.

*августи 2014*

## Ба устод Расул Ҳодизода

Пайваста ба мо дурру гуҳар мекобӣ,
Дар тирашабон ситорае метобӣ.

## Ба Ҳошим Гадо

Як ҷаҳон маъно бувад дар сӯҳбату дар чақ-чақат,
Дар зимистон гарм бошад каллаат бо телпакат.
Аз самими қалб Соли Нав муборак бод, лек
Чашмҳомон хона карда дар раҳи «Испартак»-ат.

## Ба Зафар Нозим

Дӯст медорем сабки кабки ту,
Ҳар куҷо донем кабки сабки ту.
Кабкҳои санъати навболу пар
Беш нӯшиданд об аз ҳабки[1] ту.

---

1. Ҳабк – кафи даст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

### Ба Бобо Ҳоҷӣ

Ҳоҷӣ-бобо, шукр, афзун гаштааст,
Шоири мо якта – Бобо Ҳоҷӣ аст.

### Ба Шоири халқии Тоҷикистон Раҳмат Назрӣ

Пурбар буду бувад з-оғоз кишти ту,
Дар кохи шеъри тар барҷост хишти ту.
Унвони олиат тан доду медиҳад,
Ҳар кас, ки воқиф аст аз «Сарнавишт»-и ту.

### Ба Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб

Гоҳ садри синамову гаҳ ба симо ноиб аст,
Гоҳ назму гоҳ насру гаҳ драмро соҳиб аст.
Кист, ки гӯяд Ватан бо сӯханҳо ин қадар? –
Хуб медонем ӯро, ӯ Муҳаммад Ғоиб аст.

### Ба Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ

Ошнои хандазеби мо туӣ,
Сӯҳбаторои аҷиби мо туӣ.
Дар қатори чақ-чақу хушгӯиҳо-т
Чойҷӯшон дар «Адиб»-и мо туӣ.
Чойи ту дар Соли Нав дар ҷӯш бод,
Ташнаи лутфи ту ҳар як гӯш бод.

### Барои Маҳмадалишо Ҳайдаршо

Бувад бархе, ки мехояд живачка,
Занад беист он дигар заначка.
Вале хонандаат беистиҳола
Китоби ту бигирад пачка-пачка.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## Ба Мӯҳтарам Ҳотам

Ба Соли Нав ҳамехоҳам кабобе, ки ғарам бошад,
Май андар байну ин сӯ ман, аз он сӯ Мӯҳтарам бошад.

## Барои Бобо Ҳоҷӣ

Шоире дорем, ки похутӣ аст,
Ҳарфи ӯ хушбӯй чун кокутӣ аст.
Шеъри вазнин дораду вазни сабук,
Ростгӯе ҳамчунон Лоҳутӣ аст.

## Барои Ӯрун Кӯҳзод

Кӣ гуфт номаи ту пуроҳ карда моро,
«Тақвими раҳгум»-и ту гумроҳ карда моро?!
«Тақвими раҳгум»-и ту моро диҳад башорат,
Дар соли нав нависӣ «Тақвими раҳкушо»-ят.

## Барои Музаффари Суғдзод

Муаллим ҳаст ё шоир,
Яқин аҳли савод аст ӯ.
Кӣ бошад, ки ба фазли хеш
Дари мактаб кушодаст ӯ?!
Ба шеъри содаву хоно
Нишон аз худ ниҳодаст ӯ?!
Варо мо хуб бишносем –
Музаффар Суғдзод аст ӯ.

## Барои Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Файзалӣ

Болу парвози ту аз тезии хорам бошад,
Бакамоловарии ҳамчу ту корам бошад.
Байни мардум, ки шудӣ шӯҳра ту аз даргаҳи ман,
Накунӣ ёдам агар, қалби фигорам бошад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## Барои Алии Муҳаммадии Хуросонӣ

Заҳмати ту ҳадя карда баҳри мо
Рӯдакию Румию Атторро.
Тӯсию «Гаршоспнома» як тараф,
Ҳам Навоии шакаргуфторро.
Бо «Майи гулгун»-у «Меҳру Муштарӣ»
Бар ҳама бошӣ ҳабибу ҳамнаво.
Зам шавад бар шасти ту шасти дигар,
Соли нав бодо муборак, ошно!

*декабри 2010*

## Ба Шоири халқии Тоҷикистон Низом Қосим

Назми Низоми Қосим
Назму низом дорад.
Ҳамчун суханваре ӯ
Шаъну мақом дорад.

Гарчи дарозмӯй аст,
Кӯтаҳ сухан бигӯяд.
Бо меҳру бо садоқат
Шеъри Ватан бигӯяд.

Унвони нав гирифта
Бодо ба ӯ муборак!
Пурнур бод роҳаш
Аз нури барқи Норак!

## Ба Шоири халқии Тоҷикистон Аҳмадҷони Раҳматзод

Туро машҳур гардонда
«Зуҳури Ҳазрати Одам»,
Муборак Шоири халқӣ,
Дигар дар дил надорӣ ғам!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Кунун аз Ибни Одам гӯ,
Ҷаҳон дорад аз ӯ мотам.
Барои ронданаш аз даҳр
Яқин, мондаст худ як дам.

**Ба шоир Давлат Сафар**

Лутф гоҳе мекунӣ, дар лутфи ту, бегуфтугӯ,
Гаҳ Муҳаммад ханда дорад, гоҳ мебинӣ гирист.
Хорпуштак ҳаст хоҳон – лутфи ту гардад зиёд,
Нусхае з-ин лутфҳо дар Соли нав бар мо фирист!

## ТАБРИКОТИ НАВРӮЗӢ

**Ба Гулрухсор**

Баҳор омад, шукуфта дар чаман зебо гуле бисёр,
Гуле зебо набошад чун гули ашъори Гулрухсор.

**Ба сардабири маҷаллаи «Истиқбол»
Латофат Кенҷаева**

То мерасад бар аҳли завқ
Хушранг «Истиқбол»-и ту,
Табрик мегӯем мо
Наврӯзи Истиқлоли ту!

**Ба Фирӯза Сатторӣ**

Ҳар он, ки ба шавқи дил
«Оила» ҳамехонад,
Хушрангии ҳар сафҳа
Аз завқи ту медонад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## Ба Ҳуринисо Ализода

Ба ин ҳусни Худододе, ки дорӣ,
Намедонам париӣ ё ки ҳурӣ.
Фақат донам, ки рӯзи нангу номус
Зи баъзе мардҳо, ҳаққо, ки зӯрӣ.

## Ба Гулистон Субҳонова

Эй Гулистони дилкашу дилҷӯ,
Шеъри худро ниҳода дар як сӯ,
Мебудӣ гар, мешудӣ бо ин мӯ
Ғолибе дар «Чакомаи гесӯ».

## Ба Зулфия Атоӣ

Гӯям агар як аския –
«Девони Зулф»-и Зулфия
Вазнинитар аст аз вазни кӯҳ,
Ширинтар аз ширинбия.

## Ба Адибаи Хуҷандӣ

Ба ширинӣ чу қанд омад,
Ба сад андарзу панд омад.
Ба лаб шеъри Камол овард,
Адиба аз Хуҷанд омад.

*соли 2011*

## Ба Шоири халқии Тоҷикистон Низом Қосим

Қатра-қатра оқибат дарё шудӣ,
Номдоре гашта, сарболо шудӣ.
Бори дигар чун сухандони асил
Дар қатори депутатҳо ҷо шудӣ.
Шеъру ту монад, намонад, ғам махур,
Чун мунаққид шуҳраи дунё шудӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Ба Шоири халқии Тоҷикистон,**
**барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон**
**Аҳмадҷон Раҳматзод**

Шукрона, шудӣ Шоири халқӣ акнун,
Бо Ҷоизаи Рӯдакӣ раҳмат гуфтӣ.
Рафт аспу нигар, ки Гӯсфанд омадааст.
Он ваъдаи базм то қиёмат гуфтӣ.

**Ба Шоири халқии Тоҷикистон Назри Яздонӣ**

Бигирӣ аз таби ашъори ӯ дар,
Сухан сӯзонд бо «Кафшери лозар»

**Ба шоир, доктори илмҳои фалсафа**
**Кароматулло Олимзода**

Бо шеър бо «Паёми садоқат» расидаӣ,
Дар фалсафа зуҳур шавад докторият.
Беш аз тамоми фалсафаи ину они даҳр
Дарёфтем фалсафаи хоксорият.

**Ба барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи**
**устод Рӯдакӣ Атахон Сайфуллоев**

Мегашт агар Рӯдакӣ аз хок бадар,
Бо ҷилваи нав ҳусни Ватанро медид.
Дар шахси Шумо – ҷоизадори даврон
«Оинаи барқадди сухан»-ро медид.

**Ба барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи**
**устод Рӯдакӣ Рустам Муқимов**

Ба Қомуси пур аз асноди қотеъонаву ҷолиб
Шиносондӣ ба олам бори дигар ориёиро.
Муборак Соли нав бодо туро, эй олими пуркор,
Ки таҳкиме бубахшидӣ русуми бовафоиро.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ХАНДАИ НИЁЗ

*(Ҳикояҳо)*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## НАВСАНДАГИИ МАНУ…

Хамааш айби худам шуд. Кошки аввал ҳикояро ба занак мехондам, бо ӯ маслиҳат мекардаму розӣ мешуд, баъд ба чоп месупоридам. Аз куҷо медонистам, ки ин хел мешавад.

Ҷанҷол худи ҳамон рӯз сар шуд, як ҳикояи ҳаҷвиям дар рӯзнома чоп шуд. Рӯзномаро чор қат карда ба киса задаму бо табъи хушу димоғи чоқ ба хона омадам ва бо умеде, ки ҳозир занак давида маро табрик мекунад, тугмачаи зангро пахш намудам. Не, тушбераро хом шумурда будаам.

– Ҳа, нависандача. Омадӣ. – дарро кушодан замон ба ҳуҷум гузашт ӯ. – Шаби дароз падару модари маро сиёҳ мекардай-да. Ҳе, кӯрнамаке!

– Нафамидам, занак, равшантар гап зан.

– Нафаҳмидӣ? Маро бесаводу гӯлу гумроҳ ҳисобидӣ? Ин чист? – рӯзномаи дар дасташ бударо ба сарам шапид ӯ. – Ман он қадар бесаводе нестам, ки ту мегӯӣ. Ҳа-а, шукри худо сиёҳро аз сафед фарқ мекунам. Боз чӣ хел равшан гап занам?

– Охир ин ҷо номҳо тамоман дигаранд-ку?! Воқеаҳо сохтаву бофта…

– Шуд, тамом, ман дигар як рӯз ҳам намеистам дар ин хона. Бечораҳо, домод гӯянд, даҳонашон пур мешаваду ту, ношукр, онҳоро масхара мекуни-а? Ҳе, садқаи ҳамон ҳафт қабат кӯрпача шавӣ, ки очам таҳи пои ту мепартояд.

– Хой занак, исто. Ман ба ту фаҳмонам, охир ин асари бадеист. Ман тамоман…

– Ҳе, асари бадеит аз сарат монад, нависандача. – Гуфту дарро ба шаст кушода баромада рафт.

Рӯзномаи ба сарам шапидаашро аз таҳи по гирифтаму музтар мондам. Чашмам ба суратам афтод. «Акнун чӣ кор мекунем, а? – гуфтам ба сурат нигоҳ карда. – Чоп кардани як ҳикоя авлотар буд ё будани занак». Ба саволам ҷавоб наёфта, ба ошхона даромадам. Шикамам аз гуруснагӣ танбӯр менавохт, вале иштиҳо гашта буд. Бо дили нохоҳам



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сарпӯши дегро бардоштам: шустагӣ, тип-тоза. Фаҳмидам, ки ҷурта чизе напухтааст. Рӯи диван дароз кашидаму ба фикр фурӯ рафтам.

Ё тавба. Чӣ хел ба сараш омадааст, ки падару модари ӯро ҳаҷв кардаам. Охир он ҷо номҳо тамоман дигар, ягон нишоне аз симо, рафтор ва касбу кори онҳо нест-ку? Ё ҳамсояҳо алов пеш кардаанд? Шояд. Занакҳои бекор чунин одат доранд. Ҷанг меандозанду баъд аз дур истода тамошо мекунанд. Акнун чӣ кор кунам? Равам ба сари занак? Не, хайр, мон падару модарашро як хабар гирад. Ягон ҳафта истад, ба ӯ мефаҳмонанд, ки қаҳрамонҳои ҳикоя онҳо нестанд, баъд гашта меояд ё худам рафта меорамаш.

Як ҳафта ҳам гузашт. Ду ҳафта, як моҳ гузашт, вале аз занак дараке набуд. Дилам хиҷил шуд. Ман, ки дар ин ду сол бо занак боре ҳам гапам нагурехта буду доимо якҷо будем, якбора ба ин фироқи дуру дароз тоб наовардам. Ба кор бо лабу лунҷи овезон меомадам. Ҳеҷ хуши кор карданам набуд. Рӯз то бегоҳ ҳатто як ҷумларо таҳрир карда наметавонистам.

– Ҳа, худаш чӣ гап? Чаро рӯзҳои охир авзоат беҷо? – аз аҳволам магар пай бурд, ки пурсид ҳамкорам Сабурӣ.

– Не… ҳамту… Ҳеҷ гап не, – забон хоидам ман.

– Набошад чаро ин кадар зуд тағйир ёфтӣ? – качпурсӣ мекард ӯ. – Ким-чӣ хел асабинамоӣ, камгап шудаӣ? Сару фусукат ҳам чандон дилкаш не, аввалҳо бисёр фасонча будӣ. Мабодо-ку янга қаҳр накардааст?

– Ҳамту, – ба авлиё будани мӯсафед қоил шуда бо дили нохоҳам ҷавоб додам ман.

– Ҳа-а. Ман мегӯм, ки чаро якбора дигар шудаӣ, – дилаш сӯхт ба ман, ки айнакашро гирифта бо меҳр ба сӯям нигоҳ кард?

– Э, ҳамту… – намехостам, ки сирри оиларо пурра гӯям ба ӯ . – Ҳаҷвияи чоп шудаамро ба худ кашидааст.

– Ҳа-а, – мад кашид Сабурӣ. – Ҳолӣ ин хелӣ чанд каса хафа мекунӣ, ки баъд нависанда мешавӣ, а! Кори бозӣ дунё аст? – чун ҳарвақта шӯхикунон ин мақолро чаппа гуфт ӯ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ёфтӣ вақти шӯхиатро, фартут, – асабӣ мешудам ман. – Ё тавба, буз дар ғами ҷон асту қассоб дар ғами чарбу.

Ҳамин дам дар кушода шуду котибаи идораамон даромад ва коғазеро ба ман дароз карда гуфт: «Ин даъватнома ба номи шумост. Пагоҳ бояд ба суд равед».

Ана, халос. Кор то ин ҷоҳо расидааст у мо бехабар, – гуфтам ба худ ва хайрухушро бо Сабурӣ нася гузошта аз кабинет баромадам.

Дар идораи суд бо ҳам во хурдем. Занак дучанд хашмгин менамуд. Аз қавақаш барфу борон мерехт. Дарёфтам, ки ҳанӯз аз аспи ғазаб нафуромадасту дилаш то ҳолӣ пур аст. Нав ба илтиҷо медаромадам, ки суд ба гап сар кард.

– Рафиқ Ҳайдарзода! Шумо медонед, ки ҳамсаратон барои ҷудо кардан ба мо ариза додааст? Сабаби ҷудошавияш ҳамин, ки шумо дар ҳикояатон падару модари ин касро, яъне хусуру хушдомани худатонро ҳаҷв кардед. Розиед, ки ҷудо шавед?

– Ман… ман… рафиқ суд, – аз чунин суолгузории ӯ лол шудам, ягон каси мушаххасро ҳаҷв накардаам. Образҳои офаридаам ҳама бофтаанд.

– Рӯша сиё мекунад, акаи суд. Ина, ҳамин тахтадузд падари ман аст. Боре ӯ аз ҷои кораш як мошин тахта овард, ин шумрӯ дида буд. Ҳамуна каме дигархелтар карда навиштаст. Ба хаёлаш, ман намефаҳмам.

– Акнун ҷудо мешавед? – боз ҳамон суоли хунукашро такрор кард суд.

– Рафиқ суд. Шумо маро дуруст фаҳмед. Ман наход хусури худамро нависам?

– Фақат хусуратро не, нависандача, – шарҳу баёнашро давом медод занак, – хуштоманатро ҳам навиштаӣ. Ин занаки ту мегуфтагӣ рӯмолҳои понздаҳсӯмаро ҳафтодсӯмӣ мефурӯшад. Магар ин модарам нест? Ту кӯр набудӣ, медидӣ, ки ӯ ҳамин тавр савдогарӣ мекард. Эҳ, худо гирад қаламу қоғазатро, – ҳеҷ паст намеомад ӯ. – Ман дигар афти хунуки туро дидан намехоҳам.

– Имзо гузоред, – варақеро пеши ман тела дод суд. –



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зудтар имзо гузоред, ки ман вақти бо шумо ҳафту ҳашт кардан надорам.

– Рафиқ суд, ман ҷудо шуданӣ нестам, охир. Шумо аввал фаҳмед, ки шикояти занак дуруст аст ё не. Чаро якбора…

– Дуруст набошад, ин қадар оби дида мекунад ӯ? Имзо гузоред!

– О, хайр дуруст бошад, пас падару модари ӯ дузду савдогар будаанд. Чаро онҳоро ба ҷавобгарӣ намекашед? – аз даҳонам бехабар баромад ин гап.

Худо дод занакро. Чунон ҳақорату дашноме ба сарам рехт,ки гуфтан надорад. Ҳамин қадаре, ки кардам, хап дорондааш натавонистам. Ҳатто гуноҳамро сад фоиз ба гардан гирифтам. Бахшиш ҳам пурсидам. Не, нашуд, ки нашуд. Аз Горкий мисол овардам, ки агар нависанда дар шахси як коргар хислатҳои 10, 50, 100 коргарро омӯхта образ офарад, он гоҳ образ образи типпӣ мешавад, – не, нашуд. Ҳамаи ин ба гӯши хар Қуръон хонданро мемонд.

– Гиред, зудтар имзо гузоред, рафиқ нависанда, – варақҳоро пештар тела дод суд. – Аз поёни имзои занатон. Ва кори шумо набошад, ки мо киро ба ҷавобгарӣ мекашему киро не.

– Рафиқ суд…

– О, занак нахоҳад, мо чӣ кор карда метавонем?

Ноилоҷ, дидам, ки дигар бӯи умед нест, имзо гузоштам.

Ана, ҳамин тавр мову занак ҷудо шудем. Акнун як соли дароз мешавад, ки муҷаррадам. Худам хӯрок мепазам, худам либос мешӯям, хона мерӯбам, ҳама коруборро худам мекунам. Аз ҳама аламовараш он аст, ки чунон раҳгум задам, ки дигар ягон ҳикояча ҳам навишта натавонистам. Ба ҷуз як ҷумла:

«Худо гирад нависандагии марову фаҳмиши занакро!»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ИНРО ГАЗЕТ МЕГӮЯНД

– Рафиқ сармуҳаррир! Ҳамин ҳам аз рӯи инсоф аст магар? Киро фелетон кардаанд, кампири Садафро, ки як умр ҷорӯб сари даст таҳи пои мардумро мерӯбад. Фелетон карданӣ бошед, дузду нокораву ҳаромхӯр кам аст, ки бечора фаррошзанеро, ки барои ҳафтод сӯмак шабу рӯз ҷон меканад, ин қадар таънаву маломат мекунед?

– Асабӣ нашавед, бародар, инро газет мегӯянд.

– Чӣ, газет шуд гуфта, ҳар гапи фачро чоп кардан мегирад? Кӣ намешиносад Воҳидовро? Ҳама медонад, ки ӯро ҳамчун порахуру дузди калон аз вазифа гирифта ва ҳатто аз партия ҳам ронда буданд. Рӯзномаи шумо ӯро таъриф мекунад. Боз сураташро ҳам додаед. Чаро ин тавр мекунед, рафиқ сармуҳаррир?

– Ҳамин хелӣ принсип ҳаст, бародар, инро газет мегӯянд.

– Фарз кардем, ин аз рӯи ким – кадом принсипи шумо мегуфтагӣ. Лекин ба ин чӣ мегӯед, ки мухбиратон прокурорро хизматгори содиқи халқ гуфта, очерки калонеро ба ӯ бахшидааст?! Ҳа, ҳамон прокурореро, ки садҳо ҳазор сӯми халқро ҷамъ кардааст. Балки нисфи мардумро бегуноҳ ҳабс намудааст. Ё ин ҳам аз рӯи принсип? Наход дигар одам наёфтед, ки прокурорро таъриф мекунед? Буза чиву…

– Вазнин шавед, бародар, инро газет мегӯянд.

– Чӣ хел вазнин шавам, ки аксари навиштаҳои рӯзноматон ғаразноканд. Барои як халта қанд бечора директори горторгро дарбадар кардед. О, ҳамин қадар сол-ку ҳамон мардак ҳама анборҳоро ба ихтиёри шумову мухбирчаҳоятон дода буд. Акнун, ки як халта қанд ёфта натавонист, ҳамин хел мекунед ӯро? Даҳ бор фелетон менависедаш?

– Навиштан мегирем, инро газет мегӯянд, бародар.

– Одамонро бе асос сиёҳ кардан хуб аст магар? Гоҳ раиси колхозро танқид мекунед, ки роҳи хонаи шуморо асфалт накард, гоҳ мудири маданиятро, ки ким – кадом китобдори ҳамшаҳри шуморо аз кор рондааст, гоҳ мудири маорифро, ки гунохе надорад. Ин бечора бисёр гуноҳ карда бошад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пеши мухбирони шумо ё пиворо хунук накарда овардааст ё аз саросемагӣ гӯштро андак сахттар пухтааст.

– Ҳар хел шуданаш мумкин, бародар, инро газет мегӯянд.

– Чӣ хелӣ газет аст, ки як муйсафеди бечораро, ки ғайр аз хайрхоҳӣ кори баде надорад, дар кашокаш андохтед? О, аввал ҳамон мухбиратон як пиёла чой ба касе диҳад. Дари хонаша касе накушодасту ба ин мӯсафеди нондеҳ ин қадар мечаспад. Мулло гуфта, то сари суд кашид ин ғарибро. Мулло бошад, чӣ? Ба мулло чӣ кор доред?!

– Баланд наравед, бародар, инро газет мегӯянд.

– Баланд нарафтаам ман, росташро мегӯям. Аз вақте ки шумо сармуҳаррир шудед, шаҳр нотинҷ гашт. Коратон фақат ҷанг андохтани одамон, Чӣ, барои ҷангдозӣ оварда-анд шуморо? Медонам, медонам, ки газетаи шумо таъриф ҳам мекунад. Вале киро ва чаро таъриф карданатонро ҳам нағз медонад. Вай мухбирчаатон барои он директори заводи пахтаро таъриф кард, ки аз ҳисоби завод хориҷа рафта сайругашт кунад ё бо пули онҳо «08» гирифта, саворӣ кунад.

– Ҳеҷ гап не, бародар, инро газет мегӯянд.

– Чӣ хел ҳеҷ гап не, ки газетаро ба минбари шахсӣ табдил додаед? Наход аз савдогаре, ки хуни халқро мехӯрад, шоир созед? Хешатон, ки бошад, як-ду шеърашро чоп кунед, бас аст охир. Як саҳифа шеърҳои бемаъниро чоп карда, чаро завқи бе ҳамин ҳам пасти мардумро пасттар месозед?! Айба намедонед?

– Чӣ хел айб? Инро газет мегӯянд.

– Пйесаи худатонро таъриф карда, ба осмони ҳафтум бардоштед. Мақоларо худатон менависеду баъд завод ба заводу фабрика ба фабрика гашта имзо меғундоред, гӯё онро коргарон навишта бошанд. Ба гумонатон мардум инро намефаҳманд?

– Фаҳмидан гиранд, инро газет мегӯянд.

– Наход газет ин қадар сарҳуй шавад, ки омада аз каштали горкому исполком гирад? О, газетаро-ку ҳаминҳо



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ташкил кардаанд, матбаа додаанд, коғаз додаанд, мошин додаанд, сӯм додаанд… Кӯрнамакӣ ҳам ҳад доштагист, рафиқ сармуҳаррир?!

– Дағалӣ накунед, бародар, инро газет мегӯянд.

– Э, марги ҳамин хелӣ газет!!!

*соли 1990*

## ГАПИ НАВ

– Хӯ-ӯш, гапи нава шунидӣ?

– Не. Чӣ гап будааст?

– Хӯш, ки бошад, дирӯз дар чойхонаи… ҳолӣ чӣ буд?... Дар хиёбони Ленин аст-ку, чӣ ном дорад?

– Саодат!

– Не-е. Ту ин чойхонаи рӯ ба рӯи Донишкадаи тиббиро мегӯӣ. Ҳо, дар паҳлӯи театри ба номи… ҳолӣ кӣ буд… як адиб ҳаст-ку?!

– Айнӣ?

– Э не, ту Театри опера ва балетро дар назар дорӣ. Мана инаш… хӯш, ки бошад,театри драммаро мегӯям.

– Лоҳутӣ!

– Ҳо, бале! Хӯш бошад, ана дар ҳамон чойхонаи… ҳолӣ чӣ ном дошт?

– Роҳат.

– Ҳа. Дар чойхонаи Роҳат шиштем. Дар поён, дар ошёнаи якум. Сабил монад, ҳаво чунон хунук буд, ки… Хӯш,ки бошад, то мизу курсии холӣ ёфтем, ки ях кардем. Ана баъд худат медонӣ аҳволи он ҷоро: як соат чойнак мекобиву як соати дигар пиёла. Хӯш, ки бошад, чойнаку пиёла, ки ёфтӣ, як соат дар навбати чой меистӣ. Чой, ки гирифтӣ, як соат пешхизматро мунтазир мешавӣ. Як соати дигар лағмони хунуку тунуки ӯро. Хӯш, ки бошад, чанд, соат шуд? Ана гирем, ки панҷ соат. Панҷ соат шиштем. Чор кас будем. Ману ана, вай… нависандаи машҳур аст-ку?! Ҳоли номаш чӣ буд?

– Кадомаш?



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ҳо ҳамоне, ки навакак «Куллиёт»-и панҷчилдааш баромад. Сабил монад, номашро фаромӯш кардам. Нависандаи халқӣ, чандин карат лаурет аст-ку?!

– Киро мегӯӣ?

– Як вақтҳо вазир буд.

– Ҳа-а, Давлатиро гӯй?

– Ҳо, бале, Давлатӣ. Хӯш ки бошад, ман будаму Давлатӣ буду мана, ин… ҳамкори худамон.

– Кӣ?

– Тарҷумон ҳаст-ку?!

– Ғаффоров?

– Э не! Мӯсафеде, ки ба қарибӣ узви Иттифоқи нависандагон шуд-ку?! Худо гирад ҳуши маро, номи инаш ҳам аз ёдам баромад. Волга дорад-ку?!

– Ғанизода гӯй!

– Ҳе, кам нашав-е! Ёфтӣ. Хӯш, ки бошад, ман будаму Давлативу Ғанизодаву боз як каси дигар. Ҳа, ёфтам. Дӯсти худамон… чӣ ном дошт?

– Ералӣ?

– Не. Дигараш.

– Миралӣ.

– Э,не.

– Амиралӣ?

– Наёфтӣ.

– Кӣ охир?

– О, ба қарибӣ тӯй кард, ку?! Эҳ, тӯи зӯр кард, а?! Якум бор дар ҳамон ҷо ба серӣ арақ хӯрдам. Кошкӣ дар ҳамин қиматӣ як бори дигар тӯй мекард…

– Мирзоро мегӯӣ?

– Э, не. Хуб сода будай-да! Тӯи Мирзо ҳам туй шуд? Мон-е! ҷяни бензинфурӯшро мегӯм.

– Ҳа-а, Каримро гӯй.

– Ҳо бале. Худи худаш. Хӯш, ки бошад, ман будаму Давлатбиву Ғанизоду Карим. Чанд соат гуфтам? Ҳа, панҷ соат. Панҷ соат чақ-чақ кардем. Бовар мекунӣ, дар ҳамон ҳавои хунук шоҳмот ҳам бозидем. Худо дурӯғгӯ накунад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

ягон ду соати дигар шоҳмотбозӣ кардем. Аҷиб кайфияте дорад ҳамин шоҳмот, а? Хӯш, ки бошад, кӣ ғолиб баромад… дар хотирам нест. Ҳа, ёфтам. Карими ҷияни бензинфурӯш. Қандата хуру бозиро бар. Пиёда мемонӣ. Ҳа-а! Хӯш, ки бошад, он панҷ соату ин ду соат чанд соат шуд? Ҳафт соат! Ҳа, ҳафт соат чақ-чақ кардем. Аз он тараф пиёда омадем, бовар мекунӣ?

– Гапи нават чӣ буд?

– Ҳа. Хӯш, ки бошад, гапи нав ҳамин, ки ҳо, як маҷалла ҳаст-ку?...чӣ ном дорад?

– Тоҷикистон .

– Э не. Ту он маҷаллаи як вақтҳо органи Кумитаи марказӣ бударо дар назар дорӣ. Ман маҷаллаи Иттифоқи нависандагонро мегӯям.

– Помир?

– Э не-е. Помир русӣ, тоҷикияш чӣ буд? Як вақтҳо Шарқи Сурх буд-ку?!

– Садои Шарқро мегӯӣ?

– Ҳо бале! Хӯш, ки бошад кадоме аз мо… Давлатӣ буд, ё…ӯ набуд… Не, не аниқ ӯ набуд. Ғанизода… Ҳа, Ғанизода… Ё ӯ ҳам набуд…Балки худи ман будам?... Сабил монад, кӣ гуфт ҳамин гапро? Ҳа, ёфтам. Карим! Хӯш, ки бошад ҳамон Карими дӯстамон гуфт. Ӯ гуфт, ки… хӯш, ки бошад,дар рафти суҳбат гуфт, ки ана ҳамон маҷаллаи Садои Шарқ аз сабаби камчин будани коғаз аз Соли нав қиммат мешудааст. Онро акнун 65 тин нею 1 сӯму 20 тин мефурӯхтаанд, а!!!

*соли 1992*

## САДАМА

– Янга, худатонро ба даст гиред, хабари нохуш овардам.

– Бисёр воҳима накуну гӯй, ки чӣ гап шудааст?

– Муаллим, яъне шавҳаратон ба садама дучор омадаанд. Даме ки аз ағбаи «Шар-шар» мефаромаданд, «Жигули»-ашонро ях партофтааст. Дигар онро идора карда натавони-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

станд. Мошин рӯи ях чанде тоб хӯрда, ба тутти лаби раҳ рафта задаст. Чунон сахт задаст, ки…Муаллим ҳозир дар шифохонаи Норак. Беҳуш. Пои росту ду дасташон шикастааст. Сарашон кафидагӣ. Миён ҳам осеб дидааст. Чашмошон пӯшида. Гап зада наметавонанд. Номи шуморо якду бор гирифтанду дигар…

– Гапа зиёд накуну бигӯй, ки мо-шин чӣ хел, мо-шин?

– …

## КАСАЛИИ ҒАЙРИОДӢ

Шаби дуюм буд, ки Нуқра чашм намекушод. Аз ҳуш рафта буд. Ҳарчанд духтурон ҷиддӣ муоинааш мекарданд, вале дардашро маълум карда наметавонистанд.

– Ё тавба! – бештар аз ҳама дар шигифт афтод доцент Азимӣ, ки асосан ӯ ба муолиҷа машғул буд. – Ба ин зан чӣ шуда бошад, а ? Ташхис нишон дод, ки ӯ сиҳату саломат аст. Ҳама узвҳояш бенуқсанд. Фишораш ҳам дар ҷояш. Чаро чашм намекушояд, ман ҳайрон. Соф намеҷунбад-е?!

Духтурони дигар, ҳатто худи профессор ҳам дар шигифт афтода буданд. Дар ҳақиқат, ҳама асбобу лабараторияҳо ӯро сиҳату саломат нишон медоданд. Нафаскашияш ҳам бад набуд. Аз ҳама муҳим, дилаш нағз кор мекард. Фақат маълум буд, ки аз ҳуш рафтаасту ҳеҷ не, ки ба худ биёяд. Тамоми воситаҳоро истифода бурданд, аммо…

Ана, субҳи барвақт боз гурӯҳи духтурон ва таҷрибаомӯзони хилъатпӯш бо сардории профессор вориди палата шуданд. Болои сари бемор рост истоданду доцент Азимӣ ба ҳисобот додан даромад:

– Рафиқ профессор! Ростӣ, ман дар умрам ин хел касалро бори аввал мебинам ва даво он сӯ истад, дар маълум кардани замина ва сабабҳои пайдоиши он оҷизам. Аз китобе ҳам нахондаам, ки одам ҳамту, бе ҳиччӣ аз ҳуш меравад<br>ду ду шабонарӯз чашмонашро намекушояд.

– Фишораш тағйир наёфтааст? – аз нобарории кори шогирдаш каме ба ғазаб омада пурсид профессор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Не, мӯътадил аст, – ҷавоб гардонд Азимӣ. – Худи ҳозир дидам.

– Хунаш чӣ хел?

– Сип – сиҳат.

– Мумкин аз хурӯҷи гурда беҳол шуда бошад? – маҳмадоноӣ кард таҷрибаомӯзе.

– Не. Гуфтам-ку, пешобу хунаш бе нуқс баромаданд.

– Таб надорад? – боз пурсид профессор.

– Не.

– Набошад, чаро чашмонашро намекушояд? – охир асабӣ шуда дод зад профессор. – А? Чаро-о-о-о?

– Ҳайронам устод, – ё гуноҳро ба гардан гирифта, хиҷил шуд ва ё аз рӯи эҳтиром нисбат ба устодаш буд, ки дигар чизе нагуфта, сарашро хам кард Азимӣ.

Ҳамин дам аз фарёди профессор тарсида, аввал як қад париду баъд чашмонашро кушод бемор.

– Э хайрияте-е! – хурсанд шуданд ҳама баробар.

– Ана акнун, – бо шодӣ гуфт Азимӣ, – худо хоҳад, ҳам шифо меёбаду ҳам сабаби аз ҳуш рафтанашро худаш мегӯяд.

Хушбахтона, ҳамин тавр шуд. Нуқра шифо ёфту хона рафт. Сабаби аз ҳуш рафтанаш низ маълум гардид. Бо гардиши фалак шавҳараш ба хона ду кило гӯшт овардаасту зан аз шодӣ беҳуш шудааст.

Ҳамин хел касал ду сол пеш шуда буд Нуқра.

*соли 1992*

## ТАВСИЯ

Дӯстони арҷманд, устодон ва профессорони муҳтарам ва ҳамаи ин ҷо нишастагон! Ман, ҳамчун апонент, кори номзадии Сӯҳроб Калонзодро пурра мутолиа намудам. Бояд иқрор шавам, ки солҳост Сӯҳробҷонро чун донишҷӯву аспиранти боистеъдод мешиносам ва имрӯз, баъди мутолиаи рисолаи номзадияш бори дигар ба ҷаҳонбинӣ ва дониши пухта доштани ӯ бовар ҳосил кардам. Калонзод дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳаллу фасли мавзӯъ бениҳоят заҳмати зиёд ба харҷ дода, онро то майдатарин ҷузъиёташ эҷодкорона сайқал додааст. Агар ҳамин тавр намебуд, ӯ як мавзӯи хело хурдро, ки онро мавзӯъча ҳам номидан мумкин аст, то 470 саҳифаи дуинтервала бурда намерасонд.

Рисола аз 14 бобу 52 бобча иборат аст. Навовариюю навҷӯии олими ҷавон ҳатто дар номгузории бобу бобчаҳо равшан ба назар мерасад. Бар хилофи номҳои обшуставу забонзадаи Пешгуфтор, Сарсухан, Муқадима ӯ боби авали рисоларо Сароғоз ном ниҳодааст. Монанди ҳамин ба ҷои Хулоса ё Охирсухан Анҷом гуфтааст, ки ин тарз ном гирифтани бобҳо ҳусни рисоларо даҳчанд меафзояд.

Донишу заковати Сӯҳроб Калонзод алалхусус ҳангоми таҳлили пораҳои шеърӣ бараъло намудор аст. Шеърро бо тамоми маънӣ мефаҳмад. Он назокату латофату фасоҳату нафосатеро, ки дар шеър аст, ба хубӣ эҳсос намуда, онро чунон таҳлил мекунад, ки ҳар як хонанда дар шигифт меафтад. Таваҷҷуҳ фармоед, ки ин байтро чӣ гуна таҳлил намудааст.

*Мурд Муродӣ, на ҳамоно ки мурд.*
*Марги чунин хоҷа на корест хурд.*

Аз ин байти устод Рӯдакӣ Калонзод калимаҳои ҳамқофия (мурд ва хурд)-ро дарёфт намудааст, ки чунин кашфиётро на ҳар олим карда метавонад.

Дигар нуқтаи назари ҷолиби диққат он аст, ки Калонзод чандин сарчашмаро чаппаву роста намуда, номи одам будани Муродиро аниқ сохтааст. Ба худатон маълум аст, ки дар ҳуруфоти гузаштаамон ҳарфи калон, ки вуҷуд надошт, номи одам, яъне исми хосро аз ҷинс фарқ кардан кори саҳл набуд. Аз ин рӯ, хоҳиш мекунам, вақти муҳокима ин хизмати Калонзод ҳатман ба инобат гирифта шавад.

Сӯҳробҷон мантиқи шеърро ҳам хуб мефаҳмад. Ӯ аз рӯи мантиқи байт хулоса баровардааст, ки Муродӣ пеш аз Рӯдакӣ аз олам гузаштааст, ки ин хулоса сад дар сад дуруст аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар ин хусус чунин менависад: Модом, ки Рӯдакӣ дар марги Муродӣ марсия эҷод кардааст, маълум мешавад, ки Муродӣ пеш аз Рӯдакӣ аз олам чашм пӯшидааст. Агар аввал Рӯдакӣ вафот мекард, он гоҳ Муродӣ марсия менавишт. Лекин ҳарчанд сарчашмаҳоро ҷустуҷӯ намудам, Муродӣ ягон хел марсияе дар фавти устод Рӯдакӣ эҷод накардааст.

Таҳлили ҳамин порчаи шеърӣ ҷӯянда будани Калонзодро ба хубӣ нишон медиҳад. Ҷӯяндагӣ бошад, барои ҳар як ходими илм чизи ниҳоят зарурист.

Акнун сухане чанд дар хусуси имло ва тарзи навишти калимаҳо дар рисола. Ҳарчанд рисоларо аз нигоҳи танқид гаштаву баргашта варақгардон намудам, ягон ҷо калимаи ғалат ё аломати ноҷое наёфтам. Масалан, надидам, ки Сӯҳробҷон а ё о-и заданок гузошта бошад. Ӯ нағз медонад, ки и ва у заданок мешавад. Ё худ дар ягон калима и-и заданокро дар аввал ё дар мобайн нагузоштааст. И-и заданок ҳамеша дар охири калимаҳо омадааст.

Дар донистани мавқеи вергул ҳам Калонзод устухон надорад. Пайвандаки таркибӣ будани «вақте ки»-ро донista ҳеҷ гоҳ байни ин ду калима вергул намондааст.

Ҷавони закӣ будани Сӯҳробҷонро аз тарзи навишти поварақ ҳам пай бурдан мумкин аст. Ҳар як адабиёти истифодашуда дар поварақ аниқ нишон дода шудааст. Тартиби поварақ чунин аст: ситорача, номи муаллиф, номи асар, ҷои нашр, соли нашр ва саҳифа. Мехоҳам ин ҷо як нуқтаи басо муҳимро хотирасон намоям. Калонзод ҳама ҷо ба ҷои калимаи саҳифа ҳарфи с мондааст. Албатта, то ин дам шакли кӯтоҳшудаи саҳ-ро дида будем. Лекин бо як ҳарф ишора шудани онро шахсан худи ман бори аввал мебинам. Ин ҳам як навҷӯиву навоварии рафиқ Калонзод аст.Бале, навоварӣ. Зеро бо як ҳарф ишора кардан калимаи дурмадарози шашҳарфа ин аввалан аз сарфаи қоғаз башорат медиҳад. Масъалаи қоғаз бошад, ба ҳама маълум. Сониян, ҳарфи с ду хел хонда мешавад: ҳам саҳифа ва ҳам страница, яъне тоҷикӣ хоҳӣ, тоҷикӣ хону русӣ хоҳӣ, русӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хулосаи ман, рафиқон, чунин аст, ки рисолаи номзадии олими ҷавони умедбахш Сӯҳроб Калонзодро ҳамчун яке аз беҳтарин рисолаҳои даҳсолаҳои охир пиндошта, онро ба муҳокимаи шумо ҳавола мекунам ва бовари дорам, ки шумо ба фикрҳои ман розӣ мешавед.

Ҳа, воқеан, рӯйхати адабиёти истифодашуда ҳам батартиб, аз рӯи алифбо сохта шудааст.

*соли 1989*

## ДАР МОЛБОЗОР

– Бузғола чанд шуд?

– Ку, ягон харидор ёбем аввал.

– Харидор худам, бародар. Ҷои ҷонашро гап зан, савдош кунем.

– Харидор, ки бошӣ, ҷои ҷонаш ду саду сиву панҷ сӯм.

– Арзонтараш намекунӣ? Биё,рӯта худо бинад, камтар арзонаш бикун.

– Гуфтам-ку, ду саду сиву панҷ. Аз ин арзон намешавад. Худат медонӣ, ки ҳозир як кило гӯшт дар бозор 25 – 30 сӯм.

– Гапат дуруст, бародар, лекин… дастатро деҳ, ёфтани обу нони ин ҷонваро гӯй-да. Боз дар ин чиллаи зимистон, а? Ягон ҷо на каҳ меёбию на каҳдарза, на ягон хасу хошоки дигар. Ёбӣ ҳам, заҳр барин қимат. Ана, баъд худат медонӣ, ки бародар, бурдани ин бузича то хона чӣ қадар мушкилу қимат меафтад. Аз он тараф худам танҳо дар панҷоҳ сӯм омадам. Худо медонад, бо ин ҳайвон дар сад сӯм ҳам рафта метавонам ё не. Ронандаҳои беинсоф чунон қимат мегиранд, ки… Ғайри ин бародар, бузғолаат он қадар фарбеҳ ҳам не, даҳ кило гӯшт ҳам намекунад…

– Инсоф кун, ошно. Қариб…

– Исто, исто, гапамро набур. Рафту даҳ кило гӯшт кунад, ба кӣ мерасад он? Чанд рӯз мехӯрем? А? Боз кошки равған бошаду ягон хӯроки дурусттар пазӣ. Обпаз кунӣ, маза ҳам надорад гӯшти буз. И – ии, як шохаш шикастагӣ-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ку?! Ақалан ду шох медошт, ба ин нархи гуфтаат меарзид, бародар. Дар деҳа чӣ мегӯянд? Айб намегиранд, ки бузи якшоха харидаам? Медонам, медонам, ту гуфтанӣ, ки шохашро чӣ кор мекунам? Ба ман даркор набошад, ба худаш даркор намешавад? Як ҷанг-панг мекунад бо ягон бузи дигар. О, дар ин замоне, ки ягон ҷо хасе намеёбӣ,ки дандон кобӣ, чаридан осон аст магар? А? худат гӯй! Ина бин, ришаш сафед шудааст-е! Худо медонад, чӣ қадар ғаму ғусса хӯрдааст ин буз. Мабодо-ку дарунаш аз ғам напӯсидааст, а?..

– Ҳой, ошно, дастамро сар деҳ охир…

– Биё, биё, бародар, арзонтар кун бузатро. Садқаи ҳам риши худат шаваму ҳам риши сафеди бузат. Ду саду сиву панҷ нею…

– Гуфтам-ку, намешавад. Арзон намефурӯшам.

– Савдоро нагардон. Арзон кун, илтимос. Ду саду сиву панҷ нею ду саду сиву чор медиҳам.

– А? Ду саду сиву чор?.. О, барои ҳамин… Бигир, ош шавад!

– Э, илоҳо барака ёбӣ, бародар. Хайрият арзонтар додӣ бузатро.

## ДУХТУРИ ҲАЙВОН

Қариб ҳамаи деҳа ӯро духтури ҳайвон мегуфтанд. Аз ҷумла падари ман ҳам. Лекин ӯ хафа намешуд. Медонист, ки онҳо калонсоланду шӯхӣ мекунанд. Ман ҳам пай мебурдам, ки бо ӯ ҳазл мекунанд. Ҳарчанд намедонистам, ки аз содалавҳиву софдилияш бо ӯ чунин шӯхӣ мекарданд ё аз нофаҳмиву нодонияш. Ё аз он, ки аслан ӯ духтури ҳайвонот буду мардум ӯро кӯтоҳ карда духтури ҳайвон мегӯянд. Лекин боре…

Боре буқаи сесоламон гум шуд. Се шабу рӯз онро кофтанд, наёфтанд. Ниҳоят ба хулосае омаданд, ки ҷонварро кадоме духдида обу лой кардааст. Ва тамоман умедашонро канданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рӯзи чорум духтури ҳайвонот хонаамон омад. Ба падарам,ки рӯи сӯфа ғамгин менишастанд, салом доду назди ӯ нишаст.

– Эҳ, Ҳамроҷон, Ҳамроҷон. Як коре шуд, ки, – ба духтур дарди дил карданд падарам. – Буқаамон канду гурехт. Тассавур мекунӣ? Буқаи сесоле, ки дар бозор панҷ шаш ҳазор сӯм мегирифтандаш. Акнун чӣ кор кунам, намедонам?! Охир онро бо азобу машаққати зиёде нигоҳубин кардам, аз сад дар сар зада шулхаву кунҷора ёфта фарбеҳ кардам, ки писарам аз аскарӣ биёяд, кушам. Ана акнун имрӯз-пагоҳ Солеҳҷон биёяд, чӣ кор мекунам? Пуле надорам, ки ақалан ягон моли майда харида хун кунам. Бисёр кори нохуб шуд, Ҳамроҷон, – оҳи чуқуре кашиданд падарам ва хулоса карданд дарди дилашонро.

– Муаллим, – падарамро тасалӣ доданӣ шуд духтури ҳайвонот. – Буқаатон нар буд ё мода?

– Чӣ? – ба гӯшҳошон бовар накарданд падарам. – Чӣ гуфтӣ, Ҳамроҷон?

– Мепурсам, ки буқаатон нар буд ё мода?

Падарам чанд лаҳза музтару хомӯш монданд. Чанде ба духтури ҳайвонот нигаристанду ниҳоят ҳамин қадар гуфтанд:

– Эҳ, духтури ҳайвон-е!

Ман пай бурдам,ки ин дафъа он кас шухӣ накардаанд.

*соли 1992*

## МО ҚАТИ ШИН…

Бо ҳаяҷон гап мезад. Даъво мекард, ки калимаи **петух** тоҷикист. Ин аз ҳамон калимаи қадимаи **бетухм** аст. Баътар ҳамсадои **п** ба **б** мубаддал, яъне ассимиляция шуда, ҳамсадои охири калима **м** бошад, афтидааст, чуноне ҳоло дар баъзе маҳалҳо ба ҷои **тухм тух** мегӯянд. **Петух**, яъне мурғе, ки тухм намезояд.

– Бародар, **петух** куҷову **бетухм** куҷо? О, як мулоҳиза кунед, – бо нармӣ гуфтам ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ту дина омадиву маро гап ёд медиҳӣ, тирмизак? Ин аз ҳамон типпи калимаи **деҳқон** аст, ки баътар дар шакли вайроншудаи декан истифода мешавад. То метавонӣ, калимаҳои тоҷикиро ёфта, дар шакли зебояшон истифода бар, аз ман насиҳат. Ман бисту панҷ сол аст, ки дар ин идора кор мекунам, аз ин ҷиҳат бо ман мубоҳиса накунӣ ҳам, мешавад.

Аҷаб одаме буд. Рӯзҳои аввали ба кор омаданам дар назар бисёр дилгир менамуд. Баътар одат кардам. Бинам, дигарон кайҳо ӯро шинохтаанд ва ба гапҳояш фақат механданд: чизе, ки мегуфт, ҳақ гуфта тасдиқ мекарданд. Ман бошам, то инро фаҳмидам, ки чандин бор бо ӯ баҳсмабаҳс ва ҳатто, қариб дастугиребон шудем.

Ӯ рӯ ба рӯи ман менишаст. Ва ҳар гоҳе чизе гуфтанӣ мешудам, гумон мекард, ки ба ӯ мегуфта бошам, дарҳол гапамро бурида, эрод мегирифт. Фақат ба ман не, ҳамаро эрод мегирифт.

Боре ҷумлаеро бо овози баланд хондам: «Ҳангоми дар хизмати ҳарбӣ будани Богданов…» гуфта будам, ки дағалона гапамро бурид:

– Хизмати ҳарбӣ нагӯй. Ким-чӣ хел ҳамин калимаи ҳарбӣ. Дурусташ хизмати низомист. Дигар, ин ки ба ҷои Богданов Худойдодов гӯӣ, намешавад? О, калаварам, туро то кай тоҷикӣ ёд диҳам, ҳеҷ не, ки ёд гирӣ? – сиёсат кард ӯ.

Қаҳрам омад. Нав овоз мебаровардам, ки дигарон: «рост, тоҷикӣ гап занӣ, намешавад» гуфта, табассум карданд. Дигар давоми ҷумларо нахондам.

Шоир ҳам буд. Бо тахаллуси Х. Айём шеър менавишт, вале то ҳол шеъре нашр накарда буд.

Боре аз ӯ пурсиданд, чаро тахаллуси Х. Айёмро интихоб кардӣ. Бечораи булҳавас дар ҷавоб гуфт:

– Рӯзе мешавад, ки нуқта меафтад ва хонанда маро хаёли Хайём карда, шеърҳоямро бо шавқ мутолиа мекунад.

Баъзан тарҷума ҳам мекард. Гоҳ аз русӣ ба тоҷикӣ ва гоҳ баръакс, ба вай фарқе надошт. Як намунаи тарҷумааш, ки ба қарибӣ барои мо хонда буд, ин аст:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Я большой буду,*
*Я герой буду.*
*На своей Родины*
*Часовой буду.*

Баъди ин порчаро хондан таъкид ҳам кард, ки тарҷума аз асл бояд тамоман фарқ надошта бошад ва ана, ҳамин хел зебою дилкашу баҷо бараояд. Тарҷумон – ин бузинаи муаллиф аст, – гӯён фикрашро тақвият дод ӯ.

Саҳарие саросема ва хушҳол аз дари кабинет даромад. Ба ҷои салом «Бачаҳо, ман имшаб фикр карда, хуб заҳмат кашида, боз як калимаи зебои тоҷикӣ ёфтам, – гуфт ӯ.

Ҳама ду чашм ба вай, ду гӯш ба шуниди ин калима шудем.

– **Калбаса!**

– Ҳайрон шудем, ҳатто қариб ки якбора қаҳ-қаҳ зада хандем.

– Ҳайрон нашавед, – гуфт ва боз ба таҳлили этимологию этнографии калима сар кард. – Мардуми мо аз қадим калбаса тайёр мекард. Дар рӯдаи гов, гӯсфанд, ё…гӯштро андохта каллаи рӯдаро аз ду тараф мебаст. Ва аз ин ҷо онро калбаса не, калабаста бояд гуфт.

Чӣ ҳам мегуфтем?!

Бечора Х. Айём рӯзе касали вазнин шуда ба шифохона афтид. Якҷоя шуда савғо гирифтему ба аёдаташ рафтем.

Ба палатае, ки хоб буд, даромадем. Чунон табаш баланд, ки ёрои гап задан он сӯ, чашмашро кушода натаваонист.

– Х. Айёмҷон, Мулло Х. Айёмҷон, – гуфта, оқибат ӯро каме ба худ овардем. Базӯр чашм кушода ба гап даромад. Аввалин сухане, ки аз даҳонаш бадар шуд,ин буд: – Ҳа-миин, рафиқон, фикр кардам, **мошин** ҳам калимаи тоҷикӣ будааст.

– Чӣ хел, – музтар пурсидем мо?

– Аз ду калима: **мо** ва **шин** иборат будаасту **мо қати шин** гуфтанӣ…

Мо қати ӯ шиштанӣ будем, ки ҳамин дам ҳамшираи шафқат омада, барои бе хилъати сафед буданамон аз палата бадарамон кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Афсӯс, агар пеш намекард, боз ягон калима ё ибораи тоҷикии нав ёд мегирифтем.

*соли 1992*

## ҶАНОЗАХАБАР

Ало, хонаи Сафо Раҳимович? Муаллим,шумоед? Дидед, чӣ хел шинохтам? Бовар кунед, муаллим, бо телефон ҳам овозатонро дарҳол мешиносам. Нағз ҳастед, дуруст ҳастед, бачу качу хешу табор, зиндагиву кору бор, ҳама тараф хубед? Лаббай? Нашинохтед маро? О, ман Мирзо-сабур. Ҳо, охир, Мирзосабур Саломатов. Э хайрият-е, шукр, шукр, ҳазор бор шукр, худоро шукр, ки акнун шинохтед!..

Бовар кунед, муаллим, шуморо пазмон шудем, сахт ёд кардем. Бе шумо мардум сари калобаро гум кардагӣ, чӣ кор карданашро намедонад. Ин чор ҷонишинатон ҳам, бовар кунед, муаллим, бо ном ҷонишин будаанд. Бе шумо заррае гапашон намегузарад. Ҳамкорон, шахсан худи ман, бовар кунед, муаллим, бори дигар донистам, ки шумо дар ҳақиқат сарвари бузург будаед. Шумо будаед, ки идора ҳамеша ба комёбиҳои калон соҳиб мегаштааст. Бовар кунед, муаллим, дар ин бисту шаш рӯз, эъ мебахшед,бисту шашуним рӯзи дигар ҳоли мо чӣ мешавад бе шумо, намедонам. Бовар кунед, муаллим, як саду бист нафар ҳамин қадаре, ки зӯр мезананд, корашон пеш намеравад, баракат надорад бе шумо…

Истед, ки муаллим, отпускаҳо, дамгириҳо чӣ хел? Нағз истироҳат карда истодаед? Як гап гӯям, бовар кунед, муаллим, хуб кардед, бисёр хуб кардед, ки ягон ҷои дур нарафта, дар хона дам гирифтед. Ин ду хубӣ дорад, муаллим. Аввал ин ки, муаллим, аз ташвиши сафар, алалхусус, билеткобию билетёбӣ халос хӯрдед. Дигар ин ки, муаллим, дар ҳамин наздикиҳо бошед, хубтар, ки тез-тез овозатонро мешунавем. Мумкин хабаргирӣ рафта, муаллим, ба дидани дидори шарифатон мушарраф гардем!

Саломатӣ чӣ хел, муаллим, саломатӣ? Лабай? Э худо



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

нигаҳ дорад, аз даҳонатон шамол барад-е. Эҳтиёт кунед, эҳтиёт, муаллим. Бовар кунед, муаллим, по барои инсон, хусусан барои шумо барин инсони фозилу ҳамадон ва сарвари чаққону кордон бисёр зарур. Шуморо – ку мошин мекашонад, муаллим, лекин як тасаввур кунед одами бепоро… Духтур нарафтед? Чӣ гуфтанд? Ин хел бошад муаллим, аз парафин ки баромадед, гарм пӯшед. Илтимос, ҳамин маслиҳати маро иҷро кунед, муаллим. Дар хона ҳам эҳтиёт кунед, ки шамол назанад, хунукӣ бисёр ганда, муаллим. Беҳуда намегӯянд, ки худо одама кушад, дар гармӣ кушад. Ғам нахӯред, муаллим, иншооллоҳ нағз мешавед.

Як алаф ҳаст, муаллим, мумкин шумо онро дида бошед, аҷали подард. Танҳо подард не, чил касалро дору. Арақи Расул ном дорад. Бовар кунед, муаллим, ин алаф фақат дар ҷойҳои мо мешавад. Ҳо охир, ҷоҳои мо салқин-ку… Медонед чаро Арақи Расул ном дорад, муаллим? Як замон ҳазрати пайғамбарамон, муаллим, дар кӯҳҳои мо саёҳат кардааст. Ҳаво, ки ниҳоят ва ғайри чашмдошт – барои чӣ ғайри чашмдошт мегӯям, зеро кӯҳистон аслан салқин астку, муаллим, – гарм будааст, ҳазрати Муҳаммад аз гармӣ арақ кардааст. Ана, аз ҳамон арақи пайғамбар, бовар кунед, муаллим, ҳамин доруворӣ рӯидааст. Барои ҳамин номаш Арақи Расул, муаллим. Ягон касро аз қишлоқ мефармоям, аз ҳамон гиёҳ барои шумо меорад. Бовар кунед, муаллим, дар як дам шифо меёбед. Медонед, чӣ хел истеъмол мекунед онро? Набошад, гӯш кунед, муаллим. Як каф аз алаф гирифта даруни чойники чой меандозед. Боз дар чойи сиёҳ наандозед, ки фишорро мебардорад. Баъд аз ҳамон чой ба серӣ нӯшида, таги кӯрпа медароед. Шумо ҳам мисли ҳазрати Муҳаммад арақ мекунед. Мумкин зиёдтар арақ кунед, охир шумо… Бовар кунед, муаллим, ҳамон замон сиҳат меёбед. Лекин ба як шарт. Шарт ҳамин ки, муаллим, аз таги кӯрпа намебароед, ки шамол мезанад. Илтимос, набароед.

Саидакбар чӣ хел, муаллим, Саидакбар? Ҳо, охир, ҷиянатон? Бовар кунед, муаллим, ҷияни хуб доред, тилоӣ. Ди-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

на ӯро дар бозор во хӯрдам. Камтар бошад ҳам, бубахшед, муаллим, 10-12 харбуза дар паси мошинаш барои шумо равон кардам. Бовар кунед, муаллим, ҳеҷ намерасам, ки шуморо як рафта хабар гирам. Ин ду ходимчаам тамоман кор намекунанд, муаллим. Нобуди кор, дар се рӯз як бор пайдо мешаванд. Мошин, ки доранд, муаллим (ноҳақии дунёро бинед, ки ман истодагӣ,онҳо мошинро чи кор мекунанд), тарафи идора тамоман тоб намехӯранд. Як инҳо тоб нахӯранд, майлаш, қариб нисфи идора дар кор нест, муаллим. Тамоми кор ба гардани ман бор. Аз секорӣ бовар кунед, муаллим, ҳатто вақте намеёбам, ки бо телефон гап занам, муаллим. Хайр, ками мову карами шумо, харбузаҳоро маза карда, хӯрдан гиред, насиб бошад, пагоҳ хабаргирӣ меоям, ҳоло бисту шаш рӯз, эъ мебахшед бисту шашуним рӯзи дигар ҳаст-ку?! Лаббай? Лозим не? Э, ин тавр нагӯед, муаллим. Бовар кунед, муаллим, чор рӯз, эъ мебахшед сеюним рӯзе, ки шуморо надидаам, дар назарам сол барин метобад. Рӯз то бегоҳ гарангам. Гӯё чизеро гум карда бошам. Бовар кунед, муаллим, ба носкаше монандам, ки носашро гум кардааст. Лаббай? Ҳо охир, худо накунад, ки носкаш носашро гум кунад.

Мо як хеш дорем, муаллим, дар кишлоқ зиндагӣ мекунад, бисёр носкаши ашаддӣ. Чӣ мегӯед, ки мӯсафеди намозхон шудаасту ҳанӯз нос мекашад. Ана, ҳамон хеши мо, муаллим, медонед, боре чӣ кард? Аз ҷуфт омаду бечора монда буд, хӯрок нахӯрда хоб кард. Бовар кунед, муаллим, болои гилеми холӣ хобаш бурдааст. Нисфи шаб аз хоб бедор шуда, шишаи носашро кофтааст, наёфтаст. «Кампир, ҳо кампир, носи маро биёр» – гуфта, чандин бор занашро овоз додаст. Бечора кампир ҳам аз ташвиши рӯзгору кору бори хона чунон монда будааст, ки аҳ бедор нашудааст. Мӯсафеди носкаш сахт асабӣ шуда, хеста кампиро мурданӣ кӯфтааст. Бовар кунед, муаллим, аз дасти мӯсафед на коса мондаасту на табақ, ҳамаро майда – майда кардааст. Хайрият, ки ҳамсояҳо бедор шуда омаданд, муаллим. Бовар кунед, муаллим, қишлоқа ҳаминаш нағз. Агар дар шаҳр



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мешуд, мӯсафеди кайфи носаш омада кампирро нос барин майда – майда мекарду ҳамсояҳо бедарак мемонданд…

Саидмӯъминҷон чӣ хеланд, муаллим, нағз ҳастанд? Бовар кунед, муаллим, ҳамин Саидмӯъминҷон ҳам бачаи аҷиб. Як рӯз дар кӯча во хӯрдамаш. Биё, Саидмуъмини ҷун, як вохӯрӣ кунем гӯям, мегурезад-э. Базӯр дошта, аз даҳонаш ошноӣ кардам. Сар диҳед, сар диҳед, рӯятон ношуста, чаро маро оғӯш мекунед гуфта, гурехтанӣ буд, ки бедарак, бо як ҳиллае якто биступанҷсӯмаро ба кисааш тиққондам. Ба шумо доданд? Хайрият-э, шукр, шукр,ҳазор бор шукр, худоро шукр, ки ба дасти шумо расидааст. Гум мешуду шумо намедидед, ҳамин қадар заҳматам беҳуда. Лаббай? Э, ноҷо бачаи бечораро тасмапеч кардед. Ҳо, охир, вай надуздида буд, сӯми ман буд. Оббо, муаллим-е. Бовар кунед, муаллим, шабу рӯз дар хаёлам шумоед. Ана, ҳамин чор рӯз, эъ мебахшед, сеюним рӯзе, ки нестед, аз гулӯям, об ҳам намегузарад.

Лаббай? Не, эъ, ҳа, кор доштам. Ҳозир истед. Ҳа, ба ёдам омад. Медонед чӣ, муаллим? Қиёмиддин ҳаст-ку, ҳамкорамон? Шиносед, ана, ҳамон Қиёмиддина, муаллим… чӣ гӯям, раҳматӣ бисёр одами хуб буд, занашон қазо кардааст. Мо саҳар он ҷо будем. Чунон одам пур, ки… Ҳамаи коргарони худамон ҳам он ҷо, лекин, бовар кунед, муаллим, шумо ки нестед, ҳавлӣ холӣ барин метобад. Ҳаминро гуфтанӣ будам, ки як сари қадам ба он ҷо мерафтед, олам гулистон мешуд, сари ҳамон мардак ба осмон мерасид. Бечора Қиёмиддин аз ҳамин як саду бист ҳамкор ба ман бовар карда, илтимос намуданд, ки шуморо хабар кунам. Хайр, чӣ хел бовар намекарданд? Охир дар идора бовар кунед, муаллим, одами бофаросате ёфт намешавад. Тирмизаки бисёре ҷамъ шудааст. Агар мошин лозим шавад, муаллим, имрӯз, хушбахтона, ҳарду ходимчаам ҳамин ҷо. Жигули хоҳед, Жигули, нахоҳед, «ГАЗ-24»-ашро равон мекунам. Меравед? Албатта, равед, муаллим, илтимос. Лаббай? Ҳа, ҳа, ҳамин рӯз соати ду мегӯронанд. Лаббай? Алакай гӯронданд? Чӣ хел чор шудааст? наход ман ду соат гап зада бошам-а?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ДАР ҶУМЪАГӢ

... – Афсӯс, ҳазор афсӯс, ки чунин одами хуб имрӯз дар байни мо нест. Раҳматӣ, ҷош ҷаннат бошад, то охири умр некӣ кард. Некиш ба ҳама мерасид.

– Гапат ҳақ, ҳамсоя. Ба ростӣ, бисёр одами хуб буд. Ёд дорам, мактаби миёнаро хатм мекардам, аз иншо ду гирифтам. Муаллими адабиётамон як касофат буд. Дар як ҷумла дувоздаҳ хато дорӣ гуфта, соли дуюм ҳам аз иншо афтонд маро. Бо даводави зиёд барои сеюмбора супоридани иншо иҷозат гирифтам. Ба мактаб омадам, ки ун муаллими касофат аз кор рафтааст. Дар ҷош ҳамин раҳматӣ... бечора худаш аз тани ман иншо навишт. Илоҷе карда як баҳоям гузошту мактабро тамом кардам. Ана, ҳамун некии раҳматӣ намешуд, ҳолӣ нонгадо будам.

– Як вақто муҳаррири газета буд, раҳматӣ. Ман мудири мағоза. Як мухбирча омада, мағозаамро тагурӯ карду фелетони калоне навишт. Фалокат, чунон зеҳни тез доштаст, ки тамоми камбудиҳоямро фош кард дар фелетонаш. Фактур-пактур, нарх-пархъ, умуман кори савдоро аз ман беҳтар медонистааст. Эҳ, хайрият, фелетонаш чоп нашуд, набошад, аз кор рондан он тараф истад, ду-се солакак ҳам мешиштам.

– Чаро чоп нашуд?

– Назди раҳматӣ рафтам. Даромадан замон мақсадамро пай бурду фелетонро дар пеши чашмам пора-пора кард. Аз ҳамон дам дигар ягон мухбиру мухбирча ҷуръат намекард, ки мағозаи маро тафтиш кунад. Ба ростӣ, ман ин некии раҳматиро фаромӯш намекунам.

– Ман ҳам некии раҳматиро фаромӯш карда наметавонам. Вақте ректори институт буд, пешаш рафтам. Гуфтам: муаллим, як ёрӣ диҳед, писарам се имтиҳонро илоҷе карда гирифт. Охиринаш иншо. Сабил монад, аз ҳаминаш бисёр метарсад. Медонед, чӣ кор кард? Мавзӯи иншоро пешакӣ дод ба ман ва таъкид кард, ки дар хона нағзакак нависаду



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар имтиҳон рӯбардор кунад. Э, офарин ба ин дилу гурдааш! Чӣ гуфтед?

– Гапат рост. На ҳар кас чунин ҷуръат мекунад. Ба ҷурати раҳматӣ ман ҳам қоилам. Даҳ сол пештар писарам бо мошин як кӯдакро зада кушт. Падарлаънат, боз нӯшидагӣ будаст. Кораш ба суд афтод. Ба суд равем, ҳамин раҳматӣ. Нав раиси суд интихоб шуда будааст.

– Раҳматӣ филолог набуд?

– Ҳам филолог буду ҳам ҳуқуқшинос, ду маълумот дошт. Ҳа-а… Халос кард писарамро. Як духтури ошно доштааст дар экспертиза. Аз ҳамон кас якбора ду справка гирифта, писарамро ҳушёр, яъне нонӯшида бароварду кӯдакро девона.

– Э қандаша хӯрад ба ин кордонияш. Дидед, одам агар хубӣ кардан хоҳад, ҳазор роҳаша меёбад. Ба ман ҳам илоҷ ёфта, хубӣ карда буд. Чунон хубие карда буд, ки ҳаргиз аз ёдам намеравад. Агар ҳамин раҳматӣ намешуд, маро аз партия хориҷ мекарданд ва ҳамон дам беобрӯю радди маърака мешудам. То ин мартаба бо ёрии раҳматӣ расидаам.

– Чаро хориҷ мекарданд аз партия?

– Ҳамон солҳо кам-кам рухбоз будам. Чӣ хел шуд, ки якбора бо ду нозанин гапам гурехту баъди се – чор соли айшу ишрат шикоят рафтанд. Ба горком шикоят карданд. Ҳамин раҳматӣ котиб буд. Бечора, ба хотири ман шуда дар як рӯз ба ҳар дуяш бе навбат хона гирифта дод. Ва даҳони ҳар дуро баст.

– Ҳа-а, дар ҳақиқат одами хуб буд раҳматӣ. Ба ман ҳам дасти некӣ дароз кардааст. Раиси исполком буд. Як буққаи зотиям ҳаром мурд. Ин фоҷиаро шунида, маро наздаш хонд. «Мулло Юнус, говатро бурда ба комбинати гӯшт супору пулашро гир, ман телефон кардам» гуфт ӯ. Охир, муаллим, гови мурдаро чӣ хел мебарам? – ҳайрон шудам ман. «Гов мурдаст, мо намурдем-ку?!» – ҷавоб дод раҳматӣ. Ҳамин тавр ҳам кардам. Комбинати гӯшт ду баробари нархи бозор пул дод ба ман.

– То даме ки ҳамин мошинам ҳаст, ман ҳам хизмати



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

раҳматиро фаромӯш намекунам. Солҳои мудири маориф буданаш ҳамин ҷонварро бе навбат, ҳатто бе ариза раҳматӣ дода буд ба ман.

– Ҳа-а… Барои ӯ пиру ҷавон, зану мард, дӯсту душман, шоҳу гадо фарқ надошт. Ба ҳама хубӣ мекард. Дар бораи хубиҳои ӯ то рӯза гап занем ҳам, буд намешавад. Биёед, як дуо мекунему мехезем. То ҷумъагии оянда…

– Омин! Худоё, худовандо, рӯҳашон шоду ҷошон ҷаннат бошад! Оллоҳу акбар!

## МОҶАРОИ МОШИН
### ё худ маҷлиси кушоди Иттифоқи касаба

– Рафиқон! – шаф-шаф нагуфта, гапро аз шафтолу сар кард директор. – Значит, исполкоми шаҳр барои колективи мактаби мо як мошини сабукрави Жигули додааст. Албатта, ин барои ҳамаамон, чӣ хеле мегӯянд, шараф аст. Значит, ба қадри чунин туҳфа ҳам нарасида намешавад. Лекин… лекин гап дар он, ки значит, мошин яктаву шумо, муаллимони азиз, қариб ситоед. Значит, ана, мақсади ҷамъ омадани мо дар чист?! Дар ҳамин маҷлис, значит, Жигули бояд соҳибашро ёбад.

– Соҳибаш маълум, Камол Шарифович, – аз қатори охир баланд шуд овози муаллими таърих Ҷамолов. – Дар рӯйхат муаллим Судуров якуманд. Ба ҳамон кас диҳеду монед. Мо розӣ.

– Рост,рост! – тасдиқ карданд аксар муаллимон.

– Рафиқ директор, – аз он ҷо бархост Аскаров, муаллими математика. – Чӣ ҷои муҳокима?! Навбати Судуров бошад, ман таклиф мекунам, ки мошин ба ҳамон кас дода шавад.

– Бале! Жигули-ро ба Садуров диҳед.

– Офарин! Мо ин таклифро дастгирӣ мекунем!

– Истед, истед! – аз чунин ранг гирифтани маҷлис каме дасту по хӯрд директор ва бо ғазаб ба раиси Иттифоқи касаба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нигарист. Мазмун: чаро пешакӣ бо онҳо маслиҳат накардӣ. – Таклифро шумо не, ман мекунам! – амр кард директор.

– Чаро шумо мекардаед?! – ба рӯи директор давид муаллими химия Давлатов. – Ногуфта намонад, ки Судуров сӣ сол боз дар навбати мошинанд. Ғайр аз ин куҳансолтарин ва баобрӯтарин муаллиманд. Мо, аксари ин ҷо нишастагон, шогирдони ӯем. Меарзад, меарзад, ки мошинро бе гуфтугӯ ба он кас диҳем.

– Ҳм, баобрӯтарин муаллим будааст, – лабпуртак кард Лайлихон, лаборанти кафедраи физика, ки бо зулфони равғанкарда дар қатори пеш менишаст. – Баобрӯтарин мешуд, чаро дар ин сӣ сол нагирифт мошин?!

– Хайр, охир… – забон хоид муаллими тарбияи ҷисмонӣ Соҳибҷамолов, ки дар маҷлис ҳам таҳи либоси варзиш буд. – Надиҳанд, чӣ хел мегирад?

– Ана, – аз нав ба худ омад директор. – Значит, ҷони гап ҳам дар ҳамин ҷост. Навбати Лайлихон дар рӯйхат охирин аст. Инро шумо ҳам медонед. Лекин, значит, бояд гӯям, ки ин мошинро худи ӯ давoдав карда гирифтааст. Барои ҳамин, значит…

– Чӣ, шумо гуфтаниед, ки мошинро ҳам ба ӯ диҳем? – ниҳоят ба ҳаяҷон омада сухани директорро бурид Судуров – О, дирӯзакак хонаро ба ӯ додед, лом нагуфтем. Акнун мошинро… Не, ин тавр намешавад.

– Рафиқ Судуров! Значит, ба эҳсосот дода нашавед, – ӯро ором карданӣ шуд директор. – Хонаро ҳам значит, Лайлихон худаш давoдав карда гирифта буд. Мана, значит, худатон яке аз аввалин муаллимони мактаби моед. Чуноне гуфтанд, значит, сӣ сол боз, ба умри ҳамин мактаб кор мекунед. Значит, шоҳиди онед, ки то ин дам ба мо на хона додаанду на мошин. Значит, агар ҳамин мошинро Лайлихон намегирифт, мо дар хоби шабамон ҳам намедидем онро. Значит! Барои ҳамин, боз мегӯям, ба эҳсосот дода нашавед, мағал набардореду мошинро ба ӯ диҳем.

– Камол Шарифович? – дум ликонда ба сухан даромад раиси Иттифоқи касаба. – Барои он ки мошинро ба Лайли-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хон диҳем, аввалан, бояд аксарият розӣ шаванд. Сониян, ҳеҷ набошад, рафиқ Судуров аз навбаташон даст кашанд.

– Чаро ман даст мекашидаам? – ҳанӯз ҳам бо ҳаяҷон гап мезад Судуров.

– Ҳа, рост. Мо ҳам розӣ намешавем!

– Рафиқони азиз! – ин дафъа хеле мулоим ва гӯё бисёр махфӣ бошад, оромона сухан кард директор. – Ман як гапро ба шумо гуфтанӣ, ки значит, мошинро бояд Лайлихон гирад. Хона додем ба ӯ, значит, гарнитуру парнитуру ҳама дову даскаро дорад. Шавҳари кори калон ҳам… Значит, ҳама чиз дорад. Акнун ҳатман значит, бояд соҳиби мошин шавад. Раиси калон ҳамин хел гуфтанд, значит…

– Кадом раиси калон? – бо ғазаб пурсид муаллимаи забону адабиёт Салимова, ки то ин вақт аз рафти маҷлис ҳайрон шуда, хомӯш менишаст.

– Раиси исполком, значит. Ҳамоне ки барои мактаби мо мошин ҷудо кардааст.

– Номаъқул кардааст раисат! Ба мактаби мо чӣ кор дорад ӯ?

– Ҳой, муаллимача! – дид, ки намешавад, ба ҳуҷум гузашт Лайлихон. – Туро чиву гапзанӣ чӣ? Ҳама поша наъл зад, қурбоқа ҳам зад. Ту ба мошин чӣ муносибат дорӣ, ки ин қадар бидир-бидир мекунӣ? Шеърата хонда гаштан гир!

– Лайлихон, худатонро ба даст гиред. Гапҳои носазо назанед. Мо ҳам шумо барин одам. Даводав кардам гуфта, ҳақ надоред, ки мошинро шумо гирд.

– Ҳақ дорам! Чунон ҳақ дорам, ки…

– Хайр чӣ! Зиёд давида бошӣ, аз мактаб то исполком давидаӣ! Ҳамин ҳам кирои ман-манӣ шуд?

– Эҳе, дунёбехабар-е! Ба умеди чор мисраъ шеърат аз ҳама бехабар будаӣ-ку?! Нодон!

– Ҳой, Лайлихон! Гуфтам-ку, ба даҳонат нигоҳ карда гап зан. Худат нодон!

– Ту нодон! Нодон набошӣ, намефаҳмӣ, ки раис ба ту ҳамту, бе ҳиччӣ хонаву мошин... намедиҳад. О, ту аввал як борак бо ӯ ҳамсафар шав.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Чӣ, чӣ гуфтӣ, Лайлихон! – дуруст сарфаҳм нарафта пурсид Салимова.

– Мегӯям, ки ман ворӣ ҳар сол шавҳару хонаву даратро партофта ҳамроҳи раис ба курорт рав, ана баъд даъвои хона мекунӣ, мошин мекунӣ, кардан гир! Фаҳмидӣ?

Аз чунин суханони Лайлихон ҳама ҳайрон шуданд. Салимова ҳам. Касе дигар лом нагуфт. Судуров низ аз навбаташ даст кашид.

Фақат директор ҳайрон нашуд.

*соли 1992*

## АКСИ САДО

Бегоҳи истироҳат аз кор баромадаму майли ба театр ё ба кино рафтан кардам. Вале зуд аз раъям баргаштам. Дар ин ҳавои хунук сарсону саргардон шуда куҷо ҳам мерафтам. Рост хона омадам. Кӯрпачаро ҳафт қабат партофта, се-чор болиштро таги даст кардаму назди печи гарм дароз кашидам. Гӯшаки телевизорро тоб додам. Аз чойи талх як қулт – як қулт гирифта, кӯфти корро бароварданӣ шудам. Даме нагузашта экрани телевизор равшан шуд, эълон карданд, ки ҳоло «Базми шеъру суруд»-ро тамошо кунед.

Аҷаб хушрӯ. Дар дашти зебоманзаре, ки кас аз тамошояш серӣ надошт, таги маҷнунбедҳо ду-се кат ороста, рӯи он онҳо чанд тан аз ҳофизону навозандагон ва шоирону шеърдӯстон нишаста, суҳбат доранд. Дар мобайн ду шеърдӯст ва ду барандаи шинохтаи телевизон Абдурашид Хӯҷамқулов ва Санавбар Раҳимзода. Ва инак, онҳо аз шеърхонӣ сар карда, нишастагонро муаррифӣ намуданд:

– «Бинандагони муҳтарам, дар базми имшаба шоирон Лоиқ Шералӣ ва Қутбӣ Киром, Гулназар, Гулрухсору Ашӯр Сафар, овозхонони писандида Абдулло Назриев, Одина Ҳошиму Файзалӣ Ҳасанов, Зафар Нозимову Муродбек Насриддинов, Мастона Эргашова ва Барно Исҳоқова, Иброҳим Кобулиеву Маъруфхоҷа Баҳодуров, найнавозони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

моҳир Нисон Шоулову Қурбоналӣ Ёқубов, думбранавоз Ҳаким Маҳмудов, пири ғижжакнавозон Мирзоқурбон Солиев, доирадасти писандида Ало Алоев, таблакнавоз Ғаффор Каримов ва раққосаи нозукхиром Саида Файзалиева иштирок доранд. Ҳоло навбати аввал ба ҳофизон.»

Садои мусиқӣ баланд шуд. Бовар кунед, чунин мусиқии дилангезро бори аввал мешунидам. Ҳама асбобҳо миллӣ ва мусиқӣ мусиқии халқии соф тоҷикӣ. Гумон мекардам, ки дар боғи дилрабое сайру гашт дораму фақат овози булбул ба гӯшам мерасад:

*Дил ба тоқи абруи ӯ майпарастӣ мекунад,*
*Чун кабӯтар дар равоқи Каъба мастӣ мекунад, –*

замзама мекард Абдулло Назриев.

Ғазал ба охир расиду шоирон ба сухан даромаданд. Ба сарояндаи мардумӣ таҳсину офаринҳо хонда, сипас суҳбатро дар атрофи эҷодиёти Туғрал идома доданд. Дар бораи ин шоири ғазалсаро нақлҳо карда, аз ӯ байтҳои беҳтаринро аз ёд хонданд. Оҳиста-оҳиста суҳбаташон тафсиду ҳар як аз якдигар хубтару беҳтар шеърхонӣ мекарданд. Ҷо-ҷо ҳазлу шӯхӣ ҳам карда, аз шавқ чак мепартофтанд. Ба ростӣ, чунин суҳбати озод ва самимӣ бароям ғайричашмдошт буд.

Чанде аз осори дигар саромадони адабиёти классикиамон шеърхонӣ карда, сари ғазалҳои содаву равони Сайидои Насафӣ қарор гирифтанд. Ҳамин дам овози ширадори Барно-апа Исҳоқова шунида шуд:

*Бар дили мо гар намеоӣ, ба чашми мо биё,*
*Аз муҳит андеша дорӣ, бар лаби дарё биё.*

Ба санъати баланди устоди сарояндаҳо ҳама нишастагон сар меҷунбониданд. Устод Қутбӣ Кибром сабру тоқатро аз даст дода, ҳар замон бо нидоҳои «Офарин», «Қанд занед», «Қурбонатон ман» таассуроташонро ифода менамуданд.

Баробари ба итмом расидани мусиқӣ шоирон боз ба шеърхонӣ пардохтанд. Ин дафъа онҳо суханро аз ҳам-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

даврони Сайидои Насафӣ, яке аз устодони ғазал Соиби Табрезӣ оғоз намуданд.

Навбат ба Одина Ҳошим дода шуд. «Ба завқе такя бар шамшер ҷисми лоғарам дорад» ном ғазали Соибро бо маҳорати калон иҷро кардани ӯ ҳамаро ба ҳайрат гузошт. Аз шунидани ин ғазал ман ҳам лаззат мебурдам, ки… Вале афсӯс… Сад афсӯс, ки ғазалро то охир нашунидам.

Мусиқии дилхарошу гӯшкаркунандае маро бедор кард. Дар телевизор дастаи ансамбли навташкиле базм дошт. Як гурӯҳ ҷавонон – яке ионика менавохту дигаре ҷамъи наққораҳоро тарақ – парақ мезад, сеюмӣ орган менавохту чорумӣ котрабас. Дар мобайн сарояндаи беқароре робот барин ҷунбида, асбоби нафасии кларнет гоҳ дар дасту гоҳ дар даҳон, сурудеро замзама мекард:

*Мара задӣ ба ханҷар.*

Аз усилител акси садои ин сароянда ба гӯш мерасид, ки ҳиҷои охири мисраъро гаштаву баргашта такрор мекард:

Ҷар-ҷар-ҷар…

*соли 1991*

## АҶАБ ОДАМИ ХУБЕ!

Баҳои ҳамкоронам, ки ҳар замон сардорро одами хубу хушмуомила гуфта, таъриф мекарданд, қувватам бахшиду ниҳоят тамоми ҷуръатамро ҷамъ карда наздаш даромадам.

– Вазъиятам бисёр бад, – баъди саломуалейку пурсупос якбора ба сари мақсад омадам ман, – чор сол мешавад, ки бо бачаҳоям дар ҳуҷраи хурдакаке зиндагӣ мекунам. Он ҳам бошад, дар як хобгоҳи бегона. Рӯзҳои охир сардори хобгоҳ ғайриқонунӣ зистани маро пай бурда, пешам карданист. Ҳар рӯз ба ӯ ваъдаи фардо медиҳам, вале ба куҷо рафтанамро намедонам. Ростӣ, ҳар гоҳе ӯро мебинам, рӯм дуд мекунад. Тоқатам тоқ шуду барои ёрӣ назди шумо даромадам.

– Лаббай? Чӣ гуфтед? – дар лабони сардор қадре табассум дамид. – Рӯм дуд мекунад гуфтед? Истед, ки шумо аз кадом ноҳия?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Аз Норак, чӣ буд? – аз чунин саволи ногаҳонӣ ҳайрон шудам ман.

– Чунин ифода дар ҷои шумо маъмул будаст магар? Ё шумо онро аз ягон каси дигар шунидаед?

– Не! Аз хурдӣ медонам ин ифодаро. Рӯм дуд мекунад дар мо ба маънии шарм медорам истифода мешавад.

– Бале! «Шарм медорам», дуруст. Сад дар сад дуруст. Дар мо ҳам ҳаст чунин ифода, аммо каме дигархелтар: рӯм месӯзад. Аслан чандон фарқе надорад. Дар мо протсессу дар шумо натиҷа. Э, садқаи халқ шавам, аҷаб гапҳое дорад! Аз Норак гуфтед-а? Мабодо-ку инро аз радиои Эрону Афғонистон нашунидаед? Аз ягон маҷаллаву рӯзнома-ку нахондаед?

– Гуфтам-ку, не. Дар хурдӣ аз деҳа ёд гирифтам.

– Ин хел бошад, додар, тоҷики асил будаед. Чойи сиёҳ менӯшед ё кабуд? – бо як даст даҳанаки чойникро бардошта, дар дасти дигар қуттии чой пурсид ӯ.

– Чойи кабуд, – аз чунин пазироии сардор хурсанд шудам ман, – ба фикрам, дар чунин ҳавои гарм чойи кабуд хуб аст.

– Ба фикри ман шумо чойи сиёҳ менӯшед. Аз куҷо ин фикр ба сарам омад, гӯед. Қариб ҳамаи ришдорон чойи сиёҳ менӯшанд – ку?! Шумо ҳам, ки риш доред, гумон кардам… Истед, ки додар, ин риши баҳорӣ аст ё рамазонӣ?

– Ҳамту, муаллим. Аксари бачаҳо, ки риш мондаанд, ман ҳам мондам, – аз ришам каме хиҷолат кашидам ман.

– Зебидаст, додар, зебидаст. Асло нагиредаш. Риш доштани шумо, ҷавонон, ҳатмист. Ҷавонони ҳозира доранд, надоранд, риш доранд, – чойро гардонда гуфт ӯ.

– Пеш аз ин, муаллим, дар хоначаи майдаяки тангу торе, ки ба катаки мурғ монанд буд, иқомат доштам, – давом додам шикоятамро – Он ҷо ҳам ҳамин азоб: худам ғунҷам, занам намеғунҷад, занам ғунҷад, худам. Хайрият, ки сели ногаҳоние омада катакро заду он якбора ғурамбид. Вагарна…

– «Ғурамбид» гуфтед? – якбора аз ҷой хест сардор. – Чӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хел хушрӯ! Яъне гашт-а? О, дар мо ҳам ҳаст ҳамин калима. Пас чаро инҳоро шевагӣ гуфта, истифода намебаранд? Ё тавба! Чӣ калимаҳои зебову… «Шуламбид» чӣ? «Шуламбид» ҳам ҳаст дар шумо?

– Бале, муаллим, ҳаст. «Шуламбид» яъне оҳиста-оҳиста гашт. «Ғурамбид» бошад, якбора, – шарҳ додам ба қадри ҳол.

– Э, қанд занед, додар. Чоя гиред ба ҳамин гап, – ниҳоят шод шуда пиёларо сӯям дароз кард сардор.

Пиёларо гирифтаму гапамро давом додам.

– Муаллим, дар айни ҳол, ягон хобгоҳ бошад ҳам, мешавад. Аз ҳуҷрашинӣ соф гаранг шудам. Тамоман корӣ илми карда наметавонам, – гуфтаму як қулт чой нӯшидам. Сабил монад, чой чунон гарм будааст, ки сӯхтам. – Оҳ, қариб фулх шуда будем-е, – беихтиёр дод гуфтам назди сардор.

– Чӣ гуфтед, такрор кунед, фулх гуфтед? Фулх шудан ба маънии сӯхтан-а? Э, офарин, додар. Ин калимаро боз дар кадом ҳолат истифода мебаред-а? Масалан устухон, ё бигирем, почак дар об ниҳоят мулоим шуда пазад, «фулх шуд» мегӯед?

– Мегӯянду… ба фикрам, дар ин ҳолат «хулбут шуд»-ро истифода барем, беҳтар аст, – ҳозирҷавобӣ кардам ман.

– Қанд занед, додар. Шумо тоҷики ҳақиқӣ будаед-ку?! Имрӯз ба ман материали фаровоне додаед. Ташаккур, ҳазор ташаккур барои ёрдаматон. Ҳар вақте хоҳед, бе пушт-пушт наздам даромадан гиред, – миннатдории зиёде карда, бечора сардор маро то дами дар гуселонд.

Аз чунин муомилаи хушу хоксоронаи ӯ сарам ба осмон расид ва ба дил гуфтам: «Дар ҳақиқат гуфти ҳамкоронам рост будааст. Аҷаб одами хуб-е!»

*соли 1991*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МАЪРӮЗА

– Маърӯзаи ман, рафиқон, «Мавқеъ ва мақоми ҷонишини «ман» дар забони адабии тоҷик» ном дорад. Чуноне маълум аст, ҷонишини шахсии шахси якуми танҳои «ман» хеле ва хеле серистеъмол аст. Бинобар ин мехоҳам дар хусуси дуруст ва дар ҷояш истифода бурдани он чанде ибрози ақида кунам.

Рӯзҳои охир «ман» чунон серистифода шудааст, ки таърих мислашро ёд надорад. Аз рӯи ҳисоби амиқи ман танҳо рӯзи гузашта «ман» аз телевизор 999, аз радио 1001 маротиба садо доду дар матбуот 2113 бор чоп шуд. Китобу китобчаҳо ва баромадҳои алоҳида беҳисоб. Аламовараш он аст, ки аксар вақт ин ҷонишинро ғалат истифода мебаранд. Барои исботи фикрам чанд мисол меорам.

«Ба фикри ман ҳамаи китобҳои дарсиро аз нав бояд навишт», – мегӯяд мухбире дар мақолааш, ки як саҳифаи рӯзномаро банд кардааст. О, бародар, ту тасаввур мекунӣ, чӣ гуфта истодаӣ? Медонӣ барои ин чӣ қадар вақт, чӣ қадар мутахассис, чӣ қадар заҳмату маблағ лозим аст? Ин як. Дигар ин, ки ту худат кӣ шудӣ, вазир шудӣ, ки чунин ҳукм меронӣ? Ба кӣ даркор фикри ту? Фикратро фикр карда гаштан гир, шарт не, ки онро дар газета чоп кунӣ. «Ба фикри ман»-а? О, ақаллан, «ба фикри мо» гӯй, мухбирча. Кошки, фикри туро ягон кас ба инобат гирад. Аввалан, фикрат, ки нодуруст аст, «ман» нагуфтанат беҳтар, сониян, дуруст бошад ҳам, вазн, ки надорӣ, ба «ман» гуфтанат ҳоҷат нест.

Ё ки мана, дишаб ба воситаи телевизор «Гуфтугӯи ошкоро»-ро намоиш доданд. Як кас аз ҷо хеста чунин гуфт: «Ман талаб мекунам, ки вазир тоҷикӣ гап занад!»

Инсоф лозим аст ё не? О, ҷои истифодаи «ман»-ро, ки намедонистӣ, чӣ ман-ман мекунӣ? «Ман талаб мекунам…» Ту кӣ шудӣ, ки талаб мекунӣ? Ақаллан илтиҷо кун, зорӣ кун, илтимос кун. Аз вазир талаб мекардааст. Боз чӣ? Ба тоҷикӣ гап задан. Э, мон-э! Вазиру тоҷикӣ? О, вай аз боғча



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сар карда то мактаби миёнаву олӣ тоҷикӣ нахонда бошад, чӣ хел барои ту тоҷикӣ гап занад? Раҳму шафқат дорӣ ё не? Боз айба надониста «ман талаб мекунам» мегӯӣ. «Мо» мегуфтӣ, назди вазир ин қадар шумрӯ наметофтӣ.

Аз мисолҳои боло равшан шуд, ки мавқеи истифодаи «ман»-ро ё намедонанд ё медонистанду фаромӯш кардаанд. Бозсозиву ошкорбаёнӣ гуфта, ҳар дам «ман-ман» мегӯянд. Шарт аст, ки «ман» талаб мекунам» гуфта, амр созӣ ё «ба фикри ман» гуфта, мақола сар кунӣ? О, ҳар кас фикри худаша гӯяд, медонед, чӣ мешавад?

Шоири ҷавоне дар «Халқи ман» ном шеъраш ҳар замон «халқи ман ин хел, халқи ман он хел, ман барои халқам ин хел мекунам, он хел мекунам» гуфта, лоф мезанад. Чӣ хел халқи ту будааст? Ту подшоҳӣ, ки халқи ту будаст? Ин ҷо низ агар «халқи мо» мегуфт, ҳам хоксорӣ мешуду ҳам дар шеър хушрӯтар садо медод.

Ин як тарафи масъала. Тарафи дигари масъала ин, ки фарз кардем, халқ халқи ту. Ту барои халқат чӣ карда метавонӣ? Аз дастат чӣ меояд? Заводи собунбарорӣ дорӣ ё комбинати гӯшт? Ё ки деге ихтироъ мекунӣ, ки худ аз худ равған барорад?

Ё бигирем, депутате дар вохӯрӣ бо интихобкунандаҳояш чунин мегӯяд: «Агар ман депутат шавам, дар як ҳафта оби Панҷро ба деҳоти шумо меорам».

Шумо худатон гӯед, рафиқон, чӣ хел як депутати ҳанӯз интихоб нашуда дар як ҳафта маҷрои дарёи азимеро дигар мекардааст? Ин қадар вақт… О, як канали Вахшро чандин сол…. Э, монед-э…

Ба фикрам, беҳтарин ҷои истифодаи «ман» сари суд аст. Ҷинояткор он ҷо бояд танҳо «ман» гуфта ҷавоб диҳад. Худо накарда «мо» гӯяд, суд дарҳол мепурсад, ки ҳамроҳат кӣ буд?

Чӣ тавре ки дидем, аксар вақт ба ҷои ҷонишини шахси якуми танҳои «ман» муродифи он ҷонишини шахси якуми ҷамъи «мо»-ро истифода бурдан дуруст ва бамаврид аст, ба истисонои як ҷумла, ки доим мегӯянд: «Мо бесавод мон-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дем». Ин ҷо ҳатман бояд «ман» гӯянд, зеро, масалан, ман бесавод нестам. Худат, ки бесаводӣ мо нагуфта, «ман бесавод мондам» гӯй.

Ана, ин буд маърӯзаи ман дар хусуси мавқеи ҷонишини «ман» ва ҷойивазкунии он бо ҷонишини «мо». Ягон савол бошад, марҳамат! Лаббай? Чаро худам аз аввал то охир «ман-ман» гуфтам? Ҳо, бале! Мунтазири ҳамин суол будам. Барои он «ман-ман» гуфтам, ки маърӯзаамро худам навиштам ва ҳама фикру муҳокимаронихо азони худаманд. Агар мисли баъзеҳо ба ҷои ман дигарон менавиштанд, он вақт «мо» гуфта, муроҷиат мекардам.

*соли 1990*

## ТӮЙ

– Руфақо! Ягон ҷоба дидед, ки вечер бе раис гузарад? Надида бошед, имшаба вечербаям якта раисаш даркор. Барои он ки вечер порядка дошта бошад, як меҳмони городской, одаме, ки бисёр зӯр реч толковат мекунад, Вафо Ҷафоро раис таъин мекунем. Хоҳишмандон даст бардоранд. Зид, бетараф – нест.

Ҳозирон баъди қарсаки дурудароз мунтазири сухани раис шуданд. Раис дар як даст микрофон, ба дасти дигар галстукашро андак ба тартиб даровարда, ба қафо гашта як-ду бор сулфиду ба гап даромад.

– Тӯякиҳо! Сабаби ба ин ҷо ҷамъ омадани мо маълум, ки бояд иштирок кунем. Тӯйи хонадоршавиашон қатӣ ин ду ҷавон як оилаи нав месозанд, ки росташро гӯям, оилаи нав сохтана бинем, ҳайрон нашавем, зеро ин хелӣ оилаҳоро ҳар шаб месозанд. Асосан бештар бояд ба дастархон нигоҳ менамоем. Канӣ, истисмор кунанд. Қадаҳҳоро пур карда, эъ, аз чойникчаҳо об рехта, ҳозир мебардорем. Зеро ҳоло ки ҳаво гарм аст, бе об намешавад. Як шоири классикӣ гуфтааст:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Бо май, эъ бо об ба лаби ҷӯй мебояд будан,*
*В-аз ғусса канораҷӯ мебояд будан.*
*Ин умри азизи мо ҳамааш шуда даҳ рӯз аст,*
*Хандону тозарӯ мебояд буданд*

Ҳоло, сухани аввал ба сарояндагон.
Садои суруд ҳавлиро фаро мегирад:

*Чину чину чину чин,*
*Тӯй муборак шава,*
*Эй арӯси нозанин,*
*Тӯй муборак шава,*
*Тӯй муборак шава,*
*Шӯй муборак шава.*

– Дӯстон, – боз ба гап медарояд раис, – суханро ба забоншиноси машҳур Ҷавонмард Такаббурзода дода мешавад.

– Аловуддин ва Гульоро! – ба гап медарояд олим. – Чӣ номҳои зебо! Ин номҳо, рафиқон, таърихи дуру дарозе доранд. Албатта, шумо инро намедонед. Соҳибони номҳо, яъне арӯсу домод ҳам инро намедонанд. Ман, ки ҳамчун забоншиноси номӣ ва ягона мутахассиси таърихи забон шинохта шудаам, медонам. Мана гирем Аловуддинро.

Ин калима хеле қадима буда, қариб тахминан ҳазор сол пеш аз истилои араб дар забони мо пайдо шудааст. Алов як калима, дин калимаи дигар, уд бошад суффикс. Преффикс ҳам гӯем, мешавад, фарқ надорад. Маънояш – алави дин. Алав гуфта, мабодо палав нафаҳмед. Яъне оташ. Падараш не, сӯхтор. Ана бинед, бари рӯи домод суп-сурх аст.

Гульоро чӣ? Гульоро ҳам калимаи мураккаб аст. Аз ду калима иборат аст: гуль ва оро. Чӣ хеле ки медонем, гуль бисёр нозук, заиф ва санаф аст. Аз ин рӯ, ин ҷо аломати ҷудоӣ ҳатман даркор. Ҳарчанд аломати ҷудоӣ гӯем ҳам, дар ин калима барои мулоим талаффуз кардан омадааст. Дар куҷое, ки калимаи гуль бошад, он ҷо аломати ҷудоӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бояд бошад. Ба монанди гульшан, гульбарг, гульдаста гультеппа… Маънои калимаи Гульоро чист? Маънояш – шахсе, ки гульро оро медиҳад, парвариш мекунад, об медиҳад, нигоҳубин мекунад…

Аз арӯсу домод хоҳиш мекардам, ки маънии номҳошонро, чӣ хеле ки ман фаҳмондам, донista гиранд. Аловуддинро таъкид мекунам, ки ба Гульоро наздик нашавад, ки аловаш ӯро месӯзонад ва ба Гульоро мегӯям, ки аз ӯ дуртар гурезад, то дар аловаш насӯзад.

Боз раис микрофонро ба даст мегирад.

– Соҳибтӯйи имшаба хеле хушвақт мебошад, ки дар маъракаашон шоири шодравон ва шодкалом Зоҳир Ботлоқӣ ҳозиранд. Инак, микрофонро ба он кас дода мешавад.

– Арӯсу домоди меҳрубон! Ҷавонони ин ҷаҳон! Хушбахтҳои замон ва далерони майдон! Хам нашавед ба пеши пои нокасон ва чун мардон бимонед ҷовидон! Шуморо аз таҳти дилу ҷигар ва аз самими сар офарин мегӯям. Офарин мегӯям, ки хонадоршавӣ барин кори бузурги ҳаётро донista, имшаб бо ҳам мепайвандед ва акнун аз сарсарӣ гаштан халос мешавед. Дар ҳамин хусус ман як рубоӣ навишта будам. Ҳамааш-ку не, чор мисрааш дар ёдам ҳаст, ҳамонро ба шумо тақдим мекунам:

Тӯй дорад Аловуддин фасли баҳор (Ин ҷо калимаи **баҳор** шартан истифода шудааст. Ҳарчанд ҳоло чиллаи тобистон аст, баҳорро ман шартан, барои вазну қофия шуда истифода бурдаам, шуаро ҳамин хел имтиёз доранд.)

*Тӯй дорад Аловуддин фасли баҳор,*
*Тӯй дорад дар диёри номдор.*
*Бо Гулоро мешавад ҳамтаксарӣ,*
*Монад аз гуштугузори сарсарӣ.*

– Офарин, шоири хуштамъи мо Зоҳир Ботлоқӣ, – мегӯяд раис, – бисёр шиори хуб хондед. Боз навбат ба мусиқӣ. Навбати базм ба роҳбари дастаи ҳунармандон, ҳофизе, ки аксари сурудҳояш гирди забонанд, Лозим Насим.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сарояндаи номӣ ба микрофон наздик мешавад:

– Рафиқон, дӯстони қадрдони ман! Пеш аз кӯрбазм кардан як-ду даҳан гап дорам, – каме таваққуф карда, бо чашмони нимпӯш гӯё ба хаёл меравад ва сипас давом медиҳад. – Як-ду рӯз пеш дар як тӯйи дакаданг будам. Росташро гӯям, вақте ки базм мекардам, паша пар намезад. Базмам чунон таъсир кард, ки… Ман чӣ гуфтанӣ? Гуфтанӣ, ҳоло аз базмам ҳаловат баред (Бунафша ба рақс мебарояд):

*Бунафша-аъ, дар таги долонай,*
*Бунафша-аъ, доруи дандонай.*
*Бунафша-аъ, гирёну хандонай,*
*Бунафша-аъ, даруни зиндонай.*

Авҷи қарсак баланд мешавад. Давида як кас ба гӯши Вафо Ҷафо пичиррос мезанад, ки раиси колхозро сухан диҳанд, ки омаданд.

– Дӯстон, барои сухани табрикӣ гуфтани раиси колхоз ҳоло сухан ба Акка Аккаевич.

– Рафиқон колхозчиён! Чӣ гӯям? .. Ман ин тирмизакҳоро (ба арӯсу домод нигариста) намешиносам, ки дар ҳаққи онҳо ягон чӣ гӯям. Ман падари онҳо Акаи Сафиро мешиносам, як-ду гап дар хусуси худашон мегӯям. Акаи Сафӣ обмони бисёр хуб аст. Мисли вай, Сафол, канӣ вай, канӣ, ин ҷо баро!

– Сафол, Сафол, раис ҷеғ зада истодааст, – гӯён мардум ӯро ба миёни ҳавлӣ мебароранд.

– Ту, Сафол, чаро бепарвофалакӣ мекунӣ? Каллаи хара иззат кунӣ, худаша аз табақ ҷар мекунад, дина ҳамаи пахтаро об бурдаасту ту бехабар. Боз, тӯй ҳам меоӣ. Э, садқаи тӯй шавӣ. Бригадат кӣ? Ҳалим! Канӣ ин ҷо баро! Ҳозир ба ҷояш дигар касро обмон таъин бикун, ки ман бинам.

Забони бригадир гирифта, канда-канда гап мезанад:

– Ак-ка-и ра-и-ис, ки-и-ро ин-ти-хоб кк-у-на-ам?

– Мана вай, писари Ҳакимро. Охир вай мутахассиси об шуда, институтро тамом кард-ку?! – мегӯяд Акка Аккаевич



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ва каме аз ғазаб фуромада илова мекунад. – Рафиқон колхозчиён, ҳозир замони бозсозист. Бинобар ин обмонро сари вақт гирифтану ба ҷои вай дигар касро, алалхусус, шахси маълумоти олидорро таъин кардан ба бозсозӣ хеле мувофиқ аст. Ба раҳмататон диққат!

Авҷи қарсаки дурударози колхозчиён баланд мегардад. Сипас боз раиси тӯй ба гап медарояд:

– Рафиқон! Шаб ба охир расида истодааст, ки мебинем шумо пароканда шуда истодаед. Роҳи мо ҳам дур аст, хона рафтанамон даркор, ки анча тамошо кардем. Саъдии бузург гуфтааст:

*Тамошои ҷаҳон кардӣ, Саъдӣ, бикун ёди Ватан.*

Акнун бояд тӯйро пӯшида эълон менамоем, ки вақташ расидааст. Вале пеш аз пӯшидани тӯй, ки хеле нағз ва мислаш дигар тӯйҳо нестанд ва бовар дорам, ки то хеле фаромӯш намешавад, ки тӯйи имшаба хуб аст. Сухани хотимавӣ ба соҳибтӯй, соҳиби ин нозу неъмату ин дову даска, ки хеле фаровон ва фураймон буд, падари домод ва хусури арӯс, завмаги ботаҷриба Ситамдор Ишкамдор медиҳам. Марҳамат, сухан ба шумо. Канӣ шумо?

Чашми раис ба Ситамдор Ишкамдор меафтад, ки дар мизи кунҷи ҳавлӣ нишаста, авзояш беҷо буд. Чунон маст буд, ки ҳар қадар мардум ӯро мегуфтанд, ки хезед, гап занед, ҳеҷ аз ҷо ҷунбида наметавонист. Дар пешаш косаи нимхӯрдаи чурғот. Галстукаш гоҳ ба он коса ғӯта зада гоҳ боло мехест.

– Рафиқон, – давом медиҳад нутқашро раис, – дар урфият мегӯянд, ки ё бора пеши хар ё хара пеши бор. Соҳибтӯй, ки омада наметавонад, ман ба пешаш меравам.

Раис микрофонро ба даҳони Ситамдор Ишкамдор наздик бурда, бо овози баланд мегӯяд:

– Марҳамат, соҳибтӯй, гап занед.

– Чӣ гап занам, ту киӣ?

– О, ман раис-ку?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Чӣ хел раис? Ака Аккаевичро аз раисӣ гирифтанд-чӣ?

– Не, ман раиси тӯй.

– Чӣ хел тӯй… Ин ҷо кучҷост?

– О, ин ҳавлии худат, столу стули худат-ку?!

– Ҳавлии ман бошад, столу стули ман бошад, ин мардум дар ин ҷо чӣ кор мекунанд? Хонаҳошон раванд, намешавад? – гуфта соҳибтӯй ба замин меафтад.

Мардум пароканда мешаванд.

*соли 1990*

## БОЙ МЕШАВЕМ!

– Очаш! Ҳо очаш!

– Ҳа. Чӣ мегӯй?

– Бихез, бихез, ки ёфтум!

– Чӣ ёфтӣ? Хов кун, мардак, ғам надеҳ, ки бисёр афгорум.

– Бихез мегум. Ёфтум, гӯш кун, чунон хурсанд мешавӣ, ки…

– Уф-ф! Дар ин ними шав кучҷо хезум, чӣ гӯш кунум, намефаҳмум. Хайр, ана! Чира ёфтӣ!

– Бой мешавем, очаш. Бо…о…й!

– Э вой-е! Боз ягон сафсата бофтӣ-чӣ?!

– Ором шав, очаш. Ором шаву гӯш кун. Ин дафъа сафсата не. Аниқ бой мешавем. Ҳавлӣ, мошин, хонаи дакаданг, ана боз телевизору паласу яхдону…

– Хайр, хайр. Ку бигӯ, чӣ хел бой мешавем?

– Замин мегирем, очаш, замин! Кам не, ғам не, як гектар мегирем. Дар як сари баландӣ, дар ҷои хушбоду ҳаво замин мегирем. Аввал ҷуфташ мекунем. Ана, баъд себ мешинонем, анор, зардолу, олу, гелос, хурмо, ангур, боз чанд хел ниҳоли дигар. Чунон боғе шавад, ки… равзаи ризвон ворӣ. То ин ниҳолҳо дарахт шудана полез мекунем, очаш, полез. Ҳар тарбузу харбузае мегирем, ки лавта кафона. Ҳа! Ана, баъд хурдагимона мехӯрему боқимондаша ме-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фурӯшем. Худо хоҳад, дар байни ду-се сол чунон бой мешавем, ки …. Қорун ҳиччӣ. Чӣ гуфтӣ, очаш?!

– Дурусту… лекин як худат чӣ хел мекунӣ? Охир ин қадар замини калона тоза карда, ҷуфт кардан осонай? Ов бурор, гирдша симхор бигир, ниҳол бишнон, пору кашон… эҳа,.. ҳамаи ина худат тоқа карда метонӣ? Бачаҳо бошанд, ҳолӣ майдаҳанд. Кӣ ёрдамат медиҳад?

– Ин осон, очаш. Трактор мебарум, трактор. Дар ним рӯз ҷуфт карда медиҳа. Ана, баъд, боз чӣ буд? Ҳа, симхор. Дар устои оҳангар симхор фармуда, гирдша маҳкам мекунум. Ниҳол харида мешинонум. Аз ягон ронанда хоҳиш мекунум, панҷ-шаш КАМАЗ пору оварда мереза. Ана, дидӣ, ҳамаш мешавад. Зиндагӣ оҳиста-оҳисат, очаш.

– Гапат дурусту…. мардак. Лекин барои ҳамаи ин пул даркорай-ку?! Ту бошӣ як тини зардак надорӣ. Балки қарздорӣ. Чӣ хел мекунӣ?

– Рост, очаш. Лекин ман инаша ҳам фикр карда баромадум. Қарз мегирум, очаш, қарз. Муҳимаш, ба мақсадум расум. Худо хоҳад, баъди ду-се сол, баъде, ки полеза чидему ниҳолҳо дарахт шуданду ҳосил бастанд, қарза мегардонем. Чӣ гуфтӣ, очаш?

– Аз кӣ қарз мегирӣ? Дар ин вақту замон…

– Меёбам, очаш, меёбам. Ду-се ёру рафиқ дорам. Боз хешу табор ҳастанд. Ин тарафша ягон илоҷ мекунум.

– Хайр, фарз кардем, ки қарз ҳам гирифтӣ. Аз куҷо замин мегирӣ? Дар исполком ягон шинос ёфтӣ-чӣ?

– Шинос? Не! Шинос-пинос наёфтам.

– Гуфтам-ку, боз ягон хел сафсата бофтаӣ. Охир худут медонӣ, ки замина бо чӣ роҳҳое мегиранд. О, кӣ ба ту замин медиҳа, а?

– Ҳа, рост, очаш. Ба ростӣ, кӣ ба ман замин медиҳа?

– Хоб кун, мардак, хоб! Қариб рӯз шуд. Боз саҳар аз дарс дер намонӣ. Ин саҳар соати якум дарс дорӣ.

– Ҳа, хуб. Хоб мекунум! Шабат хуш!

*соли 1992*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ТАСАЛЛО

– Кори хуб нашуд, ака.

– Боз чӣ кор кардӣ?

– Маст шудам.

– Хайр чӣ? Як ту маст мешавӣ?

– Дар ҷои кор маст шудам.

– Баъд ғам хӯрдӣ? Дар ҳамун идораи шумо маст бошӣ, хуб аст, аз он ки аз саҳар то бегоҳ саланг-саланг мегардӣ. Худат тоқа нӯшидӣ?

– Не, чор кас будем.

– Ана, дидӣ? Гуфтам-ку, як ту маст намешавӣ. Созтар зеҳн мемондӣ, шариконат ҳам маст буданд.

– Дурусту… лекин ман аз ҳад зиёд маст шудам. Ҳама фаҳмид. Аввал шуъбаи кадрҳо даромадам, баъд назди раиси Иттифоқи касаба, аз он ҷо баромада ба қабулгоҳ, пеши котиба, баъд аз он назди сарбухгалтер, хулласи калом, тамоми кабинетҳоро чарх задам.

– Ҳеҷ гап не. Дар хушёрит ҳам як ҷо қарор намеистӣ-ку?!

– Не, ин дафъа дигар хел. Котибаро, оғӯш кашидам. Сахт ранҷид. Нисфи коргарон диданд.

– Диданд, дидан гиранд. Чунин котибаи нозанинро кӣ оғӯш намекашад? Ту барин йигит ба оғӯш кашаду боз ӯ ранҷад. Боке не, худатро бисёр нахӯр.

– Бо сарбухгалтер ҷанҷол кардам.

– Хайр, чӣ? Нӯшидӣ, ягон гап мешавад-да! Парво накун, ба дил намегирад.

– Чӣ хел, охир? Вай зан аст. Ҳақорат кардам. Дар пеши се-чор кас ҳақорати обдораш кардам. Ана, баъд шикоят рафт. Директор фарёдам кард. Фаҳмид, ки мастам, «дар идора нӯшиданат бас набуд, ки боз бо занҳо сарбасар мешавӣ! – танбеҳ дод маро. – Ҳолӣ, пагоҳ биё, баъд гап мезанем» гуфт ӯ. Акнун намедонам чӣ кор кунам.

– Чӣ кор мекардӣ? Хоб кун. Кори шудагӣ шуд, ҳеҷ гап не. Хеле одами беақл набошад, аз маст хафа намешавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ҳамаи ин ҳич чӣ не. Гардондам.

– Чиро гардондӣ?

– Қайъ кардам. Вақти хона омадан аз кабинет баромадам, ки дилам шӯрид. Ваъақ гуфта, гардондам. Чунон гардондам, ки замину замон бӯ гирифт. Атрофам пури одам буд. Аз котиба сар карда то директор ҳама диданд ҳоли бади маро. Нафратам хонданд.

– Ҳеҷ гап не. Фаррош тозааш мекунад. Хоб кун, бисёр ғам нахӯр.

– Чӣ хел ғам нахӯрам, ки ҳамаро ҷазир кардам?!

– Парво накун. Ҳар чӣ ҷазир карда бошӣ, қади Горбачёв ҷазир кардаӣ. Хоб кун!

*соли 1992*

## МОҶАРОИ ДОИРА

Мехоҳед дар бораи як моҷарои хонамон ба шумо нақл кунам? Ин тавр бошад, гӯш кунед!

Додаракам Алиҷонро баъди табобати дуру дароз ба хона оварданд. Аввал модарам ба пешвоз баромад, Алиҷонро ба оғӯш кашида, аз ду бари рӯяш гаштаву баргашта чалапчулуп бӯсид. Баъд пойандозу сафедӣ партофтанд. Ҳамин дам кадоме таклиф кард, ки доираро биёранд.

– Ҳа, ҳа, доираро биёред, – худо дод модарамро. – Алиҷон аз таҳи теғ барояду хапу дам пешвозаш гирем? Салим, чӣ шах шудӣ? Рафта доираро биёр! – каме омирона гуфт ба акаам.

– Адолат, карӣ, намешунавӣ? – гӯён модар ба ӯ дӯғ зада бошад, ки аламашро аз хоҳарам ситонданӣ мешуд акаам. – Зуд доираро биёр! Э, худо гирад ҷорӯби дастатро. Вақти рӯфтанатро ёфтӣ, артистка.

– Доира, доира. Дар куҷое дида будам онро, – хаёлкунон ба хона даромад Адолат. Дере нагузашта сарашро аз тиреза бароварда, дод зад:

– Валӣ, ҳо Валӣ! Доира ку? Надидӣ онро?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Доираи туро ба сарам мезанам ман, зулфӣ? Доираат ба худат даркор, ки заниву рақсӣ.

– Э, худо гирад туро, суланг, – шунида шуд дӯғу пӯписаи падарам. – Нармтар гап занӣ, мемурӣ, ки ин қадар дағалӣ мекунӣ бо апаат?

– Эъ, причём ин ҷо дағалӣ-пағалӣ? Надидам ман доира-поираро.

– Ду рӯз пеш дар дасти Вайс дида будам онро, – ба хабаркашӣ даромад Раънояк. – Ҳалқаҳои гирди косаашро канда, пардаи тирезаашро соз мекард.

– Вайс, ҳо Вайс. Куҷо гум шудӣ? Э, паят канда!

– Хоб аст, бедораш кунам? – ба сӯи хонаи дарун давид писари акаам Салом.

– Ин чӣ бало хоб аст, ки нимрӯз шудаасту ҳолӣ ҳам намехезад? Ҳе, калтаи фитнагар!

– Лаббай, ота. Фарёд кардӣ?

– Доира ку? Лаббай аз сарат монад, шайтон! Чаро ҳалқақои онро кандӣ?

– Ман ҳамагӣ дутояшро кандам, ота.

– Дутояшро баро чӣ мекандӣ, аблаҳи нокора. Ҳолӣ кор карда, аз пули худат доира хар, баъд мебинем, чанд ҳалқаашро мекандӣ, паразит.

– Ота, охир он доираро панҷ сол шуд-ку?! – боз ба гап даромад акаам.

– Даҳ сол шуда бошад чӣ, аблаҳ? Чизро, ки эҳтиёт кардӣ, сад сол ҳам рафтан мегирад.

– Ку, таҳхонаро бикобед, яке он ҷо набошад? – маслиҳат дод хоҳари миёнаам Латофат.

– И-и… Дар таҳхона бошад, тамом, – гӯё зиқ шуда бошад, бо таассуф гуфт Шариф. – То ин вақт пӯсташ як сатил об кашид.

– Ту бало доштӣ, ки аз таҳхона гирифта дар ҷои дигар монияш, подабон? – ҳанӯз ҳам паст намешуд ғазаби падарам. – Мӯи сарат думи гадик ворӣ.

– Ман аз саҳар то бегоҳ аз қафои гӯсфандон саргардонам, кай ба доира расидам. Умуман, мани подабон куҷову санъат куҷо?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Маҳмаддоноӣ накун!

– Дар ин ҷо нест доира, – аз таҳхона баромад овози хоҳарчаам Гулпарӣ.

– Сознар нигаҳ кун, қутос! – таҳдид кард ӯро Латиф.

– Ту худат кӣ шудӣ, ки ӯро қутос мегӯӣ-а, маймун? – тарафи Гулпариро гирифта, ба ӯ дарафтод Валӣ. – Мезанамат, дар девор мечаспӣ.

– Мезанӣ-а, дароз? Хотири акагит набошад, бардошта мешапамат, тарбуз ворӣ мекафӣ.

– Киро? Маро? – ба ғазаб омад Валӣ ва як торсакии обдор фуровард Латифро.

– Ту маро мезанӣ? – аз ҷой хест Латиф ва бо шаст давида мисли қӯчқор бо кала ба шиками Валӣ чунон зад, ки Валӣ рафта ба тирезаи хонаи акаам зад. Шишаҳои тиреза майда-майда шуданд.

– Э, бихез, гум шав, дарози беақл, – ба шӯр омад зани акаам. – Омадиву ҷангу ҷанҷолат қатият аст.

– Ту бисёр бидир-бидир накуну рав, хонаи худат даро, – хуни бинияшро поккунон ба сари янгаам мушт канд Валӣ.

– Ту ба сари зани ман мушт меканӣ, аҳмақ? – ба ҷанг ҳамроҳ шудан хост акаам.

– Ақиб гард, аблаҳ, – вайро базӯр боздошт падарам. – Ақиб гард, ки ҳолӣ доираро наёфтед, хуб асабиям. Ҳозир нос барин майда – майдаат мекунам, падарлаънат.

– Шакар барин гӯй, ота. Нос кулут-кулут аст, – ягон мушт ки нахӯрда буд, қофия мезад Вайс.

– Э, гум шав, шоирча. Ёфтӣ вақти қофиябозита. Беҳтараш, давида хонаи хусурат рав. Ба фикрам, доира дар хонаи онҳост. Ду ҳафта пештар ба сари доира омада буд.

*– Хусур, чӣ хелӣ хусурӣ,*
*Ғами маро намехурӣ?*
*Доираро, ки бурдаӣ,*
*Гашта биёрӣ, мемурӣ?*

– шеър бофта – шеър бофта, роҳи хонаи хусурашро пеш гирифт Вайс.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

– Шариф, гӯсфандон ҳуй кардан, ҳе худо гирад чашмони кӯратро, – баланд шуд овози модарам.

– Гӯсфанд, гӯсфанд. Чӣ фоида ба ман аз онҳо?

– Бирав, гум шав, гӯсфандонро дар ҳел бидоз! Як майда ҷондор аллакай дар фикри фоида аст, – аз нав ба шӯр омад падарам. – Падарлаънатҳо, то чанде калон шуданд, хар шудан мегиранд-е?!

– Ёфтам! – шодикунон аз таҳхона баромад Гулпарӣ.

– Чиро ёфтӣ? – доираи кафидаро дар дасташ дида, дӯғ зад Латофат.

– И-и… кафидаст.

– Э бар падаратон лаънат, галаи товонӣ, – зуқиданашро давом медод падарам. – Чизи обода вайрон кардан-е?!

– Ин доираи кӯҳнаи чандсола, – дилаш сӯхт магар, ки тарафи бачаҳоша гирифтанӣ шуд модарам.

– Хап кун, занаки бесавод. Доира наву кӯҳна мешудааст? Ҳамин қадар сол гӯспанд мекушем, пӯсташонро сагу пишак мебарад. Сад бор гуфтам, ки нигаҳ дор пӯсти онҳоро, лозим мешавад, кори худатро кардӣ. Ана, ҳозир пӯст медоштем, ҳамон доираи кӯҳна гуфтагиатро нав мекардем. Акнун фаҳмидӣ? Бе-бе-бе-бе…

– Ота, ҳозир як гӯсфандро кушем, чӣ? – бебокона пурсид акаам.

– Гум шав, бемаънӣ! Туро мекушаму гӯсфандро не, – магар якбора ба сари падарам хун зад, ки ранги рӯяш канд.

– Ота, отаҷон, чӣ шуд? Духтур ҷеғ занем? – ба ҳарос афтод Раяноякаафтод Раянояк.

– Ёфт шуд! Ёфт шуд! – аз оғил баромад овози Шариф. – Дар оғил будаст.

– Биёр, бизан доираро, ки бачаи касалиям дар хунукӣ ях кард, – баъди хафагии зиёд каме ба худ омад модарам. – Латиф, гир, ту навоз бачам, метавонӣ.

– Эҳа, чӣ хел менавозӣ инро, кампири сода? О, ин тар-ку?

– Дар газ қоқаш кунед! – овозаи ёфт шудани доираро шунида чашмонашро кушод падарам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Гӯгирд нест, як дона ҳам нест. Газро бо чӣ даргиронам? – аз ошхона баромад овози Адолат.

– Ота! – нохост Вайс даромад. – Доираро хусури ман набурда будаст.

– Э, худо гирад худатрову хусуратро. Рав як бори дигар хонааш, гӯгирд биёр.

– Ота, пасттар дашном диҳӣ, чӣ кор мекунад? Келин шунавад, хафа мешавад, – падарамро насиҳат кард Латофат.

– Э, гум шав, тирмизак. Гунҷишкбача очаша ҷив-ҷив нишон додаст, мегӯянд, рост будааст.

– Ота, чизе ки халқ мегӯяд, рост аст, – ҳоло ҳам нарафта буд Вайс. – Ӯ солҳои сол таҷриба гузаронида…

– Э, гум шав, файласуф, рав, гӯгирд биёр!

*– Маҳтоб гардад гирдогирд,*

*Рафтам барои гӯгирд.*

– шеър бофта – шеър бофта, роҳи хонаи хусурашро пеш гирифт Вайс.

– Бас намекунед талабиданро? – боз табъи модарам хира шуд. – Худатон гӯгирд харед, намешавад?

– Хап кун, алошақшақа. Ту дар умрат аз хона набаромада бошӣ, аз куҷо медонӣ, ки дар дунё чӣ гап аст? Биёр, бихар мегӯиву халос. О, набошад, аз куҷо биёрам?

– Ҳозир проблемаи гӯгирд яке аз проблемаҳои муҳими рӯз аст, ота, – хирадмандона гуфт акаам.

– Бобо, ман ду-се дона дорам, биёрам?

– О, бало дорӣ, барвақттар биёрӣ?

– Ура, газ даргирифт! – шодикунон доираро таф медод Адолат.

Ҳамин дам нозада тараққоси доира баланд шуд. Кафид. Ҳама якбора хапу хомӯш гардид. Ҳа! Доираи бо сад азоб ёфтаашон кафид.

Алиҷони бемору бемадорро, ки акнун аз ҳуш рафта буд, аз нав ба шифохона бурданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ШОИР МАНАМУ…

Маҷалларо кушоду дуд аз димоғи Ҳаким Алӣ баромад.

– Аҷабо, – гуфт ӯ, – шеърҳои ману сурати Алӣ Назарзода? Наход ходимони адабӣ чунон нофаҳм бошанд, ки маро аз Назарзода фарқ накунанд? Ҳм, – табассум кард ӯ, – хонандагон чӣ мегуфта бошанд? Шеърҳоро ба кӣ мансуб медонанд? Номи маро дида, аз ман мепиндоранд ё ки акси Назарзодаро дида, аз ӯ? Албатта, онҳое, ки маро боре ҳам надидаанд, суратро сурати ман гумон мекунанд. Чӣ, чӣ? – ҳамин дам авзои Ҳаким Алӣ тағйир ёфт, ранги рӯяш канд. – Ё тавба! Наход ҳамин Назарзодаи калро бо ҳамин қади калтаю афту андоми хунук ба ҷои ман қабул кунанд? Кару фарашро намегӯед? Дасти росташро аз қад баланд бардошта, дар ким-кадом минбари беодаме ваъз гуфта истодааст, дар сурат ҳам сохтакроияш намоён. Чунон ба микрофон наздик аст, ки гӯё ҳамин замон онро фурӯ мебарад. Пиҷак нимпӯшида, сари китф партофтаю остинҳо овезон, тугмаҳои пеши бари курта кушода, гӯё пешвози маъшуқааш мерафта бошад. Астағфрилаллоҳ, наход ҳамин шоири пуркарруфарро ман гумон кунанд-а? Не, ин тавр намешавад! Шикоят мекунам! – ба қарори қатъӣ омад Ҳаким Алӣ ва роҳи идораи маҷалларо пеш гирифт.

– Ман Ҳаким Алӣ, – гуфт ӯ бо тамасхур ба ходими шуъба. – Мебинам, ки маро намешиносед, аз ин рӯ худро муаррифӣ кардам.

– Эъ, ин тавр нагӯед. Чаро намешиносем? Мешиносем, марҳамат, гузаред. – аз асли воқеа ҳанӯз ҳам бехабар гуфт ходим. – О, навакак шеърҳоятонро чоп кардему чӣ хел намешинохтаем?

– Э, кошки чоп намекардед. Ин чӣ хел шинохтан, ки ба ҷои ман сурати Алӣ Назарзода омадааст?

– Лаббай, чӣ гуфтед? Ҳаким Алӣ дигару Алӣ Назарзода дигар? Э, мебахшед, шоири муҳтарам, узр, узр! Ман… ҳамин… Росташро гӯям… Нафаҳмидам… Ба ман гуфтанд, ки шеъри шуморо бо сурататон якҷоя тайёр карда супорам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пушти суратро бинам, Алӣ навишта шуда буд. Гумон кардам шумоед. Ҳар дуятон ҳам Алӣ-ку, аз куҷо донам?

– Намедонед, ҷоятонро иваз кунед, – аз бепарвоии ходим якбора ба шӯр омад Ҳаким Алӣ.

– Ҳой, бародар, – ходим низ аз дағалии шоир оташ гирифт. – Гапатонро хоида занед. Ман ин ҷо бисту панҷ сол шуд кор мекунам ва ин сарро дар осиёб сафед накардаам, ки шумо маро таҳқир мекунед. Маро аз ҷо беҷо мекардагӣ, – ба ҳуҷум гузашт ходим, – ҳоло пайдо нашудааст-а! Подумаеш! Ҷоятонро иваз кунед, барои чӣ, сурати Ҳаким Алӣ ё Алӣ Назарзода. Ба кӣ даркор сурати шумою шеъри шумо? Ҳақи қаламро бошад, бе сурат ҳам мегиред.

Ҳамин дам дар кушода шуду мудири шуъба вориди кабинет гашт, вагарна қариб буд ҷанҷоли ҳар ду ба ҷанг табдил меёфт.

– Тинҷӣ, чӣ ҳодиса рух дод? – табъи хираи шоир ва ходимро дида, баъд аз саломуалейк пурсид мудир.

– Эшон, – бо сар ба тарафи шоир ишора карда гуфт ходим, – шикоят омадаанд.

– Лаббай, шикоят? Наход! – аз афташ чунин шикоятҳоро бисёр дида буд, ки оромона ва устокорона пурсид мудир. – Канӣ, канӣ шунавем, марҳамат карда шинед, меҳмони азиз!

– Ҳаким Алӣ худро базӯр ба даст гирифта, «ташакур» гуфту аз нав ба гап даромад.

– Дар шумораи навини маҷаллаатон шеърҳои маро чоп кардаед. Бисёр зебо, боз дар саҳифаи аввал, ман аз ин хурсанд. Лекин, агар пай бурда бошед, номи ман, шеърҳои ман чоп шудаанду сурати дигар кас. Ин хелашро бори аввал мебинам, рафиқ мудир.

Мудири шуъба маҷаллаи рӯи мизро ба даст гирифта дид, ки дар ҳақиқат ҳамин тавр шудааст, расм ба Ҳаким Алӣ ҳеҷ монанд набуд.

– Оббо-о, – мад кашид мудир, – ҳаққонӣ ҳамин тавр астку?! Саҳв шудааст, бародар, саҳв. Идораи сермағал, корамон бисёр, ҳар ҳодиса шуданаш мумкин.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Хӯш ки бошад, – довом дод шоир, – ходиматон мегӯяд, ки гӯё маро намешинохтааст. Хайр ман ба ин розӣ. Аммо наход Алӣ Назарзодаро нашиносад? Охир, ҳафтае нест, ки ӯ ҳамчун шоири ҳамадон хирагӣ карда, акси хунукашро дар телевизор нишон надиҳад. Дар намоиши «Ширу шакар» ҳаст, дар «Лаҳзаи илҳом» ҳаст, аз боби «Муҳаббат ва оила» сухан равад, вай ҳатман иштирок карда, мардумро насиҳат дорад, ҳол он ки аз худаш дида фосиқтаре нест, дар ҳалқаи шоирони ҷавон ё бигирем, дар ҷамъомади духтарон «Дугонаҳо», мана, вай чӣ буд, «Дилафрӯз» ҳузур дорад, аз боби суруду мусиқӣ гап равад, ӯ чун мусиқишиноси барҷаста гоҳ аз хусуси таърихи «Фалак» ва гоҳ аз хусуси «Шашмақом» ҳарф мезанад, дар аксари барномаҳои ҷавонӣ ширкат дорад. Дар тӯю маъракаҳо даъваташ кунанд ё на, аз боло нишастааст… Китобу китобчааш он тараф истад, як шеърашро ҳам дар рӯзнома ё маҷалла бе сурат чоп намекунад. Боз ӯро ходиматон намешиносад. О, ходиматон нашинохт, шумо нашинохтед, муҳаррир нашинохт?

– Укаҷон, гӯш кунед, – гуфт мудир, – оби рехтаро ҷамъ карда намешавад, маҷалла аз чоп баромад, кори шудагӣ шуд. Маслиҳати мо ҳамин, ки шумо хафа нашаведу ба ҷои гилаву шикоят боз як даста шеърҳои тару тозаатонро биёред, ин дафъа бенавбат чоп мекунем.

Ҳаким Алӣ аз ин маслиҳати мудир сагаранг гашта, аз кабинет баромаду назди сармуҳаррир рафт.

– Як даҳан гап дорам, – бо асабоният гап сар карданӣ шуд Ҳаким Алӣ.

– Медонам, медонам чӣ гуфтаниед, – паст наомад сармуҳаррир, – ба ҷои сурати шумо сурати Алӣ Назарзода чоп шудааст. Хайр чӣ? Ин қадар шуҳратӣ будаед?! Гап дар сурат аст магар? Шеър хуб бошад. Корро шамшер мекунаду, на ғилоф.

– Охир…

– Гап ҳамин. Ин дафъа, ки шеърҳои Алӣ Назарзода ба чоп тайёр шуданд, сурати шуморо медиҳем. Мешавед баробар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз чунин ранг гирифтани кор музтар монд Ҳаким Алӣ, сараш мисли хонаи занбӯр ғуввос мезад.

«Кошки гила намекардам, – афсӯс мехӯрд ӯ. – Акнун «шеърҳои» Алӣ Назарзодаро бо акси ман чоп кунанд, хонандаи азиз чӣ мегуфта бошад? Наход шеърҳои фачи ӯро аз ман пиндорад-а?..»

*соли 1989*

## ДАР ҚАБУЛИ САРДОР

– Мумкин, Кабир Кабирович?

– Марҳамат, дароед!

– Ассаломуалейкум, нағз ҳастед, сиҳат ҳастед?

– Шукр, аз Шумо пурсем, амак. Марҳамат, шинед!

– Раҳмат, додар. Бачу кач, хешу табор, ёру дӯст, ҳама хубанд? Қишлоқ рафта будед? Падару модар чӣ хел, сиҳату саломат гаштанд?

– Шукр, амак, аз хок берун гаштанд.

– Илоҳо, доимо болои саратон соқу саломат бошанд. Рости гапро гӯям, додар, дар ҷойҳои шумо одам хор намешудааст. Ҳа-а, не нагӯед. Охир ин манзараҳои хушрӯву гиёҳҳои хушбӯро бинед. Обу ҳавои дилкашу чашмаҳои шаффофро намегӯед?! Беҳуда ин ҷойҳоро кӯҳистон намегуфтаанд. Чор тараф кӯҳ. Чунон зебо ки… Салқин. Одам роҳат мекунад. Дар чиллаи тобистон кӯрпа пӯшида мехобед-е?!

– Ҳа, амак, салқин.

– Аз ин пештар ҳам Ғарм рафта будам. Лекин ҳамагӣ як шаб истодам. Тӯйи як рафиқам буд. Ин дафъа кам не, ғам не, бисту чор рӯз тамошо кардам. Ҳа, додар. Қариб тамоми деҳаву деҳачаҳояшро дидам. Биҳишт, додар. Ҳама боғу роғ. Себи Ғармро акнун аз наздик, дар шохаш дидам. Чунон хушрӯ, хушбӯ, хуштаъму бомазза, ки дидан баробар даҳонам об кушод. Ана, ҳозир ҳам номашро гирифтаму оби даҳонам рехт. Суп-сурх. Ростӣ, зеби бозорҳои Душанбе ҳамин себи Ғарм, додар. Ин мардум воҳима мекунанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Муҳимаш, ҳаст. Набошад, чӣ кор мекунанд? Ҳм-м, қимат-а? Бо сӯми ҳозира шаш сӯм қимат аст магар?

– Амак, ба сари мақсад оед, ки ман маҷлис дорам.

– Ҳозир додар, ҳозир. Нокаш ҳам аз себаш монданӣ надорад. Чунон сероб, ки як қап мегазед, се рӯз аз даҳонатон об мерезад. Мо як ҳамсоя дорем. Таҳҷоӣ не. Аз кимкадом шаҳри дур омадааст. Медонед, чӣ хел ин ҷо ватандор шудаст? Солҳои баъди ҷанг ӯро ду-серӯза ба Душанбе, ба командировка фиристодаанд. Омадасту кору борашро буд карда, ба ватанаш баргаштанӣ шудаст. Пеш аз бозгашт як сари қадам ба бозори Шоҳмансур рафтаст. Ҳамин ки ба бозор даромадаст, ҳуш аз сараш паридаст, додар. Надонистаст, ки аз кадом мева чашаду чӣ қадар савғо гирифта барад. Аввал аз ноки Ғарм чашидаст. Ана, ҳамон чашидагияш чашидагӣ. Кайф дар ҳамин ҷо будааст гуфта, дигар ба ватан барнагаштааст. Аз зану фарзанд, хешу табор, ёру ошно ҳам фаромӯш кардаст. Аз ҳамин ҷо хонаву дар гирифт, зан гирифт, соҳиби бачу качу набераву абера гашт. Ана, додар, ноки шумо чӣ хел сеҳрнок? Чунон ҷозибааш зӯр будааст, ки меҳмони раҳгузарро дар як дам муқимӣ кард.

– Амак, охир ман….

– Ҳозир додар, ҳозир. Картошкаатон-ку беҳтарин картошкаи рӯи замин. Солҳои сол мо нафаҳмида картошкаи Россияву Белоруссияву ким-куҷои дигарро мекофтем. Порина як рафиқам, ҳо ҳамоне, ки ба тӯяш рафта будам-ку, аз Ғарм як халта овард. Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, додар, ҳар кадомаш тарбуз барин буд. Бедору, хушхӯр. Дар дег, ки андохтӣ, гӯшт даркор нест дигар. Ҳа-а, додар.

– Амак, о ман дер…

– Мардумаш ҳам тилоӣ, додар. Чеҳракушод, меҳмондӯсту меҳмоннавоз. Кадом хонае, ки даромадем, дарстурхон кушода, пур аз нозу неъмат. Доранд-да, додар, доранд. Илоҳо, доимо ҳамин хел дорандаву бадавлат бошанд онҳо.

– Амак, ягон кор доштед?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Лаббай? Ҳа, додар. О, дар ин давру замон кӣ бекор, ҳамту хабаргирӣ меояд? Мардуми ҳозира магар медонанд, ки ҳар даму нафас ғанимат асту аз ҳоли якдигар хабар гирифтан лозим? Ҳамин қадар шоирону нависандагон дар ин хусус мегӯянд, касе эътибор намедиҳад. Мана, бинед, Гулрухсор чӣ гуфтааст:

*Дунё ғанимат аст,*
*Аз ман хабар бигир.*
*Ҳар лаҳза қимат аст,*
*Аз ман хабар бигир.*

Хушрӯ гуфтааст-а? Истед, ки дордар, ҳамин Гулрухсор аз Ғарм-а? Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, сари сиёҳам сафед шуд, ин хел шоираи зӯрро надидам. Шеърҳояш бисёр равон, хоно, Баромадҳояшро намегӯӣ! Гап мезанад, хаёл мекунӣ, ки мардак аст. Хайр, чӣ? Гумон мекунед, беҳуда ӯро депутат интихоб карданд? Не-е. Мардум мефаҳмад. Мефаҳмад, ки ӯ хизмат карда метавонад.

– Амак, ман дер кардам.

– Умуман, додар, ғармиҳо одамони зӯр доранд. Мана, Зафар Нозимро гирем. Ин хел ҳофизи хушхон дигар намерӯяд, додар. Хушхон набошад, зиёда аз сӣ сол мардум ӯро гӯш мекунанду меписанданд? Не, додар, ин мардум чунон бафаҳму зирак, ки ҳар хел ҳофизро ин қадар дароз гӯш намекунанд-а!

– Амак, ягон кор дошта бошед, гӯед, ки ман меравам.

– Ҳозир, додар, ҳозир. Боз каме шинед. Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, Ғарм барои ман…

– Э, чӣ ин қадар Ғарм-Ғарм мегӯед? Ман ғармӣ не, кӯлобиям!

– Лабба-ай? О, шуморо ғармӣ гуфтанд-ку?!

*соли 1989*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# МУЛОИМХУНУКИ ЭРКА

Шаб аз нисф мегузашт, вале хоби мӯйсафед намеомад. Аз писараш алахон, рӯи кати ҳавлӣ, ду чашм сӯи дарвоза интизорӣ мекашид. Аз ғазаб дасту пояш меларзид. «Куҷо гум шуда бошад ин падарлаънат, – ғурғур мекард худ ба худ. – Ҳар рӯз аҳвол ҳамин. Бало дорӣ, барвақттар биёӣ. Ягон рӯз мекушад маро бо ин рафтораш. Наход дар сиву панҷ равию ақлат нарасад, ки шаб хона омадан даркор. Ақаллан, як даҳан пурсида равӣ, намешавад? Хайр, ин дафъа бақапат кунам…»

Ҳамин дам дарвоза кушода шуду мошин ба ҳавлӣ даромад. Писар фуромада, гӯё ягон гап нашуда бошад, оромона салом дод.

– Куҷо будӣ? – ҷои алек якбора ба ҳуҷум гузашт падари ба ғазаб омада.

– Ҳеҷ ҷо, – ҷавоб гардонд писар.

– Чӣ хел ҳеҷ ҷо, ки аз саҳар гумӣ? То нисфи шаб куҷо мегардӣ, муттаҳам? Хонаву дар дорӣ ё не? О, гов гов аст, бегоҳӣ ба оғилаш медарояд. Ту чӣ? Наход қади гов ақл надошта бошӣ?

– Ман ҳам омадам-ку? – чун ҳарвақта мулоимхунукиашро давом медод писар.

– Э, мон-е, ба кӣ даркор ин хел омаданат, дайду? Ба ягон кори хона даст намезанӣ. Мани мӯйсафед то бегаҳ меҷунбам ту савлат карда мегардӣ? Кай ақлат медарояд, ношуд? Ҳамин хона чапа шавад, ту дарак намеёбӣ. Одам наход то ин андоза нокораву бепарво шавад-а? Хайр, худат рафтӣ, мошинро барвақттар меовардӣ, намешуд? Орд меовардам бояд. Се рӯз шуд, ки дар хона нон нест, аз ҳамсояҳо оварда мехӯранд. О, бенон намешавад…

– Рост, дада, ҳақиқатан бе нон намешавад, – ҳамоно мулоимхунукӣ мекард писар. – Бе об ҳам намешавад, дада, одам мемурад.

– Ҳа, гуфтагӣ барин, имрӯз бобои Раҳмат қазо кард, бечора. Ҷаноза хабар карданд, рафта натавонистам. Роҳи дур,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пиёда қувватам намерасад. Айб шуд. О, вай шиноси қадрдон, балки хешу табор буд, ба ҷанозааш бояд мерафтам.

– Рост мегӯед, дада, бояд мерафтед, ин рӯз ба сари ҳар кас меояд.

– Акнун чӣ хел мекунем? Пагоҳ равам ҳам мешавад, лекин бензин нест. Чор қатра бензинеро, ки ба сад зораву нола ёфта будам, гашта тамом кардӣ. Дигар аз куҷо меёбам, дар шаҳр умуман нест.

– Дуруст дада, на танҳо дар шаҳр, дар тамоми кишвар бензин нест. Ҳозир вазъият…

– Нобуди ҳамаи ин. Бо мошин, ки баромадӣ, куҷо рафтанатро гӯй, охир. Мани мӯйсафед алахон мешавам. Ҳар рӯз сад фалокат рӯй медиҳад. Ба умеди ту аз хоб мондам. Саҳарӣ барвақт бозори мол рафтанӣ будам, акнун худо медонад, бедор мешавам ё не. Барвақттар хоб карданӣ будам.

– Рост дада, барои барвақт бедор шудан барвақт хоб кардан лозим. Хезед дада, рафтем, хоб кунем. Пагоҳӣ якҷоя бозор меравем.

Ҳар ду аз ҷо бархостанд. Мӯйсафеди навакак ба шӯр омада якбора аз аспи ғазаб фуромад ва ниҳоят шод буд, ки ин бор ҳам писараш гапашро нагардонд. Бо вуҷуди он, ки гапҳои пасту баланд задаш, дағалӣ накард.

… Ва писар боз мисли пештара назди падар эрка монд. Вале ҳамин ки саҳарӣ падар бозор рафтанӣ шуд, дид, ки на мошин асту на писараш.

*соли 1989*

## ХАЙРУЛЛО НЕ-Е…

– … Ҳамааш айби Хайрулло, муаллима. Гаштаву баргашта ба вай фаҳмонда будам, ки фалон рӯз меҳмонон меоянд, онҳоро бо гулу гулдаставу рақсу бозӣ пешвоз гирифтан лозим. Супориш додам, ки саҳари барвақт бо мусиқачиёнаш дар аэропорт шавад. Хуб гуфту даракаш нашуд, муаллима. Ин бори сеюм аст, ки назди калонон моро рӯсиёҳу шарманда мекунад Хайрулло.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Хайрулло не-е…

– Ҳа, муаллима, Хайрулло, Ҳамааш айби ӯ. Ҳамин ки рӯзи шанбе шуд, корро худо мезанад. Ҳофизони тӯйгардаш кори ҳукуматро хобонда, тӯй ба тӯй тақсим мешаванд. Миш-миш аст, ки баъди тӯй рост пеши мудираш омада, аз нӯги хамир фатир гӯён, ба ӯ ҳақ ҳам медодаанд. Ҳа-а. Порахӯр будааст ин Хайрулло, муаллима.

– Хайрулло не-е…

– Хайрулло охир. Мана, дирӯз як гурӯҳ кормандони шуъбаи маданият шикоят навиштаанд, ки мудирашон дузду порахӯр аст. Ба гуфти онҳо, фақат аз як чорабиние, ки се маҳ пештар бо номи «Шоҳнома» гузаронд, нисфи маблағро хӯрдааст. Ғайри ин чӣ қадар сару либосе, ки барои мусиқичиёну раққосон дӯзонда буданд, ҳамагӣ як бор рӯи саҳнаро диданду халос. Ҳамаашро building дуздидааст Хайрулло.

– Хайрулло не-е…

– Хайрулло, муаллима. Шиносбозиву хешу таборчигияшро намегӯед? Котиба ва ҳатто фаррошзани бекасу кӯйро аз кор бе ягон асос пеш кардааст. Ба ҷои онҳо ҳамсоя ва як хеши занашро ба кор гирифтааст. Воситабозиву шиносбозиро ба авҷи аъло расондааст Хайрулло, муаллима.

– Хайрулло не-е…

– Хайрулло, мауаллима. О, аз кор пеш карданӣ бошӣ, Ҷаҳонгирро пеш намекунӣ, ки ҳабдаҳ сол боз сӯми киномеханикиро гирифта, як рубобча дар дасташ, тинг-тинг карда мегардад. Ё тавба! Солҳои сол мардум интизори кинову ба ҷои киномеханик ким-кадом рубобчӣ пул мегирад. Умуман, муаллима, кори маданиятро намедонад Хайрулло.

– Хайрулло не-е…

– Ҳамаи ҳамин айби Хайрулло, муаллима. Ду-се ҳафта пеш як китоб лозим шуду ба китобхонаи марказӣ рафтам. Гумон доштам, ки ягон соат навбат мепоям. Навбат куҷо? Саг нест дар китобхона. Ҳатто бӯи одам намекунад. Духтараки китобдор дар кунҷе сақич хоида шиштааст. Фалон китобро биёр гӯям, намедонад чӣ хел кобад. Ҳатто каталогро намефаҳмад. Рӯйхати хонандаҳоро тафтиш кардам,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳамааш қалбакӣ. Китоб дар ҷояшу гӯё онро хонанда бурдааст. Ҳм-м, зал холиву якуним ҳазор хонанда доштааст. Наход роҳбарӣ ҳамин хел шавад, муаллима? Кори маданиятро ҷазир кард Хайрулло.

– Хайрулло не-е…

– Хайрулло охир. Ҳамаи ин ҳеҷ гап не, боз ишқварзӣ ҳам мекардааст ӯ, муаллима. Роҳбар шуда наход рӯирост ишқварзӣ кунӣ. Хайр, бало ба паси ишқварзияш, лекин хонаро чаро бе навбат додааст ба Ҳурбӣ? Ана, гуфтем, ки хонаро барои он додааст, ки ҳар вақте хоҳад, бемалол ҳамон ҷо вохӯрад бо маъшуқааш. Лекин мошинро чӣ? Раққоса мошинро чӣ кор мекунад? Бе ин ҳам ҳама савор мекунад ӯро. Инсоф ҳам лозим будагист? Беинсофиро аз ҳад гузаронд Хайрулло, муаллима.

– Хайрулло не-е…

– Хайрулло кардааст ҳамин хел, муаллима.

– Хайрулло не-е… Хайруллоҷон гӯед, Хайруллоҷон!

– Лабба-ай?

## ДАВОИ ФИШОР

Тақрибан понздаҳ сол буд, ки фишори хунам паст, азоб мекашидам. Аксари вақт сарам чарх мезад. Камқуввату бемадор, ҳатто роҳ гаштан ҳам бароям гаронӣ мекард. Солҳои аввал аз бепарвоӣ буд ё аз ғурури ҷавонӣ, ки ба ин чандон эътибор намедодам ва худамро сиҳату бардам мегирифтам. Вале рафта-рафта қариб буд, ки аз по афтам. Ниҳоят роҳи шифоханаро пеш гирифтам.

Баъди фишори хунамро санҷидан ранги рӯи духтури маҳаллаамон қанд. «50 ба 70, а? Шумо чӣ хел зиндаед?» – аз ҳайрат лаб зери дандон газид ӯ ва ҳамон замон роҳхатро ба дастам дода, маро рост ба шифохонаи марказии пойтахт равон кард.

Духтурони шифохонаи марказӣ ҳам дар шигифт афтоданд. Онҳо низ бовар намекарданд, ки ман ҳанӯз ҷон дораму роҳ мегардам. Якбора нисфи духтурони шифохона бо-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

лои сарам ҷамъ омаданд. Ҳар кадом ба тарзи худ маслиҳат медоду даво мефармуд. Вале ҳеҷ не, ки фишорам муътадил гардад.

Баъди шаш моҳи муолиҷа маро ҷавоб доданд ва гуфтанд, ки соли оянда ҳамин ҳин боз барои табобат ҳозир шавам. Панҷ-шаш бори дигар шашмоҳӣ муолиҷа кардам. Аз Маскав ҳам барои дидани ман профессор даъват карданд, нашуд. Ду-се маротиба ба санатория фиристоданд, сиҳат нашудам. Ҳамоно фишори хунам паст.

Ниҳоят аз духтур умедамро кандам ва дар ҷустуҷӯи табибони халқӣ афтодам. Табибе намонд, ки наздаш нарафта бошам. Ҳар кадом ҳар хел маслиҳат медод. Бо маслиҳату дархости онҳо мавизи сиёҳро ҳаштсӯмӣ харида ду сол истеъмол кардам. Беҳтарин ва тозатарин асалро хӯрдам. Қарз кардаму чормағзу шоколад харидам. Гоҳ-гоҳ коняк ҳам нӯшидам. Вале фишорам боз паст. Орзуи шифо ёфтан аз сарам дур намешуд.

Ниҳоят….. Медонед чӣ шуд?

Рӯзе «Куллиёт»-и нависандаи машҳур Бозӣ Розиро гирифтаму ба мутолиа шуруъ намудам. Ҷумлаи авали китобро хондан замон хун ба сарам зад. Якбора фишорам чунон баланд шуд, ки…. Се сол боз дар муолиҷааму илоҷи чӣ хел пасттар кардани фишори хунамро намеёбам.

*соли 1989*

## КАЛТАК

Ба хонаамон панҷ-шаш меҳмони олиқадр аз марказ омад. Онҳоро хуш пазирой карданд ва дастурхон густурда, зиёфат оростанд. Як-ду ҳамсояро ҳам таклиф карданд. Баъди оне, ки шикамҳошон сер шуду каме ширакайф гаштанд, ба чақ-чақ даромаданд. Дар ҷӯши чақ-чақ чашми яке ба сеторе афтод, ки танаи девор овезон буд.

– Навозандаи ин кист? – чашм аз сетор наканда пурсид ӯ?

– Писарам, – ҷавоб дод падарм, – чӣ буд?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Як менавохт, чорта кайф мекардем! – бо чашмони аз хумор нимпӯш гуфт меҳмон.

– Ҳа-ҳа, як менавохт, бисёр хуб мешуд, – таклифи каме омиронаи ӯро дастгирӣ карданд ҳамроҳонаш.

Ҳарчанд он қадар бад наменавохтам, лекин ҳеҷ намехостам, ки сеторро ба даст гирам; шарм медоштам, ки пеши одамони ношинос худнамоӣ карда мусиқӣ навозам. Ғайр аз ин онҳо ширакайф буданд ва дар гумон буд, ки ҳини навохтанам хомӯш шиналду ба навозишам гӯш диҳанд.

Вале маро ба ҳолу ҷонам намонда, ҳамоно талаб мекарданд, ки навозам. Амри меҳмон воҷиб гуфта, асбобро ба даст гирифтам.

Сетор бисёр сетори хуб буд. Бар замми он ки бисёр зебову дилкаш буду аз чор тараф садафкорӣ дошт, бо калониву дарозияш низ диққати ҳар касро ба худ мекашид.

Ба навохтан сар кардам. Гумонам рост баромад. Навозиш сар шудан замон меҳмонон ба лақ-лақ даромаданд. Дуи онҳо ҳатто ба шоҳмотбозӣ пардохтанд. Дуи дигараш ким-кадом масъалаи вазораташонро муҳокима мекарданд. Асабам вайрон шуд. «Аҷаб одамоне, – гуфтам ба дил, – худашон ба ҳолам намонда талаб карданд, ки навозаму акнун як дамак хомӯш истода наметавонанд-а?» Қариб буд, ки асбобро як тараф партофта, хеста равам. Бинам, яке аз ҳамсояҳомон, ки паси дар нишаста буд, ба навозишам гӯш дода истодааст. Каме ором шудаму навозишро давом додам. Дар дилам нисбат ба ҳамин ҳамсояе, ки аслан ӯро бад медидам (чаро, ки ин муаллими тарбияи ҷисмонӣ доимо, ҳатто дар меҳмонӣ ҳам таги либоси варзишӣ буд), як меҳре пайдо шуд.

Муаллим чунон бодиққат гӯш медод, ки гуфтан надорад. Чашм аз панҷаҳоям намеканд. Панҷаҳоямро боло барам, ба боло менигарист, поён оварам, ба поён. Гоҳо ба мизроби сари ангуштам зеҳн мемонду гоҳ ба косаи сетор, гоҳе гӯшакҳоро тамошо мекарду гоҳо торҳоро. Аз пайдо кардани чунин мухлиси ашаддӣ (гарчи ҳамагӣ як кас бошад) бениҳоят шод гаштам. «Ба ин одам овози сетор



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

маъқул бошад ё навохтани ман? Ва ё худи ин оҳангро дӯст медорад, ки ин қадар мафтун гаштааст?» – аз худ пурсидам ман.

Оҳангро ба охир расондаму интизори аҳсану офарини мухлисам гаштам. Хаёлам, вай маро хеле таъриф мекунаду рӯҳбаландам месозад. Ва… Ва ҳатто, мумкин талаб кунад, ки боз оҳанги дигаре навозам.

Ба гӯшҳоям бовар накардам.

– Дар ҷои даркорӣ, – чашм аз сетор наканда гуфт ӯ, – ҳай калтаки зӯрай-да?

*соли 1990*

## ТО БЕШАРМ НАШАВӢ

*(муколама)*

– Падар, ман як чизро нафаҳмидам.

– Бишин, ҳолӣ ту бисёр чизҳоро намефаҳмӣ?

– Бигӯед, ки магар бозсозӣ худсозӣ нест?

– Дуруст.

– Яъне ҳар кӣ бояд худашро аз нав созад-а?

– Бале.

– Пас чаро одамон дигар намешаванд?

– Чӣ хел? Намебинӣ, ғайри ту ҳама дигар шудааст. Муаллим раиси кооператив, коммунист муттавалии масҷид, овозхон орендатор шуду котиби райком муллои тӯморнавис. Магар ҳамаи ин дигаршавӣ нест?

– Не, ман ботинан дигар шудани одамонро дар назар дорам.

– Чӣ, ин дигаршавии ботинӣ нест оё?

– Уф-ф, хайр, бигӯед, ки дар ин давраи ошкорбаёниву демократия хушбахттарин кас кист?

– Дурӯғгӯ.

– Бадбахтарин чӣ?

– Ростгӯ.

– Аз ҳама бақадр чӣ ҳаст?

– Пул!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Беқадр чӣ?
– Одам!
– Оё китобҳои мо, нависандаҳо, ба касе лозиманд?
– Ҳа-а, ба носфурӯш.
– Танҳо ба носфурӯш?
– Ба семечкафурӯш ҳам.
– Не-е, ман гуфтанӣ, ки чаро одамон китоб намехонанд?
– Ҳм-м, хондагиҳо куҷоро гирифтанд?
– Пас ман ҳам касбамро дигар кунам?
– Чаро дигар мекардаӣ?
– Охир китоби маро касе нахонад, барои кӣ менависам?
– Барои худат. Менависӣ, ки ганорар гирӣ.
– Ман ин тавр наметавонам.
– Метавонӣ, ба шарте, ки бешарм шавӣ. Ҳа-а, то бешарм нашавӣ, нони хӯрдан намеёбӣ. Алалхусус, дар ҳамин замони бозсозии худат мегуфтагӣ.

*соли 1990*

## ДАР ҲОШИЯИ «МАРГИ СУДХӮР»

* * *

Қорӣ – ишкамба арраро дар хонааш роҳ намедод, ки дандон дораду чизеро мехӯрад.

* * *

Ӯ пеш аз ба анбори себ даромадан аввал нос мекашид, ки ягон себро нахӯрад.

* * *

Эшони Қорӣ нисфи сарам мӯ дорад гуфта, ҳаққи сартарошро пурра надод. Баъдтар ба ҳамон мӯи будагӣ ҳам нафрат хонд.

* * *

Ӯ ҷуссаи бузурги худро низ бад медид, ки барои челак дӯздондан матои зиёд сарф мешуд, вале аз нафси бад ҷои гурез надошт, то хароботар гардад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Рӯзе ба ҳавлӣ даромада занашро дар тараддуди партофтани хокистари оташдон мебинад. «Исто канӣ» гуфта, ҳароратсанҷро ба хокистари табақ мехалонад. Чун мебинад, ки ҳанӯз гармӣ дорад, – «қафо гардон, ҳоло истифода бурдан мумкин» – гуфта, ғавғо мебардорад.

* * *

То дами вопасин афсӯс мехӯрд, ки молу матои дар ҷанозааш ҷамъшуда ба мардум мемонад ва ҳамин ҳасратро ба гӯр бурд.

* * *

Эшони Қорӣ носро дар варақ туф мекард ва чун хушк мегардид, аз дигар мекашид. Ҳамин тавр, як кашиданӣ носро чанд бор мекашид.

* * *

Дасти Қорӣ-ишкамба дар вақти пул додан ҳам меларзиду дар вақти пул гирифтан ҳам.

* * *

Боре аз як шарикаш, ки дар хасисӣ аз ӯ монандӣ надошт, мепурсад:

– Ману ту дер боз рафиқем. Рост гӯй, ки дар ҷанозаи ман чӣ меорӣ?

– Хайр, ана, – бо ҳайрат мегӯяд дӯсташ, – ду газ карбос, чӣ буд?

– Ҳамон ду газ карбосро ҳозир биёр, дар ҷанозаам наоӣ ҳам, мешавад, – бо илтиҷо мегӯяд Қорӣ.

* * *

Як калимаро иваз карда, доимо ин байтро зери лаб ғурғур карда мегашт:

*Дар рафтани* ***пул*** *аз бадан гӯянд ҳар навъе сухан,*
*Ман худ ба чашми хештан дидам, ки ҷонам меравад.*

Ва ҳамин тавр ҳам шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ӯро зарур уфтод, ки нисбати хонадор гаштани писараш маъракачае ташкил кунд ва баъзе аз шиносону ҳамсояҳоро даъват кунад. Одамонро ин тавр таклиф кард: – Ба хаёлам, бегоҳ маърака дорам, ё… надорам.

* * *

– Домулло, оши палав ба шумо зарар дорад, – ҳангоме ки ошро оварданд, гуфтанд ба Қорӣ-ишкамба, – Баданатонро хориш мегирад.

– Мехӯраму баъд ме-е-хо-о-рам, – бепарво ҷавоб гардондаст Қорӣ ва пеш аз ҳама даст ба табақ бурдааст.

* * *

– Рафтем, – эшони Қориро таклиф кард дӯсташ, – дар чойхонаи нав ягон пиёла чой гиифта, каме чақ-чақ кунем. Чойхонаи хуб: кушоду барҳаво. Ҷояш ҳам бад не, соя, аз ду тараф дарёча мегузарад, салқину дилкаш, кас аз ин хел манзара ҳаловат мебарад. Аз чор тараф бедонаҳо…

– Исто, ки, – гапи ӯро буридаст Қорӣ, – пули чойро кӣ медиҳад?

*соли 1990*

## ПОРАҲО АЗ «ТАДҚИҚОТИ ИЛМӢ»

* * *

Абдураҳмони Мушфиқӣ духтар дошт. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ӯ зан ҳам дошта, соҳиби хонаву дар инз будааст.

* * *

Миёни Мушфиқии шоир ва Мушфиқие, ки Т. Зулфиқоров дар борааш навиштааст, фарқи калоне аст. Мушфиқии мо мегуфтагӣ шоир, мутафаккир, мутакаббир ва мутааллими бузурге буд, ки тахайюлоти бадеии бою ғанӣ ва равонбахшу ҷонфизо дошт. Т. Зулфиқоров бошад, дар бораи Мушфиқӣ асари насрӣ навиштааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

«Мухаммаси зери теғ»-и Абдураҳмони Мушфиқӣ, ки онро «Муҳаммаси саду як банд» низ мегӯянд, дар шакли мухаммас навишта шудааст. Онро шоир дар зери теғ (маълум нест, ки чаро зери боғ нею маҳз зери теғ) эҷод кардааст, ки аз як саду як банд иборат аст.

* * *

Шеъри «Тақсими мерос»-и Абдураҳмони Мушфиқӣ ҳаҷвист. Яъне дар он танқид мушоҳида шуда, барои ханда офарида шудааст. Байти авали он шеъри ҳаҷвиву танқидиву мазамматии пурмазмуни лирикӣ

*Ҳамшира, харҷи мотами бобо аз они ту,*
*Сабр аз ман масорифи қурро аз они ту*

аслан ғалат аст. Дар натиҷаи тадқиқоту таҳқиқоту таҳлилоти пайвастаи чандинсолаи каминаи камтарин маълум гардид, ки ба ҷои калимаи **ҳамшира,** ки калимаи аввалини байти мазкур ба шумор меравад, бояд **ҳамшир** бошад. Зеро, агар **ҳамшира** ҷинси занро далолат кунад, **ҳамшир** тавассути афтидани суффикси арабие, ки аслан дар охир меояд ва ҷинсиятро муайян месозад, ифодагари ҷинси мард мебошад.

Аз ин рӯ, «харҷи мотами бобо» ва «масорифи қурро» ба зиммаи зан барин ҷинси латифу заиф вазнинӣ карда, вазифаи мард аст.

* * *

Таъкид бояд кард, варианти дигари дурусти ин байтро низ кашф кардаам, ки ин кашфиёт асосан ба таносуби калом вобаста аст. Масалан, калимаҳои **ҳамшира** ва **бобо.** Чуноне гуфтем, **ҳамшира** ин зан аст. Мумкин хонандагоне бошанд, ки бо ҷинси мард мутааллиқ будани **боборо** донанд. Аз ин ҷиҳат

*Ҳамшира, харҷи мотами момо азони ту*

гуфтан беҳтар мебуд. Яъне **ҳамшир,** ки гуфтем, **бобо** ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**ҳамшира,** ки гуфтем, **момо** бояд гӯем. Беҳуда нагуфтаанд, ки

*Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз,*
*Кабӯтар бо кабӯтар ғоз бо ғоз.*

Қоз бо қоз ҳам гӯем, мешавад, зеро ҳар ду парандаанд.

* * *

Абдураҳмони Мушфиқӣ шоирест, ки дар ҷумҳуриямон, мамлакатамон ва ҳатто дар хориҷи он бо ҳамин ном машҳуру маълуму маъруф аст. Ин шоири оламшумул на аз он шоиронест, ки тез-тез ном, номи падар, тахаллус ва имзои шоиронаашро иваз карда шумо, хонандагон ва мо, олимони пуркору қамвақтро ба ташвиш оварад, ки дар кашфи номи аслии онҳо заҳмат кашем. Чуноне то алҳол маълум нагардидааст, ки Саъдии Шерозӣ гӯем дуруст аст, ё Ҳофизи Шерозӣ.

* * *

Ҳаминро ҳам ба хонандагони рисолаи илмиям таъкид карданиям, ки Мушфиқии мо аз он Мушфиқие, ки дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» зуд-зуд манзур мешавад, фарқ дорад. Мушфиқии мо мегуфтагӣ шоир асту Мушфиқии рӯзнома сарлавҳа ё рубрикаи ҳаҷвӣ.

Дигархелтар карда гӯем, Мушфиқии мо соҳиби девони ашъор асту ин Мушфиқӣ соҳиби як саҳифаи хурд, он ҳам бошад, саҳифаи охирини рӯзнома.

*соли 1990*

## ТАСҲЕҲ

Пас аз мутолиаи рӯзнома хун ба сари Икром Носир зад. Мебоист аз чоп шудани ҳикояаш (ҳикоя бо расм ва сарсухан, хеле зебо чоп шуда буд) шод мегашт, ва ба ходимони рӯзнома миннатдорӣ изҳор мекард. Вале баръакс, ӯ сахт асабӣ шуд. Охир ходимони бепарвофалак ба хатои, ба қавли худаш, ниҳоят ҷиддӣ роҳ дода буданд. Ин буд, ки бо қаҳр аз ҷо бархосту рост назди сармуҳаррир рафт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ба дил нагиред, муаллим, – ӯро тассалӣ дод сармуҳаррири рӯзнома, ки дар синну сол хеле ҷавон меанмуд. – Як ҳарф-ним ҳарф аз чашми ҳама мегузарад. Он қадар хатои ҷиддӣ набудааст-ку?!

– Чӣ хел хатои ҷиддӣ набудааст? – ҳанӯз аз аспи ғазаб намефуромад муаллифи ҳикоя. – Ман нависандаи беистеъдод будаам? О, хонанда чӣ мегӯяд?

– Муаллими азиз! Ин қадар чуқур қабул накунед. Хонанда кайҳо бо шумо шинос. Мана, худи ҳамин ҳикоя, – ҳикояи дар рӯзнома чоп шударо нишон дод сармуҳаррир, – далел мешавад, ки шуморо баҳо диҳанд. Муҳимаш ягон ҷумла ё бигирем, ягон калимаи ҳикоя ғалат нашудааст-ку?

– Э, кошки дар ҳикоя ғалат мешуд. Наход як сарсуханчаи худатон навиштаро дуруст, бехато чоп карда натавонед? Ина бинед: «Нависандаи беистеъдод Икром Носир дер боз ба ҳикоянависӣ машғул аст.» Боз шумо хатои саҳл мешуморед. Охир…

– Фаҳмидам, фаҳмидам, муаллим, – қисман шикояти муаллифро қабул кард сармуҳаррир. – Лекин ба гузашта салавот.

– Чӣ тавр салавот? Ин хел намешавад.

– Хайр, ба фикри шумо чӣ кор кунем? Навбатдорро ҷазо диҳем, аз мукофот маҳрумаш созем, мешавад? Бе ҳамин ҳам бечора базӯр…

– Тасҳеҳ чоп кунед! – сухани сармуҳаррирро бурид нависанда. – Тасҳеҳ! Дар ҳамин шумора чоп кунед.

– Тасҳеҳ? – каме ба фикр рафт сармуҳаррир. – Майлаш. Ин он қадар мушкил не. Чоп мекунем. Шумо, муаллим, ба дил нагиред. Ором шавед. Дар худи ҳамин шумора тасҳеҳ чоп мешавад. – Икром Носирро хеле ором намуда, гусел кард сармуҳаррир.

Дар ҳақиқат дар шумораи оянда тасҳеҳ чоп шуд. Ин тавр:

«Дар шумораи гузашта, саҳ. 2, дар сатри дуюм аз боло «нависандаи беистеъдод Икром Носир» «нависандаи боистеъдод» хонда шавад.

*соли 1993*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ДУ ҲАМСОЯ

– Ҳа, муаллим, имрӯз ин қадар хурсанд метобӣ?!

– Э, ҳамсоя! Чаро хурсанд нашавам? Охир як коре шуд, ки…

– Чӣ шуд? Соати дарсиятро зиёд карданд?

– Э, не-е. Бало ба сари ҳамон дарс. Бе ин ҳам аз вақ-вақи бачаҳо кайҳо безор шудаам.

– Хайр, чӣ? Ягон вазифаи баландтар додандат?

– Гуфтам-ку, мактаб кайҳо ба дилам задаст. На худаш даркору на вазифааш.

– Набошад, чӣ ин қадар хурсандӣ?

– Э-э, як коре кардам, ки аз дина ин ҷониб бачаҳо аз хурсандӣ чои нишаст намеёбанд. Шодии янгаатро-ку, на-пурс!

– Чӣ хел кор? Ягон «Жигули»-ча ку нагирифтӣ?

– Э не, додар. Мо куҷову «Жигули» куҷо? «Жигули» на-сиби шумо, магазинчиҳо шавад. Ҳа-а, ман то ҳол навбат ҳам наистодаам.

– Мабодо-ку, ягон заёмат набуридааст-а?

– Заём ҳам надорам. Умуман, ин хел чизҳо ба ёди ман намеоянд, ҳамсоя.

– Хайр, чӣ шуд, ки ин қадар хурсандӣ? Телевизиори ранга гирифтӣ?

– О, ман ҳолӣ телевизори оддияшро надораму рангаро аз куҷо мегирам?

– Худо медонад, ягон гарнитури хориҷӣ харидӣ-а? Охир рӯзҳои охир ҳеҷ гоҳ туро то ин андоза хурсанд надида бу-дам.

– Гарнитур? Гарнитураш чӣ, ҳамсоя?

– Чӣ хел, гарнитурро намедонӣ? Ҳо, ҳамоне, ки шкафи зебову дивани нармакаку курсиҳои борбапушт дорад-ку?!

– Э, не-е. Диван, курсӣ, кӯрпаву кӯрпачаи мо ҳамааш ҳамон намадамон, ҳамсоя.

– Хайр, сабаби хурсандиятро гӯй, муаллим. Мо ҳам ша-рик шавем, охир.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Як кори бисёр бузург кардам, додар. Худо дод-да! Набошад…..

– Чӣ хел кори бузург?

– Аз як ҷо равған ёфтам. Кам не, ғам не, ду кило, ҳамсоя.

– Равған? Чӣ хел равған? Зағир ё дунба?

– Не-е, додар-е. Равғани пахта.

– Равғани пахта? Э, бечора-е!

*соли 1990*

## РЭКЭТЁР

Нсфи шаб занги дар садо дод. Бедор шудам. «Дар ин бевақтӣ кӣ бошад, – аз ростӣ хавотир шудам ман, – тинҷӣ бошад ё ягон хабари нохуш овардаанд? Охир нисфишабӣ бо ягон кори таъҷилӣ дари касро мекӯбанд-ку?! Чӣ воқеа шуда бошад? Мабодо падарам касал шудаанд ё бародарам бо мошин… ё ин ки аз хешу таборон касе…» Дар як дам ҳазор фикру хаёл аз сарам гузашт.

Росташро гӯям, бе ин ҳам вақтҳои охир ором намехобам. Метарсам. Шаҳр пури авбошону бадмастон шудаасту ҳар замон мумкин аст, дарро кӯбанд ё зада шикананд ё… назорат суст, қариб ки милиса ба касе кор надорад. Ё метарсад, ё…

Бахт аз таваккал гуфта, дарро кушодам. Кушодаму қариб аз гап монда будам. Рӯ ба рӯм ҷавони ҳузарбу чорпаҳлӯе меистод, ки аз афту андом – мӯи сари дарозу зиреҳи гарданаш талхакаф шудан мумкин буд. Базӯр худро ба даст гирифтаму ба даромадан таклифаш кардам. Даромад.

– Меган, ҳамин, амаки ту калони мактабҳоай, ростай?

– Ҳа-а, чӣ буд? – тарсону ларзон ҷавоб додам ман.

– Намегӯйиш, ки иншои мара соз бикуна?

– Чӣ хел соз кунад, нафаҳмидам.

– Говӣ, ки намефаҳмӣ? Институт дохил мешудум, аз иншо ду гирифтум. Бигӯ, ҳаму дуро чор бикуна, ки ма бугзарум.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз чунин сиёсату таҳдид чанд муддат нафасам гиреҳ зад. «Ана, гап дар куҷо будааст. Чӣ хел ман назди амакам мерафтааму ба ӯ мегуфтаам, ки дуро чор кунад. Ва ӯ чӣ хел, ба кӣ мегуфтааст? Он муаллими гуфтагиш ин қадар ведемосту варақаи имтиҳон ва билохир худи иншоро чӣ хел ислоҳ мекардааст? Хайр, ана гуфтем, ки баҳоро дигар мекунад, лекин иншоро аз нав навиштан даркор-ку? Кӣ менависад?» Сарам чун хонаи занбӯр ба ғуввос даромад. Чашмонам шаб заданд. Ба ҳоле худро ба даст гирифтаму фикр кардам, ки ба ин авбош чӣ хел ҷавоб диҳам то наранҷад. Худо аз ранҷиши ин рэкэтёр нигоҳ дорад. Хуб гӯям, нашавад. Не гӯям, аз ин бадтар. Чӣ кор кунам?

Ниҳоят ҳилае ёфтам.

– Бародар, – гуфтам бо нармӣ, – худат як фикр кун, чӣ хел дуро чор мекунӣ? Хайр, як мегирифтӣ, гапи дигар буд. Ҳамту, қаламро аз бараш медавондӣ, чор мешуд. Дуро чӣ? Чӣ хел чор мекунӣ?

Меҳмони нохонда каме фикр кард, чанде ба ман бо тааҷҷуб нигаристу гуфт:

– Ҳа, в общем да, рост мегӯй, братан. Як мегирифтум чор кардануш осон буд. Хай, ҳиҷ гап не, буд здоров!

«Хайрият, – нафаси озод кашидам ман. – Хайрият, ки бо ин ҷуссаву ин тану тӯш каллааш нағз кор намекардааст, вагарна гӯрамро дар ҷоям меканд, рэкэтёр.

*соли 1990*

## ПОЙАНДОЗ

Ҳа, ба тӯйи ҷинян дасти холӣ омад тағо. Ният карда буд, ки шабро дар тӯйхона мегузаронаду пагоҳӣ аз бозори худи шаҳр ягон чорво харида тӯёна мебарад.

…Дари тӯйхона аз одам пур буд. Ҷияни серкор гоҳ ин тараф мерафту гоҳ он тараф, гоҳ инро пешвоз мегирифту гоҳ онро… Вале тағоро пешвоз нагирифт, ӯро дасти холӣ дида, ҳатто салом надод. Рӯ тофту даруни ҳавлӣ даромад…



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Тағо шабро дар тӯйхона ба ҳоле рӯз карду субҳи барвақт молбозор рафт.

...Дари тӯйхона боз аз одам пур. Ҷияни серкор гоҳ ин тараф мерафту гоҳ он тараф, гоҳ инро пешвоз мегирифту гоҳ онро... Нохост чашмаш ба тағояш афтод, ки гӯсфанди фарбеҳеро кашола карда меояд.

– Ҳо-о, занак! Пойандоз биёр, пойандоз! Тағом омад. Зудтар пеши пошон пойандоз парто!

Пойандозро оварданд.

– Не, ҷиян, – оромона гуфт тағо. – Пеши пои ман пойандоз мепартофтӣ, дина мепартофтӣ. Ҳа. Пойандозро пеши пои гӯсфанд парто, ҷияни тағош.

*соли 1990*

## АНА ХӮҶА-И-ИН!

Эҳ, озодӣ, озодӣ! Ҳама ба як овоз «озодӣ, демократия» гуфта, ҷор мезананду ҳеҷ не, ки рӯи онро бинам. Болои сарам пури хӯҷаин.

Амакам хӯҷаин. Бародарам хӯҷаин. Падарм-ку, ҳар як қадамамро назорат мекунад. Шаб каме дер биёям, ё напурсида ба ҷое равам, се-чор рӯзи дигар борони таънаву маломатро ба сарам мерезад. Ё ин ки ба ягон муносибат панҷоҳ гиром гирам, тамом. Худо зад... Охир ман ҳам одамам, мардак шудаам, зану бача дорам, хонаву дар дорам. Хайр, панҷоҳта гирифтам, осмон омада ба замин начаспид-ку? Ё тавба! Гӯё кӯдаки боғчааму тамоман ақл надорам, ки ин қадар хавотиранд аз ман.

Дар ҷои кор ҳам ҳамин аҳвол. Худо накунад, ки даҳ дақиқа дер монам. Ҷонишини мудир алоҳида дуғ мезанаду мудир алоҳида. Рафту сабаб фаҳмонам, якбора алов мегиранд. Ана, баъд рапортнависиву шикоятнависиву ким-чӣ корҳои дигар. Рапорт, ки навиштанд, он тарафаш маълум. Директор бо ду ҷонишинаш чунон мекунанд, ки.... Ё ин ки мабодо плонамро наваду нӯҳ фоиз иҷро кунам. Ҷонамро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар нӯги биниам меоранд. Ҳатто раиси Иттифоқи касаба ҳам сиёсат мекунад-е?!

Ҳамаи ин як тараф, худо аз ғазаби занак нигаҳ дорад. Хӯҷаини асосӣ. Беҳудаву баҳуда ҳуҷум мекунад. Масалан, агар ягон бегоҳ дасти холӣ хона равам, «ҳа, боз ду даст дар почаки бинӣ омадӣ» гуфта, якбора асабӣ мешавад. О, мағозаҳо холӣ бошанд, гуноҳи ман чӣ?! Гоҳо дарзаи сӯмро пешаш партофта, «бовар накунӣ, худат рафта харид кун» мегӯям. Пулҳоро ба сарам шапида, чунон сиёсат мекунад, чунон мағал мебардорад, ки…

Бо вуҷуди ин худамро озод ҳис мекардам, яъне ба озодӣ тан медодам, агар…

…агар хушдоман болои сарам хӯҷаин намешуд. Ана хӯҷа-ин-ин!

*соли 1990*

## ДАР СЕССИЯ

– Аввал депутат Салимовро сухан диҳем ё моддаи 99-умро ба овоз монем?

– Аввал моддаро қабул кунем!

– Аввал рафиқ Салимовро навбат диҳем, вай бечора ду рӯз боз сухан мепурсад.

– Аввал як фаҳмем, ки он кас чӣ гуфтаниянд. Боз бо гапҳои бекора вақти моро нагиранд?!

– Аввал регламентро муайян кунем, хуб мешавад.

– Аввал регламентро муайян кардан лозим, рост гуфтед. Панҷ дақиқа бас аст? Зиёд? Набошад се дақиқа. Ҳоло навбат…

– Аввал танаффус эълон шавад, гурусна мондем.

– Аввал ба танаффус бароем? Хуб! Касе тарафдори ба танаффус баромадан аст, хоҳишмандам, овоз диҳед. Таклиф қабул шуд.

### Баъди танаффус

– Аввал моддаи 99-умро қабул мекунем!

– Аввал рафиқ Салимовро сухан намедиҳед?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Аввал моддаро қабул кунем, баъд…
– Аввал русияшро хонам, майлаш?
– Аввал тоҷикияшро хонед, ин ҷо Тоҷикистон аст-ку?!
– Аввал ӯзбекияш хонда шавад. Тоҷикистон бошад ҳам…
– Аввал ӯзбекияшро хонам? Ин тавр бошад, ба овоз мемонем. Таклиф қабул шуд.
– Аввал…
– Авва….
– Ав…
– Ав-ав…
– Ав-ав-ав-ав-ав…

*соли 1991*

## ДАР БОЗОРИ САМАРҚАНД

– Амак, Самарқандро дар ҳудуди Ӯзбекистон дидан мехоҳед ё Тоҷикистон? – аз савдогаре мепурсад хабарнигор.
– Ба ман фарқ надорад, – ҷавоб медиҳад савдогар. – Харидор ёбаму ғӯлингамро фурӯшам, шуд.

## МУБОРАК БОШАД!

Мардеро кулоҳ харидан лозим омад ва чун дар мағозаҳо кулоҳе дилкаш ва қолиби сараш наёфт, вориди анбор шуд.
– Ассаломуалайкум! – ба мудири анбор салом дод ӯ.
Мудири такаббур ба саломаш алейк ҳам нагирифт.
– Шунидем, хушдоманатон гузаштааст, таъзияи маро қабул кунед!
Аз ин гап якбора қавоқҳои мудир овезон гашт.
– Хушдоманат мурдаст, муборак бошад, домулло! – аз нав ба мудир часпид ӯ.
– Ана, ин гапи дигар, – гӯён аз ҷо хест ва он мардро дар анбор соҳибихтиёр кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДУОРО ҚАБУЛ НАМЕКУНАНД

– Бачам, сӯм мегирӣ ё дуо? – баъде ки ба манзил мерасад, мепурсад мӯйсафед аз ронандаи такси.

– Бобо, – ҷавоб медиҳад ронанда, – дар идораи мо дуоро қабул намекунанд.

## ҲОЗИРҶАВОБИИ МУШФИҚӢ

Аз Мушфиқӣ пурсиданд:

– Тақсир, дунёра хӯрдан беҳтар аст ё гаштан?

– Дунёра хӯрда гаштан беҳтар аст, – ҳозирҷавобӣ кардаст ӯ.

## ШИНОСОӢ ДАР ШИФОХОНА

– Азим Азимович, шинос шавед, ин кас шоир Қутбӣ Киром!

– Ҳа-а, медонам, – нӯги дасташро ба шоир дароз кард ӯ. – Шеърҳояшон ба ман маъқуланд. Лоиқ Шералиро ҳам медонам, шеърҳои хуб мегӯянд. Лекин, росташро гӯям, аз ҳар дуи ин дида шеърҳои Одина Ҳошим хубтаранд!

## АЗ БАРНОМАИ «РАҲНАМОИ ТАМОШОБИН»

– Бинандагони муҳтарам! Телевзиони тоҷик ҳафтаи оянда, 12-уми феврал соати 22 барномаи «Гуфтугӯи мустақими телевзионӣ»-ро ба нақша гирифтааст. Дар он ҷонишини раиси Шӯрои вазирони ҷумҳурӣ ширкат варзида, ба саволҳои шумо посух хоҳад дод.

Ҳоло порчаеро аз ин барнома тамошо кунед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ГУФТУГӮ ҲИНИ ЗАМИНҶУНБӢ

– Хез, зуд бароем! Замин ҷунбид!

– Ҷунбидан гирад! Бо ҳамин нарху наво мурам ҳам, парво надорам.

## АЗ СУҲБАТИ ДУ БАРОДАР

– Чӣ ин қадар ғам мехӯрӣ? Якбора чӯби қоқ гаштӣ охир!

– Э, бародар-е! О, дар ин замон ғам нахӯрӣ, чӣ мехӯрӣ?

## ДЕҲҚОН ВА РАИС

Бо гардиши фалак раис меҳмони деҳқон шуд. Гумон кард, ки деҳқон хеле камбағал асту ӯро табъи дил меҳмондорӣ карда наметавонад. Вале, ғайри чашмдошти раис, деҳқон зиёфате орост осмонкаф.

– Нағз-ку?! – бо таҳайюр ба дастурхон нигарист раис. – Ҳамаи ин аз куҷо?

Деҳқон, ки мунтазири чунин суол набуд, худро аз даст надода, посух дод:

– Вазифаро шумо тақсим мекунед, тақсир, ризқа дигар кас тақсим мекунад

## ДАР ДУШАНБЕ

– Ҳаким Салимовичро мешиносед?

– Ҳа! Чӣ хел нашиносам? Мо ҳар ду аз як деҳа. Аз хурдӣ як ҷо, гуфтан мумкин, дар таҳи як кӯрпа калон шудаем. Ҳамсинф, ҳамхизмат, ҳатто дар донишгоҳ дар як факултету як гурӯҳ таҳсил кардаем. Ҳоло ҳамкорем. Дар як идора, дар як кабинет мешинему як қулт обро бе ҳам наменӯшем. Ҳар ду бародарем, бародари ҷонӣ…

– Истед, ки хонаашон дар куҷост?

– Бубахшед, лекин хонаашонро надидаам.

*соли 1991*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## РЕЗАҲО

Бисёриҳо ғайри ном тахалус ва ё чуноне мегӯянд, лақаб доранд. Ҳар кадом бо сабабе лақаб гирифтаанд. Ман ҳам дорам. Лақабам – Чумча.

Дар маъракае ба суҳбат ҳамроҳ шудаму ба чои **қошуқ чумча** гуфтам. Ҳама хандиданд ва ба ман «Чумча» лақаб ниҳоданд.

* * *

Дар фурудгоҳ ду точик бо русӣ суҳбат доштанд. Қаҳрам омаду гуфтам:

– Точик шуда, точикӣ гап занед, намешавад?

Онҳо суҳбаташонро бо точикӣ давом доданд.

– Агар раваду нелётная погода шуда монад, гостинсаба рафтанамон даркор. Чиба гуфта савол афтидагӣ вақтанда чорта отдых кунем будааст лозим…

Ачаб забони «ширин»-е!

* * *

Сохтанд. Дастгоҳро сохтанд. Биноро сохтанд. Автомашинаро ҳам сохтанд. Тиру тӯпу танк, самолёту вертолётро ҳам сохтанд…

Муҳаббатро низ сохтанд.

* * *

Даҳ бор бо мошинаам бурдам ӯро. Чизе нагуфт. Як бор набурдамаш.

Гуфт:

– Мошинат сарата хӯрад, ноодам.

* * *

– … Хӯш, амакам чӣ хел?

– Касал шуданду ба касалхона афтоданд.

– Не может быт!

– Се моҳ хобиданд.

– Не может быт!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

– Фоида накард.

– Не может быт!

– Хона оварданд ӯро. Се рӯзи дигар дар хона беморӣ кашиданд.

– Не может быт!

– Нашуд.

– Не может быт!

– Оқибат ҷон доданд.

– Не может быт!

– Гӯронданд ӯро.

– Не может быт!

– Се сол гузашт аз фавташ.

– Не может быт!.. Худо гирад вазифадории маро...

* * *

Аз сангпушт пурсиданд, ки то фалон ҷо дар чанд вақт мерасӣ?

Гуфт:

– Ин ба ман вобаста не. Агар маро тела диҳанд, дар як дам.

* * *

Бо директорашон, ки зани хушзеҳну зирак буд, шоҳмотбозӣ кард. Бозиро бохт.

Ҳамкоронаш айб гирифтанд:

– Наход занак барад туро?

– Маро занак не, директор бурд! – бо ифтихор ҷавоб дод ӯ.

* * *

– Бобо, коммунизм мешавад?

– Заб саволе медиҳӣ, бачам. Коммунизм гузашт. Ҳамон замони рукуде, ки шумо мегӯед, барои ман коммунизм буд.

* * *

– Мома, ягон номи хушрӯ наёфтед, ки писаратонро ин қадар номи безеб мондед? Хаскаш, а? Ҳамин ҳам ном шуд?

– Ай, бачам, ин хел нагӯй. Бачаи ман Хаскаш не Хоркаш ном дорад, Хоркаш!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

– Мамлакат дар касодист.
– Чӣ хел?
– Дар ягон ҷо на хӯрока ҳасту на пӯшока.
– Кӣ гуфт? Хонаи раис рав!

* * *

Панҷоҳ сол аспирант буд. На ҳимоя карду на кашфиёт. Ниҳоят набераҳояшро Альфа, Бета ва Гамма ном ниҳод, то бигӯянд, ки ӯ физики машҳурест.

* * *

– Росташро гӯям, дар панҷ-шаш соли охир чунин зиёфатро бори аввал мебинам. Ана, инро тӯй мегӯянд. Ҳама чиз фаровон: хӯрду хӯрок, меваву сабзавот, шаробу кабоб… Чунон фаровонӣ, ки…

…замони рукуд ворӣ.

* * *

Директорамонро аз кор гирифтанд. Ҳамон рӯз дар саҳни мактаб муаллим Ҷалолзодаро дидам.

– Муаллим, – таҳи дили ӯро фаҳмиданӣ шудам ман. – Каримовро аз кор гирифтанд, акнун ҳоли мактаб чӣ мешавад? Ба ҳар ҳол одами хуб буд, а?

– Э, аз даҳонат шамол барад, додар, – якбора аз раҳгардӣ бозистод Ҷалолзода. – Куҷои вай одами хуб буд? Бисту панҷ сол хуни моро хӯрду ту ӯро одами хуб мегӯӣ? Дар ӯ на савод буду на маърифат. Ана, акнун каме осуда нафас мегирем. Мактаб ҳам обод мешавад…

Ду рӯз пас Каримовро мудири шуъбаи маориф таъин карданд. Боз дар саҳни мактаб Ҷалолзодаро дидам.

– Муаллим, ҳамон золими гуфтагиатонро мудири маориф таъин кардан-ку?!

– Э, аз даҳонат шамол барад, додар. Каримов золим не, бисёр одами хуб. Ку ун барин бамаърифату босавод дигар? Муносиб, хеле мудири муносиб ёфтанд, додар. Тило, ҷони одам Каримов…



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Сактаи дил шуд. Духтурон як навъ карда ӯро муолиҷа карданду пеш аз хона рухсат додан гуфтанд.

– Акнун бемор, он тарафаш дар дасти худатон. Дониста гиред, ки бақувваттарин дил ба се сакта тоб меорад. Хушбахтона, дили шумо бақувват будаасту як бори дигар ҳам шифо меёбед. Аммо фирефтаи ин нашаведу худатонро нағз нигоҳубин кунед. Ҳар саҳар болои маска асал молида хӯред, мавизи сиёҳ ва чормағзро-ку, ҳатто дар кисаатон гирифта гардед. Ҳар рӯз якто мурғи калону фарбеҳро шӯрбо карда худатон танҳо хӯред, намакашро касе чашад, фоида намекунад. Арақ нанӯшед, папирос накашед. Ба ҷои он анору ангур, анҷиру нок, туту писта,.. Хулоса, фақат чизҳои калорияашон баланд истеъмол кунед. Фаҳмидед?

– Ҳа-а… – гуфту дар ҷояш афтод бемор. Ин дафъа нафас намекашид. Ба сактаи сеюм нарасид…

… Ӯ ҳамаи ин хӯрданиҳоро бо нархи озод ҳисоб карда буд.

* * *

Нуҳ адиби ҷавонро ба узвияти Иттифоқи нависандагон қабул карданд, ки дар байни онҳо се нафар ҳаҷвнигор буд. Адиби куҳансоле аз чунин ранг гирифтани қабул ҳайрон шуда гуфт:

– Вақтҳое ки моро ба узвият қабул мекарданд, ҳаҷвнигор бисёр кам буд. Дар даҳ-понздаҳ сол як ҳаҷвгӯ аъзо мешуду халос.

Мушфиқӣ, ки он ҷо ҳозир буд, чунин посух дод:

– Дурусттар фикр кунед, домулло, қариб ҳамаи адибони онвақта ҳаҷвнавис буданд, вале худашон дарак надоштанд, вагарна дар кушоиши китобҳояшон «асарҳои ҳаҷвӣ» менавиштанд. Оё ҳамин шеъри ҳаҷвӣ нест? – пораеро аз ёд хонд ӯ.

– Ин замин тоҷикро хӯрондааст.

Ин замин тоҷикро гӯрондааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

– Азизам! Дар ёди ту ҳар шаб то субҳ бедорам. Корам ситорашуморӣ. Он қадар ситора шумурдаам, ки…

– Ба ман ситорашинос лозим не! Ман ба бизнесмен ба шавҳар мебароям!

* * *

Ё тавба! Маймунҳо одам шуданду мудири мо не.

* * *

– Аҷаб нархҳое! Чаро аз бензин дида солряркаро қимат карданд?

– Барои он, ки савдогарон ба бензин солярка нарезанд.

– Эҳ! Акнун чӣ кор мекунанд!

– Ба солярка бензин мерезанд!

* * *

– Ҳамине, ки нав вазираш карданд, депутат буд?

– Бале, набошад чӣ?

– О, ин муши мурда дар ягон сессия гап намезад-ку?!

– Хуб сода будаӣ?! Гап, ки мезад, вазираш мекарданд?!

* * *

Аҷаб дунёе! Эзори занакӣ пӯшида Артисти Шоистаи Ҷумҳурӣ шуданд.

* * *

– Чаро маймунҳо одам намешаванд?

– Аз нарху наво метарсанд.

* * *

– Хона рафта омадед, модаратон чӣ тур?

– Шукр, нағз! Бечора кампир, маро дида аз шодӣ ҳамту карданду дилашон рафт.

– Эҳ, дилравон шуданд кампир?

* * *

Гӯштро бисёр ноҷо қимат карданд. Бе гӯшт одам ақлашро гум мекунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Нафаҳмидам гапатро.

– Чӣ хел нафаҳмидӣ? Оне, ки гӯш намехӯрад, беақл мешаваду оне, ки мехӯрад, боақл.

– Ҳм-м! Ба беақл шудани онҳое, ки гӯшт намехӯранд, шубҳа надорам, лекин агар аз гӯштхӯрӣ боақл мешуданд, баъзе депутатҳо мешуданд.

* * *

– Ҷаноза хабар карданд, Ширинбой бандагӣ кардааст. Намеравем?

– Ҳолӣ шумо равен, ман баъд ҳафтумушда мерам.

* * *

– Ҳафтуми Ширинбой аст имрӯз. Намеравем?

– Мерафтуму… ман аллакай обед кардам.

* * *

Сармуҳаррири радио:

– Ҳикояатро шунавондем, шунидӣ?!

Муаллиф:

– Ман шунида чӣ кор мекунам? Ҳисобдоратон шунида бошад, шуд!

* * *

Мухбир (дар фурудгоҳ):

– Ҷаноби Ли! Шумо бори аввал ба Тоҷикистон қадам ранҷа менамоед. Таассуротатонро дар бораи ин ҷо мегуфтед?!

* * *

Мухбир (ба гурезае, ки аз он тарафи дарё омадаасту дар об тар аст ва аз хунукӣ дарқ-дарақ меларзад):

– Шумо навакак аз он тарафи дарё омадед. Мегуфтед, ки кайфиятатон чӣ тур аст?!

* * *

Ҷӯгӣ:

– Бачам, худо баракатат диҳад, панҷ сӯмакак деҳ. Дар ҳақат дуои нек мекунум.

Мусофир:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Хола, бахудо, майда надорум. Як панҷоҳазора дорум, халос.

Ҷӯгӣ:

– Ҳеҷ гап не, бачам. Бидеҳ, майдаш мекунум.

* * *

– Танга-ку тамоман гум шудааст, Чӣ хел об менӯшанд аз автомат?

– Бо автомат!

* * *

– Ҳамсоя, як телефон кунам, майлаш?

– Бахудо, телефонам кор намекунад.

Нохост занги телефон садо медиҳад.

* * *

Шахси 1 (мантуи ошхонаро ду бӯлак карда):

– Ана, мешуда будаст-ку?!

Шахси 2 (ҳайрон шуда):

– Ҳа?! Чӣ мешуда будаст?

Шахси 1:

– Ман чандин бор ба янгаат гуфтам, ки манту паз, мегӯяд, ки гӯшт биёр, бе гӯшт намешавад. Ана, дидӣ, мешуда будаст-ку?!

* * *

– Ҳа, чӣ шуд? Сару либосат даридагӣ, даҳону бинит хунолуд, сарат кафида, мелангӣ?! Бо ягон кас каштал ба каштал шудӣ-чӣ?!

– Ҳа, ҷанг кардам.

– Чаро? Аз чӣ сабаб ҷанг кардӣ?

– Эҳ, бародар! Ин чил сабаб дорад. Сababи якумаш ин, ки маст будам.

– Шуд, шуд! Сиву нӯҳ сабаби дигар лозим не!

* * *

– Не, ин намешавад!

– Нафаҳмидам, ака. Охир гуфтед, котибае биёб, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳаматарафа соз бошад. Мана! Аз ин созаш мешавад? Тоҷикию русиро хуб медонад. Озод мошинка мекунад. Қобил, даступопеч. Хабаркаш не. Дугонабоз ҳам не. Таҷрибаи ҳаётӣ дорад, синну солаш ба ҷое расида…

– Не, гуфтам-ку, намешавад ин.

– Ҳеҷ шуморо нафаҳмидам, ака. Чӣ хелаш мешавад?

– Ҳафтафаҳм! Ба ман котибае лозим, ки ҷавон бошад. Ҷаво-о-он!

* * *

– Эҳ, Абдусаттор…. Ҳайф кардӣ нарафтӣ. Охир бо Хоркаш сӣ сол якҷоя кор кардед, нону намакхӯр будед, чаро нарафтӣ ба тӯяш?

– Натавонистам, кор баромад.

– Э, мон-е! Бечораи бефарзанда тӯйи аввалу охираш ҳамин буд. Нафақаро баҳона карда чунон маъракаи калоне орост, ки замину замона одам гирифт. Ҳама ниҳолҳои рӯи ҳавлиша чаппа карда, барои меҳмонон ҷой тайёр кардаст. Ин нозу неъмата бинӣ… Кори нағз накардӣ, Абдусаттор.

– Гуфтам-ку, рафта натавонистам.

– Аз тамоми гӯшаву канор меҳмонон ҳузур доштанд. Аз идораи шумо-ку, ғайри ту ҳама буд. Беҳтарин ҳофизон, машшоқон, раққосаҳо, беҳтарин адибон маъракаро обод гирифтанд. Чунон базми хуб шуд, чунон суҳбати ширин шуд, ки то рӯза давом ёфт, вале касе аз ҷо наҷунбид. Дар умри сарам бори аввал чунин маъракаи зебоеро дидам. Муҳимаш ин, ки касе маст набуд ва…

– Чӣ, арақаш кам буд, ки касе маст нашудаст?

– Кам не, умуман арақ надошт. Барои ҳамин…

– Ин хел гӯ-ӯ-й!.. Хуб, ки нарафтам.

– …

* * *

Муаллим:

– Хусусиятҳои коммунизм кадомҳоянд?

Талаба:

– Яке аз хусусияташ ҳамин аст, ки дар коммунизм фарқи байни шаҳру қишлоқ барҳам мехӯрад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Муаллим:
– Чӣ фарқ доштаст қишлоқ аз шаҳр?
Талаба:
– Фарқаш ҳамин, ки қишлоқ тайёр мекунаду шаҳр мехӯрад.

* * *

– Кай омадӣ?
– Имрӯз.
– Чӣ гапи нав?
– Фалонӣ мурдаст.
– Хайр, боз чӣ?
– Бисмадонӣ зинда аст.
– Наход? Ҳолӣ ҳам зинда аст?

* * *

Мухбир:
– Сел зарари бисёр овард?
Раис:
– Бениҳоят.
Мухбир:
– Мегӯянд, ки чандин одамро кушт, рост аст?
Раис:
– На танҳо одам, балки гову харро кушт.

* * *

Муллим:
– Фарқи «носкаш» аз «аробакаш» дар чист?
Талаба:
– Фарқ надоранд. Ҳар ду ҳам пору мекашанд.

* * *

– Занам одами хуб не. Аз ӯ хафа шудам, аҳмақ гуфт маро…
– Аз гапи рост чӣ хафа мешавӣ? Аҳмақ набошӣ, ба ман дар бораи занат нақл мекунӣ?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ҳақиқат талх аст гуфта, гапи ҳақро умуман ба забон намегирифт.

* * *

Ҳамаи шогирдони Ҳавасӣ шоира, яъне аз ҷинси латиф буданд ва китоб набароварда, бешавҳар қаҳрамонмодар шуданд.

* * *

Шунида буд, ки одам агар арақ хӯрад, бадиҳояш мебарояд. Арақхӯр шуду рафт.

* * *

Аҷаб замоне! Дуогӯ ин қадар бисёру дуоҷӯ кам.

* * *

– Ба ин шеърҳо миллатро бедор карда намешавад.

* * *

– Монед ҳамин миллати бечораро, каме хоб кунад, хаста шудааст охир.

* * *

Аҷаб одаме! Дар мағоза чизе несту ӯ аз саҳар то шом суруд мехонад-е?!

* * *

– Амак, ин чист?

– Картошка коридам, бачам, намебинӣ?

– Ё тавба! Картошка дар борхалта мешуд-ку?!

– …

* * *

Автобус дар истгоҳи «Майдони Сурх» қарор кард. Баъзеҳо фуромаданду баъзеҳо савор шуданд. Автобус аз нав ба роҳ даромад. Ронанда эълон кард:

– Истгоҳе, ки гузаштем, истгоҳи «Майдони Сурх» буд.

* * *

– Ҳамин қадаҳро барои сиҳату саломатӣ ва хушбахтии дӯсти азизи ман, бародари қиёматиям, шахсе, ки дар та-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

моми гӯшаву канори мамлакат соҳибшуҳрат аст, Ҳофизи Халқии Тоҷикистон… Исто, ки номат чӣ буд?

– Қурбон Саттор!

– Сурбон Қаттор менӯшем!

* * *

Раиси Иттиҳоди нависандагон доир ба эҷоди ҷавонон маърӯза карда дар хусуси шеърҳои шоири ҷавон Шӯҳратӣ чунин гуфт: «Шеърҳои Шӯҳратӣ шеър нею шеъргунаанд».

Рӯзи дигар тамоми матбуоти ҷумҳурӣ ин иқтибосро ҳамчун баҳои баланд нашр карданд. Ҳатто худи Шӯҳратӣ аз оинаи нилгун чунин гуфт:

– Ташаккур ба раиси муҳтарам, ки шеърҳои маро тавсиф карда, шеъргуна гуфтанд.

*соли 1991*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ЛУТФИ
# АШӮР САФАР

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҶОМА ДАРИД

Шодравон Нодир Шанбезода дар Кӯлоб меҳмон мешавад. Ӯро Саидалӣ Вализода, Саттор Шокирзода ва Ашӯр Сафар ҳамроҳӣ мекунанд. Колхоз ба колхоз зиёфат медиҳанд, устод Вализода ҳикоятҳо мекунад, ҳазл мекунад, базм мекунад, вале табъи меҳмон хира буду хира мемонад. Ҳама механдиданду ӯ не, ҳама менӯшиданду ӯ не.

Хафагии ӯро пай мебурданд, вале касе илоҷи хурсанд карданашро надошт.

Ниҳоят Ашӯр Сафар хотири меҳмонро шод мегардонад. Ҳангоме ки сари дастархони Миралӣ Маҳмадалиев менишастанд, ӯ панохӣ аз дигарон рафта, аз мағоза як ҷомаи кори калон мехарад ва онро ба устод Вализода медиҳад, ки меҳмонро пӯшонад. Вализода ҷомаро ба Шанбезода мепӯшонад. Шанбезода ҷомаи ба танаш шинамро чанде тамошо карда, мепурсад:

– Ин ҷомаро кӣ овард?

– Ашӯр, – ҷавоб медиҳад Вализода.

– Резед! – дар ҳоле ки аз чашмонаш ашки шодӣ мерехт, қадаҳро дароз мекунад Нодир Шанбезода. – Резед, ман менӯшам. Ба саломатии сари Ашӯр Сафар менӯшам. Дар Кӯлоб будаст, набудаст, ҳамин қадар одам будаст!

Аз байн чанд сол мегузарад. Ашӯр Сафар ба Душанбе омада, Нодир Шанбезодаро мебинад.

– Ҳа, муаллим, аҳволатон чӣ тур? – мепурсад аз ӯ.

– Э, ҷома дарид! – ҷавоб медиҳад Шанбезода.

## ШУМО ТАШВИШ НАКАШЕД

Ашӯр Сафар ба Душанбе омада, дар кӯча Нодир Шанбезодаро вомехӯрад.

– Ашӯр, – мегӯяд Шанбезода. – Ман як писар дорам, мухлиси ашаддии шумост. Ҳаҷвнигори дӯстоштааш шумоед. Қариб нисфи ашъори ҳаҷвиятонро аз ёд медонад ва бисёр орзу дорад, ки шуморо як бор бинад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Ин тавр ки бошад, муаллим, – мегӯяд Ашӯр Сафар, – рафтем хонатон, ки маро бубинад.

– Не, не! – зуд рад мекунад Шанбезода. – Шумо ташвиш накашед. Ман худам ягон рӯз ӯро гирифта Кӯлоб мебарам, ҳамон ҷо якдигарро мебинед.

## САБАБИ ҚАНД

Чанде аз адибон меҳони Ашӯр Сафар мешаванд. Ашӯр Сафар пеши пои онҳо гӯсфанд мекушад. Вақти хӯрдан меҳмонон мебинанд, ки соҳибхона луқмае ҳам ба даҳон намегирад.

– Домулло, шумо чаро намехӯред? – мепурсад яке.

– Ба ман мумкин не, касали қандам, – ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар.

– Афсӯс, – мегӯяд дигарӣ. – Сабаби қанд шуданатон чӣ будааст?

Ашӯр Сафар каме таваққуф намуда, ба хӯрдани меҳонон хуб зеҳн мемонаду мегӯяд:

– Як тасаввур кунед: оғул созед, ҷав биёред, шулха биёред, як баррачаи майдаҳакро бо азобе калон кунеду бо дасти худ кушед, дигарон дулӯнҷа хӯранду шумо тамошо кунед, қанд намешавед, чӣ мешавед?

## СУРАТГИРӢ

Боре ба Кӯлоб рафта, аз падарам хоҳиш кардам, ки сурат гирад. Гуфтам, ки ба қарибӣ ҷашни шастсолагиатон асту ҳар замон дар рӯзномаву маҷаллаҳои Душанбе сурататон лозим мешавад. Розӣ шуданду ҳар ду суратгирхона рафтем.

Аз пушти дар суратгириро тамошо мекардам. Як замон дидам, ки суратгир бо оҳанги эътироз ба падарам мегуфт:

– Муаллим, то кай ин хел хоксорона сурат мегиред? Рост истода, гӯё барои паспорт мегирифта бошед. Каме ба боло нигоҳ карда, хаёли шоирона кунед охир.

Падарам чизе нагуфтанду мавқеи нишасташонро дигар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

карданд, ба боло нигаристанд, хости дили суратгир ба хаёли шоирона рафтанд. Сипас, вақте ки суратгир «чиқ» карда сурат гирифт, аз ҷо хеста, як хандиданду ҳикояте карданд:

«Солҳои шастум чор мираъ шеърам дар маҷаллаи «Тоҷикистон» бо суратам чоп шуд. Айнан ҳамин хел, ба боло менигаристам дар сурат. Устод Ализода маҷалларо диданду ба ҷои табрик чунин гуфтанд:

– Ашӯрбой, фука бисёр барвақт чухт гирифтӣ!»

## ГУСЕЛИ ҲАЛИМШО

Салимшо Ҳалимшо бо коре ба Кӯлоб меравад. Ашӯр Сафар ӯро бо мошинаш мегардонад: ба Мӯъминобод мебарад, ба Ховалинг, ба ноҳияи Восеъ, ба колхозҳои гирду атрофи Кӯлоб, хулласи калом, ба серкорияш нигоҳ накарда, се рӯзи қимати худро сарфи меҳмон мекунад.

Рӯзи чорум, вақте ки меҳмонро гусел карданӣ мешавад, на самолёт меёбаду на мошин. Ҳаво вайрон, самолёт намепарид, автобусҳо кайҳо рафта буданд. Боз ӯро ба хонааш мебарад. Шабро шабгаҳ карда, саҳари барвақт ҳар ду гашта ба вокзал мераванд, вале боз автобуси Душанберо дарёб намекунанд. Меҳмони панҷрӯзаро ноилоҷ ба автобуси Данғара савор карданӣ мешавад.

– Ашӯрҷон, о ин то нисфи роҳ меравад, давоми роҳро чӣ хел меравам ман? – ҳайрон шуда мепурсад Ҳалимшо.

– Шин, шин, – ӯро маҷбур мекунад Ашӯр Сафар. – Ба давомаш кори ман чӣ? Аз ту халос шавам, шуд.

## ҲОЛӢ ҲАМ ШИРАКАЙФ НАШУДАЙ?

Ашӯр Сафар писарашро тӯй мекунад. Аз нисфирӯзӣ то субҳи рӯзи дигар мардум зиёфат мехӯранду Одина Ҳошим базм мекунад.

Қарибиҳои субҳ Ашӯр Сафар бо кори заруре сӯи таҳхона мешитобад. Нохост ба гӯшаш овози Миралӣ Маҳмадалиев, ки дар кунҷи ҳавлӣ бо ду-се кас рост истода суҳбат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дошт, мерасад. Раис таассуроташро аз базми Одина Ҳошим ин тавр баён мекард: «Камтар ширакайф бошиву Одина Ҳошима гӯш кунӣ, девонат мекуна».

Ашӯр Сафар кори заруратшро як тараф монда, саросема ақиб мегардаду ба Маҳмадалиев мегӯяд:

– Раис-бобо, аз дина пешин хӯрда истодаӣ, ҳолӣ ҳам ширакайф нашудаӣ?

## МЕДОНАМ, КИ МЕШИНОСӢ

Ашӯр Сафар дар кӯча бо Ҳабибулло Искандаров, собиқ мудири маориф вомехӯрад.

– Ашӯрҷон, – даст ба салом дароз карда мегӯяд Искандаров. – Бовар кун, аз он тарафи роҳ туро дида шинохтам.

– Медонам, ки мешиносӣ, домулло. Вақте намешинохтӣ, мудири маориф будӣ, – ҳозирҷавобӣ мекунад Ашӯр Сафар.

## ДАРА ПӮШ

Ҳафтаи дуюми зимистон буд, ки Орифи мактабрав попӯши дуруст надошт ва ҳар гоҳ аз падар харидани попӯши навро талаб мекард, аз ӯ ваъдаи фардоро мегирифт.

Як саҳар, вақте мактаб рафтанӣ мешавад, мебинад, ки то зону барф аст. Боз дарди бепопӯшӣ ба ёдаш мезанаду дари хонаи падарро бақаҳр мекушояд.

– Ман чира пӯшам? – бо овози баланд асабӣ мепурсад ӯ.

Ашӯр Сафар, ки дар хонаи хунук машғули шеърнависӣ буд, оромона мегӯяд:

– Дара пӯш!

## ДУТА МЕХАРАМ

Ашӯр Сафар гиряи писарчаашро дида, мепурсад:

– Ҳа, Орифҷон, чӣ гиря мекунӣ?

– Акаам мара фиреб дод. Ҷӯробат мехарам гуфт, нахарид, – гирён мегӯяд Ориф.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Гиря накун! – кӯдакро хап медоронад Ашӯр Сафар. – Ҳолӣ худам дута ҷӯроб мехарамат. Якта барои и пот, якта барои у пот.

## Ӯ ШЕЪР МЕНАВИСАД?

Ашӯр Сафар ба колхози «Ленинград»-и ноҳияи Кӯлоб меравад. Раиси колхоз Абдуҷаббор Зардиев ӯро хуш қабул мекунад. Дар рафти сӯҳбат раис аз шоир Қутбӣ Кatom, ки моҳе қабл меҳмони колхоз буд, пурсон мешавад.

– Устод Қутбӣ чӣ хел аст, муаллим?

– Шукр, нағз! Ба фикрам, дар бораи шумо шеъре навиштаасту ба қарибӣ чоп мешавад, – мегӯяд Ашӯр Сафар.

– Ҳм-м, – табассум мекунад Зардиев. – Ту нисфи колхоза хӯрдӣ, як мисраъ нанавиштиву ӯ ба як коса шӯрбо шеър менависад?!

## ДУО БА «БЕМОР»

Яке аз дӯстони Ашӯр Сафар, ки раиси колхоз буд, «касал» мешавад. Ашӯр Сафар роҳи касалхонаи ҳукуматиро пеш мегирад. Ҳангоме вориди палата мегардад, мебинад, ки «касалӣ» сари миз нишаста, дулунҷа аз нозу неъматҳои дастархон нӯши ҷон карда истодааст.

Раис аз дидани дӯсташ шод гашта, ӯро ба сари миз таклиф мекунад. Ҳар ду муддати дароз мешинанду суҳбат мекунанду мехӯранду менӯшанд. Пеш аз хайрухуш раис як халтаро аз мурғу меваву шароб пур карда ба дӯсташ медиҳад, ки дасти холӣ наравад. Баъд аз ӯ хоҳиш мекунад, ки як дуо кунад. Ашӯр Сафар даст ба дуо мебардорад:

– Худоё, худовандо! Дарди раиси моро қувват бахш, ки мо ҳар рӯз омада, ҳам хӯрему ҳам барем.

## БАРОМАДУ ДАРОМАД

Мирзо Файзалӣ аз Ашӯр Сафар мепурсад:

– Устод, чаро ин вақтҳо камнамоед, ягон ҷо баромад ҳам намекунед?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Вақти баромади мо гузашт, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Акнун ба қисми даромад гузаштем.

## ШУКР, КИ НОСИР АСТ

– Устод, оё дар ташвиш нестед, ки писаратон Гурез ҳаҷвнигор шудаасту нонатонро нимта мекунад? – аз Ашӯр Сафар мепурсад Бурҳон Ғанӣ.

– Шукр ки, – мегӯяд Ашӯр Сафар, – ӯ нозим не, носир асту нони шуморо нимта мекунад.

## ПУРРА НАВИСӢ, МЕҒЕЛӢ?

Ашӯр Сафару Юсуф Акобиров ду-се рӯз дар ноҳияи Мӯъминобод сайругашт мекунанд. Ҳангоми сафар Юсуф Акобиров аз нақлҳову ҳазлҳои намакини ҳамсафараш лаззат мебарад ва пеш аз хайрухуш ба ӯ чунин ваъда медиҳад: «Ашӯрҷон, ман ба Душанбе равам, дар бораи шумо як ҳикояи оличаноб менависам».

Дар ҳақиқат баъди чанде дар «Адабиёт ва санъат» ҳикояи ҳаҷман калони Ю. Акобиров нашр мегардад, ки онро ба А. С. бахшида буд.

– Дидӣ, ба ваъдаам вафо кардам?! – ҳангоми дуюмбора вохӯрдан шодиёна мегирад Юсуф Акобиров. – Ҳикояро хондӣ? Ба ту бахшидам.

– Охир он ҷо «барои А.С.» навиштаӣ-ку?! – мегӯяд Ашӯр Сафар.

– Ҳа, А.С.., яъне Ашӯр Сафар.

– О, ҳамуна пурра нависӣ, меғелӣ, ки хонанда ҳайрон нашавад: барои Атахон Сайфуллоев бошад ё барои Абдулҳамид Самадов? Барои Аъзам Сидқист ё барои Армияи Советӣ?!

## АЛЛАКАЙ ХУДТА ГИРИФТӢ-КУ?!

Ашӯр Сафар бо чанд тан аз адибон, ки аз Душанбе рафта буданд, меҳони меҳнаткашони ноҳияи Восеъ мешаванд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Баъди вохӯриҳо мардуми шеърдӯст аҳли қаламро ба як пиёла чой даъват мекунанд. Ҳар кас мекӯшад, ки меҳмононро хонаи худ барад. Ашӯр Сафар маслиҳат медиҳад, ки хонаи директори мактаб меравем. Мазмун: деҳқон он қадар зиндагии хуб надорад, шояд ҳоли зиёӣ беҳтар бошад. Меҳмонон розӣ мешаванд.

Директор онҳоро дар кулбаи пастакаки фақиронае ҷой медиҳад: деворҳову шифти хона аз дуди печ сип-сиёҳ, кӯрпачаҳо чиркин, чунон чиркин, ки чарм ворӣ сахт шуда, таҳи по як гилеми кӯҳнаи фарсуда. Дар танаи девор шолчаи пӯсидаи лах-лахе овезон. Аз афташ, соҳибаш барои он шолчаро овехта буд, ки либоси меҳмон дар девор сиёҳ нашавад. Вақте ки директор дастархон паҳн мекунад, дастархон ҳам кӯҳнаву дарида… Адибон аҳволи бади интелегенсияи деҳотро дида, маҳзун мешаванд. Ашӯр Сафар ҳам аввал ғамгин мегардад, вале чун мебинад, ки табъи ҳамқаламонаш хира шуд, дарҳол ба шӯхӣ мегузарад.

– Чанд сол шуд, ки директорӣ? – ин тараф-он тарафи хонаро хуб зеҳн монда, ба соҳибхона рӯ меорад ӯ.

– Ҳоли як сол нашудаст, устод, – ҷавоб медиҳад директори мактаб.

– Бача, як сол нашудаст директорита, аллакай худта гирифтӣ-ку?!

## НОНИ МАРО НИМТА НАКУН!

Ашӯр Сафару Ҷамолиддин Каримзода бо мардуми Данғара вохӯриҳо гузаронида, шеърхонӣ мекунанд. Дар яке аз суҳбатҳо мардум шеърхонии меҳмон Ҷамолиддин Каримзодаро бодиққат гӯш медиҳанд. Шоир аз ин ба илҳом омада, пайдарпай чанд шеър мехонад ва ҷое чунин мегӯяд: «Шумо, данғарагиҳоро ман бисёр эҳтиром мекунам. Аслан худи ман ҳам аз Данғараам. Бобоҳоям ҳаминҷоҳиянд!»

Сомеон ба хотири ҳамшаҳрии навашон қарсақи дурудароз мезананд.

«Ҳоло, – суханашро давом медиҳад Каримзода, – порчае



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз достони «Армон»-ам барои шумо мехонам, ки он низ ба Данғараи шумо бахшида шудааст».

Баъди порчаеро хондани шоир боз авҷи қарсак баланд мегардад.

Ашӯр Сафар, ки ҳар замон таваҷҷуҳи бештари мардумро нисбат ба Каримзода ҳис мекард, баъди ба итмом расидани шабнишинӣ ӯро ба хилвате хонда мегӯяд:

– Домулло, ту худатро аз ҳамон тараф гирифтан гир, ин ҷо нони моро нимта накун!

## СӮМҲОРО ИН ҶО БИЁР!

Як вақтҳо ҳамроҳи ҳофизон ба тӯю маъракаҳо рафта, мусиқӣ (аккордеон) менавохтам. Боре ҳамроҳи Қурбон Зардак ба тӯйи пурдабдабае рафтем. Баъди тӯй ӯ маро то рости хона оварда, саросема ҳисоб карда як дарза панҷсӯмаро ба кисаам андохту хайрухуш кард. Ҳисоб кунам: 105 сӯм. Он замон ин миқдор сӯм пули калон, қариб якуним маоши ман ҳисоб меёфт. Хурсанд ба хона даромадам.

Падарам, Ашӯр Сафар рӯи кат дароз мекашид. Маро дида, якбора суол дод:

– Чанд сӯмат дод?

– Сад сӯм медиҳам гуфта, фиреб хӯрдаст, – ҷавоб додам ман. – Панҷ сӯм зиёд додаст.

– Ӯ фиреб намехӯрад, – гуфт падарам. – Панҷ сӯма барои ту додасту сад сӯма барои ман . Ин ҷо биёр сӯмҳора!

## ДУО

Як рӯз ҳофиз Қурбон Зардак ба хона, ба сари ман омад, ки тӯй равем. Падарам то қади кӯча ба гусел баромад.

– Мавлоно! – ба ӯ мурочиат кард ҳофиз. – Як дуо бидеҳ, ки мо равем.

Падарам ду даст ба дуо бардошта бадоҳатан гуфт:

*– Аз миёни хору хас гул орзу,*
*Базми хушу дарзаи пул орзу.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## АЗ ШУМО ЧИЗЕ НЕСТ

Вохӯрии адибон бо заҳматкашони колхози ба номи Ленини ноҳияи Фархор хеле шавқовар мегузарад. Шеърхонӣ ва суҳбати аҳли қалам ба мардум бисёр хуш меоянд. Аз нақлҳову ҳазлҳои намакини шоир Ашӯр Сафар хотири раиси колхоз Сафаров меболаду ҳангоми гусели меҳонон мегӯяд:

– Муаллим, ман ба шумо ва эҷодиёти шумо ниҳоят ихлос дорам. Дар хонаи мо қариб ҳамаи китобҳои шумо ҳаст!

– Ин нағзу…. – табассум мекунад шоири ҳозирҷавоб. – Лекин дар хонаи мо аз шумо чизе нест.

## ИН ЧӢ ХЕЛ АНГУР?

Шабнишиниеро, ки дар клуби совхози боғутокпарварии Чубаки ноҳияи Маскав барпо мегардад, директори он Обидов кушода, мехоҳад бо ду-се даҳан гап адибонро хайрамақдам гӯяду риштаи суханро ба худи онҳо диҳад. Вале ғайричашмдошт баромади директор тӯл кашида ба маърӯза монанд мегардад.

Адибон ва сомеъони дар зал нишаста аз суханронии дурударози директор дилгир мешаванд, вале касе ба Обидов ёдрас карда наметавонад, ки «ин ҷо мардум ба суҳбати адибон омадаанд, на шунидани маърӯза».

Ниҳоят ин масъулиятро Ашӯр Сафар ба зима мегирад ва миёни маърӯзаи дилгири директорро мешиканад. Ҳангоме мешиканад, ки директор мегуфт: «…Ангури мо, рафиқон, дар қанднокӣ ҷои аввалро мегирад, ин ангур ба Маскав, ба Ленинград, Киев, Мурманск ва ҳатто ба гӯшаи дурдасттарини мамлакатамон – ба Шарқи Дур меравад».

– Домулло, – диққати ҳамаро ба худ ҷалб мекунад шоир. – Ин чӣ хел ангур аст, ки роҳи Шарқи Дурро меёбаду роҳи хонаи моро не?

Ҳама хандида қарсак мезананд ва маърӯза қатъ мегардад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ХАРА БЕ НУХТА ЧӢ ХЕЛ МЕБАРАД?

Дар кӯча Ашӯр Сафар бо шоир, муаллифи суруди машҳури «Куртасурхак» Раҷабалӣ Назар, ки ҳамроҳи ҳамсараш сайругашт дошт, вомехурад.

– Дар нухта афтидем, домулло! – ҳазл мекунад Раҷабалӣ Назар ба тарафи ҳамсараш ишора карда.

– Ҳа-а! – маънидорона сар меҷунбонад Ашӯр Сафар. – Охир ин заифи бечора, хара бе нухта чӣ хел мебарад?

## ДОРУИ ИШТИҲО

Юсуф Акобиров меҳмони Ашӯр Сафар мешавад. Вақте ки сари дастархон мешинанд, ӯ бисёр пур мехӯрад: ҳам шӯрбо, ҳам оши палав, ҳам оши бурида, ҳам меваву сабзавоту шириниву мағзу чағз. Коняк ҳам менӯшад. Хулоса, қариб рӯи дастархонро холӣ мекунад. Баъд аз киса доруеро мебарораду як пиёла чой рехта, нав онро хурданӣ мешавад, ки Ашӯр Сафар мепурсад:

– Ин чӣ доруст?

– Доруи иштиҳо! – бепарво ҷавоб медиҳад меҳмон.

– Парто он тараф! – чанг зада доруро аз дасти Юсуф Акобиров мегирад. – Ҷои дигар наёфтӣ, ки доруи иштиҳоятро дар хонаи ман мехурӣ?! Бе ин ҳам дар дастархон чизе намонд….

Бегоҳи ҳамон рӯз Ашӯр Сафару Юсуф Акобиров хонаи дӯсти деринашон, директори совхози Булёни ноҳияи Данғара Раҳим Шарифов мераванд. Директор зиёфате мерояд шоҳона.

Ашӯр Сафар дастархони пурнозу неъматро дида, ба Юсуф Акобиров мегӯяд:

– Ана, ин ҷои доруи иштиҳоят, ҳар қадар ки хоҳӣ, хур!..

## ҶӮРОБИ БОЗОР СОБИР

Шабе Бозор Собир меҳмони Ашӯр Сафар мегардад. Ӯ меҳмонро хуб зиёфат мекунаду саҳар фурӯдгоҳ мегусело-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

над. Панҷ-даҳ дақиқа пеш аз парвоз Бозор Собир мебинад, ки дар як пояш ҷӯроб ҳасту дар пои дигараш не.

– Эҳ, акаи Ашӯр, як ҷӯробамро дар хонаи шумо фаромӯш кардам, – бо таассуф мегӯяд ӯ ва гумон мекунад, ки Ашӯр Сафар кас фиристода ҷӯробро меорад.

– Э, худо гирад ҳушатро-е! – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Инашро ҳам барору ба ман деҳ, ки ваяш бекор намонад!

## Ӯ ХАЛОС ШУДУ…

Саидалӣ Ализода бо раиси Миралӣ дӯсти наздик буд ва ҳар гоҳ эҳтиёҷе пеш меомадаш, назди ӯ мерафт. Лекин аз сахтии раис гоҳ-гоҳе менолид ва мегуфт: «худо кай моро аз муҳтоҷии раис халос мекарда бошад»?

Ниҳоят аз дунё гузашт Ализода. Ашӯр Сафар раисро ин тавр ба ҷаноза хабар кард:

– Раис-бобо, Ализода аз муҳтоҷии ту халос шуд.

– Э, бай-байе! – афсӯс мехурад раиси Миралӣ. – Ӯ халос шуду ту мондӣ.

## ҲАМОНЕРО МЕШИНОСАМ, КИ…

Дар вохурии гурӯҳе аз адибон, ки бо меҳнаткашони ноҳияи Данғара мегузашт, Ашӯр Сафар баранда буд. Барандагии ӯ ба мухлисони шеъру ханда писанд меафтад. Баъди анҷоми вохӯрӣ яке аз сомеъон давида бо шоир саломуалейк мекунаду мегӯяд.

– Муаллим, бисёр барандагии зӯр кардед, мо ҳама кайф кардем, – ва чун мебинад, ки Ашӯр Сафар «ташаккур» гуфта, ӯро намешиносад, илова мекунад. – Муаллим, маро нашинохтед магар? О, чандин бор хонаи шумо рафтаам-ку?!

– Хонаи ман ранги ту бисёриҳо рафтаанд, – ҳозирҷавобӣ мекунад шоир. – Ман ҳамонеро мешиносам, ки худам хонаи ӯ рафта бошам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БА ОДАМИ ЗИНДА ИТОАТ НАМЕКУНӢ

Вақте ки Ашӯр Сафар директори Хонаи пешоҳангони шаҳри Кӯлоб буд, методист наздаш даромада, аз шоир Иброҳим Ҷализода шикоят мекунад, ки қариб ҳар рӯз ба кор дер меояд.

– Майлаш, худам мефаҳмонам, дигар дер намеояд, – методистро ором мекунад Ашӯр Сафар. Ва нисфирӯзӣ фурсат ёфта, ҳамроҳи Ҷализода суҳбаткунон сари чорсӯ меравад. Дар рафти чақ-чақ чароғакро ба ӯ нишон дода мегӯяд:

– Нигоҳ кун, Ҷализода! Чароғак як чашмашро мепаронад, бист мошин аз ин тараф меистаду бист мошин аз он тараф. Ту ба одами зинда итоат намекунӣ?

Дигар Ҷализода ба кор дер намемонад.

## ТУ БИСЁР ЧИЗҲОРО НАМЕФАҲМӢ

Ашӯр Сафар писари аввалинашро хонадор мекунад. Меҳмони зиёде аз Душанбе ба Кӯлоб меравад. Дар байни меҳонон Лоиқ Шералӣ ҳам буд.

Лоиқ ба хона даромада бо аз ҷо хестагон вохурӣ мекунад, ки дар байни онҳо Ниёз Сафаровро дида, ҳайрон мешавад.

– Эҳ, Ниёз Сафарович, шумо дар ин ҷо чӣ кор мекунед?

– Охир ҳамин шоир, – ба Ашӯр Сафар ишора мекунад Ниёз Сафаров, – бародарам аст.

– Ҳа-а! Инашро ман нав фаҳидам, – мегӯяд Лоиқ.

– Гузар, гузар! – Лоиқро аз боло мегузаронад Ашӯр Сафар. – Ҳолӣ ту бисёр чизҳоро намефаҳмӣ.

## ИСЛОҲ КАРДА МЕШАВАД?

Боре шоир Сафармуҳаммад Аюбӣ шеъри наве мменависад ва онро ба Ашӯр Сафар хонданӣ мешавад.

– Устод, – пеш аз хондани шеър таъкид мекунад Аюбӣ. – Як шеър мехонам, гӯш кунеду ислоҳ накунед.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Бихон, бихон! – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Туро магар ислоҳ карда мешавад?

## ДИЛИ ХАЛҚ АЗ ШУМО

Нависанда Абдулҳамид Самад дар суҳбате ба ҳамқаламонаш мегуфт:

– Нависандаву шоир бояд ба халқ наздик бошанд. Чӣ қадаре метавонед, дар дили халқ ҷо гиред!

Ашӯр Сафар, ки аз боло нишаста, нозу неъматҳои дастархонро нӯши ҷон мекард, чунин мегӯяд:

– Дили халқ аз шумо, домулло! Чанде метавонед, ҷо гиред. Мо дар сари дастархонаш ҷо гирем, бас аст.

## СИЁҲАЛАФ Ё АТОЛА

Баҳор буд. Нисфирӯзӣ. Абдулҳамид Самад дар назди бинои Иттифоқи нависандагон Ашӯр Сафар ва тарҷуммон Шариф Шарафро дида, ба хонааш даъват кард. Мани донишҷӯро ҳам ҳамроҳ бурданд.

Ба автобус нишаста даҳ-дувоздаҳ истгоҳ рафтем. Дар хонаи Абдулҳамид Самад сияҳалаф будаст. Хӯрдем. Пешин, ки буд, бо иштиҳо дукосагӣ хурдем. Ва боз ба автобус нишаста ба Иттифоқи нависандагон омадем.

Ҳангоми ба ошёнаи дуюм баромадан Ашӯр Сафар дар нисфи зинапоя истоду бемадорона оҳи сард кашид.

– Ҳа, муаллим чӣ гап? Маззатон гурехт? – пурсид Абдулҳамид Самад.

Ашӯр Сафар табассуме карду гуфт:

*– Атола то паси дар,*
*Холи фатир, ҷонма бихар.*

## ЧАНДИ ИНА МЕНАВИСӢ?

Як вақт нависанда Болта Ортиқ ва шоир Султон Шоҳзода Кӯлоб рафта, меҳмони Ашӯр Сафар шуданд. Меҳононро хуш пазирой намуд Ашӯр Сафар. Аз ноҳияи Маскав Одина



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳошимро даъват карда то рӯз базму суҳбати ширине оростанд.

Гоҳе ки Одина Ҳошим дам мегирифт, мизбон аз рӯзгори Саидалӣ Ализода ҳикоятҳои шавқангез мекард. Яке аз ҳикоятҳояш ин буд:

«Баъди узви Иттифоқи нависандагон шуданам, – гуфт Ашӯр Сафар, – маро ба Душанбе, ба маҷлисе даъват карданд. Ба фурудгоҳ рафта, устод Вализодаро дидам, ки таҳи сояи дарахте баҳузур менишаст. Зиёраташ кардам.

– Ҳа, ту ҳам Душанбе меравӣ? – пурсид устод.

– Бале, маро ҳам даъват карданд, – ҷавоб додам ман.

– Ин хел ки бошад, рафта барои ман ҳам билет гир, якҷоя меравем, – амр кард Вализода.

Ман рафта ду билет гирифтам ва билети устодро оварда додам.

– Пулашро дар қиёмат мегирӣ, – гуфт Вализода ва билетро дуқат карда ба киса зад.

Ман қиёмат рафтанӣ нестам, – ҳазл кардам ман.

– Равӣ, наравӣ, ихтиёрат. Вақташ омад, ман худам рафтан мегирам, – ҳозирҷавобӣ намуд устод.

Дар Душанбе драматург марҳум Саидмуродовро вохурдем. Ҳар се якҷоя хурокхурӣ рафтем.

– Мулло Ашӯр! – боз амр кард устод Вализода. – Рафта сихкабоб биёр, пулашро Саидмуродов медиҳад.

Ман мақоли «харҷ агар аз кисаи мардон бувад»-ро ба хотир оварда, рафта кам не, ғам не, сӣ сих кабоб овардам. Вақти ҳисобӣ кардан Саидмуродов ҳар қадаре кисаҳояшро чаппаву роста менамуд, ғайри порчаҳои пйеса чизе намебаромад. Ночор пули сихкабобро ҳам ман додам. Баъд ба Вализода рӯ оварда гуфтам:

– Устод! Ман ҳамроҳи шумо гашта, дар бораи шумо хотираҳо навиштаниям. Пули билетатонро ман додам, пули сихкабоб ҳам аз кисаи ман рафт. Ин қадар хасисӣ карда, маро ғорат мекунед, чӣ хел дар бораи шумо хотираҳо менависам?

– Ҳамин ду хасисии маро навис, худаш як китоб мешавад, – табассумкунон ҷавоб дод Вализода».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ашӯр Сафар ҳикояташро то ҳамин ҷо расонда буд, ки Болта Ортиқ аз ҷо нимхез шуда бо ҳаяҷон гуфт:

– Домулло, нависед, нависед! Ҳамаи ина навиштан даркор!

– Бишин! Бишин! Чанди ина менависӣ? – бепарво ҷавоб дод Ашӯр Сафар ва ба ҳикояти нав гузашт.

## ГУЛДАСТА

Вақти гусел дар фурудгоҳ Болта Ортиқ аз Ашӯр Сафар мепурсад:

– Домулло, ёд доред, дафъаи гузашта ба ман гулдаста тақдим карда будед?

– Набошад чӣ? Гулдаста диҳаму боз фаромӯш кунам?

– Гӯед, ки чаро вақти пешвоз нею вақти гусел додед гулдастаро?

– Дар мо вақти гусел гулдаста медиҳанд, – гуфта Ашӯр Сафар ин дафъа ҳам аз мошинааш гулдастае бароварда ба Болта Ортиқ медиҳад.

## ОВОЗ АЗ ГӮР

Боре Ашӯр Сафар аз Кӯлоб ба Душанбе, ба нашриёт занг мезанад. Гӯшакро шодравон Мастон Шералӣ мебардорад.

– Ало, шумо кистед? – баъди саломуалейк мупурсад Мастон Шералӣ.

– Ман Ашӯр Сафар, аз Кӯлоб. Шумо чӣ?

– Ман Рӯдакӣ, – ҳамсуҳбаташро шинохта, мегӯяд Мастон Шералӣ.

– Кӣ? – боз мепурсад Ашӯр Сафар, ки овози Мастонро базӯр мешунид.

– Рӯдакӣ!

– Ҳа-а, ҳамин хел аст, ки овозат аз гӯр меояд, – ҷавоб мегардонад Ашӯр Сафар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## УСУЛИ НИГОҲУБИНИ АНОР

Чанде аз адибон меҳмони Ашӯр Сафар мешаванд. Нимаи дуюми моҳи апрел буд. Ҷалол Икромӣ дар рӯи дастархон анорҳои суп-сурху калон-калонро дида ҳайрон мешавад.

– Оҳ, шоир! Ин анорҳоро бо кадом усул то ин вақт нигоҳ доштед? – калонтарин анорро ба даст гирифта мепурсад ӯ.

– Муаллим, ин фақат як усул дорад, – ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар. – Усули хасисӣ.

## МАН АЗ ХОВАЛИНГ НЕСТАМ

Ашӯр Сафар ҳамроҳи як гурӯҳ шоирон ба ноҳияи Ховалинг меравад. Чанд ҷо бо мардум вохурда, шеърхонӣ мекунанд. Дар яке аз вохуриҳо баранда шоиронро чунин муаррифӣ мекунад:

– Ин ҷо шоироне иштирок доранд, ки ҳама ҳамшаҳриҳои худамонанд. Шоири халқ Саидалӣ Вализода – аз Чуқураки Ховалинг, Ғоиб Сафарзода – аз маркази Ховалинг, Ҳабибулло Файзулло – аз маркази Ховалинг ва Ғаффор Мирзо – аз Даҳанаи Шоли Ховалинг.

Садои қарсақ баланд мешавад… Вале баранда Ашӯр Сафарро, ки аз Ховалинг набуд, муаррифӣ намекунад.

Ҳар шоир бо навбат баромада шеърхонӣ мекунад. Вақте ки навбати Ашӯр Сафар мешавад, қабл аз шеърхонӣ чунин мегӯяд:

– Ин ҷо баранда ҳама ҳамқаламони маро, ки дар ҳақиқат аз Ховалинганд, муаррифӣ намуд. Вале ҳатто номи маро нагирифт. Ҳеҷ гап не. Худам худамро шинос мекунам. Ман шоир Ашӯр Сафар. Худам аз Ховалинг нестам, лекин занам аз Ховалинг аст.

Садои қарсақ баландтар мегардад.

## МУБОҲИСА

Дар кабинети котиби масъули рӯзномаи ноҳиявии «Ҳақиқати Кӯлоб» Саидҷон Ҳакимзодаву Ашӯр Сафар ни-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шаста суҳбат доштанд. Нохост мавзӯи суҳбат сари одамони бузург омада, ба мубоҳиса табдил меёбад. Саидҷон Ҳакимзода, ки худ аслан аз Ховалинг буд, бо ифтихор чунин мегӯяд:

– Тамоми одамони бузурги ҷумҳурӣ аз Ховалинганд. Низорамоҳ Зарифова аз Ховалинг, нависандаи забардаст Ҷалол Икромӣ аз Ховалинг, шоири бузург Ғаффор Мирзо аз Ховалинг, ҳунарпеша, Лауреати мукофоти давлатии СССР Қобилов аз Ховалинг, шоири халқ Саидалӣ Вализода аз Ховалинг, Ҳабибулло Файзуллои шоир аз Ховалинг… Ина ҳамин котиб ҳам, – ба котиби масъули рӯзнома, ки бисёр қадпаст буд, ишора мекунад ӯ, – аз Ховалинг аст.

Ашӯр Сафар, ки то ин дам хомӯш нишаста, баҳси ҳамсуҳбаташро бодиққат гӯш медод, чунин мегӯяд:

– Ин хели майда-чуйдаша ҳисоб кунӣ, зани ман ҳам аз Ховалинг аст.

## ХУСУРСАБАБ

Ашӯр Сафар дар роҳ котиби Комитети комсомолии вилояти Кӯлоб Саидҷалол Саидови ховалингиро мебинад, ки пиёда мерафт. Мошинаашро боздошта, ӯро савор мекунад ва то хонааш мебарад.

Пеш аз хайрухуш ба ӯ чунин мегӯяд:

– Домулло, рости гапро гӯям, барои чи туро то хонаат овардам? Ту барои ман хусурсабабӣ, набошад ин вазифаи туро ба як пул ҳам намегирам.

## ДАР СУҲБАТИ РАИС

Ашӯр Сафар бо мошинаш аз назди идораи раиси Миралӣ мегузарад. Мебинад, ки чароғаки бензинаш чашмакӣ зада истодааст. Назди раис медароянд.

– Раис – бобо, – баъди аҳволпурсӣ ба сари мақсад меояд ӯ, – ба мошини ман камтар бензин рез, ки то Кӯлоб расам.

– Чӣ, ин ҷо заправкаай барои ту? Бензин-пензин нест! – сахтӣ мекунад раис.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Раис-бобо! – гапро аз дур сар карда дили раисро нарм карданӣ мешавад Ашӯр Сафар. – Шоиронро ҳурмат кардан лозим аст, онҳо ҳам ғаниматанд. Мана, дирӯзакак шоири боистеъдодамон Ҳабибулло Файзулло аз дунё гузашт.

– Ҳеҷ гап не, бо дигараш мебуроя, – худро бепарво нишон дода, мегӯяд раис.

– Раис-бобо, ин дафъа ҷиддӣ мешавад Ашӯр Сафар, – ӯе, ки ҳар сол мебурояд, пахта аст, на шоир.

Ниҳоят дар лабони раис табассум медамад.

## ИН ҚАДАР САХӢ БУДӢ, НАГУФТӢ?

Қутбӣ Киром ба Кӯлоб меравад. Ашӯр Сафар ӯро роҳбалад мешавад. Чанд ҷо вохуриҳо мегузаронанд. Бегоҳӣ Қутбӣ Киром мегӯяд:

– Ашӯр, маро ҷое бар, ки ҳам зиёфат бошаду ҳам базм.

– Хуб шудааст! – иззати меҳмонро баҷо меорад Ашӯр Сафар ва ӯро ба хонаи шодравон, ҳофизи бисёр хуб акаи Амирхон мебарад.

Акаи Амирхон дастархон кушода дар як дам шаробу кабоб ташкил мекунад. Сипас, вақте ки Қутбӣ Киром ширакайф мешаваду хоҳони базм мегардад, асбобҳоро ҷӯр карда, бо бачаҳояш ба сурудхонӣ медарояд. Худаш ғижжак менавозад, аз ду тараф писаронаш Файзулло бо аккордеон, Ҳаётулло бо доира, Сулаймон бо таблак ба мусиқии ӯ ҷӯр мешаванд. Вақте ки мусиқӣ рақсӣ мешавад, духтарчаҳояш Зеварбону, Анварбону ва Маликабону ба рақс медароянд. Чунон базм мекунанд, ки сангу чӯб мерақсад. Қутбӣ Киром чунин базмро дида, маст мешавад, масти санъати ин ҳофизи нобино. Ва аз киса як дарза даҳсӯмаро бароварда, болои сари ҳар кадоми онҳо пош медиҳад.

Ашӯр Сафар чанде ин манзараро тамошо карда, ниҳоят ба Қутбӣ Киром рӯ оварда мегӯяд:

– О, ту ин қадар сахӣ будӣ, нагуфтӣ хонаи худам барамат?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## АЛЛАКАЙ ФАРМОӮШ КАРДӢ?

Шабе Қутбӣ Кором меҳмони Ашӯр Сафар мешавад. Саҳарӣ Ашӯр Сафар меҳмонашро бо ширчой зиёфат мекунаду то фурудгоҳ мегуселонад.

Ба фурудгоҳ мераванд, ки ба Душанбе билет нест. Ба ҳоле як билет меёбанд, вале вақти парвоз хеле дер.

– Биё, домулло, хона меравем. Якбора хуроки пешин мехурему боз гашта меорамат, – таклиф мекунад Ашӯр Сафар.

Қутбӣ Киром бо ҷону дил розӣ мешавад ва боз ба хонаи дӯсташ меравад. Аз дарвоза медарояду роҳи ҳуҷраеро, ки навакак аз он ҷо баромада буд, гум мекунад ва роҳ сӯи ҳуҷраи дигар пеш мегирад.

– Куҷо меравӣ! – каме бо ғазаб мепурсад Ашӯр Сафар. – О, навакак ҳамин ҷо ширчой хӯрда будӣ, аллакай фаромӯш кардӣ?

## ТАБРИКИ ҒАЙРИОДДӢ

Сафармуҳаммад Аюбӣ баъди аз рӯзномаи вилоятӣ рафтанаш мухбири ТАСС шуд. Ашӯр Сафар ӯро чунин табрик кард!

– Шунидем, ки ТАСС шудӣ, муборак бошад! Акнун умед дорем, ки КАС мешавӣ.

## ШАҲР БОЯД ТУРО ТАМОШО КУНАД

Ашӯр Сафар дар саргаҳи шаҳри Кӯлоб хабарнигор Шоҳайдар Ёдгориро вомехурад. Ҳамон Шоҳайдари қоқинаи рӯдароз, ё чуноне мегӯянд, аспрӯро, ки риши ба нӯги ҷӯроб монандаш хандаи ҳар касро меоварад ва ин ришу рӯ ба ҳамдигар ҳеҷ муносибате надоштанд. Ҳар бинанда дидан замон пай мебурд, ки ин риш аз дигар рӯст.

– Ҳа, Шоҳайдар, сафарҳо ба хайр? – баъди саломуалейк мепурсад ӯ.

– Як шаҳра тамошо кунем, муаллим, – мегӯяд Шоҳайдар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ҳм-м, – завқ мебарад Ашӯр Сафар. – О, ту шаҳра чӣ тамошо мекунӣ? Шаҳр бояд туро тамошо кунад.

## ТАСАЛЛӢ

Ашӯр Сафар ба нашриёт, ба зиёрати дӯсти наздикаш Қутбӣ Кибром меояд.

– Ҳа, домулло, аҳвол чӣ тур? – мепурсад Қутбиро.

– Э, Ашӯрҷон, напурс. Тамоман бедандон шудем, – ҳасрат мехурад Қутбӣ Киром, ки навакак якчанд дандонашро канда буд.

– Ҳеҷ гап не! – тасаллӣ медиҳад ӯро Ашӯр Сафар. – Бедандон шаву бедаҳан не!

## ДУ ҚУДО

Қутбӣ Киром меҳмони Ашӯр Сафар мешавад. Духтарчаи Ашӯр Сафар омада нав назди меҳмон дастархони холиро паҳн мекунад, ки ӯ ин духтарчаи зеборо дида мепурсад.

– Ашӯр, ин духтарчаи худат?

– Бале, аз худам!

– Ин тавр ки бошад, қудо намешавем?

– Оллоҳу акбар, мову ту қудо, – даст ба дуо мебардорад Ашӯр Сафар.

Духтарак чунин ҳазлҳои хунукро дида, шарм медорад ва ҳамин рафтагиаш ду соат гум мешавад. Қутбӣ Киром, ки аз Душанбе то Кӯлоб роҳи дарозро тай карда ниҳоят хаста буд, сахт гурусна мемонад. Бар асари гурунагӣ асабӣ шуда, дод мезанад ба Ашӯр Сафар:

– О, ягон чиз биёр, хурем! Ту одам астӣ ё не?

– Ман одам не, ман қудо! – оромона ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар.

## ШЛОП

Ба гӯши Ашӯр Сафар овоза мерасад, ки Ғафур Мулло дар Душанбе бароящ як шлоп тухфа харидаасту имрӯз ё пагоҳ



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мерасонадаш. Ашӯр Сафар аз ин тухфаи рафиқаш, ки он вақтҳо ниҳоят ба мӯд даромада буд, хурсанд шуда, онро бесаброна интизорӣ мекашад, вале аз шлоп на пай буду на ҳайдар.

Ниҳоят баъди ним моҳи интизорӣ онро худи Ғафур Мулло гирифта ба хонааш меорад.

– Ҳа, домулло. Кучо гум шудӣ, ки овозаат ду ҳафта пеш омаду худат нав расидӣ?

– Эҳ, домулло, напурс. Қариб мурда будам, – бо алам нақл мекунад Ғафур Мулло. – Аз ағбаи Шар-шар мефуромадем, ки мошинамонро ях партофт. Ин тараф – он тараф тоб хурда қариб ба чар рафта буд. Хайрият, ки ба чар нею ба тепа рафта зад. Худо раҳми маро хӯрду зинда мондам, қариб ки зада мемурдам…

– Домулло! – мепурсад Ашӯр Сафар, ки ҳама ҳушу ёдаш ба шлопи нав банд буду онро бо ҳавас тамошо дошт. – Ҳангоме ки мошинатонро ях партофту ин тараф-он тараф тоб хурда, ба чар нею ба тепа рафта зад ва ту қариб зада мемурдӣ, лекин зинда мондӣ, шлопи ман дар кучо буд?

## БА МАН ҲАМ АҲСАН ГӮЕД

Ашӯр Сафар дар тӯйи Қутбӣ Кcallером, ки ду писараш – Шамсу Қамарро хонадор мекард, раиси давра буд.

Як вақт сухани табрикиро ба Лоиқ медиҳад. Лоиқ бaромада шаҳу арӯсро ду даҳан табрик мегӯяду сипас дар пеши пои модари Қутбӣ Кирол (чошон чаннат бошад) сачда меорад ва ҳамон қасидаи «Модар»-ашро ба ӯ мебахшад. Баъди хондани шеър боз каме кампирро тавсиф карда, суханашро чунин хотима мебахшад.

– Аҳсан! Ҳазор аҳсан ба чунин модаре, ки Қутбӣ барин писари саркашу гарданшахро тарбия карда ба чунин мартаба расондааст!

– Лоиқшо! – микрофонро ба даст гирифта мегӯяд Ашӯр Сафар, – ба ман ҳам аҳсан гӯед. Ман ҳам дар тарбияи ин саркашу гарданшах, – ба Қутбӣ Кирол ишора мекунад ӯ, – азоби кам накашидаам. Чандин бор пуштора бурдаам ӯро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## ХОНАИ ХУДАМОН АСТ, КИ МЕПУРСӢ?

Боре Гулрухсор Кӯлоб меравад ва дар хонаи Ҳақназар Ғоиб меҳмон мешавад. Соҳибхона зиёфат ороста чанд тан адиби кӯлобиро ҳам даъват мекунад. Банда ҳам дар ин маърака иштирок доштам. Хизмат мекардам: хӯрок меовардам, чизҳои нодаркорро ғундошта мебурдам, дар печ алав мемондам, даст об мегирифтам ва монанди инҳо.

Нохост дидам, ки дар рӯи дастархон оби минералӣ нест. «Мумкин дар хунукӣ нанӯшанд» гуфтам ба худ. Вале боз дилам қарор нагирифту аз падарам Ашӯр Сафар, ки дар боло, дар паҳлуи Гулрухсор нишаста, ҳар замон ҳазл карда механдиданд, пурсидам.

– Падар, оби минералӣ биёрам?

– Овардан гир! – ҳанӯз ҳам аз ханда наистода буд падарам. – Ин хонаи худамон аст, ки мепурсӣ?!

## ҲАБИБУЛЛО ДАР МЕҲМОНӢ

Як вақт шодравон Ҳабибулло Файзулло меҳмони Ашӯр Сафар мешавад. Баъд аз он ки каме сархуш мешавад, аз Ашӯр Сафар хоҳиш мекунад, ки ягон ҳофиз оварда базм ташкил намояд. Ҳукми меҳмон воҷиб гуфта, Ашӯр Сафар хоҳишашро иҷро мекунад.

Раҳматӣ акаи Амирхонро даъват мекунад. Ногуфта намонад, ки акаи Амирхон бо вуҷуди нобино буданаш бисёр ҳофизи хуб буд. Беҳтарин ғазалҳоро мехонд, беғалат мехонд.

Ҳофиз вақте меояд, ки Ҳабибулло Файзулло аллакай худро гирифта буд. Се-чор суруди аввалро гӯш мекунаду поҳояшро рӯи болишт монда, сар болои гилем мезанад хоба. Нобинои бечора ба хотири меҳмон то нисфишабӣ базм мекунад.

Саҳарӣ, вақте Ҳабибулло Файзулло ба ҳуш меояд, каме ранҷидахотир аз Ашӯр Сафар мепурсад:

– Ака, чаро барои ман ҳофизи нобино овардӣ?

– Барои он ки, – ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар, – хоби туро набинад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## АҶАБ ХАТЧАЕ

Марде аз ҳамсояҳо бо писараш хонаи Ашӯр Сафар меояд ва чунин хоҳиш мекунад аз ӯ:

– Муаллим, ба ман як некӣ кунед. Илтимос, бачама ба Кӯлоб гардонед. Ғариб, панҷ соли дароз азоб кашида, гушнаву ташна мактаб хонду акнун ӯро ба Ҷиргатол мефиристанд. О, муаллимӣ бошад, дар ҳамин ҷо ҳам кардан мегирад. Роҳхаташа ба Кӯлоб гардонед, илтимос.

– Охир ман…. чӣ гуфтанашро намедонад Ашӯр Сафар, – мудири маориф ё ягон коргари вазорат нестам – ку?! Чӣ хел ӯро ба Кӯлоб мегардонам?

– Э монед, муаллим. Шумо одами зӯр, ҳама мешиносад шуморо. Илтимос, дари хонатон омадам, гапамро нашиканед! – илтиҷо мекунад ҳамсоя. – Бе ҳамин ҳам панҷ сол бачама надидам. Акнун мехоҳам ҳамроҳам бошаду дар сояи ӯ давлати пирӣ ронам…

Аз хоҳишу илтиҷои пайдарпаи ҳамсоя дили Ашӯр Сафар месӯзад. Ҳарчанд ба кору қонуну қоидаи вазорати маориф дахл кардан намехост, хотири ҳамсоя зӯрӣ карду хатчае навишт ва онро ба бача дода, гуфт:

– Ба вазорати маориф рав. Ҳамин хатчаро ба Ҳабибулло Искандаров деҳ. Шояд хоҳишатро иҷро кунад.

Муаллими ҷавон хатчаро гирифта, хурсанд ба Душанбе меравад. Назди Ҳабибулло Искандаров, сардори управлнияи кадрҳои Вазорати маориф медарояд. Ҳанӯз хатчаро надода мақадашро баён мекунад, ки Искандаров якбора оташ мегирад.

– Эҳ, кӯрнамакҳо! Ҳукумат панҷ сол шуморо хононду акнун аз кор метарсед. Ду солак – а? Рав, Ҷиргатол рав, ду сол кор кунӣ, балот намезанад. Баъд меравӣ ба ҳамон Кӯлобат, – зада бачаро пеш мекунад ӯ.

Бача нав аз кабинет баромаданӣ мешавад, ки дар пушти дар хатча ба ёдаш мезанад.

– Муаллим, – ларзон – ларзон аз нав муроҷиат мекунад ӯ. – Ман як хатча дорам, ҳамонро мехондед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Хатча? Аз кӣ? – ҳанӯз ҳам аз аспи ғазаб нафуромада буд Искандаров.

– Аз Кӯлоб, аз Ашӯр Сафар.

Баробари шунидани номи рафиқи бачагияш Ҳабибулло Искандаров якбора нарм мешавад.

– О, бало доштӣ, ки гапро аз ҳамин хатча сар кунӣ? – табассумкунон мегӯяд ба бача ва ҳамон замон роҳхатро дигар карда, ӯро ба зодгоҳаш мефиристад.

Вақте ки каме камкортар мешавад, хатчаро кушода мехонад, ки дар он чунин навишта шуда буд: «Домулло, агар кори ҳамин бачаро иҷро карда тавонӣ, хуб, натавонӣ, қабри падараш қатӣ».

## ИМТИҲОН

Ашӯр Сафар солҳои зиёд муаллими мактаби миёна буд. Дар имтиҳони хатмкунӣ толибае ба ягон суоли билет ҷавоб намедиҳад, вале дили муаллим намешавад, ки ба ӯ баҳои ғайриқаноатбахш монад. Аз ин рӯ чандин суоли иловагӣ медиҳад, то ки толиба ақаллан даҳон кушояду ягон баҳои «3» гирад.

– «Одина»-ро хондаӣ?

– …

– «Дохунда»-ро чӣ?

– …

«Ҷони ширин»-ро ҳам нахондаӣ?

– …

Умуман ягон китоб хондаӣ дар умрат?

– Ҳа-а, – ниҳоят лаб мекушояд толиба.

– Э, хайрият-е. Ку, бигӯ, кадом китобҳоро хондаӣ?

– «Хандаи гулҳо»-и Ашӯр Сафар, «Фарзанди аср»-и Ашӯр Сафар, «Базми садоқат»-и Ашӯр Сафар, «Гули маҳтоб»-и Ашӯр Сафарро.

– Ҳа-а, – посухи толибаро то охир гӯш дода мегӯяд Ашӯр Сафар. – Ҳаминҳоро хондаӣ, ки балора намедонӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ШОДИИ АБДУЛҚОДИР

Шоири ҷавон Абдулқодир Раҳим меҳмони Ашӯр Сафар мешавад. Рӯи кати ҳавлӣ менишастанд, ки ҳамин дам аз таҳи анорбоғ овози писарчаи соҳибхона баланд мегардад:

– Ҳо-ой, бидавен, ки гӯсфанд печид!

Ашӯр Сафар дарҳол корди қассобиро гирифта, сӯи анорбоғ мешитобад. Нохост чашмаш ба меҳмон меафтад, ки хушҳол табассум дошт.

– Чӣ шодӣ мекунӣ? – каме бо ғазаб мегӯяд ба Абдулқодир. – Гумон кардӣ, ки пеши пот гӯсфанд мекушам? Хоб дидӣ!

– Набошад, кордро барои чӣ гирифтед, устод? – ҳанӯз ҳам механдид шоири ҷавон.

– Бандро мебурам!

Шодии Абдуқодир дер давом намекунад.

## ОВОЗХОН ВА ШОИР

Вайсиддин ном овозхоне аз Ашӯр Сафар мепурсад:

– Устод, чаро ашъори шоирони гузаштаро оҳанг баста мешаваду аз муосирро не?

– Барои он ки, – ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар, – шоирону овозхонони гузашта ба ҳамдигар ҳамкорӣ доштанд. Овозхонҳо аз даромадашон шоиронро ҳавасманд мегардонданд. Шумо, ки аз мо канораҷӯӣ мекунеду боре ҳам моро ҳавасманд намесозед, шеърҳоямон ба оҳанг намедароянд.

## БО САМОЛЁТ РАВ!

Шахсе аз Ашӯр Сафар мепурсад:

– Устод, ман Душанбе рафта истодаам, бигӯед, ки бо мошин равам хуб аст ё бо самолёт?

– Бо чизе, ки дилат хоҳад, – аз чунин суол ҳайрон мешавад Ашӯр Сафар.

– Не, бигӯед, ки бо чӣ равам? – густохӣ мекунад он шахс.

– Бо самолёт, – ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Чаро?
– Ё тезтар мерасӣ, ё тезтар зада мемурӣ!

## МАН АЗ ПАНҶОҲ ГУЗАШТААМ

Ашӯр Сафар назди Мӯъмин Қаноат – котиби аввали Иттифоқи нависандагон медарояд ва хоҳиш мекунад, ки ба ӯ ягон мошинаи сабукрав диҳанд.

– Мошин нест. Солҳои охир ягон мошин ҳам ба союз намедиҳанд, – сабаб пеш меорад котиб. – Мана, Қутбӣ Киром 50-сола мешавад, мошине нест, ки ба ӯ диҳему ба ту чӣ хел медиҳем?

Ашӯр Сафар, ки чор сол аз Қутбӣ Киром калон буд, чунин ҳазл мекунад:

– О, Қутбӣ нав панҷоҳ мешавад, ман кайҳо аз панҷоҳ гузаштаам.

## ТУРО ХАЁЛИ МАН КАРДААНД

Боре нависанда Раҳмон Сафаров ба Кӯлоб меравад ва дар назди Ашӯр Сафар худро чунон таъриф мекунад:

– Эҳ, домулло! О, дар Кӯлоб ҳам ҳама маро мешинохтааст-ку?!

– Чӣ хел? – сарфаҳм намеравад Ашӯр Сафар.

– Аз самолёт фуромадам, ки радиои фурудгоҳ чунин эълон кард: «Хуш омадед, рафиқ Сафаров! Марҳамат, аз баромадгоҳи депутатӣ гузаред. Шуморо бесаброна интизорем. Бори дигар хуш омадед, рафиқ Сафаров!»

– Ҳа-а! Акнун фаҳмидам, домулло. Туро хаёли ман кардаанд, – Сафаров будани фамилияи худро дар назар дошта мегӯяд Ашӯр Сафар.

## ДУ ШОИР

Ашӯр Сафару Салимшо Ҳалимшо дар бинои Иттифоқи нависандагон рӯ ба рӯ меоянд: Ашӯр Сафар бо ҳамон табассуми доимияш, вале Ҳалимшо ғамгину асабӣ, бо кадоме туву ман кардагӣ барин.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ашӯрҷон, ба фикри ту кӣ шоири зӯр аст? – ҷои саломуалейкум ҳолпурсӣ мепурсад Ҳалимшо.

– Шоир фақат ман худамам, дигар ягонтат шоир нестед! – ба суоли бемаънӣ бепарво ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар.

## ХӮРОКҲОИ АРЗОН

Ашӯр Сафару Салимшо Ҳалимшо дар Маскав вомехӯранд.

– Ҳа, Ашӯрҷон, сафарҳо ба хайр! – мепурсад Ҳалимшо.

– Ду-се-рӯза омадаам, каме кор доштам. Ту чӣ?

– Ман аз ҳамин ҷо ба Афғонистон меравам.

– Ин хел, ки бошад, то ман туро гусел накунам, ба Душанбе намеравам. Биё, то он вақт якҷоя мегардем: чақ-чақ мекунем, механдем, ҳамроҳ Маскавро тамошо мекунем, – таклиф мекунад Ашӯр Сафар. – Кӣ медонад, аз он тараф мегардӣ ё не?

Таклиф ба Ҳалимшо маъқул меафтад ва онҳо се рӯз якҷоя сайругашт мекунанд. Дар ҳамин се рӯз чанд боре, ки хӯрок мехӯрданд, пули хӯрокро Ҳалимшо медиҳад.

Бори охир, вақте ки боз Ҳалимшо ҳисобӣ мекунаду аз ошхона мебароянд, Ашӯр Сафар чунин мегӯяд:

– Домулло, аҷаб хӯрокҳои арзон дорад Маскав, а?

– О, бо пули ман ки мехӯрӣ, арзон метобад! – мегӯяд Ҳалимшо.

## КАСЕТА

Шоир Убайд Раҷаб падарам Ашӯр Сафарро дар Душанбе дида, як касетаи магнитофон медиҳад ва хоҳиш мекунад, ки овози Одина Ҳошимро барояш сабт созад. Падарам ба ноҳияи Маскав рафта, беҳтарин сурудҳои Одина Ҳошимро барои дӯсташ сабт мекунад.

Вақте ки ман Кӯлоб рафтам, касетаро дода таъкид кард, ки онро фавран ба Убайд Раҷаб расонам. Ман касетаро ба Душанбе, ба хонаам оварда, хостам пеш аз ба соҳибаш расондан як бор гӯш кунам. Бинам, бисёр касетаи зӯр будаст. Қариб ҳар рӯз гӯш мекардам онро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз миён ду сол гузашт, вале ман, ки аз овози Одина Ҳошим ҳеҷ дил канда наметавонистам, касетаро ба соҳибаш надодам.

Падарам ба Душанбе, ба съезди Иттифоқи нависандагон омад. Дар хонаи ман овози Одина Ҳошимро шунида, касетаро шинохт.

– Эҳ, каллаварам, ту ҳоло ҳам надодӣ касетаро? – сарзаниш кард маро.

– Ман аз шарм чизе нагуфта, сар хам намудам.

– Бурда ҳозир расон, ки айби калон шуд! – амр кард ӯ.

Касетаро гирифта, нав аз хона мебаромадам, ки маро аз роҳ гардонд:

– Исто, пагоҳ съезд масъалаи ташкилиро мебинад. Ку, бубинем Убайдулло ягон вазифа гирад, баъд мебарӣ.

Рӯзи дигар, вақте ки Убайд Раҷаб ҷонишини раиси Иттифоқи нависандагон шуд, касета ба дасташ расид.

## ҶАВОБИ УЗР

Дар тӯйи 60-солагии Ашӯр Сафар дӯсташ Бобохон Маҳмадов каме дер мемонад ва чунин узр мепурсад:

– Домулло, бубахшед, ки каме дертар омадем.

– Ҳеҷ гап не, – мегӯяд соҳибҷашн, – дертар ҳам омада бошед, дасти холӣ наёмадагистед.

## САВҒОИ ТЕЛЕФОНӢ

Боре аз Кӯлоб падарам ба ман занг заданд:

– Гӯш кун, Гурез. Дӯсти ман Бобохон Маҳмадов дар Душанбе тӯй доштааст. Ба ман ҳам даъватнома фиритодааст. Лекин ман омада наметавонам.

Ман, ки аз асли воқеа хабардор будам, гуфтам:

– Чӣ хел наметавонед, ки шумо на танҳо меҳмон, балки раиси davраед!

– Омада намешавад. Роҳ маҳкам, ягон мошину автобус намегардад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Хайр, бо самолёт биёед, охир. Он кас ба умеди раисии шумо.

– Самолёт қимат. Панҷсад сӯм аз ин тараф диҳаму панҷсад аз он тараф, ҳазор сӯм сарф мешавад…

Набошад, чӣ кор мекунед?

– Гӯш кун, гапамро набур. Аввалан, аз номи ман барои наомаданам узр пурс. Сониян, як ҳазорсӯмаро дар лифофа андозу бурда ба ӯ деҳ. Гӯй, ки падарам ҳамин савғоро равон карданду гуфтанд: «Аз он, ки ҳазор сӯм ба ҳаво меравад, ба дасти шумо расад, хуб нест?!»

Ман ҳамин тавр ҳам кардам.

## ШАБЕ ДАР МЕҲМОНХОНА

Ашӯр Сафару Қутбӣ Киром Қирғизистон мераванд ва байни мардуми тоҷикзабон шеърхонӣ мекунанд.

Рӯзе баъди суҳбату шеърхониҳо онҳоро зиёфат медиҳанд ва баъд ба меҳмонхона (дар меҳмонхона ҳар кадом ҳуҷраи алоҳида доштанд) гусел мекунанд.

Қутбӣ Киром нисфи шаб «касал» мешавад. Чӣ кор карданашро надониста, ба ҳоле аз ҷо мехезаду дари хонаи дӯсташро мекӯбад.

– Ашӯр, ҳо Ашӯр! Дара кушо, ки ман касал шудам.

– Касал шуда бошӣ, рав хоб кун, ки боз касалат ба ман нагузарад! – аз пушти дар мегӯяд Ашӯр Сафар.

## ДАР БАРИ РАИС

Ашӯр Сафар ба зиёфате меравад. Вақте ки ба хона медарояд, ҳама аз ҷо мехезанду аз рӯи эҳтиром ба боло таклиф мекунанд ӯро.

– Не, ман ҳамин ҷо мешинам, – мегӯяд ӯ ва аз поён, дар бари раиси колхоз ҷо мегирад. – Боло ҳамон ҷост, ки раис бошад!

Ҳама сухани ӯро ҳазл пиндошта механдиданд. Вале вақте ки беҳтарин хӯрданиҳоро пеши ӯву раис мегузоранд, ҳозирон пай мебаранд, ки шоир ҳазл накарда будааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ВАСИЯТИ ВАЛИЗОДА

Миралӣ Маҳмадалиев аз Ашӯр Сафар мепурсад:

– Ту то дами вопасин болои сари Ализода будӣ, ягон чиз бахшид ба ту ё не? Чӣ васият кард?

– Васият кард, ки, – ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар, – ҳар чизе ки раисони колхоз ба ман медоданд, акнун гӯй, ки ба ту диҳанд.

## РОҲБАЛАД

Тирамоҳ як гурӯҳ адибон, кам не ғам не, дувоздаҳ нафар ба Кӯлоб мераванд ва то ки онҳоро хуш пазирой кунанду нигоҳубин Ашӯр Сафарро роҳбалад мегиранд. Ашӯр Сафар хуб медонист, ки айни ҷӯшу хӯруши кор асту нигоҳубини ин миқдор адибро роҳбарони ягон ноҳия ба ӯҳда намегиранд. Онҳоро ба ноҳияи Мӯъминобод, ки ноҳияи боғу ток ва чорвопарвариву сабзавоткорист, мебарад, зеро он ҷо нисбат ба ноҳияҳое, ки пахта месупоранд, ташвиш камтар буд.

Ба идораи райком мераванд. Меҳонон назди бино меистанду Ашӯр Сафар назди котиби дуюм Қароқулов медарояд.

– Ин дувоздаҳ касро ман чӣ хел саришта кунам? – норизо мегӯяд котиб. – Намешавад!

– Намешавад, – мегӯяд Ашӯр Сафар, – як мошин картошка диҳед, ҳозир гардонда мебарамшон.

Котиб механдад ва аз ҷо хеста ба пешвози меҳмонон меравад.

## ҚАДАҲИ РОҲБАЛАД

Дувоздаҳ адиб (бо роҳбаладашон Ашӯр Сафар сездаҳто) ду-се рӯз байни меҳнаткашони ноҳияи Мӯъинобод шеърхонӣ мекунанд. Роҳбарони ноҳия пеш аз гусел барои меҳмонон боз як зиёфат мерояанд. Дар сари зиёфат ҳар адиб бо навбат қадаҳ гуфта, ба роҳбарон – ташкилкунанда-



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гони вохӯриҳову суҳбатҳову зиёфатҳо миннатдорӣ изҳор мекунад.

Ба Ашӯр Сафар бехабар, вақте сухан медиҳанд, ки ӯ бо шахси дар паҳлӯяш буда саргарми суҳбат буд. Аз ин рӯ бе ягон тайёрӣ ба сухан мепардозад ва табиист, ки дар аввал чӣ гуфтанашро намедонад.

– Дӯстони азиз! – қадаҳ ба даст гирифта, бо суханони обшустаю забонзада гапашро сар мекунад шоир. – Чуноне мегӯянд, адибон ҷони миллатанд. Бе шоиру нависанда мардум сари калобаашонро гум мекунад. Ин ҷо беҳтарин шоирон, нависандагон…. Нохост табассуме мекунаду ба роҳбарони ноҳия, хусусан ба Қароқулов нигариста, давом медиҳад. – Росташро гӯям? Гапи як хели ҳамина занаш намегирад. Раҳмат, ҳазор раҳмат ба шумо, ки ин қадар иззату ҳурматашон кардед?

## ТУ МАРО НАШИНОХТӢ…

Ашӯр Сафар дар тӯи Тағой Раҳмон раис мешавад. Тамоми маҳораташро ба кор бурда, бо нақлҳову ҳазлҳои ширин маъракаро обод мегирад. Соҳибтӯй аз ин шод гашта, баъди анҷоми маърака ҷомае оварда ба шоир пӯшонданӣ мешавад.

– Домулло, – мегӯяд Ашӯр Сафар, – илоҷе нест, ки ҳамин ҷомаро ба ягон чизи дигар иваз кунӣ?! Охир онро дар кӯча пӯшида нашавад.

Тағой Раҳмон чунин ҳазли шоирро ҷиддӣ пиндошта, давида хона медарояду ба ҷои ҷома як плашро ба зӯр бор мекунад ба ӯ.

Баъди чанд рӯз Ашӯр Сафар плаши зебову ба танаш шинамро пӯшида, кӯча мебарояд, ки Тағой Раҳмонро мебинад. Ӯ аз он тарафи кӯча омада, ба шоир вохӯрӣ мекунад.

– Муаллим, – мегӯяд Тағой Раҳмон, – бахудо, аз дур шуморо нашинохтам.

– Ту маро не, – мегӯяд Ашӯр Сафар, – плашро шинохтӣ!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ТӮЙҶАЪД

Ашӯр Сафар дар ҳар тӯяш дӯсташ Ғафур Восеъро хабар мекард ва ҳар бор Ғафур Восеъ 10 сӯм бароварда тӯйҷаъд медод.

Дар як тӯяш, ки ба давраи қаҳтиву қиматӣ ва бисёр беқурб шудани пул рост омад, боз дӯсташро хабар кард. Ӯ ин дафъа ҳам як даҳсӯма баровард.

Ашӯр Сафар ба даҳсӯмаи ба як тин баробар нигариста, чунин гуфт:

– Бача, бозсозӣ ҳамаро дигар карду ҳиммати туро не.

Баъди ин Ғафур Восеъ 20 сӯм медодагӣ шуд.

## ТАКЛИФ

Рамазон буд. Ашӯр Сафар қариб ҳар рӯз дар кӯча ҳамсояаш бобои Холмуродро дида, ба як пиёла чой таклиф мекард. Ба неву нестони мӯйсафед нигоҳ накарда, сахт мегирифт ӯро. Ба ҳоле халос мехӯрд бобои Холмурод. Ба гумонаш, ҳамсоя рӯзадор будани ӯро фаромӯш кардааст ва ин таклифҳои пайдарпайро самимӣ пиндошта, дар дил ниҳоят шод мешуд.

Рамазон гузашт. Бобои Холурод дар кӯча Ашӯр Сафарро вохӯрд. Акнун розӣ буд, ки бо ҷону дил таклифи ӯро қабул кунад. Вале таклиф куҷо…

Ашӯр Сафар мӯйсафедро дида, на салому на алейк, рӯша ба дигар тараф мегардонад, гӯё тамоман надидааст ӯро.

Бобои Холмурод акнун пай мебарад шӯхии ҳамсояашро.

## АНГУР БИЁРАМ?!

Ашӯр Сафар чор себи калон-калон гирифта, ба аёдати бобои Холурод, ки бистарӣ буд, меравад.

– Охир… – базӯр гап мезанад мӯйсафеди бемор, – ба ҷои себ ангурум наёвардӣ? Дандон надошта бошум, ки…

– Ин хел бошад, себора баруму ангур биёрум? – мепурсад Ашӯр Сафар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Не… – табассум медамад дар лабони бемор. – Мон, сево ҳам истану ангур биёр!

## СУХАНИ АВВАЛ

Дар вохӯрии адибон, ки бо заҳматкашони хоҷагии ба номи Кирови ноҳияи Маскав мегузарад, Ашӯр Сафар баранда мешавад.

– Моро мешиносед? – ба ҳозирон рӯ меорад ӯ.

– Ҳа, мешиносем, – ҷавоб медиҳанд сомеон.

– Масалан, ҳамин кас кист? – ба Қутбӣ Кином, ки дар паҳлӯи росташ ҷой дошт, ишора мекунад Ашӯр Сафар.

– Қутбӣ Кином, – посух медиҳад духтаре.

– Аз куҷояш шинохтӣ? – боз мепурсад баранда.

– Аз сараш! – ҷавоб медиҳад духтарак.

– Ин тавр бошад, – мегӯяд Ашӯр Сафар, – сухани аввал ба шиноси шумо, Қутбӣ Кином.

## ШУМО ДАР БОЛО ХОБЕД

Гурӯҳи адибон дар хоҷагии ба номи К. Маркси ноҳияи Фархор бо меҳнаткашон вомехӯранд.

Зимистони хунук буд. Шаб нависандагонро дар хонае ҷой медиҳанд. Қутбӣ Кином, ки одатан дар маъракаҳо аз боло нишастанро меписандид, аз аввали суҳбат дар боло ҷой мегирад. Барои ӯ ҷогаҳи хобро низ аз боло мепартоянд. Печ,ки тунукагӣ буд, нисфи шаб оташ хомӯш мешаваду хона хунук. Ашӯр Сафар эҳтиёткориро аз даст надода, кайҳо кӯрпаи Қутбӣ Киномро кашида, болои худ партофта буд.

Қутбӣ Киноми бекӯрпа нисфи шаб аз асари хунукӣ бедор мешавад.

– Ашӯр, ҳо Ашӯр, ман дар куҷо хобам? – фарёд мекунад ӯ.

– Шумо дар боло хобед! – ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ШОНАХАР

Қутбӣ Кирому Ашӯр Сафар дар дараи Варзоб сайр доштанд. Аз назди мағозае гузашта мехоҳанд онро тамошо кунанд. Наздики мағоза мерасанд, ки мудир мағозаро аллакай қулф зада, омодаи рафтан аст.

– Дарро кушоед, – баъди саломи даҳанакӣ мегӯяд Қутбӣ Киром. – Мағозаатонро як тамошо кунем.

Мудир эътиборе намедиҳад, гӯё надида бошад.

– Кушоед! – ин дафъа амр медиҳад шоир. – Ман Қутбӣ Киром!

Барои савдогар чӣ фарқ дошт, ки Қутбӣ Киром кӣ ҳаст ё каси дигар. Лекин ба ҳар ҳол, ӯ дар ҷавоб андаке ҳайрон мешавад.

Ашӯр Сафар аз ҳайронии ӯ истифода бурда мегӯяд:

– Кушоед, домулло шонахаранд.

Мудир ба сари бемӯи Қутбӣ нигариста, табассуме мекунаду дари мағозаро мекушояд.

## КӢ МЕДОНАД?

Қутбӣ Киром ба китоби «Хандаи гулҳо»-и Ашӯр Сафар муҳаррир буд.

Рӯзе Ашӯр Сафар ба нашриёт меояд, ки аз тақдири китобаш воқиф гардад. Ноширон ба ӯ мегӯянд, ки муҳарриратон пагоҳ соати шаши саҳар Сибир меравад ва агар ба китобатон имзо накунад, он ба соли дигар мегузарад.

Ашӯр Сафар дастнависи шеърҳояшро гирифта субҳи барвақт дар фурудгоҳ мешавад. Баъди муддате Қутбӣ Киром ҳам меояд.

– Ҳа, Ашӯр, дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? – мепурсад Қутбӣ.

– Шунидам, ки сафар дорӣ, гуселат омадам, – ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар.

– Ин чист? – ба дастнависи дасти дӯсташ ишора мекунад Қутбӣ Киром.

– Ин ҳамон китобест, ки муҳаррираш туӣ. Овардамаш, ки имзо гузорӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– О, хайр, мемондӣ, аз он сӯ омада имзо мегузоштам?! – аз шитобкории рафиқаш ҳайрон мешавад Қутбӣ Киром.

– Дар ин ду моҳ кӣ медонад, ки ту зинда бармегардӣ ё не?! – мегӯяд Ашӯр Сафар ва дастнависро имзо мекунонад.

## НОСА НОС МЕГӮЯНД

Солҳои шастум дар Душанбе курс-конференсияи адибони ҷавон даъват мегардад. Ашӯр Сафару Қутбӣ Киром низ иштирокчии ин курс-конференсия буданд. Ҳар ду дар долони меҳонхонаи «Душанбе» вомехӯранд. Қутбӣ Киром аз дӯсташ хоҳиш мекунад, ки барояш каме нос ёбад.

Ашӯр Сафар нос ёфта, дари хонаи Қутбиро мекӯбад.

– Қутбӣ, ҳо, Қутбӣ, кушо дара, нос овардам! – бо овози баланд мегӯяд ӯ.

Қутбӣ Киром аз хона баромада ӯро сахт коҳиш мекунад:

– Ту кала дорӣ ё не? Охир хонуме меҳмони ман аст, дар ҳузури ӯ «нос» нею «хоки ватан» гӯӣ, намешавад?

Дар ҷои мо шайтонгариро намедонанд, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Носа нос мегӯянд!

## ҚАРИБ, КИ НАШНОСАМАТ

Ашӯр Сафар ва Қутбӣ Киром дар Хоҷа Оби Гарм истироҳат мекарданд.

Дар вохӯрии аввалин Ашӯр Сафар каллапӯши дӯсташро дида, базавқ механдад.

– Чӣ механдӣ, ҳоло суҳбате накардаем-ку?! – ҳайрон мешавад Қутбӣ.

– Ман барои он механдам, ки, – мегӯяд Ашӯр Сафар, – сари сурху дар ҷаҳон машҳури худро бо шапкаи сафед баҷо кардаӣ. Қариб, ки нашиносамат.

## ҚУТБӢ КИРОМ Ё САИДАЛӢ ВАЛИЗОДА

Дар истироҳатгоҳ ду дӯсти ташнаи дидор Ашӯр Сафар ва Қутбӣ Киром рӯ ба рӯ истода, суҳбати гарме мекунанд. Азбаски чанд муддат ҳамдигарро надида буданд, ҳама ҳазлу



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шӯхиҳояшон нав буд. Роҳи хандаи онҳоро қуввае намебаст. Ҳозирон – истироҳаткунандагон ҳама чашму гӯш гашта, аз суҳбати ин ду шоири хушчақчақу ширинбаён лаззат мебурданд ва ғарқи ханда мешуданд…

Рӯзи дигар яке аз истироҳаткунандагон, ки доим дар сари синааш нишони депутатӣ дошт ва зиёинамо буд, аз Ашӯр Сафар мепурсад:

– Муаллим, ҳамуне, ки дина бо шумо суҳбати дурударозе кард, Саидалӣ Ветилизода буд?

– Бале, худи худаш, – ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар мақоли «изои мӯъмин ҳаром»-ро ба хотир оварда (ҳол он ки аз вафоти Ветилизода қариб 20 сол сипарӣ гашта буд).

– Мӯйсафеди шӯх будааст, – табассум мекунад депутат.

Аз ҳамон дам Ашӯр Сафар гоҳ-гоҳ Қутбӣ Киромро Саидалӣ Ветилизода ном мебарад.

## АЗ ИН ҶО РАВЕМ, БАЪД…

Идораи тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Ашӯр Сафар ва Қутбӣ Киромро дар иди Наврӯз ба Мастчоҳ мефиристад. Ҳар ду шоир дар меҳмонхонаи хурду зебо, вале танҳои миёни як боғи калони шаҳраки Бӯстон ҷой мегиранд. Котиби аввали Кумитаи ҳизби ноҳия Қурбон Тӯраев шаби аввал нею шаби дуюм назди адибон меояд ва дар рафти суҳбат чунин мегӯяд:

– Шояд барои дер омаданам хеле таҳқир кардед-а?

Ашӯр Сафар, ки пеш аз ин асабишавии ҳамсафараш Қутбӣ Киромро дида буд, ҷавоб медиҳад:

– Не, ҳолӣ ҳеҷ чӣ нагуфтаем. Аз ин ҷо равем, баъд…

## ХОСИЯТИ ЯКСОЛПАС

Адибон Қутбӣ Киром, Баҳром Фирӯз ва Ашӯр Сафар меҳмони колхози ба нои Амиршоеви ноҳияи Кӯлоб мегарданд. Раиси колхоз Абдулмаҷид Муҳиддинов меҳмононро хеле гарм қабул карда, дар бошишгоҳҳо вохӯриҳои калон ташкил менамояд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Қутбӣ Кcallром аз ҳамсафарони худ дида боҳароратттар сухан мекунад, шеър мехонад, ки аз ин духтарон ба ваҷд омада, ба ӯ гулдастаҳо тақдим мекунанд. Дар омади гап ҳар ҷо раисро низ таъриф мекунад. Раис ба шоир хуш меояду шоир ба раис. Ҳар ду ошно мешаванд. Қутбӣ Кирom орзу мекунад ва дуо медиҳад, ки илоҳо хоҷагӣ плани пахтасупориро бо сарбаландӣ иҷро намояду ӯ дар тӯйи колхоз муборакбодӣ ояд.

Сол ҷамъбаст мешавад. Ашӯр Сафар раисро дида, аз иҷрои плани пахта пурсон мешавад.

– План иҷро нашуд, – ҳасрат мекунад раис. – Ошноямон хосият накард.

– Чуноне ман медонам, – раисро тасаллӣ медиҳад Ашӯр Сафар, – ошнои шумо яксолпас хосият дорад. Соли оянда даъваташ кунед, корҳо панҷ мешавад.

## ГАНДА МУРДАН НАДОРАД

Дар нашриёт Ашӯр Сафару Қутбӣ Кирom рӯ ба рӯ меоянд. Ҳамдигарро оғӯш гирифта ҳолпурсӣ мекунанд.

– Мазза нест, Ашӯрҷон, – аз саломатияш гила мекунад Қутбӣ. – Поҳом сахт дард мекунад. Метарсам, ки бемаҳал мемурам.

– Парво накун, – тасаллӣ медиҳад ӯро Ашӯр Сафар. – Ганда мурдан надорад.

## ТОҚӢ ДАР САРИ ҚУТБӢ

Ашӯр Сафар чанд муддат Қутбӣ Кирomро надида пазмон мешавад ва ӯро ба Кӯлоб меҳмонӣ таклиф мекунад. Меҳмонро, ки барояш дар ҳақиқат азиз буд, рӯзона ҳар тараф тамошо дода, шаб хона оварда, зиёфат медиҳад. Се-чор рӯз ба ҳамин минвол иззатдорӣ мекунад ӯро.

Пеш аз ба сайру тамошоҳо баромадан мизбон мебинад, ки дар ҳавои салқинтоб меҳмонаш бе каллапӯш аст. Аз ин рӯ, тоқии чустии кори калоне бароварда ба ӯ туҳфа мекунад ва ҳар кучое мешинанду мехезанд, чунин таъкидаш мекунад: «Устод, сарат лағжонак асту эҳтиёт шав, ки тоқиро на-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

афтонӣ». Ҳар гоҳе Қутбӣ Киром аз ҷо меҷунбад, боз ҳамон таъкидро такрор мекунад.

Ниҳоят маслиҳат медиҳад, ки биё тоқиро аз ду тараф банд карда, дар гарданат бубандем, зеро дар чунин сари лағжонак истодани он дар гумон аст.

Аз шунидани ин таъкидҳо Қутбӣ Киром тоқиро ба сари худ сахттар зер мекард ва гӯё гуфтанӣ мешуд, ки: ана, шуд»!

– Ман ба созгрии ин сару тоқӣ бовар надорам, – боз таъкид мекунад Ашӯр Сафар. – Биё, беҳтараш, гирдогирди тоқиро ширеш молем…

Ҳамин тариқ, ҳар ду шӯхӣ мекунанду механданд. Ҳангоми гусели меҳмон дар фурудгоҳ низ чунин таъкидҳо садо медиҳад.

Нохост Ашӯр Сафар мебинад, ки Қутбӣ Киром аз зинаи тайёра мебарояду ду дасташро аз болои тоқӣ намегирад.

– Усто…о..од, дастатро ги…и..ир! – аз дур фарёд мекунад ӯ. – Тоқӣ одат ка…а..рд, дигар намеафта…а…д.

## НЕ, ТАНҲО НАОМАДААНД

Ашӯр Сафар Қутбӣ Киромро ба суҳбати деҳқонони хоҷагии «Маскав»-и ноҳияи Восеъ мебарад. Вохӯрӣ бо деҳқонон дар сари хирман баргузор мегардад. Деҳқонон аз суҳбати ин ду шоир хеле хурсанд мешаванд. Дар лабони раиси колхоз Абдӣ Авазов низ (ки ба қавле, кафи пояшро бихорӣ, намехандад) табассум пайдо мешавад.

Баъди суҳбат раис шоиронро ба як пиёла чой даъват мекунад. Дар хоначаи канори хирман дастурхон мерояанд: ҳама анвои хӯрданиву нӯшиданӣ муҳайё. Баъди андаке сурх шудани сарҳо Қутбӣ Киром ба хушчақчақиву байтхонӣ медарояд ва диққати раисро пурра ба худ ҷалб месозад. Раис аз сӯҳбати гарми ӯ кайф карда, беихтиёр мепурсад.

– Домулло, шумо аз Душанбе танҳо омадаед?

Ба ҷои Қутбӣ Киром, ки ҳамин вақт косаи оби анорро ба сар мекашид, Ашӯр Сафар ҷавоб медиҳад:

– Не, танҳо наомадаанд, иштиҳояшонро ҳам овардаанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҲАМСАФАРИ МАЪҚУЛ

Аз Ашӯр Сафар пурсиданд:

– Чаро аксар вақт бо Қутбӣ Киромед ва ҳамеша якҷоя сафар мекунед? Куҷои он кас ба шумо маъқул аст?

– Ба ман ҳимматаш маъқул аст, – ҷавоб додааст Ашӯр Сафар. – Куҷое равем, ҳам пули роҳро медиҳаду ҳам хӯрду хӯроку ҳам ҷои хобро. Чаро ин хел ҳамсафар маъқул набошад?

## ТУҲФА-ШОНА

Вохӯрии адибон бо меҳнаткашони ноҳияи Фархор барпо мегардад. Ҳар адиб баромада дар омади гап ҳамқаламашон Қутбӣ Киромро, ки навакак 50-сола шуда буд, табрик мегӯяд. Ҳар кӣ бо обуранги ба худ хос ин ҷашнро ёдовар мегардад.

Навбат ба Ашӯр Сафар мерасад (ӯ одатан дар охир сухан мекард). Чанд сухани гулчин карда дар ҳақи Қутбӣ Кироми 50-сола мегӯяду аз киса шонаеро бароварда, дар назди ҳозирон ба ӯ туҳфа мекунад. Қутбӣ Кибром туҳфаро, чуноне мегӯянд, бо ду дасти адаб қабул карда, сари бемӯяшро шона мезанад.

Шаб, вақте Қутбӣ Киромро хоб мебарад, Ашӯр Сафар туҳфаи додаашро аз кисаи соҳибҷашн гирифта, аз нав ба кисаи худ мезанад.

Саҳарӣ Қутбӣ Кибром инро пай бурда, мепурсад:

– Чаро шонаро дуздидӣ?

– Надуздидам, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Гирифтам, ки дар садсолагият тӯҳфа кунам.

## БА ДОДАН ОДАТ НАКАРДАЕМ

Дар иди Наврӯз Ашӯр Сафар бо дӯст ва ҳамсуҳбати деринаш, бо қаҳрамони асарҳояш раиси Миралии ба нафақа баромада вомехӯрад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Раис рӯи сабза чорзону зада буд. Баъди ба нафақа баромадани раис шоир қариб ду сол ӯро надида буд ва ҷои он, ки оғӯш кушода ба зиёраташ равад, аз дур бобои Миралиро песонда мегузарад.

– Намиёӣ, салом кунем, ки иқа мепесонӣ? Гундита хӯрдам? – мегӯяд раис.

– Не, гундима нахӯрдиву ин вақтҳо ягон чиз намедиҳӣ, – ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар.

Раис нафақахӯрии худро пеши рӯ оварда, ҳасрат мекунад:

– Вақти додани ту расид, шоир.

– Мо, шоирон, – мегӯяд дар ҷавоб Ашӯр Сафар, – ба додан одат накардаем.

## МО ҲАМ ҚАФОИ ОНҲО МЕРАВЕМ

Шоир Убайд Раҷаб, Ҳабибулло Файзулло, Ашӯр Сафар ва Сафармуҳаммад Аюбӣ сафари Дашти Ҷумро пеш мегиранд. Айёми тутпаз буд. Баъди тамошои деҳаи хушманзари Ёл онҳо лаб-лаби дарёи Панҷ аз Анҷироб гузашта ба деҳаи Хирманҷо медароянд. Сари роҳ мебинанд, ки дар пеши бинои нимкораи сафеде се-чор кас лойи андова мешӯранд. Таваққуф мекунанд, ки онҳоро боракалло гӯянд.

– Инҳо муаллимони мактабанд, – лойшӯронро муаррифӣ мекунад ҳамсафари адибон, сардори хоҷагии ҷангали Дашти Ҷум Борон Қурбонов – Мактабро таъмир мекунанд.

Гирди лойхона суҳбати кӯтоҳе ба вуқӯъ мепайвандад.

– Моро мешиносед? – мепурсад Ашӯр Сафар.

– Не, – мегӯянд муаллимони лойшӯр.

– Мо фалониҳоем, – гуфта, ҳамқаламонашро шинос мекунад Ашӯр Сафар.

– Дина, – мегӯяд яке аз муаллимон, – Ҳабиб Юсуфиву Лутфулло Бузургзода ҳам аз ҳамин роҳ гузашта тарафи боло рафтанд. Шумо куҷо меравед?

– Мо ҳам аз қафои онҳо меравем, – посух медиҳад Ашӯр Сафар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ГУРӮҲИ КӮРУ КАЛ

Шоирон Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб, Бозор Собир … ва Абдулҳай Қаландар ба ноҳияи Совет мераванд, ки бо мардум вохуриҳо гузаронанд.

Баҳор буду рӯзи офтобӣ. Адибон роҳи совхози «Ғалаба»-ро пеш мегиранд. То совхоз мерасанд, ки ҳаво борон мегирад. Ҳамин ки клуб, ба вохӯрӣ медароянд, борон ба барф табдил меёбад…

Барандагиро чун ҳарвақта ба дӯши Ашӯр Сафар вомегузоранд. Ӯ ба мардуми дар толор ғун омада нигариста, суханашро ин тавр оғоз мекунад:

– Аз омадани мо шумо хурсандед ё не?

– Хурсандимона намедонем, – мегӯяд яке аз сомеъон, – омад-омади шумо шуду ҳавои соф абрнок гардид, ҳамин ки ба совхоз расидед, борон борид, ба клуб даромадед, ки борон ба барф табдил ёфт. Охираш чӣ мешавад, намедонам.

– Аввалу охираш ба мо маълум аст, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Мо ҳамроҳамон на танҳо барфу борон, офтоб ҳам дорем. Онро ба ҳамон ҷое мебарем, ки лозим аст. Барои совхози шумо, ки асосан совхози чорвопарвариву зироаткорист, ҳозир борону барф даркор буд.

Сипас шоиронро мешиносонад. Аввал ба Ҳақназар Ғоиб, ки аз ҳамон ҷо депутат буд, сухан медиҳад. Ҳақназар Ғоиб кулоҳашро аз сар нагирифта, ба гап медарояд.

– Медонед, чиба Ҳақназар кулоҳашро намегирад? – мегӯяд Бозор Собир. – Барои он, ки ӯ кал аст.

Ҳақназар маҷбур шуда кулоҳашро мегирад ва мардум сари бемӯи ӯро дида, завқ мебарад. Абдулҳай Қаландар низ шерак шуда, пеш аз баромад кулоҳашро аз сар гирифта рӯи миз мемонад. Сари бемӯи Абдулҳай Қаландар ҳам сомеъонро механдонад. Ҳар ду адиби ба қавли Бозор Собир, кал ба шарм ғӯта мезананд.

Ашӯр Сафар бо мақсади ҳамсафаронашро аз шарм баровардан «сухан ба худам» мегӯяд ва сипас айнакашро ба чашм монда, илова мекунад:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Гурӯҳи мо, рафиқон, аз калу кӯр иборат аст. Навбати калҳо гузашт, акнун навбати кӯрҳо расид.

Авҷи қарсаку ханда боло мешавад.

## ЗАДИВУ СОЗ НАЗАДӢ

Ашӯр Сафар дар Кӯлоб хабар меёбад, ки шоир Саттор Шокирзода ба садамаи автомобилӣ дучор шудаасту дар хона хоб аст. Ӯ савғои бисёр гирифта, ба аёдати ҳамқаламаш ба колхози Ленини ноҳияи Восеъ меравад. Мебинад, ки ҷароҳати бемор кирой набуда, кайҳо шифо ёфтааст. Аз ин сабаб хурсанд мешавад.

Нисфирӯзӣ буд ва Ашӯр Сафар роҳи дарозро тай намуда, ҳам хаста гашта буду ҳам гурусна. Ин буд, ки бо иштиҳои том сари дастархони Шокирзода менишинад. Соатҳо менишинад, вале соҳибхона ӯро обу нони муносиб намекунад. Ашӯр Сафар, ки гуруснатар гашта буд, каме меранҷад.

– Дар куҷо задӣ? Ку, рафтем, ҷои задагита бинем, – ҳангоми хайрухуш мегӯяд Ашӯр Сафар.

Шокирзода розӣ мешавад ва ҳар ду ба мошин савор шуда, то Қурбоншаҳид меоянд.

Шокирзода оҳи сарде кашида, як гардиши хавфнокро нишон медиҳад:

– Ана, дар ҳамин ҷо!

Ашӯр Сафар, ки айни ҳол ишкамаш аз гуруснагӣ танбӯр менавохт, дастархони холии дӯсташро пеши рӯ оварда, чунин мегӯяд:

– Задиву соз назадӣ.

## ЯК КОСА ШӮРБО

Дар толори Қасри маданияти колхози ба номи Ленини ноҳияи Восеъ маҷлиси калони коркунони соҳаи хоҷагии қишлоқи гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб баргузор мегардад, ки роҳбари аввали ҷумҳурӣ ва як қатор роҳбарону мутахассисони дигар ширкат меварзанд. Он хоҷагиеро, ки плани пахтасуполориро пурраву барзиёд иҷро кардааст, ба некӣ ном ме-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

баранд ва ба мухбирон супориш ҳам медиҳанд, ки дар борaи онҳо зиёдтар нависанд.

Ашӯр Сафар он вақтҳо мухбири махсуси радиои Тоҷикистон дар гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб буд. Ҳангоми танаффус раиси колхози «Ленинград»-и ноҳияи Кӯлоб Ҳаким Бобоев наздаш омада гила мекунад:

– Домулло, мо планро як саду бист фоиз иҷро кардем, зиёда аз план қариб ҳазор тонна пахта супоридему шумо дар хусуси колхози мо бисёр кам навиштед. Ҳамин қадар гуфтед, ки колхоз планро барзиёд иҷро кард.

– Раис, як коса шӯрбо қати ҳамин қадар менависанд, – мегӯяд Ашӯр Сафар.

## РОСТ МЕГӮЯД

Навқаламе ба Ашӯр Сафар хабар расонида мегӯяд, ки Сафармуҳаммад Аюбӣ шеъре навиштааст бо чунин мазмун: то Ашӯр Сафар намурад, мо обрӯ намегирем.

– Аюбӣ рост мегӯяд, – посух медиҳад Ашӯр Сафар. – Мо ҳам Ваплизодаро ҳамин хел мегуфтем.

## ТАДҚИҚОТЧИЁН МУАЙЯН МЕКУНАНД

Ашӯр Сафар ба Сафармуҳаммад Аюбӣ хабар мерасонад, ки ду шеъраш дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» чоп шудааст.

– Ман он ҷо шеър нафиристода будам, – аз чоп шудани шеърҳояш хурсанд шуда мегӯяд Аюбӣ. – Шумо нафаҳмидед, ки он шеърҳоро аз куҷо гирифта чоп кардаанд?

– Инашро тадқиқотчиён муайян мекунанд, – мегӯяд Ашӯр Сафар.

## МАСЛИҲАТ

Сафармуҳаммад Аюбӣ ба Ашӯр Сафар чунин муроҷиат мекунад:

– Устод, ман бисёр ҷавони зебояму афсӯс, ки қадам паст аст. Чӣ кор кунам, ки баландтар шавам?

– Кафш пӯш! – маслиҳат медиҳад Ашӯр Сафар.



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҲОЛПУРСӢ

Ашӯр Сафар кайҳо пайхас карда буд, ки Сафармуҳаммад Аюбӣ таърифро дӯст медорад. Агар ӯро аз ҳамаи шоирони дунё болову воло тавсиф кунед, қабул мекунад. Бинобар ин муддаои дили Аюбӣ амал карда, ба ӯ «устод» лақаб мемонад. Ин лақаб рафта-рафта нисбати Аюбӣ ҳамчун исми хос садо додан мегирад, то дараҷае, ки ҳатто дар хонааш устод ном мебарандаш.

Рӯзе ҳангоми сайругашт Аюбӣ шиква мекунад, ки дилам мезанад. Баъди хайрухушу хона ба хона шудан, бегоҳӣ Ашӯр Сафар ба хонаи Аюбӣ занг зада, аҳволпурсӣ карданӣ мешавад. Гӯшакро ҳамсараш мебардорад.

– Келин, дили устод аз задан монд ё не? – ҳолпурсӣ мекунад Ашӯр Сафар.

## МАКТУБ БА УСТОД

Ашӯр Сафар «Вафодор» ном шеъри Сафармуҳаммад Аюбиро, ки дар он сухан аз боби саг мерафт, хонда ҳайрон мешавад. «Наход устод мавзӯи дигар наёфт, ки, – мегӯяд ба худ, – дар бораи саг менависад»?!

Чанд рӯз пас мешунавад, ки Аюбӣ дар бораи сагҳо боз шеър навиштааст, бо номи «Модасаг». Қалам ба даст гирифта, нимҳазлу нимҷиддӣ чунин мактуб менависад ба Аюбӣ:

*«Ба устод эҳтироми оташин бод,*
*Сари кас пеши пояш дар замин бод.*
*Ба сагҳо баски меҳри хоса дорад,*
*«Вафодор»-и варо сад офарин бод.*
*Шунидам «Модасаг» ҳам дорад устод,*
*Рақибаш нарсагони беҳтарин бод.*
*Шавад рӯзе, ки гардад банди куҷбел,*
*Ба пушташ зарби чӯби йирғаин бод.*
*Ба пеши кохи назмаш назмхоҳон*
*Чу мурғи гушна доим резачин бод.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Кӣ бошад?! – Ҳақназар ё ки Муҳаммад,*[1]
*Ба устод ин ду кас як ҷонишин бод!*

## УСТОД ВА ШОГИРД

Шоири Халқии Тоҷикистон Ашӯр Сафар ба хонаи Аюбӣ занг мезанад, ки гӯшакро духтарчааш мебардорад.

– Устод ҳастанд? – мепурсад ӯ.

– Шумо кӣ? – пурсон мешавад духтарчаи Аюбӣ.

– Ман як шогирдашон, – мегӯяд Ашӯр Сафар.

– Ота, ота! – аз гӯшаки телефон шунида мешавад овози баланди духтарак, – як шогирдатон мепурсад.

## ШОИР ВА «АЪЛОЧИИ САВДО»

Сафармуҳаммад Аюбӣ Ашӯр Сафарро ба сихкабоб даъват мекунад. Ҳар ду дар катчаи зебои чойхона, ки зери соя буд, чой мегиранд ва Аюбӣ панҷоҳ сихкабоб мефармояд.

Сихҳои кабоб монанди шохдарза болои лаълии калон ғарам мешаванд. Баъди кабобро бо чои хуштамъу нони гарм нӯши ҷон кардан Аюбӣ ба Ашӯр Сафар рӯ оварда мегӯяд:

– Устод, пулашро шумо диҳед, зеро дар ин ҷо шиносҳои ман бисёранд ва агар пул доданамро бубинанд, маро хушомадгӯ меҳисобанд.

Ашӯр Сафар «ин ҷо ҷои баҳсу мунозира нест» гуён, ночор ҳисобӣ мекунад ва аз худ мепурсад, ки чаро Аюбӣ чунин фитнаро пеш гирифт? Андак пас худ ба суоли худ ҷавоб меёбад:

«Охир ин ҷаноб унвони «Аълочии савдо»-ро соҳиб аст-ку?!»

## КИТОБЧАИ МАЪҚУЛ

Дар бинои Иттифоқи нависандагон Нақиб Саид бо Ашӯр Сафар вохурда, як китобчаи шеърҳои бачагонаашро соядаст навишта, тақдим мекунад ба ӯ.

---

1. Шоирон Ҳақназар ва Муҳаммад Ғоиб дар назаранд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ашӯр Сафар лаҳзае китобчаро такурӯ карда мегӯяд:

– Бисёр китоби маъқул-да!

– О, ҳоли нахондаӣ-ку, – ҳайрон мешавад муаллифи китобча. – Кучояш маъқул ба ту?

– Ба ман нархаш маъқул, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Панҷ тин!

## ЯК ХУРАНДА КАМ

Басир Расо ҳамроҳи ронандааш Бараҳна Кӯлоб рафта, меҳмони Ашӯр Сафар мешавад. Рӯи ҳавлӣ, ҳанӯз хона надаромада, Басир Расо аз соҳибхона мепурсад:

– Ашӯр, ҳамин Бараҳна Восеъ, хусурҳоша хабаргирӣ рафтанист, ҷавобаш диҳам ё не?

– А-ай-й, зуд ҷавобаш деҳ, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Як хуранда кам.

## ДӮСТИ БЕДАНДОН

Ашӯр Сафар дар чойхона бо яке аз дӯстони қадрдонаш Бобоқул Қурбоналиев вомехурад. Чанде чой нӯшида сӯҳбат мекунанду механданд. Ҳангоми хандаи дӯсташ Ашӯр Сафар мебинад, ки дар даҳон дандоне надорад.

– Ба дандонҳот чӣ шуд? – мепурсад аз Қурбоналиев.

– Чӣ балое шуд, ки ҳамаш рехтанд, – бо ҳасрат ҷавоб медиҳад ҳамсуҳбаташ.

– Не-е, нарехтаанд, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Ту худат онҳоро ҷурта кандаӣ, ки даҳонат кушод шаваду нолаи калонтар гирӣ.

## ҲАМНИШИНҲО

Ашӯр Сафар дӯсташ Бобоқул Қурбоналиевро чанд муддат надида, пазмон мешавад. Ниҳоят рӯзе дар чойхона ҳар ду вомехуранд. Ин дафъа Қурбоналиев пиёда не, мошинсавор буд.

– Мошин муборак бошад! – мегӯяд Ашӯр Сафар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Худо муборак! – ҷавоб медиҳад Қурбоналиев. – Насиб бошад, ягон рӯз мешӯем.

Ашӯр Сафар мошини навро бо ҳавас тамошо карда, дар пушти оинаи ақиб ду бозича – сагчаҳоро мебинад, ки гоҳ-гоҳ худ ба худ ҳаракат мекунанд.

– Ана, барои чӣ камнамоӣ?! – мегӯяд ба ҳамнишини деринааш Ашӯр Сафар.

– Нафаҳмидам, – ҳайрон мешавад Қурбоналиев.

Ашӯр Сафар ба сагчаҳои паси мошин ишора мекунад:

– Ҳамнишинҳои нав ёфтаӣ-ку?!

## МУРДАНӢ МЕХУРӢ

Дар тӯи 70-солагии Саидалӣ Ализода Ашӯр Сафар тӯйхабаркун мешавад. Вақте ки Бобоқул Қурбоналиевро ба тӯй хабар мекунад, ӯ даҳ сӯм бароварда тӯйчаъд медиҳад.

– Ин кам аст, – мегӯяд тӯйхабаркун. – Устод Ализода хабар ёбад, хафа мешавад.

Қурбоналиев даҳ сӯми дигар илова мекунаду мегӯяд:

– Ҳоли норафта бист сӯм хароҷот кардам, аз ин туй ба ман чӣ фоида?

– Фоидаш маълум, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Мурданӣ мехурӣ.

## ...АЗ ХОНАИ МАН ХУБТАР АСТ

Ашӯр Сафар дӯсташ Одина Ҳошимро пазмон шуда, ба театр (театри ба номи Саидалӣ Ализода, ки Одина Ҳошим директораш буд) меравад. Ҳар ду чанде суҳбат мекунанду баъд ба мошин савор шуда аз ҳавлии театр берун мебароянд. Нисфирӯзӣ буд ва шикамҳо аз гуруснагӣ танбӯр менавохтанд.

Мошин ба сари роҳи калон мебарояд.

– Куҷо ҳай кунам? – мепурсад Одина Ҳошим, ки ронанда буд.

– Куҷое ҳай кунӣ, оғо, – мегӯяд Ашӯр Сафар, – аз хонаи ман хубтар аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ОМАДА ХОБ КУН, ШУД

Ашӯр Сафар бемор мешаваду ба шифохона меафтад. Раиси колхози «Ленинград»-и Кӯлоб Абдуҷаббор Зардиев ба аёдати ким-кӣ мераваду рӯи ҳавлии шифохона бо Ашӯр Сафар вомехурад.

– Мебахшед, мавлоно, – мегӯяд раис, – ман нафаҳмидам, ки шумо ин ҷо хобед. Чӣ биёрам бароятон?

– Ҳеҷ чӣ, – посух медиҳад шоир. – Худат омада ҳамин ҷо хоб кун, ҳама чиз мешавад.

## ҲОЛПУРСИИ АҶОИБ

Ашӯр Сафар ба ҳолпурсии дӯсташ, раиси колхоз Абдуҷаббор Зардиев меравад. Ба идораи раис медарояд, ки ӯ хаста ва асабинамост.

– Чи хелӣ? – мепурсад шоир. – Авзоат ноҷо?!

– Эҳ, мавлоно, – оҳи сард мекашад раис, – хаста шудаам. Ҳар рӯз маҷлису маҷлисбозиву ҷангу ҷанҷол. Гоҳ ина аз кор мегираму гоҳ уна. Ҳеҷ не, ки корҳо пеш раванд. Ана, навакак мудири анборро аз кор гирифтем…

Ҳамин ҷо гапи раис дар даҳонаш мемонад. Ашӯр Сафар якбора аз ҷо хеста мегӯяд:

– Эҳ, ба ҷояш кӣ шуд?!

## САРИ ПӮСИДА

Дар тӯи хонадоршавии шоир Одина Мирак, ки дар деҳаи Тутуи ноҳияи Муъминобод барпо мегардад, адибон Бозор Собир, Бурҳон Ғанӣ, Ғоиб Сафарзода, Нур Табар ва чанде дигарон иштирок мекунанд. Дар таги чанори калону лаби чашмаи шаффофи Туту ҷои нишаст мерояанд. Эмомалӣ Рабиеви муаллимро ҳамчун шахси калонсолтар аз боло мегузаронанд. Ӯ хушгӯиҳо карда, меҳмононро бо ҳазлҳояш хурсанд мегардонад.

Аз хандаҳои меҳмонон Рабиев болида, ба таърифи худаш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мегузарад ва бо ангушт ба пешонияш кут-кут зада, – ин сар не, гунбази гардон аст, – мегӯяд.

Ашӯр Сафар таърифи ӯро дида, як дона шафтолуи пухтаро ба сӯяш ҳаво медиҳад, ки шафтолу рост рафта, ба пешонии Раббиев мезанад ва аз он хун мебарояд. Ашӯр Сафар мебинад, ки аз зарби як шафтолуи пухтаю хулбут сари ӯ кафида, хун меояд, ба завқ хандида, мегӯяд:

– Сараш пусидагӣ будаст-ку?!

## ДУШАНБЕ ВОРИ

Муҳиддин Фарҳат ба Ашӯр Сафар дар кӯчаи Душанбе қадамзанон чунин суол медиҳад:

– Ашӯрбой, дар Кӯлоб одам бисёр аст ё хар?

– Ҳамон ҷо ҳам Душанбе вори, – ҷавоб мегардонад Ашӯр Сафар.

## ШУМО НИГАҲ КУНЕД

Ашӯр Сафару Саидҷон Ҳакимзода меҳмони хонаи Муҳиддин Фарҳат мегарданд. Ҳамсари он кас як табақ мантуи гарм меоранд. Се шоир ба хурдан шурӯъ мекунанд.

– Канӣ, нигаҳ кунетон, – меҳмононро ба хурдан таклиф мекунад Муҳиддин Фарҳат.

– Шумо нигаҳ кунед, мо мехурем, – мегӯяд Ашӯр Сафар, ки аллакай мантуи сеюмро ба даҳон тела дода буд.

## ТАШХИСИ ДАРД

Ашӯр Сафар чанд муддат бо шоир Иброҳим Ҷалилзода ҳамкор буд. Як вақт Ҷалилзода қариб се моҳ ғайб мезанаду ба кор намеояд. Мегӯянд, ки ӯ ба беморин дарозмуддат гирифтор шудааст.

Ҳамин ки Ҷалилзода дар идора пайдо мешавад, Ашӯр Сафар ӯро ба хонаи як қадрдонаш ба зиёфат мебарад. Ҷалилзода қариб се соат паиҳам мехурад, нисфи дастархонро мерӯбад, вале ҳеҷ не, ки сер шавад. Ашӯр Сафар ӯро хуб зеҳн монда, мепурсад:



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Духтурҳо дардатро муайян карданд?
– Не, натавонистанд, – шиква мекунад Ҷалилзода.
– Дардатро ман муайян кардам, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Дардат дарди гушнагист.

## УН ҚАДАР ЗИНДАГИЕ НЕСТ

Дар суҳбате раиси Комиҷроияи шаҳри Кӯлоб Тошмад Назиров ба Ашӯр Сафар мегӯяд:
– Мавлоно, мо ният кардем, яке аз кӯчаҳои маркази шаҳрро ба номи шумо монем…
– А…а…ай! Бисёр нияти хуб кардед, – шод мешавад шоир. – Зудтар монед, ки дер нашавад.
– Мемондему… – забон мехояд раис. – Ҳозир не, баъди зиндагиатон…
– Э, мондан гиред! – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Ун қадар зиндагие нест ин.

## ЯКТОИ ДИГАР НАВИСЕД!

Бобо Ҳоҷӣ ба як шеъри Ашӯр Сафар нақиза менависад. Баъди чоп шудани он ҳар ду бо ҳам вомехуранд. Муаллифи нақиза гумон мебарад, ки Ашӯр Сафар чун дигар шоироне, ки нақизаашон навиштааст, ранҷидаст.
– Домулло, – бар акси гумони ӯ мегӯяд Ашӯр Сафар. – Шумо дар нақизагӯӣ устод будаед-ку?! Илтимос, яктои дигар нависед!

## ЧӢ ҶАНҶОЛ МЕКУНӢ?

Ҳамроҳи падарам Ашӯр Сафар аз Душанбе ба Кӯлоб мерафтем. Мошинро ман мерондам. Дар ағбаи Чормағзак нозири роҳ моро дошт. Ман аз мошин фуромада, наздаш рафтам.
– Се сӯм ҷарима диҳед! – талаб кард нозир, бо баҳонае маро гунаҳгор карда.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Ман гуноҳе надорам ва сӯм-пӯм намедиҳам, – бо қатъият рад кардам талаби нозирро.

– Медиҳед!

– Намедиҳам!

– Медиҳед гуфтам, медиҳед!

– Не, намедиҳам!

Падарам аз даруни мошин баҳси моро, ки қариб ба ҷанҷол табдил меёфт, шунид ва дарро кушода, гуфт:

– Биё, ман худам се сӯм медиҳам, – ва як сесӯмаи шароққосиро бароварда, ба нозир дароз кард.

Нозир сӯмро ба киса зада, моро сар дод. Вақте ки ба роҳ баромадем, падарам ба мани асабӣ рӯ овард:

– Се сӯм қатӣ аз милиса халос бихурӣ, чӣ ҷанҷол мекунӣ?!

## БО ПУЛИ МАН ГИР!

Ашӯр Сафару Муҳаммад Ғоиб аз Кӯлоб Душанбе раҳакӣ мешаванд.

– Рав, барои ҳар думон билет гир! – ба Муҳаммад Ғоиб мегӯяд Ашӯр Сафар. – Пагоҳ саҳар қати бо самолёт меравем.

– Не, муаллим, – рад мекунад Муҳаммад Ғоиб. – Ман бо самолёт рафта наметавонам. Метарсам!

– Рав, рав, – ба ҷавоби ӯ эътибор надода, ҳуҷҷаташро дароз мекунад Ашӯр Сафар. – Ту кӯдакӣ, ки метарсӣ?

– Муаллим, бовар кунед, дилам беҳузур мешавад дар самолёт, – розӣ намешавад Муҳаммад Ғоиб. – Шумо равед, ман бо мошин меравам.

Ашӯр Сафар дар аввал ба суханони шогирдаш бовар мекунад. Вале сонитар ҳис мекунад, ки барои чӣ ӯ бо мошин рафтан мехоҳад: зеро роҳкирои мошин нисбати самолёт ду баробар арзонтар буд. Табассум карда аз нав ҳуҷҷаташро ба Муҳаммад Ғоиб дароз мекунад:

– Рав, билетҳоро бо пули ман гир, дилат беҳузур намешавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ТАҲРИРИ СОЯДАСТ

Корманди нашриёт будам. Рӯзе дар дасти ҳамкорамон Мӯҳтарам китоби «Роҳи паси ағба»-и Ӯрун Кӯҳзодро дида, аз ӯ хоҳиш кардам, ки онро ба китобхонаи падарам тақдим намояд. Шоир Мӯҳтарам розӣ шуда, соядасте навишт:

*«Ҳарчанд ки роҳи ағба мушкилгузар аст,*
*Биштоб, зиёфати Ашӯри Сафар аст».*

Китобро ба падарам расондам. Ӯ ин туҳфаро бо хушнудӣ қабул намуд. Вале, вақте ки соядастро хонд, ба ман рӯ оварда гуфт:

– Китоби нағзу соядасташ таҳрир талаб мекунад. «Биштоб, аёдати Ашӯри Сафар аст» мегуфт, хубтар мебуд. Зиёфат вазнин аст.

– Чӣ хел вазнин? – таҳти гапи ӯро сарфаҳм нарафта, пурсидам ман. – Аёдату зиёфат як хел вазн доранд-ку?! Вазнин нест!

– Ту дар умрат зиёфат надода бошӣ, аз куҷо медонӣ, ки вазнин аст ё не?! – табассум намуда, гуфт падарам.

## ХАЙРИЯТ-Э!

Ашӯр Сафар бо як гурӯҳ ҳамқаламонаш дар хоҷагиҳои ноҳияи Фархор шеърхонӣ мекунад. Ӯ боз ҳамон вазифаи бепули пешинааш – барандагиро ба ҷо оварда, як-як ба ҳамроҳонаш сухан медиҳад. Баъди хушгӯиҳо ва шеърхониҳои зиёд ба мухлисони шеъру ханда рӯ меорад:

– Ба ҳар касе савол дошта бошед, марҳамат. Лекин агар ба ман савол доданӣ бошед, – суханашро идома медиҳад шоири хуштабъ, – баландтар гап занед, ки гӯшҳоям вазнинанд.

Ва баъд сабаби вазнин шудани гӯшҳояшро ҳикоят мекунад:

– «Ман дар хонаам ба ғайр аз шеърнависӣ вазифаи гӯсолақапиро ҳам иҷро мекунам. Як рӯз чӣ хел шуд, ки гӯсола зӯр зада гӯшҳояшро аз дастам хато кард ва шири дӯшидагии занакро бо фукаш зада резонд. Занаки дар ғазаб омада бо як



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пайи калӯшаш ба гӯшам чунон сахт фуровард, ки аз зарби он гӯшҳоям вазнин шуданд…»

Аз шунидани ин ҳикоят дар байни шунавандаҳо ба ҷои қарсак миш-миш пайдо мешавад.

Баъди як ҳафта дар кӯчаи шоир мӯйсафеде пайдо шуда, хонаи ӯро суроғ мекунад. Яке аз ҳамсояҳо мӯйсафедро ношинос дида, аз ӯ мепурсад, ки аз куҷост ва ба шоир чӣ кор дорад.

– Ман аз ноҳияи Фархорам, – мегӯяд мӯйсафеди ғазаболуд. – Шунидам, ки шоирро занаш бо калӯш зада, гӯшҳояшро кар кардааст. Ку, бинам чӣ хел занак аст он?!

– Мебахшед амак, – изҳор мекунад ҳамсояи шоир. – Ашӯр Сафар ҳамин хел шӯхиҳо дорад.

– Хайрият-э! – каме осуда мешавад мӯйсафед ва аз роҳаш бармегардад.

## ГАЗЕТА ОБОД ШУДУ ЖУРНАЛ ҶАЗИР

Ашӯр Сафар ба Душанбе ба идораи рӯзномаи «Маориф ва маданият» меояду Бозор Собирро суроғ мекунад.

Бозор ба журнал[1] гузашт, – мегӯянд ба ӯ.

– Оббо…о, – ҳазл мекунад Ашӯр Сафар. – Газета обод шуду журнал ҷазир.

## БАЙТ

Нависандаи забардасте аз Душанбе Кӯлоб меравад. Ашӯр Сафар ӯро пешвоз гирифта, се-чор рӯз ҳамроҳӣ мекунад. Колхоз ба колхоз гардонда, вохуриҳо ташкил намуда, хушу хурсанд мегуселонад.

Аз роҳбаладии мавлонову меҳмоннавозии мардуми Кӯлоб нависандаи забардаст ба ваҷд омада, ҳангоми гусел ваъда медиҳад, ки дар бораи мардуми ин сарзамин ва алалхусус, дар бораи меҳрубониҳои Ашӯр Сафар ҳатман менависад.

---

1. «Садои Шарқ» дар назар аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар ҳақиқат баъди чанде «Ёддошт»-и калони нависанда дар рӯзнома нашр мешавад, вале дар он на номи Кӯлоб буду на номи Ашӯр Сафар. Нависанда деҳаи Кадучиро Шероз ва яке аз аз шоирони ин деҳаро Ҳофизи Шерозӣ гуфта буд.

Пас аз мутолиаи ин «Ёддошт» дар эҷодиёти Ашӯр Сафар байти наве пайдо шуд:

*Бахти ман дорад каҷиҳое, ки ҳайрон мешавӣ,*
*Хурда нонамро сагам гаҳ, меҷакад ҷои дигар.*

## ЧӢ ХЕЛ БЕҲИСОБ?

Ашӯр Сафар ба меҳмонони Душанбегӣ гӯсфанд кушта, зиёфати калон медиҳад. Шаб то рӯз мешинанд меҳмонон. Вақти хайрухуш шоир Муҳиддин Фарҳат чунин мегӯяд:

– Мулло Ашӯр, хайр, ин омаданамон беҳисоб.

– Чӣ хел беҳисоб, муаллим? – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Хуб мурданӣ хурдед-ку?! Ҳисоб ҳамин қадар мешавад.

## БЕПУЛАШРО БА МАН МЕДИҲЕД

Ашӯр Сафар аз Хоҷа Оби Гарм бармегардаду Ходими шоистаи Маданият Гулмурод Зуҳуров зиёраташ рафта, чунин хабар мерасонад.

– Мавлоно, дар маҷлиси Хазинаи фарҳанги вилоят Шуморо раис интихоб карданду маро ҷонишин.[1]

– Ҳа-а, – сар меҷунбонад Ашӯр Сафар, – куҷое вазифаи пулдор бошад, худатон мегиреду бепулашро ба ман медиҳед.

## ҲАМААШРО ҲАМИН ТАРАФ МЕФИРИСТАНД

Ҳунарманд Ортиқи Қодир Кӯлоб мераваду бо Ашӯр Сафар вомехурад. Дар вақти суҳбат Ортиқ шоирро рӯҳбаланд гардонданӣ шуда, чунин мегӯяд:

– Устод, дар ягон мағозаи Душанбе аз китобҳои Шумо нест…

1. Раис вазифаи фахрӣ буду музд намегирифт, ҷонишин музд мегирифт



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ҳа-а, рост гуфтӣ, – сухани Ортиқро мебурад Ашӯр Сафар. – Касофатҳо, ҳамаашро ҳамин тараф мефиристанд.

## БА ҚАДРИ ГӮШТ МЕРАСИДАГӢ ҲАСТ

Ашӯр Сафар бо Саидвалӣ – писари Саидалӣ Вализода, ки шеърфаҳму ҳазлкаш аст, дучор меояд.

– Мавлоно, рафтем хонаи мо! Як гӯсфанд куштам, чанде гӯшт мехурему чақ-чақ мекунем, – таклиф мекунад Саидвалӣ. – Ба қадри сухан мерасидагӣ ҳам намондааст.

– Ба қадри сухан мерасидагӣ намонда бошад ҳам, ба қадри гӯшт мерасидагӣ ҳаст, – гуфта, пеш медарояд Ашӯр Сафар.

## ТАНҲО ОМАДӢ?

Яке аз дӯстони Ашӯр Сафар – Ғафур Восеъ, ки донандаи хуби забонҳои туркиву англисист ва дар литсеи туркии шаҳри Кӯлоб ба сифати тарҷумон кор мекунад, рӯзе ҳамроҳи яке аз роҳбарони литсей ба аёдати шоири бемор меояд. Роҳбари литсей, ки дар даст тӯрхалтаи пур аз шираворихои туркӣ дошт, ба Мавлоно тансиҳатӣ мехоҳад ва ҳангоми хайрухуш дар таҳи болишти ӯ чизе мегузорад.

Баъди рафтани меҳмон Ашӯр Сафар аз таҳи болишти худ се ҳазор сӯм меёбад.

Пас аз чанд рӯз Ғафур Восеъ боз ба беморхона меояд. Ашӯр Сафар вайро танҳову бе дастовез дида, ин тариқ изҳори норизоӣ мекунад:

– Ҳа, домулло, дар литсей дигар турк набуд, ки танҳо омадӣ? …

## ЯК ПИЁЛА ЧОЙ

Хонаи Ашӯр Сафар дар сари роҳ аст. Савору пиёдаи кӯча аз назди дарвозаи ӯ мегузаранд. Шоир дар паси дарвозааш суфачае дорад. Ҳангоме ки дарвоза кушода бошад, ӯ аксари роҳгузаронро ба як пиёла чой таклиф мекунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Яке аз рӯзҳои охири моҳи июн. Дарвозаи шоир кушода буд. Ӯ болои суфача нишаста чой менӯшид, ки нохост чашмаш ба ҳамсояаш Саидшоев – муфаттиши Шуъбаи молияи вилоят меафтад. Вай тӯрхалтаи вазнине дар даст (дар тӯрхалта ду харбузаи калон буд) тарафи хонааш мерафт. Ашӯр Сафар ба пешвоз баромада, «агар аз чоям як пиёла нагиред, он аз гулӯям намегузарад», гуён аз роҳаш мегардонад ӯро.

Саидшоев ночор ба ҳавлӣ медарояд ва чун тӯрхалтаи харбузаҳоро болои суфа мегузорад, кӯдакони шоир ба он дармеафтанд. Саидшоев ноилоҷ як харбузаро ба онҳо медиҳаду бо як харбуза роҳи хонаашро пеш мегирад.

Ашӯр Сафар гаштаю баргашта «хуш омадед, домулло, хуш омадед, боз биёед», гуён ӯро гусел мекунад.

Баъди ин воқеа ҳафтаҳо, моҳҳо мегузаранд, вале шоир дигар ҳамгузарашро во намехурад. Сонитар маълум мегардад, ки ҳамсоя роҳашро дигар кардааст.

* * *

Ашӯр Сафар дар долони Шуъбаи маориф шиноси деринааш – директори Хонаи пешоҳангон Абдулло Бобоевро парешонхотир дида, ҳол мепурсад. Бобоев посух медиҳад: табъам аз он нохуш аст, ки тафтиши кори дусолаи идораам ҳеҷ не, ки тамом шавад.

– Кӣ кашол медиҳад? – мепурсад Ашӯр Сафар.

– Ана, он кас, – муфаттиш Саидшоевро нишон медиҳад директори Хонаи пешоҳангон.

Ашӯр Сафар пеши ҳамгузараш рафта, дасти ӯро мефишораду ба Бобоев мегӯяд:

– Ин кас одами хуб ҳастанд. Ҳоло ҳар сеямон ба хонаи мо рафта, дар сари як пиёла чой масъалаи шуморо мебинем.

Аз ишораи шоир воқеаи харбуза ба ёди Саидшоев расида, хушҳолона:

– Хуш-е, чоятон ба худатон насиб кунад, – мегӯяд ва тафтишро худи ҳамон рӯз ба анҷом мерасонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҲОЛО ҲАМ НАРАСИДАЕД

Боре нисфи шаб дарвозаи Ашӯр Сафарро тақ-тақ мезананд.

– Кист? – мепурсад шоир.

– Ман, Аслам Адҳам!

Шоир дарвозаро мекушояд. Аслам Адҳами маст калавида-калавида ба ҳавлӣ медарояду дар суфаи паси дарвоза дароз мекашад ва ҳамон лаҳза хобаш мебарад.

Ашӯр Сафар ноилоҷ кӯрпачаро бароварда, пушти меҳмон мепартояд ва як коса дуғу ду нони чаппотиро болои сараш монда, ба ҷогаҳи худ – таги айвони хона меравад.

Шаб оҳиста-оҳиста рӯз шуд. Дар ин миён шоири таги долон чанд бор сар бардошта, ба тарҷумони болои суфа назар афканд. Аслам Адҳам ором мехобид. Фақат гоҳ-гоҳ бедор шуда, аз дӯғи коса каме мехӯрду боз кӯрпаро ба сар мекашид…

Саҳарӣ Аслам Адҳам Ашӯр Сафарро дар паҳлӯяш дида зуд оғӯш кушод.

– Ассалому алайкум, домулло! Ин хонаи шумо магар?

– Ҳа хонаи ман, – худро ба нодонӣ мезанад соҳибхона. – Шумо кай омадед?

– Ҳозиракак расидам.

Аз ҷавоби меҳмон хандаи Ашӯр Сафар омада, мегӯяд:

– Не, ба фикрам ҳоло ҳам нарасидаед.

## БОЛОӢ

Солҳои донишҷӯӣ Ашӯр Сафар ҳамроҳи шарикдарси фарғонагияш Қамбаров ба мағоза меравад. Барои Қамбаров матои шимворӣ даркор буд.

Қамбаров матоеро хуш мекунад, вале аз он дар мағоза кам монда буд – порча ба як шим намерасид.

– Ҳай дареғ, – афсӯс мехурад Қамбаров. – Бисёр маъқул аст, лекин кам. Шим кӯтоҳ меояд.

– Маъқул бошад, харидан гиред, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Камтар болоӣ меандозем, соз мешавад…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## АЗ МУАЛЛИМАТ ПУРС

Солҳое, ки дин афюн буду диндорӣ гуноҳ, писари мактабхонаш аз Ашӯр Сафар мепурсад:

– Ота, худо ҳаст ё не?

– Аз муаллимат пурс, – ҷавоб медиҳад шоир.

## НОМА

Ашӯр Сафару сардори ПМК Нодиров дар бобати рехтани пойдевори хона шартнома бастанд. Кор бояд дар як моҳ ба анҷом мерасид. Вале сохтмончиён ба ваъда вафо накарданд, онро бештар аз як моҳ кашол доданд.

Ашӯр Сафар давутози бисёре кард, вале натиҷае набахшид. Ин буд, ки ба сардори ПМК номае навишт.

*«Ду-се байте ба Нодирзода гӯям,*
*Ба лафзи тоҷикии сода гӯям.*
*Ба ӯ бо лафзу имзо шарт бастам,*
*Гирифтам дасташу бигрифт дастам.*
*Маро шаш моҳ шуд, ки медавонад,*
*Ба садҳо ваъдаҳо, ки метавонад.*
*Ба қанди ваъда бахшад шаҳд бар ком,*
*Набошад ваъдаашро ҳеҷ итмом.*
*Дил аз кирдори ӯ беҳад малол аст,*
*Сари мӯ ҷони ларзонам кашол аст.*
*Варо акнун биёрам дар ғазаб ман,*
*Кунам иҷрои савгандаш талаб ман.*
*Кранро рағми ман бигзор, ронад,*
*Маро бо симбанди он кашонад.*
*Аз он беҳтар, ки мегӯяд дурӯғ ӯ,*
*Ба мисли баччаи шабгарду дайду.*
*Дигар тоқат ба ин манзар надорам,*
*Ба Нодирзода ман бовар надорам.*
*Кран аз вай, қалам аз ман ба ҷанганд,*
*Миёни хоку обу рӯи сангаид.*
*Тамошоҷой ёбему нишинем,*
*Кадомаш зӯр меорад, бубинем?!»*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Баъди ин нома кор ичро гардид, яъне «қалам» аз «кран» ғолиб омад.

## РАВҒАНАШ КАМ НЕСТ

Дар хонаи Ашӯр Сафар барои меҳмонон ош меоранд.

– Бах-бах! – баъди як-ду навола гирифтан даҳанмазза мекунад яке аз меҳмонон. – Оши бисёр хуб, вале равғанаш андак кам.

– Равғанаш кам нест, – ба фикри меҳмон розӣ намешавад соҳиби хона, – биринчаш зиёд.

## РӮЗИ МО БА ПОДШОҲӢ МЕГУЗАШТ

Ду рӯз пеш аз тӯи 60-солагии Ашӯр Сафар Неъматулло Раҳматзодаи шоиртабъ аз соҳибҷашн мепурсад:

– Мавлоно, ман чӣ туҳфа биёрам?

– Ин ба ҳимматат вобаста, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Масалан, Носирзода[1] як қуттӣ арақ овард.

– Носирзода девона аст, – эътироз мекунад Раҳматзода.

Шоир бо тамасхур кала меҷунбонад.

– Боз якта ҳамин хел девона мебуд, рӯзи мо ба подшоҳӣ мегузашт…

## ДИДӢ, ҚОРӢ ЧӢ ХЕЛ МЕШАВАД?

Сарояндаи хушилҳон Тағоймурод Хушвақтов, ки ҳамчун Қории Ёвонӣ машҳур аст, дар Қасри фарҳанги шаҳри Кӯлоб консерт намоиш медиҳад. Ашӯр Сафар аз баромади ӯ ба шавқ омада, ҳаловат мебарад.

Баъди анҷоми консерт шоир дар саҳни қаср ба як қории таҳҷоӣ рӯ ба рӯ меояд, ки дар шикоятнависӣ машҳур буд.

– Ту ҳам худатро қорӣ гуфта, навис-навис карда гаштӣ – мегӯяд ӯ. – Дидӣ, қорӣ чӣ хел мешавад?!

1. Қарабек Носирзода шоирест, ки ӯро девона гӯянд



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЧИЗИ БЕҲТАРИН

Дар Кӯлоб ягон чорабинӣ, маъракаву базм бе Ашӯр Сафар намегузашт. Ӯ дар ҳама ҷо косагули давра буд ва тӯйҳоро бо нақлҳову ҳазлҳои ҷолибу обнарасида мегузаронд.

Дар тӯе арӯсу домодро муборак гуфта, ба онҳо бахт орзу мекунад ва орзуяшро бо ҳикояти зер тақвият медиҳад:

«Шоҳе буд ҷавон ва тавоно. Рӯзе ҳангоми сайругашт чашми ӯ ба духтари соҳибҷамоли деҳқоне афтода, ба вай ошиқ мешавад ва ба вазир мефармояд, ки деҳқондухтарро ба ӯ хостгорӣ намояд. Вазир эътироз мекунад: ин кор ҳаргиз ҷоиз нест, айб мекунанд. Вале шоҳ….

Ноилоҷ хоҳиши ӯро ба ҷо меоранд. Баъди тӯй деҳқондухтарро бо аробаи музайяне ба дарбор меоранд. Чанд муддат хушу хурсанд зиндагӣ мекунанд онҳо, вале ниҳоят гуфтаи вазир рост мебарояд: шоҳ зери таънаву маломати мардум мемонад.

Як бегоҳ аз таъсири майи ноб сархуш мешавад шоҳ ва ба духтар маддаи дил мекафонад.

– Ман дигар тоқати шунидани таънаи мардум надорам. Аз ҳамин қаср чизи беҳтаринро бигиру баромада рав!

Духтар аввал сахт ғамгин мешавад, вале баъд мегӯяд, ки аз рӯи гуфтаи шоҳ амал хоҳад кард. Фақат як хоҳиш дорад: боз чанд лаҳза онҳо бо ҳам айшу ишрат намоянд.

Шоҳ хоҳиши вайро мепазирад. Онҳо то бевақтии шаб базм мекунанд.

Шабона, чун шоҳ аз таъсири шароб бехуд шуд, духтар бо ҳамон аробаи музайяне, ки вайро ба дарбор оварда буданд, шоҳро ба ҳавлии падари деҳқонаш мебарад.

Саҳарӣ шоҳ ба худ омада, худро рӯи кати шаллақе мебинад.

– Ман дар куҷоям? – бо тааҷҷуб мепурсад аз духтар, ки болои сараш меистод.

– Дар хонаи падари ман, – ҷавоб медиҳад духтар.

– Кӣ маро овард?

– Ман!

– Чаро?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Духтар оҳ мекашад.

– Охир, шумо гуфтед, ки чизи беҳтарини қассро гирифта бар. Дар қаср аз шумо беҳтар чизе набуд…»

– Ман орзу мекунам, ки – суханашро хотима мебахшад Ашӯр Сафар, – аз тамоми молу мулки дунё қимматтаринаш барои домод арӯс бошаду барои арӯс домод…

## ДАР ПӮСТАТ КОҲ ҶОЙ МЕКУНАД

Чанд шеъри Ашӯр Сафар дар рӯзнома чоп мешавад. Ҳарчанд шеърҳо ҳадафи муайян надоштанд, баъзе аз хонандагони кунҷков пай мебаранд, ки яке аз рафиқони наздикашро мазаммат кардааст. Яке аз хонандаҳо ба шоир занг мезанад:

– Мавлоно, чаро фақат ҷӯраҳои худатонро ҳаҷв мекунед?

– Бегонаро ҳаҷв кунӣ, дар пӯстат коҳ ҷой мекунад, – ҳозирҷавобӣ мекунад Ашӯр Сафар.

## РАИСРО МЕНАВИСАМ

Бозор Собир аз Ашӯр Сафар мепурсад:

– То кай раиси Миралиро менависӣ?

– То вақте ба ман нон даркор асту ба говам коҳ, – ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар, – ман раисро менависам.

## ОМАДАН ГИРАНД

Ҳақназар Ғоиб аз Ашӯр Сафар мепурсад:

– Муаллим, нону намаки халқро мо бисёр хӯрдем. Агар рӯзе ҳамаи онҳо ҷамъ шуда, хонаи мо биёянд, чӣ кор мекунем?

– Омадан гиранд, – дарҳол ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар. – Дасти холӣ намеоянд-ку?!

## БА САРМУҲАРРИР БОХТАМ

Дар идораи «Хорпуштак» Ашӯр Сафар бо шоира, сармуҳаррири маҷаллаи «Занони Тоҷикистон» Мавҷуда Ҳаки-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мова вомехурад ва ҳар ду шоҳмот мебозанд. Бозиро Ашӯр Сафар мебозад.

– Мавлоно, нағз нашуд, бозиро ба зан бохтед, – механданд хорпуштбачаҳо.

– Ман бозиро ба зан не, ба сармуҳаррир бохтам, – бо ифтихор мегӯяд Ашӯр Сафар.

## ИН ОМАДАНАТОН БЕҲИСОБ

Чанд тан адиб аз Душанбе ба Кӯлоб меоянд. Ашӯр Сафар онҳоро меҳмондорӣ мекунад, зиёфат медиҳад. Ӯ ҳар замон ба меҳмонон мегуфт: «Домуллоҳо, ин омаданатон беҳисоб».

Аз гапи шоир Раҳмон Остон ҳайрон мешавад: ҳама қонуну қоидаи меҳмондорӣ риоя шуду чаро соҳиби хона гаштаю баргашта «Ин омаданатон беҳисоб» мегӯяд. Ва ҳангоми рафтан, вақте ки соҳибхона боз ҳамон гапашро такрор мекунад, мепурсад:

– Мавлоно, чаро ин омаданамон беҳисоб?

– Барои он ҳисоб нест, ки, – мегӯяд Ашӯр Сафар, – дасти холӣ омадед.

## ЯК БОРИ ДИГАР ТАКРОР КУНЕД

Мухбири радио Ашӯр Сафар супориш мегирад, ки баромади раиси колхози ба номи Карл Маркси ноҳияи Фархор, Одина Муродовро шунавонад. Чун бо раис рӯ ба рӯ меояд, раис ӯро ба хонааш мебарад, то баромадашро дар он ҷо тайёр кунанд. Баромад тайёр ва рӯи коғаз навишта мешавад.

Дастурхонро тунук мекунанд. Рӯи он ҳама нозу неъмат муҳайё мегардад, ба ҷуз себ. Раис матнро мехонаду Ашӯр Сафар онро ба фиттаи апараташ сабт мекунад. Ӯ пешравии тамоми соҳаҳои хоҷагиро номбар карда, аз иҷрои планҳо бо ифтихор сухан меронад. Чун дар бобати иҷрои плани себ ҳарф мезанад, Ашӯр Сафар, ки набудани себро дар рӯи дастархон кайҳо мушоҳида карда буд, мегӯяд:

– Ҳамин ҷумларо бори дигар такрор кунед!

– Ҳо..о..й, – мақсади шоирро пай бурда фарёд мекунад раис. – Себ биёред!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДУ ПИСТАХӮР

Ашӯр Сафар бо нависанда Бурҳон Ғанӣ дар маъракаи муаллимону донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб, ки ба муносибати иҷрои плани пахтасупорӣ ва ҳиссагузории онҳо дар ин мубориза барпо гардида буд, иштирок менамояд.

Маърака аз се қисми асосӣ иборат буд: қисми тантанавӣ, мукофотдиҳиву консерт ва зиёфат. Дар зиёфат аз пистаи Қаратов, ки сифаташ дар ҳама ҷо садо медиҳад, табақ-табақ болои дастархон рехта буданд. Ашӯр Сафар, ки на дандони сиҳат дошту на чашми тезбин, айнакашро аз киса баровардa ба чашмон мемонаду болои писта сар хам мекунад. Чанде кофтуков карда, пистаҳои кафидаро шикаста, ба даҳон мепартояд. Се-чор дона хӯрда, сар мебардораду ба Бурҳон Ғании дар паҳлӯяш нишаста менигарад. Мебинад, ки пӯчоқи писта дар пеши ӯ кайҳо ғарам шудааст. Ба ғарами пӯчоқу ба Бурҳон Ғанӣ нигариста, чунин мегӯяд:

– Домулло, шумо ворух вори мехурдаед-ку?!

## ХУСУР ВА ДОМОД

Ду адиби хушзавқ Ашӯр Сафар ва Бурҳон Ғанӣ дар чанд бошишгоҳи колхози ба номи Шаталови ноҳияи Кӯлоб бо заҳматкашони саҳро суҳбат мероянд. Дар бошишгоҳи деҳаи Шакархон пеш аз он, ки адибон ба сухан бипардозанд, колхозчие ба Ашӯр Сафар муроҷиат карда мегӯяд:

– Муаллим, худатона-ку мешиносем, лекин ин ҳамраҳи хунукатон кист? – ба Бурҳон Ғанӣ ишора мекунад ӯ.

– Ин хунук, – мегӯяд Ашӯр Сафар, – домодмон аст (ҳамсари Бурҳон Ғанӣ кӯлобист). Худо мора ҳамин хелӣ гандадомод карда бошад, чӣ кор кунем? Ман худам ҳам шарм медорам, ки ҳамроҳаш бигардам. Ҳар чӣ бошад ҳам, аввал ҳамин домод гап занад.

Домод бо суҳбати гарму ширинаш ҳамаро қоил мекунад.

Ҳангоме, ки хӯрок меоранд, Ашӯр Сафар пешдастӣ карда, сағали калонеро мебардорад. Нохост сағал аз дасташ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

афтида, болои табақи шӯрбо мезанад. Шӯрбои сӯзону серравған ба сару либоси домод мепарад.

Бурҳон Ғанӣ ба сару либоси равғанину ба Ашӯр Сафар нигариста мегӯяд:

– Худо моро ҳамин хел гандахусур карда бошад, чӣ кор кунем?!

Ҳамин тариқ, хусуру домод мардумро то сер шудан механдонанд.

## МО ҲАМ ХОТИРИ ШУМОРО ДИДЕМ

Ҳар гоҳ ки Ашӯр Сафар ба Душанбе биёяд, ҳатман ба идораи «Хорпуштак» даромада, хорпуштбачаҳоро хабар мегирад ва бо онҳо шикамсерӣ суҳбат мекунаду механдад.

Дар суҳбате ба Бурҳон Ғанӣ мегӯяд:

– Саидбурҳониддинхоҷа, шукр кунед, ки зани шумо аз Кӯлоб асту мо хусуратон мешавем.

– Агар хотири шумо намешуд, – хусурашро миннатдорӣ карданӣ мешавад Бурҳон Ғанӣ, – ман кайҳо ҳамин занро сар медодам.

– Мо ҳам хотири шуморо дидем, набошад худамон кайҳо шавҳараш медодем, – ҳазл мекунад Ашӯр Сафар.

## ДАР МЕҲМОНӢ

Ашӯр Сафар ва Абдулҳамид Самадовро Бурҳон Ғанӣ дар хонааш меҳмон мекунад ва зиёфати бисёр хуб медиҳад. Мизбон ҳар як хӯрданиву нӯшиданиҳоро рақскунону сурудхонон оварда, болои дастурхон мегузорад. Ҳатто пиёлаҳои чойнӯширо. Меҳмонон аз ин лутфу меҳрубонии ӯ ба ҳайрат афтода, худро гум мекунанд.

Ҳангоми хайрухуш Бурҳон Ғанӣ ба даҳони Ашӯр Сафар менигардад, ки шояд аз зиёфат миннатдор шудаасту ягон сухани хубе дар шаънаш мегӯяд. Ашӯр Сафар инро пай бурда, лаб мекушояд:

– Ба умед нашав, Саидбурҳониддинхоҷа, ман аз ту не, аз ҳамшаҳри худам (келинро, ки аз Кӯлоб аст, дар назар дошт ӯ) миннатдорам. Хайру баракат ба хонадони он кас!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ЗАНИ ҚИШЛОҚӢ

Боқӣ Раҳимзода аз Ашӯр Сафар хоҳиш мекунад, ки даҳ дона кабк ёфта фиристонад, зеро дар як «шартакбозӣ» бой дода, зиёфате қарздор аст. Ашӯр Сафар барои хоҳиши устодро ба ҷо овардан ба шикорчие даҳ кабк мефармояд.

Вақте шикорчӣ кабкҳоро меорад, Ашӯр Сафар дар хона набуд. Ҳамсараш таҳи гапро нафаҳмида, сари дав дутояшро пар канда, ба ош меандозад.

«Аҷаб коре шуд» чанде таассуф мехурад Ашӯр Сафар ва ҳаштои дигарашро ба воситаи як шиносаш ба Боқӣ Раҳимзода мефиристонад. Як мактубча ҳам менависад, ки чунин мазмун дошт. «Муаллим, бубахшед: кабкҳо даҳ дона буданд. Зани ман, ки қишлоқӣ аст, нафаҳмида дутоашро ба дег андохтааст».

Баъди чанд вақт Ашӯр Сафар ба Душанбе омада, ба қабулгоҳи Мирзо Турсунзода медарояд, ки он ҷо Боқӣ Раҳимзода, Фотеҳ Ниёзӣ ва худи Турсунзода чой нӯшида суҳбат доранд.

Боқӣ Раҳимзода воқеаи кабкҳо ва мазмуни хатро ҳикоя карда, ба Ашӯр Сафар мегӯяд:

– Хайрият, ки зани шумо қишлоқӣ будаасту ду кабкро пухтааст, зани мо барин шаҳрӣ мебуд, парашро ҳам намедидем.

## БАРОИ ҲАМИН РӮЗ ҲАСТ

Дар вилояти Кӯлоб рӯзҳои адабиёти тоҷик мегузаронанд. Аз вилояти Ленинобод шоир Нурмуҳаммад Ниёзӣ ҳам иштирокчӣ буд. Ӯ аз Хуҷанд рост ба Кӯлоб парвоз мекунад. Ашӯр Сафар ӯро бо чанд каси дигар пешвоз мегирад.

Дар назди меҳмонхонаи «Хатлон» Нурмуҳаммад Ниёзӣ, ҳанӯз дохили меҳмонхона нагардида, мепурсад:

– Акаи Ашӯр, то Ленинобод барои пагоҳ ё рӯзи дигар билет бошад?

– Барои пагоҳ ё рӯзи дигар нею, – мегӯяд Ашӯр Сафар, – барои ҳамин рӯз ҳаст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## «ХУШПАЙҚАДАМ»

Котиби Иттифоқи нависандагон Ибод Файзуллоев аз Душанбе ба Ашӯр Сафар занг мезанад, ки интизор шавад, худ ҳамчун намояндаи Шӯрои Олӣ омада, якҷоя ноҳияи Совет мераванд ва ӯ баъзе корҳоро месанҷад.

Ашӯр Сафар ӯро дар фурудгоҳ истиқбол намуда, ба мошинаш мешинонад ва аввал ба хонааш мебарад. Ба хона медароянд, ки гӯсфанди Ашӯр Сафар бе ягон касал мурдаст. Аз хомшурбои гӯсфанди бе аҷал мурда мехуранду роҳи ноҳияи Советро пеш мегиранд.

Дар ноҳияи Совет бо раиси комиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқ Ӯзоқов вохурда, Ибод Файзуллоев мақсадро фаҳмонданӣ мешавад, ки Ӯзоқов мегӯяд.

– Муаллим, шумо бисёр «хушпайқадам» будаед, навакак аз маҷлис баромадам, маро аз вазифа озод карданд.

Меҳмони «хушпайқадам» дар ноҳия шаб мемонад. Шабона чунон заминларза мешавад, ки деворҳои як қатор хонаҳои маҳаллӣ мекафанд. Саҳари барвақт, ношто нокарда, Ашӯр Сафар дари мошинаашро кушода ба меҳмони «хушпайқадам» чунин мегӯяд:

– Ба фикрам, вазифаатонро иҷро кардед, домулло. Биёед, зудтар саво338ратон кунам, ки ягон ҳодисаи дигар рух надиҳад. Аз пайи қадаматон дар як рӯз се ҳодисаи нохуш рӯй дод, вой бар ҳоли Иттифоқи нависандагон, ки шумо он ҷо роҳбаред.

## МО МЕШИНОСЕМ

Ашӯр Сафар савори мошинаш аз роҳ мегузарад, ки ногоҳ чашмаш ба сармуҳаррири рӯзнома Шоҳмузаффар Ёдгорӣ меафтад. Ӯ тасодуфан пиёда монда, маътали автобус буд. Мошинро манъ карда, ӯро ишорат мекунад, ки омада савор шавад. Ёдгорӣ намебинад. Ниҳоят оинаи дари мошинро поён фуроварда овоз мебарорад.

Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ба мошин нишаста, мегӯяд:

– Бобои Ашӯр, бахудо, ки нашинохтамат.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Шумо, вазифадорон нашносед, мо мешиносем, – мегӯяд Ашӯр Сафар.

## АРИЗАНАВИС

Бародари калонии Ашӯр Сафар Эмом аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ бармегардад ва аз ӯ хоҳиш мекунад, ки барои паспорт гирифтан аз номаш ариза нависад.

– Майлаш, менависам, – розӣ мешавад Ашӯр Сафар. – Номат чист?

– Э-эъ, номи ман?! Номи бачаи отата намедонӣ? – сахт ба ғазаб меояд бародараш.

– Пеш медонистам, – бо мулоиматӣ ва ҷиддӣ ҷавоб медиҳад аризанавис. – Ҳозир намедонам. Ранги ту чандин ҷанговар Алексей, Андрей, Волод ва Иван… шуда омадаанд. Мумкин номи ту ҳам дигар шуда бошад.

## ХУДАМОН ГОВ ГАШТАЕМ

Ду адиби ҳаҷвнигор Ашӯр Сафар ва Бурҳон Ғанӣ се-чор рӯз байни заҳматкашони ноҳияи Маскав гашта, вохуриҳо мегузаронанду мардумро механдонанд. Ниҳоят дар суҳбати коркунони фермаи колхози ба номи Ленин қарор мегиранд.

Дар охири суҳбат ҷонишини раис оид ба чорводорӣ Шайдулло Шоев ба адибон муроҷиат карда, мегӯяд:

Говҷӯшдухтарони мо ягон вақт хушҳол нашуда буданд. Чунин хушҳоливу хандаро мо бори аввал мебинем. Барои ҳамин ман аз номи ҳамаи говҷӯшу гӯсолабон ва подабонҳо ба шумо саломатии дуру дароз ва комёбиҳои нав ба нави эҷодӣ орзу мекунам. Ҳаминро ҳам бояд гӯям, ки аз рӯи ҳисобҳои пешакӣ мо имсол ду гӯсола аз план зиёд хоҳем гирифт. Соли дигар биёед, як гӯсолагӣ ба шумо тухфа мекунем.

– Даркор не, ташаккур! – миннатдорӣ изҳор мекунад Ашӯр Сафар, ки аз асари баромадҳои пай дар пай ниҳоят хаста шуда буд. – Мо худамон гов гаштаем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ГАҲ РАИСУ ГАҲ САИС

Ашӯр Сафар якчанд сол ходими адабии рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб» шуда кор мекунад ва дар як вақт дар мактаби миёнаи ғоибона, ки машғулиятҳояш шабона мегузаранд, аз фанни забону адабиёти тоҷик дарс мегӯяд.

Дар идораи рӯзнома шуъбаи маданият, шуъбаеро ки шоир ходими он буд, шахси бемаълумот Кенҷа Исмоилов мудирӣ мекард. Кенҷа Исмоилови мудир шаб дар пеши Ашӯр Сафар таълим мегирифт.

Маназараи аҷоиб! Рӯз фармондеҳу шаб фармонбардор ё баракс. Ба тарзи дигар гӯем, гаҳ раису гаҳ саис.

Ҳар саҳар мудир Кенҷа Исмоилов аз ходимаш Ашӯр Сафар бо дӯғу даранг ҳисобот талаб мекунад, ки чаро дирӯз хабарҳои мухбиронро кор накардааст ё барои чӣ аз номи фалон сардори идора мақола нанавиштааст ва ғайраву ҳоказо. Ҳатто чунин суханон ҳам аз даҳони мудир мебаромад: наход муаллими як мактаби калон шуда, ду хабарро дуруст кор карда натавонӣ, кор кардан нахоҳӣ, ҷора холӣ кун…

Шаб, ки шуд мудирро ларза мегирад, ки муаллим имшаб аз ӯ чӣ талаб мекарда бошад. Охир вақте ки ӯ ба ходимаш дӯғ мезанад, ба ҷуз худашу ходим каси дигар нест. Аммо дар синф аз бист нафар зиёд аст.

– Ку, Исмоилов, ба тахта баро! – амр мекунад муаллим. – Навис: «Баҳор гузашт». Таҳлил кун. Аз ҷиҳати сохт чӣ хел ҷумла аст. Яъне аввал таҳлили синтаксисӣ кун, баъд таҳлили морфологӣ…

– Рафиқ муаллим, – мегӯяд Исмоилов, – ин ҷумлаи мураккаб аст, балки мураккаби тобеъ. «Баҳор» сарҷумла асту «гузашт» ким-чӣ хел ҷумлаи пайрав. Агар «гузаштан» намебуд, шояд мо баҳорро ҳеҷ вақт аз даст намедодем. Рафту гапҳои ман ғалат бошанд, мебахшед муаллим. Дарси оянда бе тайёрӣ намеоям.

– Вой ба ҳоли ҳамон рӯзномае, ки ту мудираш бошӣ, – мегӯяд муаллим Ашӯр Сафар, – хонда ки наметавониву ба-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

лора намедонӣ, сари маро чӣ гаранг мекунӣ? Беҳтараш мактабро партофта, мудириатро карда гаштан гир…

Чунин рӯзҳоро ҳам аз сар мегузаронад Ашӯр Сафар.

## УСУЛИ НАВИ БАРАНДАГӢ

Дар маркази ноҳияи Фархор шабнишинии бисёр хубу гуворои адибони тоҷик бо сокинони шаҳрак барпо мегардад. Барандагиро чун ҳарвақта боз ба дӯши Ашӯр Сафар бор мекунанд. Ӯ ин дафъа усули нав ва маҳорати махсуси барандагӣ нишон дода, пеш аз он ки ба ягон адиб сухан диҳад, аз ҳаёти ӯ ё дар бораи ӯ ҳикояти дилкаше мекунад. Бо ҳамин мардумро пурра ба шунидан омода месозад.

Бо чунин усул ба ду-се адиб сухан дода, шабнишиниро фараҳбахш мегардонад. Чун навбати Лоиқ наздик мешавад, пеш аз оне ки ба ӯ сухан диҳад, чунин ҳикоят мекунад:

– Як вақт Лоиқу Бозор Собир ду кило гӯшт гирифта, дараи Варзоб, ба истироҳатгоҳи нависандагон мераванд ва он гӯштро ба дег андохта шӯрбо мепазанд. Устод Мирзо Турсунзода ҳам он ҷо дам мегирифтанд. То пухтани шӯрбо ҳар ду дар қабати Турсунзода, болои харак мешинанд ва чанде суҳбат мекунанд. Тасодуфан Лоиқу Бозор яку якбора аз ҷо мехезанд, то деги шӯрбояшонро хабар гиранд. Нохост харак чаппа мешаваду устод Турсунзода ба пушт меафтанд ва ба кӯлмакчаи паси харак зада, либосҳояшон лойолуд мешавад. Лоиқу Бозор хиҷолат шуда, чӣ кор карданашонро намедонанд. Баъди чанд вақт Мирзо Турсунзода мепурсад: «Шӯрботон тайёр шуд? Агар тайёр шуда бошад, бардоред». Шӯрборо мебардоранд, қадаҳҳои шароб низ пур мешавад. Чун машрабчаҳоро ба даст мегиранд, Мирзо Турсунзода мегӯяд: «Истед, ман гап дорам. Гумон мекунед, ки Турсунзода як бор афтидаст? Не, Турсунзода чандин бор афтидаву хеста баъд Турсунзода шудааст.»

– Лоиқи мо ҳам, – суханашро хотима мебахшад Ашӯр Сафар, – афтидаву хеста Лоиқ шудааст. Ҳатто дар милиса ҳам афтидаст. Инак, гӯшаш кунед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МУҲРА АЗ САР

Аз Вазорати маорифи ҷумҳурӣ чанд тан меҳмони Ашӯр Сафар мешавад. Ашӯр Сафар як мӯйсафеди хешовандашро, ки бисёр хушгап буд, барои хушҳол гардондани меҳмонҳояш даъват мекунад. Қадаҳҳои шароб оҳиста-оҳиста ва ба навбат давр мегарданд. Меҳмонон аз мӯйсафед, ки даҳ сол боз шароб наменӯшид ва ба ибодат машғул буд, хоҳиши нӯшидан мекунанд.

Нею нестони ӯ фоида намебахшад, хотири меҳмонон зӯрӣ мекунад. Мӯйсафеди намозхон ноилоҷ қадаҳи шаробро нӯшида, ба ҷои газак гирифтан як даҳанмаза мекунаду мегӯяд: муҳра аз сар!

– А бача, – овоз мебарорад Ашӯр Сафар. – Муҳраҳотона дар хонаи ман аз сар мекунед?!

## ШОИР ВА ТАКАЛОЧУК

Ҳар гоҳ бародари Ашӯр Сафар Ниёз Сафаров ба Кӯлоб равад, шиносони бисёраш мехоҳанд ӯро меҳмон кунанд.

Як даъфа Сафар Латиф ном шиносаш мехоҳад, ки бародари шоирро ба хонааш даъват кунад. Ӯ ба хонаи Ашӯр Сафар занг зада мепурсад:

– Амаки Ниёзмад ҳамин ҷоянд?! Як такалочук доштем, мекуштемаш.

– Ҳа, ҳамин ҷост, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Марҳамат, биё!

Лаҳзае нагузашта Сафар Латиф ҳозир мешавад. Шоир барои бародараш гӯсфанд кушта, хомшӯрбо тайёр карда буд. Сафар Латиф хомшӯрборо ба серӣ мехураду ҳарфе нагуфта баромада меравад.

Рӯзи дигар боз занг мезанад:

– Амаки Ниёзмад ҳамин ҷоянд? Як такалочук доштем, мекуштемаш.

– Ҳа, ҳамин ҷост, – мегӯяд Ашӯр Сафар.

Соҳиби такалочук аз нав ҳозир мешавад. Оши палави бо равғани дунба пухтаро ба серӣ хӯрда, боз ҳарфе нагуфта, баромада меравад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Рӯзи сеюм занги телефон дар ҳамон соат садо медиҳад. Ашӯр Сафар гӯшакро мебардорад.

– Амаки Ниёзмад ҳамин ҷоянд. Як такалочук доштем…

– Шохи такалочукат дар гӯр! – сухани Сафар Латифро мебурад Ашӯр Сафар. – Ба умеди такалочукат хоҷагии маро соф хароб кардӣ-ку?!

## САЛОМИ «БЕТАМАЪ»

Дар бинои театри ба номи Саидалӣ Вализода ҷамъомаде барпо мегардад. Барои иштирокчиёни он дар майдони театр беҳтарин ошпазҳо хурок тайёр мекунанд.

Ашӯр Сафар дар он ҷо бо директори Хонаи пионерони ш. Кӯлоб Нуралӣ Аюбов, вомехурад. Он кас Ашӯр Сафарро ба палавхӯрӣ даъват мекунад ва бо палави кори калон зиёфат медиҳад.

Рӯзи дигар Ашӯр Сафар дар кӯча Аюбовро мебинад ва аз он тарафи кӯча ба ин тараф, ба пеши Аюбов гузашта саломуалейк мекунад бо ӯ. Аввал ду даст пеши бар ва сипас хам шуда, гарм ба оғӯш мекашад ӯро. Нуралӣ Аюбов аз чунин саломи шоири халқ қад-қад парида ифтихорманд мешавад ва худро шахси мӯътабар меҳисобад.

Ашӯр Сафар инро эҳсос карда, чунин мегӯяд:

Бисёр аз худ нарав, ин салом барои ҳамон палави динагӣ буд.

## МАСЛИҲАТ БА МУДИР

Ашӯр Сафар маҷмӯаи ашъорашро бо номи «Китоби нохонда» дар матбааи шаҳри Кӯлоб чоп мекунад, ки пули хароҷоти онро шуъбаи маорифи шаҳр мегузаронад.

– Баъд ин пулро чӣ хел мегирем аз шумо? – мегӯяд мудири маориф Нурулло Садиров.

– Дигар роҳи гирифтан надорад, «муаллиф мурдааст» гуфта, акт монеду қарзро беэътибор ҳисоб кунед, – маслиҳат медиҳад Ашӯр Сафар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ТУРО САДҚАИ ДОМУЛЛОӢ КУНАД

Ашӯр Сафар аз Кӯлоб бо Восеъ сафар карданӣ мешавад. Аппарати овозрабоӣ дар китф сари роҳ мошин мепояд. Ноҳост «ЗИЛ»-е меояду дар пеши ӯ қарор мегирад. Ашӯр Сафар зуд дари мошинро кушода, даромада мешинад ва аз ронанда, ки ниҳоят бадҷаҳл менамуд, мепурсад:

– Домулло, ба хайр?!

– Корат чӣ? – дағалӣ мекунад ронанда. – Фуро!

– Мо ҳам як фарти дигар, – мегӯяд Ашӯр Сафар аз мошин фаромада, – набошад туро садқаи домуллоӣ кунад.

## ШОЯД НЕ, БОЯД

Ашӯр Сафар бо Мӯъмин Қаноат чанд вақт пеш, вақте ки на ин Шоири Ҳалқии Тоҷикистон буду на он, вомехуранд ва аз гуфтугузори муаллимони ноҳияи Кофарниҳон ба воситаи телевизион гап мекушоянд.

– Муаллимҳоро гӯш кардед, домулло? Яктош шуморо Шоири Халқии Тоҷикистон гуфт, – мегӯяд Ашӯр Сафар.

– Гӯш кардам, – мегӯяд дар ҷавоб Мӯъмин Қаноат. – Худаш ҳам ҳамин қадар гапи дуруст дошт. Шояд, ки дурӯғи мардумон гардад рост.

– Шояд не, – таҳрир мекунад Ашӯр Сафар. – Бояд, ки дурӯғи мардумон гардад рост.

## ЗИЁФАТ

Соли 1973 китобчаи Ашӯр Сафар бо номи «Хандаи гулҳо» аз чоп мебарояду муаллиф аз нашриёт ҳақи қалам ё, чуноне мегӯянд, гонорар мегирад. «Китобро нашуста гурехтан хуб нест» мегӯяд дар дил ва ба назди мудири шуъбаи адабиёти муосир Мутеъулло Наҷмиддинов, ки дар нашри китоб саҳмгузор буд, медарояд.

Домулло, мо гонорар гирифтем, як пиёла чой мехӯрем, – мудирро таклиф мекунад Ашӯр Сафар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Майлаш, ҷону дил катӣ, – маътали ишорат аз ҷо мехезад Наҷмиддинов.

Ҳангоме аз дари нашриёт берун мешаванд, Наҷмиддинов як ба худашу як ба Ашӯр Сафар нигариста, мегӯяд:

– Ашӯрҷон, биё, ягон каси дигарро бигирем. Ҷудо ҳам камем-ку?!

– Кам не, созем. – мегӯяд дар ҷавоб Ашӯр Сафар. – Ҳозир як кас зиёд асту…

– Ҳар ду ба тарабхонаи «Душанбе» медароянд. Пешхизмат меояду Ашӯр Сафар хӯрок ва як шиша коняк мефармояд.

Конякро бо таомҳои лазизи «Душанбе» нӯши ҷон мекунанд, ки Наҷмиддинов сархуш мешавад ва ҳар шиносу нимкорашиносашро сари миз таклиф кардан мегирад. Таклиф мекунаду ба пешхизмат мефармояд, ки биёрад.

Ашӯр Сафар мебинад, ки зиёфат бисёр гарон меафтад, ноаён бо пешхизмат фармудаи худашро ҳисобӣ мекунад: 21 сӯм бароварда медиҳад. Ва сипас ду даст таҳи каш монда худашро ба хоб мепартояд.

Як вақт пешхизмат назди Наҷмиддинов меояд, ки ҳисобашро баробар кунад. Мудири сархуш ҳарчанд Ашӯр Сафарро бедор карданӣ мешавад, наметавонад.

– Ашӯр Сафар, ҳо Ашӯр Сафар! – ӯро такон медиҳад Наҷмиддинов.

– Ҳм…м, – базӯр шунида мешавад овози Ашӯр Сафар ва ҳеҷ не, ки чашмонашро кушояд.

– Не трогайте его, он пян![1] – ба Наҷмиддинов мегӯяд пешхизмат.

Мутеъулло Наҷмиддинови бечора ноилоҷ 80 сӯми роҷеуннақд бароварда ба пешхизмат медиҳад ва боз гашта ба Ашӯр Сафар мурочиат мекунад:

– Ашӯр Сафар!

– Лаббай! Меравем?! – аз ҷо парида мехезад Ашӯр Сафари «хоб».

– Эҳ, мани сода! – ангушти таассуф мегазад Наҷмиддинов. – Акнун фаҳмидам нодониамро.

---

1. Нарасед ӯро, маст аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

– Ин нағз аст! – мегӯяд Ашӯр Сафар табассум карда, – ва бадоҳатан илова мекунад. – Хешро бишнохтан ин давлат аст.

## СОАТ

Ашӯр Сафар муаллими мактаби шабона буд. Рӯзе ба мактаб меравад, ки муаллимон як ҷо ҷамъ омада, чӣ маслиҳате доранд.

– Сафаров, – ба Ашӯр Сафар муроҷиат мекунад директори мактаб, – муаллим Файзалиев тӯй дорад, писар хонадор мекунад. Ҳамаамонро хабар кардаст.

– Бисёр хуб, – мегӯяд хушҳол Ашӯр Сафар. – Рафтем, ман тайёрам.

– Мерему… – мегӯяд директор забон хоида, – як оина савғо харидание. Аз ҳама 10-сӯмӣ ҷамъ кардем. Ту ҳам мепартофтӣ.

– Оинаро бо чӣ мебарем? – ба ҷои сӯм додан мепурсад Ашӯр Сафар.

– Чӣ хел бо чӣ? – ҳайрон мешавад директор, ки фикри бурдани оинаи калону вазнин акнун ба сараш зада буд. – Бо такси.

– Бо такси ки баред, камаш даҳ сӯматонро мегирад. Ё не?

– Хайр… медиҳем даҳ сӯм.

– Хубаш такси кофта нагардеду оинаро ба паси мошини ман бор кунед, мебарам, – таклиф мекунад Ашӯр Сафар. – Лекин сӯм-пӯм намедиҳам.

Ҳама розӣ мешаванду ба тӯй мераванд.

Соҳибтӯй муаллимонро дар хоначаи алоҳида ҷой медиҳад. Соқӣ Ашӯр Сафар мешавад. Суҳбати «гарм» оғоз меёбад.

Вақте ки қадаҳи навбатиро пур карда ба директор дароз мекунад, ӯ кала меҷунбонад.

– Не, дигар намегирам.

– Бигир охир, ҳар рӯз тӯй аст, ки намегирӣ? – директорро маҷбур мекунад соқӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ин қадар пур кардӣ? – ба қадаҳ нигариста, гӯё норозӣ мегӯяд директор.

– Бигир охир, ман ранги ту хасисам, ки барои як соат бузуқум, – соати дарсиро дар назар дошта, директорро таъна мезанад Ашӯр Сафари муаллим.

– Кай ман барои соат зуқидум? – соати дарсиро соати дастӣ мефаҳмад директори сархуш ва якбора сахӣ гашта, мегӯяд. – Дирӯз ба муносибати рӯзи Ғалаба як соат туҳфаам доданд, ҳамонро поку пиҳил бахшидам ба ту.

Ашӯр Сафар мебинад, ки як соат кор кард, дигар дар ин хусус лаб намекушояд.

Рӯзи дигар ба мактаб рафтан замон директор ба ваъда вафо мекунаду соатро бароварда медиҳад. Ашӯр Сафар онро ба киса зада, хушҳол ба дарс медарояд.

Ҳини дарс директор ҳамроҳи мудир ба синфи ӯ медароянд. Мудир ба талабаҳо дар хусуси имтиҳоноти дар пеш истода баъзе маслиҳатҳо медиҳад ва таъкид мекунад, ки тайёр шаванд. Мудир, ки одами вазнин ва ниҳоят мулоимхунук буд, канда-канда, вазнин-вазнин гап мезанад. Аз ин директор нороҳат шуда, якбора сухани ӯро мебурад.

– Ун тараф ист! Пат-пат накун, гапзанӣ ҳамин хел мешавад? – дӯғ мезанад мудирро ва худаш ба гап даромада, матлабро дар як лаҳза мефаҳмонад. Сипас ҳар ду баромада мераванд. Муаллим дарсашро идома медиҳад.

Нохост дарро аз нав тақ-тақ мезананд. Ашӯр Сафар мебарояд, ки пушти дар мудирро мебинад, ӯ гашта омадаст.

– Муаллим Сафаров, – мегӯяд мудир, ки хеле маҳзун менамуд. – Дидед, директор маро дар пеши талабаҳо чӣ хел шарманда кард? «Пат-пат» накун гуфт. Аз шумо илтимос, ман шикоят мекунам, шумо маро дастгирӣ кунед, хуб?

– Ашӯр Сафар соати навакак тақдим кардаи директорро аз киса бароварда, дар ҷавоб чунин мегӯяд:

– Ина, ҳамин соата навакак ба ман ӯ туҳфа кард. Ҳолӣ дар дастам набастумуш. Сарта, ки ду бӯлак кунад, ман соата монда тарафи туро намегирам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## САБТИ ОВОЗ

Холдор Шер ном овозхон бе ягон муносибат Ашӯр Сафарро ба меҳмонӣ даъват мекунад ва зиёфате меорояд шоҳона. «Шоир меҳмони қимат асту бе сафедӣ наравад» гуфта, ҷомаву тоқӣ ҳам мепӯшонад. Пеш аз гусел аз меҳмон чунин мепурсад:

– Муаллим, росташа гӯед, ман чӣ хел ҳофизам?

Ашӯр Сафар, ки ҳоло аз сари дастархон нахеста буд, ӯро хеле таъриф мекунад: ҳам чун овозхони беҳамто ва ҳам чун одами хуб. Овозхон ноаён ҳама таърифоти шоирро дар магнитофон сабт месозад ва ниҳоят хушҳол меҳмони азизашро гусел мекунад.

Баъди ин ҳар гоҳе завҷаи Холдор Шер оташ гирифта, ҷанҷолу хархаша бардорад, ӯ дарҳол магнитофонро монда, бо ифтихор ба завҷааш мегӯяд:

– Нигоҳ кун, гӯш кун, шоири халқ чӣ хел таъриф кардааст. Ту бошӣ, ба қадри ман намерасӣ.

Ҳамин тавр, ҳар бор даҳони янга баста мешавад.

## ... ШӮРОБОД БАЛАНД АСТ

Ашӯр Сафар солҳои зиёде дар мактаби шабона кор мекунад ва яке аз синфҳое, ки ӯ дарс мегӯяд, аз нобиноён иборат буд. Нобиноҳо дар қатори аз дарси муаллими шоирашон баҳравар гаштан аз ҳазлу шӯхиҳои ӯ низ хушҳол мегаштанд ва ҳар замон гап мепартофтанд, ки ӯ ягон хушгӯӣ кунаду каме ҳам бошад, дуди дил бароранд.

Боре Мадохир ном талаба, ки худ аз Шӯробод аст, аз ӯ чунин мепурсад:

– Муаллим, чиба аксари қориҳо аз Шӯрободанд?

Ашӯр Сафар каме таваққуф мекунад ва чун пай мебарад, ки шогирдаш ҳазл мекунад, ӯ низ ба ҳазл мегузарад.

– Барои он, ки, – ҷавоб медиҳад ӯ, – Шӯробод нисбати дигар минтақаҳо баланд асту ба Худо наздик ва ҳар касе гуноҳе содир кунад, Худо ӯро тезтар дида, кӯр мекунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МАН ГАРАНГ НЕСТАМ

Шахсе меҳмони Ашӯр Сафар мешавад. Оши палав меоранд. Соҳибхона ду-се нола мегираду даст мекашад. Меҳмон аз ин ҳайрон шуда мегӯяд:

– Муаллим, гиред, ҳеҷ чӣ нахӯрдед-ку?!

– Бас аст, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Ман гаранг нестум, ки дар хонаи худам бисёр хурум.

## ДЕГЧАИ ЛАБШИКАСТА

Солҳои авали хонадорӣ дар хонадони Ашӯр Сафар дар як дегчаи селетра хӯрок мепухтанд ва ҳар гоҳ ҳамсараш шиква мекард, ки дегча майда ҳасту кам мебарад, Ашӯр Сафар ба шикваи ӯ эътибор надода, «бас аст» мегуфту баромада мерафт.

Боре косаи сабри завҷааш лабрез мешаваду ба ҷанҷол медарояд.

– Чӣ хелӣ мардакӣ, як деги калонтар намехарӣ? – бо зуқ-зуқ мегӯяд ӯ, ки дар лаби об дегчаро мешуст. – Ягон меҳмон биёяд, ман чӣ кор мекунум? Ин дегчаи ту ду қошуқ ов ҳам намебарад.

– Бас аст ҳамун, – боз бепарво мегӯяд Ашӯр Сафар, ки рӯи суфа каҷпаҳлӯ мезад. – Ма мегӯм ҳолӣ лави ҳамунша ҳам бишкануму…

Нохост дегча аз дасти завҷааш меафтаду лабшикаста мешавад.

Ашӯр Сафар инро дида хушҳол мегӯяд:

– Ана, нав ба чени дили ман шуд.

## БОАСИ ГОВ

Қудои Ашӯр Сафар аз ноҳияи Совет дар хонааш меҳмон мешавад. Дар рафти суҳбат ӯ ба Ашӯр Сафар мегӯяд:

– Муаллим, котиби якуми райкомамон Аҷик Азизов салом гуфту аз шумо пурсид.

– Ҳа, саломат бошад, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Аз ин та-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

раф ки рафтӣ, бигӯ говаш фука тарафи ноҳияи шумо гардонда боас мекунад.[1]

Чанд муддат мегузараду Азизов котиби Кумитаи ҳизбии ноҳияи Маскав интихоб мегардад ва ба Ашӯр Сафар боз салом мефиристад.

– Саломат бошад! – мегӯяд Ашӯр Сафар ба қосид. – Бигӯ, ки гов фука тарафи Маскав гардонд.

## АШӮР САФАР ВА САИДАЛӢ ВАЛИЗОДА

Ашӯр Сафар бо устодаш Ализода зиёда аз бист сол якҷо буд ва то дами вопасин ҳурматашро ба ҷо овард. Ба қавле, дуо ҳам гирифт.

Вале боре бо айби хабаркаше, ки навқалам буд, ҳар ду ногап мешаванд. Ду-се рӯз мегузараду Ашӯр Сафар ба зиёрати устод меравад. Мебинад, ки ҳоло ҳам ғазаби ӯ паст нафуромадааст. Ба зориву тавалло даромада, бахшишҳо мепурсад. Лекин фоида намебахшад. Ҳанӯз устод серқаҳр буду қавоқӣ ва ҳеҷ не, ки чеҳрааш кушода шавад.

Ниҳоят ба устод рӯ оварда, чунин мегӯяд:

– Ҳамин ховалингиҳо набуданд, ки бо ду-се беди қоқшуда кулакат гуфтанду бадарғат карданд?! Боз мехоҳанд, ки ҳар думона ҷудо созанд?

Дар лабони Ализода табассум медамад.

## НАРХАР, ПИРХАР, ХАРБОН ВА НАРХАРЧА

Дар беморхонаи Кӯлоб се кас: Ашӯр Сафар, Саидҷон Ҳакимзода ва Сафар Абдул ном шахс дар як палата мехобиданд. Ҷои чорум холӣ буд.

Чанд рӯз мегузараду ҷои чорум ҳам пур мешавад. Он ҷо як донишҷӯи соли охири Донишгоҳи омӯзгориро меоранд. Меҳмони навро ҳар се мешиносанд, вале ӯ касеро намешинохт.

---

1. Мазмун: котиб ягон мошин каҳ равон кунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Як вақт Ашӯр Сафар берун мебарояд. Донишҷӯ ба ӯ ишора карда, аз Ҳакимзода мепурсад:

– Ин кас кӣ буд?

– Ӯ як пирхар, – ҷавоб медиҳад Ҳакимзода.

Ашӯр Сафар ба палата медарояду Ҳакимзода берун мебарояд. Донишҷӯ ба Ҳакимзода ишора карда, аз Ашӯр Сафар мепурсад.

– Ун кас кӣ буд?

– Ӯ як нархар, – ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар.

– Ӯ кӣ ҳаст? – Сафар Абдулро, ки дар боло хоб буд, нишон медиҳад донишҷӯ.

Ӯ харбон, – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Пирхар доштем, нархар доштем, харбон ҳам доштем, як нархарча намерасид, ана, омадӣ.

– Таҳқир накунед! – малӯл мешавад донишҷӯ. – Чиба маро нархарча мегӯед?

– Нархарча набошӣ, – мегӯяд дар ҷавоб Ашӯр Сафар, – хатмкунандаи факултети забону адабиёт шуда наход ду шоири ҳамшаҳри худатро, ки дар таҳи фукат зиндагӣ мекунанд, нашносӣ?!

## ХӮРОКИ ДУЮМ

Нависанда Абдулҳамид Самадов бо ду-се тан рафиқаш бехабар меҳмони Ашӯр Сафар мешавад. Нисфирӯзӣ буду шӯрбо тайёр. Як косагӣ нӯши ҷон мекунанд. Ашӯр Сафар ба хушчақчақӣ даромада меҳмононро хуб механдонад. Ду-се соат суҳбати гарму ширин мекунанд, вале ҳеҷ не, ки меҳмонон бихезанд.

– Хуроки дуюми мо, – мегӯяд Ашӯр Сафар, ки ҳанӯз механдиду механдонд, – ханда аст.

## БАЪД МЕБИНАМ

Шоир Мирзо Файзалӣ ба Ашӯр Сафар мегӯяд:

– Устод, ҳама шеърҳотон ба ман маъқуланд, лекин вақтҳои охир шеърҳои дароз – дароз менависед?!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Ҳолӣ ранги ман сербача шавию зиндагӣ ба сарат афтад, – мегӯяд Ашӯр Сафар, – баъд мебинам, ки дароз менависӣ ё кӯтоҳ.

## ХОНАИ ХУДАТ ТАКЛИФАМ КУН!

Ашӯр Сафар бо сабабе аз дӯсташ Ҳабибулло Раҳимов чанд муддат ранҷидахотир мегардад. Ниҳоят Раҳимов гуноҳашро пай бурда, аз шоир узр мепурсад ва чунин мегӯяд:

– Домулло, барои шумо як ҷомаи кори калон тайёр кардам. Ягон рӯз хонатон омада мепӯшонам онро.

– Хонаи ман чиба меоӣ, мехоҳӣ боз ранҷониям? – – мегӯяд Ашӯр Сафар. – Ҷома пӯшонданӣ бошӣ, хонаи худат таклифам кун!

## ХАБАРГИРИ ДАСТИ ХОЛӢ

Ашӯр Сафар дар шуъбаи эҳёгарии шифохона вазнин хоб буд. Ман нигаҳбонаш. Рӯзи сеюм буд, ки фавҷи хабаргирон кам намешуд. Ҳарчанд духтурон ором хобидани беморро борҳо таъкид мекарданд, вале сафи хабаргирон зиёд мешуду кам не. Маро коҳиш мекарданд, дарбонро коҳиш мекарданд, ки аёдат бас, монед бемор каме осуда хобад.

Намешуд.

Ниҳоят илоҷе ёфтам.

Дар дари палата, ки шишагин буд, бо ҳуруфи калон-калон навиштам: «Дасти холӣ даромадан қатъиян манъ аст».

Навиштаҷотро овезон кардан баробар шумораи хабаргирон кам шуд: аз даҳ кас як кас медаромад.

Рӯзи дуюм аз пушти дар овози Муҳаммад Ғоиб баромад:

– Мегӯм, муаллимро як хабар гираму он ҷо ин хел навишта…а…анд?!

Ашӯр Сафар, ки акнун каме ба худ омада буд, овози ӯро шунида, оҳиста ба гӯши ман пичиррос зад:

– Гӯй, ки дарояд. Мо кайҳо ба дасти холӣ омадани ӯ одат кардаем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МАНЗУМА

Дар шифохона, баъди каме беҳтар шудан, Ашӯр Сафар азм мекунад, ки оид ба рӯзгору кору бори дӯсти деринааш Абдуҷаббор Зардиев манзумае таълиф намояд. Шурӯъ мекунад ба эҷоди «Андешаи зиндагӣ».

Раис огоҳ мешавад, ки шоир дар бораи ӯву хоҷагияш меނависад, зуд-зуд бо дастовез ба аёдати ӯ меравад. Ин ҳол қариб ним сол идома меёбад, вале ҳеҷ не, ки манзума ба поён расад.

Ниҳоят раис дилашро мекафонад:

– Мавлоно, о, аз омаду рафт зинаҳои шифохона суда шуданд, манзума кай ба охир мерасад?

– Мешавад раис, ками дигар сабр кунед Қариб тамом кардам.

Ҳамин тавр раис чандин бор гилагузорӣ мекунад. Боре дили ман ба раиси серташвиш сӯхту илтиҷоомез гуфтам:

– Ота, камтарак монд-ку?! Кай тамом мекунед? Тамом кунед охир манзумаро?!

– Худам медонам кай тамом кунам. Ҳолӣ мон,хуб биёрад.

– Хеле оварданд-ку?! – паст наомадам ман.

– То хоҷагияш барҳам нахӯрад, тамом намекунам, – гуфт ӯ. – Ҳозир агар манзума тамом шавад, дигар на раисро мебинаву на савғояшро. Мешинӣ гушна ҳамин ҷо!

## БУЗ

Падарам Ашӯр Сафар 60-сола мешуд. Ба ин муносибат дар хона базме ороста, дӯстони қадрдонашро як пиёла чой доданӣ буд. Ҳар ду ба тӯйхабар баромадем. Чун рӯйхати меҳмонон ниҳоят калон -700 нафар шуда буд, аҳд кардем, ки берун аз рӯйхат касеро даъватнома надиҳем, зеро ҳавлӣ тангӣ мекард.

Мошинро тарафи бинои телевизион ва радиои шахр рондем. Он ҷо шоирон Муҳаммад Ғоиб, Ҳақназар Ғоиб, Саидҷон Ҳакимзода ва Сафар Амирхон буданд. Нахуст онҳоро хабардор карданӣ шудем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз мошин фаромада дидем, ки аз боло шоири халқ Иваз Неъматӣ саросема ба сӯи мо меояд. То дари мошинро маҳкам карда будам, ки ӯ ба мо расид.

– Э, Ашӯрҷон, Ашӯрҷон! Муборак шавад ҷашнат. Ҳар рӯз телевизору радио дар бораи худат гап мезанад, дар газетаву журнал фақат сурати худат. Ана, боз шунидем, ки дар хонаат тӯй дорӣ, маро хабар намекунӣ?

Аз ин саволи ногаҳонӣ падарам каме ҳайрон шуд. Охир аз рӯйхат бояд берун намебаромадем. Иваз Неъматӣ дар рӯйхат набуд. Аз ин хотир як ба ман нигаристу баъди каме андеша ба Иваз Неъматӣ рӯ овард:

– Хабарат кунам, чӣ меорӣ? Як гӯсфанд меорӣ? – нимшухиву нимҷиддӣ пурсид аз ӯ.

– Гӯсфанд неву буз биёрам, мешавад?

– Мешавад, – гуфт падарам ва нахустин даъватномаро ба Иваз Неъматӣ дод.

Рӯзи тӯй шуда аввалин шуда Иваз Неъматӣ бо бузаш омад.

## МОН, ЗУҚИДАН ГИРАД

Соли 1990 маҷмӯаи калонҳаҷми Ашӯр Сафар бо номи «Гулбоғ» аз нашр баромад. Шоир Раҳмат Назрӣ, ки масъули бахши назми Иттифоқи нависандагон буд, ҳар бор маро дида мегуфт:

– Гӯш кун, Гурез. Ман, ба назм сару кор дорам, бояд аз ҳар шоир як нусхагӣ китоб дар ҷевонам дошта бошам. Ана, нигоҳ кун, – ба ҷевон ишора мекард ӯ, – аз ҳама ҳаст, ғайр аз падари ту. Ин дафъа, ки омадӣ ҳатман як «Гулбоғ» биёр.

Ман ҳар бор ваъда медодаму ҳеҷ не, ки китобаш барам. Бори охир чун Раҳмат Назрӣ аз ваъдахилофиям бисёр нолид, Кӯлоб рафтаму ба падарам гуфтам:

– Ота, як китобам деҳ, барои акаи Раҳмат барам, ки бисёр зуқид.

– Мон, зуқидан гирад. – гуфт падарам. – Китоб нест. Ман ба як китоб ду мошин ғӯзапоя мегирам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## САИДАЛӢ МАЪМУР ДАР КӮЛОБ

Корманди идораи фарҳанги радиои ҷумҳурӣ, шоир Саидалӣ Маъмур ба Кӯлоб, ба сафарӣ хизматӣ меравад. Чун ба шаҳр мерасад, аввал меҳмонхона медарояд, ки ҷой нест. Ва роҳ сӯи хонаи Ашӯр Сафар пеш мегирад. Тасодуфан ҳар ду дар роҳ вомехӯранд.

– Ҳа домулло, сафарҳо ба хайр?! – баъди саломуалейк мепурсад Ашӯр Сафар.

– Ба меҳмонхона даромадам, ки умуман ҷой нест. Гуфтам, хонаи шумо равам.

– Чӣ хел ҷой нест? Наход дар як меҳмонхонаи калон ҷой ёфт нашавад? – ба таҳайюр мепурсад Ашӯр Сафар. – Рафтем, ман худам ҷо ёфта медиҳам.

Ҳар ду ба меҳмонхона меоянд. Ашӯр Сафар ба меҳмон хонаи навъи олӣ гирифта медиҳад ва сипас мепурсад:

– Чандрӯза омадиву чӣ кор дорӣ?

– Чоррӯза, – мегӯяд Саидалӣ Маъмур. – Омадам, ки бо деректори театр дар хусуси спектаклҳои «Илоанта» ва «Робиаи Балхӣ», ки ба тозагӣ рӯи саҳна баромадаанд, суҳбате сабт намоям.

– Агар ман суҳбататонро ҳамин бегоҳ ташкил намоям, пагоҳ гашта меравед? – мепурсад Ашӯр Сафар.

– Ҳа, қаноатмандона ҷавоб медиҳад Саидалӣ Маъмур.

Ҳар ду ба назди Театри вилоятии ба номи Саидалӣ Вализода, ки он яке аз ҷойҳои ободтарини Кӯлоб ҳисоб меёфт, мераванд. Директори театр Қурбон Зардаковро меёбанд.

Ҳар се таги сояе, гирди миз ҷой мегиранд.

– Домулло, – ба директор муроҷиат мекунад Ашӯр Сафар, – рафта сихкабоб фармоед, то омаданатон ман баромадатонро менависам…

Хуллас ҳар се чанд муддат суҳбаткунону зиёфатхӯрон, суҳбате сабт мекунанд оличаноб. Саидалӣ Маъмур аз чунин ранг гирифтани кор ниҳоят хурсанд мегардад.

Бегоҳӣ Ашӯр Сафар ӯро ба меҳмонхона мегуселонад.

– Ана, домулло, – ҳангоми хайрухуш мегӯяд ба меҳмон. – Чор рӯз дар ин ҷо чӣ саргардон мешавӣ? Саҳар қатӣ Душанбе раву се рӯзи дигар шеър навис.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ВАҚТИ ОБЕД НАОЯНД, ШУД

Зимистон барвақт омад. Вақте ки ҳаво якбора сард шуд, Ашӯр Сафар акнун пай бурд, ки чанд чашмаки тирезаҳош бешишаанд.

Ба идораи таъмиру сохтмони шаҳр меравад.

– Домулло, – мегӯяд ба сардори идора Ҳабибулло Раҳимов, ки ҳар ду қадрдони дерин буданд, – ягон усто равон бикун, ки тирезаҳоямро шиша гирад. Ҳамин рӯз равон накунӣ,имшаб ҳам хунук мехӯрем.

Ҳабибулло Раҳимов, ки шоирро бисёр иззат мекард, ҳар қадаре пурсуков мекунад, ягон усто намеёбад: ҳама дар ҳар ҷо, ба хизмат рафта буданд.

– Мавлоно, – узр пеш меорад ба Ашӯр Сафар. – Дар идора ҳозир ягон усто нест. Пагоҳ биёяд мешавад?

– Хайр чӣ илоҷ?! – бо дили нохоҳам сар меҷунбонад Ашӯр Сафар.

– Кай биёяд? – мепурсад сардор. – Пеш аз обед биёяд ё баъди обед?

– Кайе, ки биёяд, омадан гирад, – ҷавоб медиҳад Ашӯр Сафар, – вақти обед наояд, шуд.

## УСТОД
### Ба Қутбӣ Киром мебахшам

I

Рӯзе дар идора (ману устод дар як идора – дар нашриёти «Адиб» кор мекунем) машғули дастхатҳои ба чоп омода будем. Дар як дафтар шаш нафар, аз ҷумла, устод аз бари боло менишастанд. Ҳама хапу хомӯш, ғарқи хаёл ва таҳрир буд.

Нохост хомӯширо суоли яке аз ҳамкоронамон, ки китоби нависандаи сермаҳсул М.-ро ба чоп тайёр мекард, шикаст ва диққати ҳамаро ба худ ҷалб кард…

– Устод, як таваҷҷуҳ кунед, – сар аз рӯи варақҳо бардошт ӯ. – Ҳамин ҳам ҷумла шуд магар: «Табассум дар лабонам



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

реша давонд». Наход табассуми падарлаънат реша давонад? Ба фикрам, сохти ҷумла ким-чӣ хел-а?

– Истед, ки, писарам, ин ҷумлаи кӣ? – пурсиданд устод.

– Аз наваисанда М.

– Э, худо гирад ин М.-ро – якбора ба ҳуҷум гузаштанд устод. – Ину боз мана, вай… Ш. на истеъдод доранду на ҳунар. Як ҷумлаи дуруст навишта наметавонанду ҳар рӯз китоб мебароранд. Боз онҳо дутоӣ бӯстонсаро доранду якҳафтапас мошину хонаву ким-чиҳои дигар мегиранд. Кату кути онҳоро бинӣ, даҳонат воз мемонад. Ду идораи дакаданги Иттифоқи нависандагонро гирифта, хӯҷаин шуда, хӯрда гаштаанду касе пишакашонро пишт намегӯяд… Баъд табассум дар лабони онҳо реша надавонад, дар кӣ медавонад?

II

Боре боз ҳамон ҳамкорамон гуфт:

– Устод, бубахшед, як байти шуморо он қадар хуб нафаҳмидам. Ҳаминро як шарҳ…

– Ҳозир, ҳозир, ман ҳамин саҳифаро хонам, – бо ангушти ишоратияшон сухани ӯро қатъ карданд устод. Ва ҳангоме хонданро тамом карданд, сар бардоштанду айнакашонро рӯи миз гузошта, «гӯшам ба шумо, ҷӯраҷон, кадом байтро нафаҳмидед» гуфта, ду чашм ба ӯ мунтазири ҷавоб шуданд.

– Ана инро, – байтро хонданд ҳамкорамон:

*– Ҳеҷ кас дар сӯхтан монанди мо устод нест,*
*Санги мо ҳатто ба рӯзи марги мо дилшод нест.*

Устод, ки дафъаи аввал сухани ҳамкорамонро бурида, дуруст гӯш надода буданд, ба кӣ мансуб будани байтро нафаҳмиданд. Ин буд, ки якбора ба ҳуҷум гузаштанд.

– Нафаҳмиданат хуб аст, ҷӯраҷон. Ин шеър нест, балки гап аст, гапи хушку холиву берабту бемазмуну нодаркор. Ина бинед: санги мо ҳатто ба рӯзи марги мо дилшод нест. О, наход санги падарлаънат дилшод шавад? Хосиятҳои санг тамоман дигаранд охир. Он калон мешавад, сарду мулоим, сафеду сиёҳ мешавад. Лекин дилшод будани сангро гӯши ман бори аввал мешунавад. Инро аз куҷо ёфтӣ? Мон ин хел



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шеърҳоро, нахон дигар, онҳо завқи касро паст мекунанд. Ҳм. Санги дилшод, а? Адабиётро ҳамин хел шоирон ҷазир карданд. Исто, ки ин шеъри кӣ?

– Шеъри худатон, устод, – ба болои ҳайронӣ дар хиҷолат афтод ҳамкорамон.

– Ҳа-а, ин тур гӯй, – чанде забон хоиданд устод. Ва аз нав ба сухан даромаданд. – Ба ёдам омад, дар ҳақиқат ин шеъри худам. Ҳанӯз ҷавону навқалам будам, ки инро навиштам. Он вақтҳо аз сабаби бисёр кам будани шоирон устод ёфтан ниҳоят мушкил буд. Як устод Турсунзодаву Раҳимзода ба кӣ мерасиданд? Аз ин ҷиҳат каме хом баромадааст. Аслан гирем, чандон хом ҳам нест. Умуман ҷӯра, чӣ айб дорад ин байт-а? Туро намедонам, ба фикри ман, беҳтарин байти эҷодиёти ман, балки беҳтарин байти адабиёти советии тоҷик аст!

## III

Ману устод ногап шудем. Воқеа ин тавр рух дод.

Ҳини пешин чанде аз ҳамкорон дар назди бинои нашриёт ғун шуда, омодаи хӯрокхӯрӣ будем. Устод ба ман таклиф карданд, ки биё, бо мошини ту ягон ошхона равем. Он вақт, мисли ҳозира, бензин ниҳоят камчин буд ва аз ростӣ мошинам ду қатра бензин дошту халос. Аз ин рӯ таклифи устодро мулоимакак рад кардам.

– Э биё, рафтем. Ман ба ту як тонна бензин ёфта медиҳам! – каме ба шӯр омаданд устод.

– Устод, – ба тариқи узрхоҳӣ аз нав ба фаҳмондан даромадам ман. – Ба ман як тонна лозим не. Илтимос. Дуруст фаҳмед маро. Бензини будагӣ то хонаам базӯр мебарад охир. Чӣ хел равам?

– Ту ҳам мошиндор шудӣ акнун, тирмизак, – ниҳоят ба ғазаб омаданд устод. – Рав, аз пешам дур шав, ки дигар туро чашми дидан надорам!

Ба дӯғу даранги устод кайҳо одат карда будам. Он қадар малӯл намешудаму... Лекин аз донишҷӯёни донишкадаи омӯзгорӣ (нашриёт ва донишкада ҳар ду дар як бино буданд), ки панҷ-шаш қадам дуртар истода муноқишаи моро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гӯш медоданд, шармам омад. Охир ҳар кас ба худаш иззати нафс дораду номусу обрӯ. Ин буд, ки қаҳри ман омаду калонсолу мӯътабар будани ӯро фаромӯш карда, гапашонро гардондам. Устод сахт ғамгин шуда, роҳи ошхонаро пиёда пеш гирифтанд.

Ду рӯз гузашт. Нисфирӯзӣ дар ҳавлии идора ҳар ду рӯ ба рӯ омадем. Устод ҳоло ҳам серқаҳр буданд. Нохост ман беихтиёр ӯро ба хӯрокхӯрӣ таклиф кардам. Розӣ шуданд ва тарабхонаи Варзоб рафтем.

Устод хӯрок фармуданд: якум, дуюм ва ҳатто сад гиромӣ шароб. Хапу хомӯш хӯрдему нӯшидем. Вақте пешхизмат омад, ман даст ба ҷайб бурданӣ шудам, ки устод пешдастӣ карда, ҳисобӣ карданд. Панҷоҳу ҳафт сӯм доданд. Ва ниҳоят пеш аз хестан ба гап даромаданд.

– Хӯш, писарам, як бахшиш пурсед акнун.

Ман, ки ба қавли худам, дар нисбати устод он қадар гуноҳе надоштам, бахшиш пурсиданӣ набудам. Ва нимшӯхию нимҷиддӣ гуфтам.

– Не, устод, ман бахшиш намепурсам. Гуноҳ аз шумо гузашт, шумо худатон бахшиш пурсед.

– Чӣ гуфтӣ, каллаварам? – аз нав оташин шуданд устод. – Ман ҳам панҷоҳу ҳафт сӯм диҳаму ҳам бахшиш пурсам? Номаъқул кардӣ!

## IV

Тӯйи хонадоршавии ман дар Кӯлоб гузашт. Ба хунукии зимистон нигоҳ накарда, чанде аз ҳамкоронам роҳи дарозро тай намуда, ташриф оварданд ба тӯй. Устод ҳам. Маърака дар ҳавлӣ гузашт. Ҳаво намеборид, вале каме сард буд. Устод, ки косагули давра буданд, ё хунук хӯрданд ва ё дилашон ҷои бароҳаттар хост, ки зуд базмро ҷамъбаст намуда, ба хона гузаштанд. Меҳмонон дар чанд ҳуҷра тақсим шуданд.

Дар ҳуҷраи калон чанде аз меҳмонони олиқадр гирд омаданд. Одина Ҳошим базм мекарданду устод шеър мехонданд. Дигарон хомӯш, фақат гӯш мекарданду лаззат мебурданд. Хона гарм, хурду хӯрок фаровон, базм, ки ниҳоят



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тафсон буд, мардум то соатҳои панҷи саҳар нишастанд ва танҳо субҳдам хона ба хона рафтанд. Устоду боз ду-се каси дигар дар ҳамон ҳуҷра хобиданд.

Саҳар боз дастархон густурданд. Баъзе аз шиносону меҳмонон якта-якта аз нав ҷамъ шуданд. Як додарам, ки ҳар замон чою нон оварда, даробаро мекард, нохост аз беруни дар чунин нидо кард: Биё, акаи Одина, биё! Устод шуниданд ва хаёл карданд, ки Одина Ҳошим омад. Устод, ки солҳо мухлис ва муштоқи овози ин сарояндаи мумтозанд ва ҳанӯз кайфи базми дишаба аз хотирашон нарафта буд, ба пешвози ин марди шариф аз ҷой бархостанд. Ҳарчанд кӯфти роҳи дарози дирӯзаву бехобии дишаба ҳанӯз дар ӯ асар дошту бисёр афгор буданд, бархостанд. Ва чунон бамеҳру самимӣ омодаи пешвоз шуданд, ки гуфтан надорад. Ҳангоми қомат рост кардан ҳатто байтеро аз ёд хонданд:

*Оташ куҷову гармии оғӯши ӯ куҷо,*
*Оби бақо куҷову лаби нӯши ӯ куҷо?*

Ҳамин қадар гуфта буданд, ки гапашон дар даҳонашон монд…

… дар рӯ ба рӯшон шоир Одина Мирак ду даст моили салом меистод. Ҳамон Одина Мираке, ки бист сол боз бо ӯ дар як идора, дар як кабинет якҷо менишинаду даҳ-понздаҳ сол аз устод хурд аст. Ҳамин Одинае, ки дина бо ӯ дар як мошин аз Душанбе омада буд. Ҳамон Одина Мираке, ки…

## V

Дар ҳамон ҳуҷрабазм устод ва раиси номдор Миралӣ Маҳмадалиев барбабар менишастанд. Ва ҳатто дар як болишт, сар ба сар кайпаҳлу мезаданд.

Ҳарчанд раис аксари адибони машҳури ҷумҳуриро дида буду онҳоро мешинохт, лекин ба гумонам, устодро бори аввал медид. Инро аз ҳамон ҷо пай бурдам, ки ҳар гоҳ дигарон ба устод акаи Қутбӣ Кином, устод Қутбӣ, акаи Қутбиддин гуфта, мурочиат мекарданд, раис бо ҳайрат ба ӯ менигарист. Мазмун – ин шоир дар куҷо буд, ки ин қадар бисёр медонаду ман то ҳоло ӯро надидаам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Шеърхонӣ ва шеърфаҳмӣ, нақлу ривоятҳо, суҳбати гарми устод, ки сари ҳар нафас беҳтарин шоҳбайтҳоро аз ёд мехонд, ба раис хеле писанд афтод. Раис ҳам ба устод маъқул шуд. Ва ҳар ду дар ҳамон ҷо ошно шуданд. Баробар пиёлаҳоро пур мекарданд, баробар мебардоштанд ва баробар холӣ мекарданд…

Як маҳал Одина Ҳошим баъди базми дурудароз, бо нияти дамгирӣ аз хондан бозистод. Ҳама аҳсану офарин хонданд-даш. Ҳамин дам чанд лаҳза хомӯшӣ ҳукмфармо гардид.

Ана, ҳини ҳамин хомушӣ, ки ба фазои тарабангези хона ҳеҷ мувофиқ набуд, раис як ҷунбида, дар ҷояшон дурусттар нишастанду пиёлаҳоро пур карданд ва якеро ба устод, ки ҳанӯз качпаҳлу мезаданд, дароз карда гуфтанд:

– Ку, бихез, ошно! Ёқуб ном доштӣ чӣ ном доштӣ, яктаи дига бигирем.

## VI

Устод, ки корманди нашриёт буд, дар Иттифоқи нависандагон меҳмон мешаванд. Нохост телефон занг мезанад.

– Лаббай! – гӯшакро мебардорад устод.

– Бубахшед, шумо кистед? – мепурсад бо лаҳни маҳину ширине як духтар.

– Ман?.. – овози духтарро шунида, дасту по мехӯрад устод. – Ман меҳмон!

– Кадом меҳмон? Меҳмон Бахтӣ ? – аз нав мепурсад духтарак.

– Не. Меҳмони Бебахт! – ҷавоб медиҳад устод.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ФЕҲРИСТ

Ширини нигоҳ (шеърҳо) ........................................................ 3

Кабки хушхиром (ғазалиёт) ................................................. 49

Парастуи дил (рубоӣ ва дубайтиҳо).................................... 137

Ду забон дар як даҳон (ашъори ҳаҷвӣ) ............................... 157

Хандаи ниёз (ҳикояҳо)......................................................... 303

Лутфи Ашӯр Сафар............................................................. 389

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Гурез Сафар**

# ҲАМ АРШ, ҲАМ ФАРШ

*(шеърҳо ва ҳикояҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 10.01.2015 супорида шуд.
Чопаш 17.01.2015 ба имзо расид. Андоза 84х108 1/32.
Ҷузъи чопӣ 15,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а

Дар чопхонаи ҶДММ “Илм” ба табъ расидааст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*